ISSN 2410-2903

**Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Национальный центр законодательства при Президенте Республики Таджикистан**

**National center of legislation under the President of the Republic of Tajikistan**

# Қонунгузорӣ
# Законодательство
# Legislation

**№ 2 (50), 2023**
**апрел – июн**

Маҷаллаи илмӣ-таҳлилии «Қонунгузорӣ»-и Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон 31 майи соли 2018 ба Номгӯи маҷалла ва нашрияҳои тақризшавандаи Комиссияи Олии Аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид гардида, дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.

Маҷалла дар Махзани маълумоти таҳлилӣ – Шохиси илмии тақризшавандаи Россия шомил аст.

Хулосаю ақидаҳо ва шарҳу тафсири дар нашрияи мазкур зикргардида мавқеи муаллифон буда, мавқеи Марказро ифода наменамоянд.

Шумораи маҳдуди маҷалла ба фурӯш бароварда мешавад.

* * *

Научно-аналитический журнал «Законодательство» Национального центра законодательства при Президенте Республики Таджикистан 31 мая 2018 года включен в Перечень ведущих рецензируемых журналов и изданий Высшей Аттестационной Комиссии при Президенте Республики Таджикистан. Зарегистрирован в Министерстве культуры Республики Таджикистан.

Журнал также включен в Аналитическую базу данных – Российский индекс научного цитирования.

Приводимые в настоящем издании данные, заключения, мнения и интерпретации являются позицией авторов и никак не могут рассматриваться как отражающие позицию Центра.

В продажу журнал поступает в ограниченном количестве.

**САРМУҲАРРИР**
**ГЛАВНЫЙ РЕДАКТОР**
**Саидзода Иззатулло Ҳабибулло** – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
кандидат юридических наук, доцент

**ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ**
**РЕДАКЦИОННАЯ КОЛЛЕГИЯ**
**Насриддинзода Эмомалӣ Сайфиддин,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
доктор юридических наук, профессор, член-корреспондент Национальной Академии наук Таджикистана
**Алимов Суробшо Юсуфшоевич,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
доктор юридических наук, профессор
**Маҷидзода Ҷурахон Зоҳир,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
доктор юридических наук, профессор
**Муртазозода Ҷамшед Сайдалӣ,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
доктор юридических наук, профессор
**Ғафурзода Абдухалил Давлаталӣ,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
доктор юридических наук, профессор
**Диноршоҳ Азиз Мӯсо,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
доктор юридических наук, профессор
**Азиззода Убайдулло Абдулло,**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
доктор юридических наук, профессор
**Соҳибзода Муҳаммадҷон Маҳмадалӣ,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
(муовини сармуҳаррир)
кандидат юридических наук, доцент
(заместитель главного редактора)
**Маҳмадшозода Фарҳод Абдураҳмон,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
кандидат юридических наук
**Абдуллоев Парвиз Саъдуллоевич,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
кандидат юридических наук, доцент
**Соибов Зайниддин Маҳмадшарифович,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
кандидат юридических наук, доцент
**Бобокалон Ғоиб Мерган,**
номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
кандидат юридических наук, доцент

**МУҲАРРИР:** Искандаров С.

**ШӮРОИ МАШВАРАТӢ**
**РЕДАКЦИОННЫЙ СОВЕТ**
**Раҳмон Озода Эмомалӣ,**
Роҳбари Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ
Руководитель Исполнительного аппарата Президента Республики Таджикистан, кандидат юридических наук
**Ализода Зариф,**
Ёрдамчии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои ҳуқуқӣ - намояндаи комилҳуқуқи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
Помощник Президента Республики Таджикистан по правовой политике - полномочный представитель Президента Республики Таджикистан в Маджлиси Оли Республики Таджикистан, доктор юридических наук, профессор
**Раҳмон Юсуф Аҳмадзод,**
Прокурори генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Генеральный прокурор Республики Таджикистан
**Маҳмудзода Маҳкам Азам,**
академики Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
академик Национальной академии наук Таджикистана
**Шермуҳаммад Шоҳиён,**
Раиси Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон
Председатель Верховного Суда Республики Таджикистан
**Бобозода Умед,**
Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
Уполномоченный по правам человека в Республике Таджикистан, кандидат юридических наук, доцент
**Саидвализода Барно Саиднабӣ,**
Сардори Хадамоти иҷро назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
Начальник Службы исполнения при Правительстве Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, доцент
**Худоёрзода Бахтиёр Табар,**
Раиси Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент
Председатель Центральной комиссии по выборам и референдумам Республики Таджикистан, кандидат юридических наук, доцент

Ҷонибдори густариши гуногунандешӣ будани маҷалла маънои ҳамақидаи муаллифон будани ҳайати таҳририяро ифода наменамояд. Масъулият барои интихоб ва дақиқии далелҳо ва иқтибосҳо ба зиммаи муаллифон аст.

Ба дастнависҳое, ки барои нашр пешниҳод мегарданд, тақриз дода намешавад ва баргардонида намешаванд. Ҳангоми истифодаи маводи маҷалла истинод ба сарчашма ҳатмист.

Журналом поддерживается многообразие точек зрений, что не означает согласие редакционной коллегии. Ответственность за подбор, точность фактов, цитат и данных несут авторы опубликованных материалов.

Рукописи, предоставляемые для опубликования, не рецензируются и не возвращаются. При использовании материалов настоящего издания ссылка на источник обязательна.

**МУНДАРИҶА** **СОДЕРЖАНИЕ**

## 12.00.01 – НАЗАРИЯ ВА ТАЪРИХИ ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ; ТАЪРИХИ ТАЪЛИМОТ ОИД БА ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ
## 12.00.01 – ТЕОРИЯ И ИСТОРИЯ ПРАВА И ГОСУДАРСТВА; ИСТОРИЯ УЧЕНИЙ О ПРАВЕ И ГОСУДАРСТВЕ

*Раҳмон О.Э.* Асосҳои илмӣ-методологии таносуби мафҳумҳои «вазъи ҳуқуқӣ» ва «ҳолати ҳуқуқӣ»..........5-11
*Шарофзода Р.Ш., Миралиев И.Қ.* Заминаҳои илмӣ-методологии инкишофи назарияҳои робитаи давлат ва шахс..........12-18
*Табаров Н.А.* Дар бораи консепсияҳои ҳуқуқи мурофиавӣ дар мисоли ҳуқуқи мурофиавии маъмурӣ..........19-24
*Ҷамшедзода К.Ҷ.* Қоидаҳои техникӣ-ҳуқуқии ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои қонунгузорӣ..........25-29
*Насков Д.С.* Гражданское правосознание молодежи Таджикистана в аспекте отношения к экстремизму..........30-33
*Умедов К.М.* Международное нормотворчество в сфере безопасности личности, общества и государства..........34-37
*Ашуриён Ш.Р.* Масоили давлат, давлати миллӣ, давлатдории тоҷикон, масъалаҳои ҳуқуқӣ ва падидаҳои ҳуқуқӣ дар осори академик Фозил Тоҳиров..........38-45

## 12.00.02 – ҲУҚУҚИ КОНСТИТУТСИОНӢ, МУРОФИАИ СУДИИ КОНСТИТУТСИОНӢ; ҲУҚУҚИ МУНИСИПАЛӢ (НИЗОМИ НАМОЯНДАГӢ)
## 12.00.02 – КОНСТИТУЦИОННОЕ ПРАВО; КОНСТИТУЦИОННЫЙ ПРОЦЕСС; МУНИЦИПАЛЬНОЕ ПРАВО (ПРЕДСТАВИТЕЛЬНАЯ СИСТЕМА)

*Олимзода Д.А.* Хусусиятҳои фаъолияти намояндагӣ дар замони муосир..........46-51
*Вализода Ш.О.* Моҳият, мазмун ва таснифи вазифаҳои инсон ва шаҳрванд мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон..........52-55

## 12.00.03 – ҲУҚУҚИ ГРАЖДАНӢ; ҲУҚУҚИ СОҲИБКОРӢ; ҲУҚУҚИ ОИЛАВӢ; ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ХУСУСӢ
## 12.00.03 – ГРАЖДАНСКОЕ ПРАВО; ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЕ ПРАВО; СЕМЕЙНОЕ ПРАВО; МЕЖДУНАРОДНОЕ ЧАСТНОЕ ПРАВО

*Исмаилов Ш.М.* Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон – заминаи танзими муносибатҳои нави хусусӣ..........56-64
*Мирзозода П.З.* Роль человеческого капитала в определении качества услуг и товаров..........65-73
*Саидмуродова Т.А.* Самтҳои мубрами такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷораи воситаҳои нақлиёт..........74-80
*Амренова Ш.* Таърихи ташаккул ва рушди қонунгузории миллӣ оид ба танзими ҳамлу нақли ҳавоии мусофир ва бағоҷ..........81-88
*Исмоилова М.И.* Хусусияти гражданӣ-ҳуқуқии шартномаи иҷораи молиявӣ..........89-94
*Пулодзода Ш.П.* Субъекты и объекты монополистической деятельности в предпринимательстве..........95-103
*Сафарбекзода Б.С.* Таносуби меъёрҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ ва оммавӣ-ҳуқуқӣ дар танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ: дар мисоли меъёрҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ ва гражданӣ-ҳуқуқӣ..........104-107
*Исмоилӣ И.И.* Эътирофи ҳуқуқи моликият ба сохтмони худсарона тибқи қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон..........108-114

**12.00.04 – ҲУҚУҚИ МОЛИЯ; ҲУҚУҚИ АНДОЗ; ҲУҚУҚИ БУҶЕТӢ**
**12.00.04 – ФИНАНСОВОЕ ПРАВО; НАЛОГОВОЕ ПРАВО; БЮДЖЕТНОЕ ПРАВО**

*Буриева Д.Т.* Таҳлили ҷавобгарии маъмурӣ-ҳуқуқии моддаи 146 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои напардохтани андози замин....................................115-124

**12.00.05 – ҲУҚУҚИ МЕҲНАТӢ; ҲУҚУҚИ ТАЪМИНОТИ ИҶТИМОӢ**
**12.00.05 – ТРУДОВОЕ ПРАВО; ПРАВО СОЦИАЛЬНОГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ**

*Бобокалон Ғ.М., Ҳошимзода М.Д.* Оид ба рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ..........................................................................................................125-129

**12.00.06 – ҲУҚУҚИ ЗАМИН; ҲУҚУҚИ САРВАТҲОИ ТАБИӢ; ҲУҚУҚИ ЭКОЛОГӢ; ҲУҚУҚИ КИШОВАРЗӢ**
**12.00.06 – ЗЕМЕЛЬНОЕ ПРАВО; ПРИРОДОРЕСУРСНОЕ ПРАВО; ЭКОЛОГИЧЕСКОЕ ПРАВО; АГРАРНОЕ ПРАВО**

*Ғаюрзода Ш.К., Соҳибзода М.М.* Табиати ҳуқуқии мафҳум ва хусусиятҳои «замин» дар танзими муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ ва ҳуқуқи замин........................................................................130-137

**12.00.08 – ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ ВА КРИМИНОЛОГИЯ; ҲУҚУҚИ ИҶРОИ ҶАЗО**
**12.00.08 – УГОЛОВНОЕ ПРАВО И КРИМИНОЛОГИЯ; УГОЛОВНО-ИСПОЛНИТЕЛЬНОЕ ПРАВО**

*Муқимов С.Д.* Субъекти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ.................................138-141
*Назарзода А.А.* Масоили муайян намудани мафҳуми асосҳои умумии таъини ҷазо.............142-148

**12.00.09 – МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ**
**12.00.09 – УГОЛОВНЫЙ ПРОЦЕСС**

*Мирзамонзода Х.М., Негматов Б.С.* Таҳлили муқоисавии ҳуқуқии тартиби содакардашудаи тафтиши судӣ бо мурофиаҳои содакардашудаи судӣ дар баъзе кишварҳои хориҷӣ.............149-157

**12.00.12 – КРИМИНАЛИСТИКА; ФАЪОЛИЯТИ ЭКСПЕРТИЗАИ СУДӢ; ФАЪОЛИЯТИ ОПЕРАТИВӢ-ҶУСТУҶӮӢ**
**12.00.12 – КРИМИНАЛИСТИКА; СУДЕБНО-ЭКСПЕРТНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ; ОПЕРАТИВНО-РОЗЫСКНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ**

*Зоир Ҷ.М., Мирзозода М.З.* Чорабиниҳои махсус дар фаъолияти оперативӣ-ҷӯстуҷӯӣ..........................................................................................................................158-164
*Аҳмадзода М.С.* Бақайдгирии натиҷаҳои санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса: ҷанбаҳои мурофиавӣ-ҷиноятӣ ва криминалистӣ.........................................................................................165-169

**12.00.13 – ҲУҚУҚИ ИТТИЛООТ**
**12.00.13 – ИНФОРМАЦИОННОЕ ПРАВО**

*Шокиров Г.А.* Публичные центры правовой информации: понятие и сущность...................170-174

**МИНБАРИ ОЛИМОНИ ҶАВОН** **ТРИБУНА МОЛОДЫХ УЧЁНЫХ**

*Шерализода С.* Баъзе масъалаҳо оид ба татбиқи принсипи қонуният дар матни қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон.......................................................................................................175-183

**ГУНОГУН** **РАЗНОЕ**

*Асламов Б.С., Қосимов Ф.М.* Ташаккули афкори геополитикӣ дар Тоҷикистон дар раванди ҷаҳонишавӣ.........................................................................................................................184-190
*Бухориева С.М.* Роль и вклад женщин в современных вооруженных силах Республики Таджикистан...........................................................................................................................191-194

**12.00.01 – НАЗАРИЯ ВА ТАЪРИХИ ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ; ТАЪРИХИ ТАЪЛИМОТ ОИД БА ҲУҚУҚ ВА ДАВЛАТ**
**12.00.01 – ТЕОРИЯ И ИСТОРИЯ ПРАВА И ГОСУДАРСТВА; ИСТОРИЯ УЧЕНИЙ О ПРАВЕ И ГОСУДАРСТВЕ**



**УДК: 34.096**
**Раҳмон Озода Эмомалӣ,**
*докторанти кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ.*

# АСОСҲОИ ИЛМӢ-МЕТОДОЛОГИИ ТАНОСУБИ МАФҲУМҲОИ «ВАЗЪИ ҲУҚУҚӢ» ВА «ҲОЛАТИ ҲУҚУҚӢ»

***Калидвожаҳо***: *вазъи ҳуқуқӣ; ҳолати ҳуқуқӣ; субъекти муносибатҳои ҳуқуқӣ; инсон; шаҳрванд; вазъи ҳуқуқии инсон; вазъи ҳуқуқии шаҳрванд; ҳолати иҷтимоии шахс; қобилияти ҳуқуқдорӣ; қобилияти амали ҳуқуқӣ.*

***Ключевые слова***: *правовой статус; правовое положение; субъект правоотношений; человек; гражданин; правовой статус человека; правовой статус гражданина; социальное положение личности; правоспособность; дееспособность.*

***Key words:*** *legal status; legal status; subject of legal relations; Human; citizen; the legal status of a person; legal status of a citizen; social position of the individual; legal capacity; legal capacity.*

Оид ба таносуби мафҳумҳои «вазъи ҳуқуқӣ» ва «ҳолати ҳуқуқӣ» ду нуқтаи назар мушоҳида мешавад. Ба андешаи гурӯҳи якуми олимон, мафҳумҳои «ҳолати ҳуқуқии шахс» ва «вазъи хуқуқии шахс» аз ҳамдигар фарқ доранд [4, с. 25]. Бо мақсади муайян намудани тафовути мафҳумҳои зикршуда муҳаққиқон асосҳои гуногунро истифода мекунанд. Чунончи, ба андешаи В.В. Лазарев, мафҳуми «ҳолати ҳуқуқии шахс» васеътар буда, аз вазъи ҳуқуқии умумии шахс, вазъи ҳуқуқии соҳавӣ ва вазъи ҳуқуқии махсус иборат аст [10, с. 120].

Ба ақидаи Н.В. Витрук, вазъи ҳуқуқӣ ҷузъи мафҳуми «ҳолати ҳуқуқӣ» мебошад [3, с. 63-73]. Е.А. Лукашева [12, с. 30] ва Д.Ф. Латипова [11, с. 34] ин ақидаро ҷонибдорӣ мекунанд. Ба ақидаи як қатор муҳаққиқон, ҳолати ҳуқуқӣ мафҳуми васеътар буда, дар боробари ҳуқуқҳои субъективӣ ва ухдадориҳои ҳуқуқӣ ҳамчунин, унсурҳои дигар, аз қабили шаҳрвандӣ, қобилияти субъектӣ, масъулиятро дар бар мегирад [22, с. 224].

Бештари муҳаққиқон тафовути мафҳумҳои зикршударо бо дарназардошти мунсибатҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла вазъи ҳуқуқии субъектони муносибатҳои ҳуқуқӣ муайян мекунанд. Чунончи, ба андешаи Б.В. Пхаладзе, ҳолати ҳуқукии шаҳрванд ҳолати ҳуқуқии шаҳрвандро дар ҷомеа, вазъи ҳуқуқии шаҳрванд бошад, вазъи ҳуқуқии шаҳрвандро ҳамчун субъекти муносиатҳои ҳуқуқӣ ифода мекунад [17, с. 14].

А.В. Митскевич мафҳуми «вазъи ҳуқуқии шахс»-ро бо мафҳуми «қобилияти субъектӣ» (маҷмӯи ҳуқуқу вазифаҳо) ифода мекунад. Айни замон ду гурӯҳи ҳуқуқу вазифаҳо ҷудо карда мешаванд: а) ҳуқуқу вазифаҳои умумӣ, ки мазмуни қобилияти ҳуқуқдориро муайян мекунанд; б) ҳуқуқу вазифаҳое, ки аз қонунҳо бармеоянд [15, с. 30].

Тавре мушоҳида мешавад, А.В. Митскевич мафҳумҳои «қобилияти ҳуқуқдорӣ» ва «қобилияти субъектӣ»-ро ҷудо мекунад. Қобилияти ҳуқуқдорӣ бо ҳуқуқу вазифаҳои умумӣ, ки дар қонунҳо ифода шудаанд, муайян карда мешавад. Қобилияти субъектӣ бошад, дар натиҷаи амалӣ гардидани қонунҳо, яъне дар натиҷаи ворид гардидани шахс ба

муносбиатҳои ҳуқуқӣ ба ҳайси субъекти ин маносибатҳо пайдо мешавад. Ҳар ду намуди қобилияти шахс, ки мутобиқан ҳуқуқу вазифаҳои шахсро ифода менамоянд, мазмуни вазъи ҳуқуқии шахсро муайян мекунанд. Агар як қатор муҳаққиқон вазъи ҳуқуқии шахсро бо қобилияти субъектӣ ва ҳолати ҳуқуқиро берун аз ин қобилият вобаста намоянд, пас А.В. Митскевич вазъи ҳуқуқии шахсро бо қобилияти ҳуқуқдории субъектони муносибатҳои ҳуқуқӣ ва қобилияти субъектии шахс (сарфи назар аз муносибатҳои ҳуқуқӣ) муайян мекунад.

Гуногунии ин ақидаҳо аз муносибати ин ё он муҳаққиқ ба таносуби мафҳумҳои «вазъи ҳуқуқии шахс» ва «ҳолати ҳуқуқии шахс» вобастагӣ дорад. Дар ҳолати ҷудо намудани ин мафҳумҳо вазъи ҳуқуқӣ бо вазъи шахс ҳамчун субъекти муносибатҳои ҳуқуқӣ, ҳолати ҳуқуқии шахс бошад, новобаста аз вазъи шахс ҳамчун субъекти ин мунсибатҳо муайян карда мешавад. Дар ҳолати якҷоя намудани мафҳумҳои зикршуда чунин тафовути вазъи ҳуқуқии шахс ва ҳолати ҳуқуқии шахс ба инобат гирифта намешавад.

Тавре мушоҳида мешавад, тафовути мафҳумҳои дар боло зикршуда боиси ҷудо намудани вазъ ва ҳолати ҳуқуқии шахс дар робита бо муносибатҳои ҳуқуқӣ мегардад.

Мебояд зикр намуд, ки асоси пешкашшудаи тафовути ҳолати ҳуқуқӣ ва вазъи ҳуқуқии шахс дар робита бо муносибатҳои ҳуқуқӣ қобили дастгирист. Аммо иваз намудани мафҳуми «шахс» бо мафҳуми «шаҳрванд» маънии аслии ҳолати ҳуқуқӣ ва вазъи ҳуқуқии шахс ё инсонро маҳдуд мекунад. Ҳолати ҳуқуқии шахс аслан ҳолати воқеии ҳуқуқии инсон, аниқтараш шаҳрвандон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрвандро ифода мекунад.

Муаллифони шӯравӣ бештар аз мафҳуми ҳолати ё вазъи ҳуқуқии шаҳрванд истифода менамуданд. Чунончи, В.А. Зинченко мафҳумҳои «ҳолати ҳуқуқии шаҳрванд» ва «вазъи ҳуқуқии шаҳрванд»-ро ҳамчун мафҳумҳои ягона, шакли ифодаи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон шарҳ медиҳад [7, с. 3].

Дар давраи шӯравӣ проблемаи ҳолати ё вазъи ҳуқуқии шахс дар заминаи назарияи сотсиалистии вазъи ҳуқуқии шаҳрванд, назарияи сотсиалистии ҳуқуқҳои шаҳрвандони шӯравӣ, сарфи назар аз назарияҳои фитрӣ-ҳуқуқӣ, аз ҷумла вазъи ҳуқуқии инсон, ҳуқуқҳои фитрии инсон таҳқиқ карда мешуд. Дар илми ҳуқуқшиносии шӯравӣ ба ҷойи истилоҳи «фард» бештар мафҳуми «шаҳрванд» истифода мешуд. Чунончи, ба андешаи В.Н. Витрук, вазъи ҳуқуқӣ аслан вазъи ҳуқуқии шахсро ба ҳайси на фард, балки «шаҳрванди давлати сотсиалистӣ» ифода мекунад [2, с. 8].

Оид ба тафовути мафҳумҳои «вазъи ҳуқуқии шахс» ва «ҳолати ҳуқуқии шахс» ақидаҳои дигар низ пешбарӣ мешаванд. Чунончи, ба ақидаи Т.В. Кашанина, вазъи ҳуқуқии шахс маҷмӯи ҳуқуқу вазифаҳое мебошад, ки бо меъёрҳои ҳамаи соҳаҳои ҳуқуқ мустаҳкам карда мешаванд. Ҳолати ҳуқуқии шахс бошад, маҷмӯи ҳуқуқҳо, озодиҳо ва вазифаҳои амалишаванда мебошад. Агар ҳуқуқу озодиҳо пурра амалӣ нашаванд, пас ҳолати ҳуқуқӣ маҳдудтар мешавад. Аз ин ҷо хулоса пешкаш мешавад, ки мафҳуми «ҳолати ҳуқуқӣ» аз мафҳуми «вазъи ҳуқуқӣ» маҳдудтар аст [9, с. 202-203].

Ба андешаи муҳаққиқони гурӯҳи дуюм, мафҳумҳои «ҳолати ҳуқуқии шахс» ва «вазъи ҳуқуқии шахс» аз ҳамдигар фарқ намекунанд [21, с. 137; 5, с. 13]. Аз ҷумла, ба ақидаи Н.И. Матузов ва А.В. Малко, дар қонунгузорӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ мафҳумҳои зикршуда ба як маъно истифода мешаванд [14, с. 13]. Ба ақидаи Л.Д. Воеводин, барои ҷудо намудани мафҳумҳои «ҳолати ҳуқуқии шахс» ва «вазъи ҳуқуқии шахс» ягон асоси боэътимод ҷой надорад [5, с. 13]. Ба ақидаи В.Н. Карташов, ҷудо намудани мафҳумҳои «вазъи ҳуқуқии шахс» ва «ҳолати ҳуқуқии шахс» сунъӣ буда, ягон асоси илмӣ, назариявӣ, мантиқӣ надорад [8, с. 3-19]. В.М. Сафронов мафҳумҳои зикршударо ҳаммаъно мешуморад, чунки ҳолати ё вазъи ҳуқуқии шахс дар заминаи робитаи ҳуқуқии шахс бо давлат муайян карда мешавад [19, с. 7]. Ба андешаи Л.П. Рассказов, мафҳумҳои «вазъи ҳуқуқии шахс» ва «ҳолати воқеии иҷтимоии шахс» бо ҳамдигар ҳамчун мазмун ва шакл робита доранд [18, с. 167]. В.Д. Перевалов таъкид мекунад, ки вазъи ҳуқуқии инсон, вазъи ҳуқуқии шаҳрванд ва вазъи ҳуқуқии шахс мафҳумҳои ҳаммаъно мебошанд [16, с. 203].

Андешаи В.Д. Перевалов оид ба тафовути вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрванд қобили

дастгирист. Вале ақидаи муаллиф дар хусуси он, ки вазъи ҳуқуқии инсон дар санадҳои қонунгузорӣ мустаҳкам карда намешавад, мубоҳисавист, чунки ҳуқуқҳои фитрии инсон имрӯз дар конститутсияҳо ва дигар санадҳои қонунгузории давлат расман эътироф ва ифода карда мешаванд.

Ба ақидаи олимони дигар, мафҳумҳои «ҳолати ҳуқуқии шахс» ва «вазъи ҳуқуқии шахс» фарқ надоранд, чунки истилоҳи лотинии «вазъ» маънои «ҳолати ягон кас ё ягон чиз»-ро дорад [20, с. 233]. Ҳамин гуна ақидаро Д.Н. Баграх пешниҳод мекунад [1, с. 5-6].

Нуқтаи назари олимон оид ба ҳаммаъно будани вазъи ҳуқуқӣ ва ҳолати ҳуқуқӣ қобили дастгирист. Айни замон ҳолати ё вазъи ҳуқуқии категорияҳои алоҳидаи аҳолӣ, аз қабили занҳо, нафақахӯрон, донишҷӯён, маъюбон ва дигарон аз ҳамдигар фарқ мекунад. Вазъи ҳуқуқии занҳо намуди мустақили вазъи ҳуқуқии шахс буда, бо хусусиятҳояш аз намудҳои дигари вазъи ҳуқуқӣ фарқ мекунад. Аз ин лиҳоз, ба инобат гирифтани хусусиятҳои вазъи ҳуқуқии шахсони ҷудогона, категорияҳои алоҳидаи аҳолӣ ва ташкилотҳои мухталиф ба мақсад мувофиқ аст.

Истилоҳи лотинии «вазъ», тавре болотар қайд гардид, ҳолати ягон кас ё ягон чизро ифода мекунад. Ҳамин маънии истилоҳоти мазкур дар фарҳангҳои забонӣ низ истифода мешавад. Аз ҷумла, тибқи Фарҳанги забони русӣ, бо истилоҳи «вазъ» маҷмӯи ҳуқуқу вазифаҳо, ки ҳолати ҳуқуқии шахс, ташкилотҳо, муассисаҳоро муайян мекунанд, ифода карда мешавад [6, с. 405].

Дар Фарҳанги забони тоҷикӣ маънои калимаҳои «вазъ» ва «ҳолат» ба як маъно омадааст. Калимаи «вазъ» арабӣ буда, маънояш «вазъият, ҳолат» мебошад [23, с. 222]. Калимаи «ҳолат» арабӣ буда, маънояш «ҳол» ё «вазъият, ҳолат» аст [23, с. 752].

Дар Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ, ки соли 2008 нашр шудааст, калимаи «вазъ» (арабии وضع) ҳамчун «вазъият, ҳол, ҳолат» тавсиф мегардад [24, с. 258]. Калимаи «ҳалат» (арабии حالت) маънои «чигунагӣ, вазъият, ҳол»-ро дорад [24, с. 510].

Ҳамин тариқ, мафҳумҳои «вазъи ҳуқуқии шахс» ва «ҳолати ҳуқуқии шахс» ҳаммаъно мебошанд. Вазъи ҳуқуқии шахс – ифодаи ҳуқуқии ҳолати иҷтимоии шахс мебошад, ки бо ҳуқуқу озодиҳо, вазифаҳо ва масъулияти ҳуқуқии шахс муайян карда мешавад.

Ҳолати иҷтимоии шахс, яъне ҳолати воқеии шахс дар ҷомеа шаклҳои гуногуни ифода дошта метавонад, чунки бо меъёрҳо, қоидаҳои мухталиф танзим карда мешавад. Аз ҷумла, ҳолати воқеии шахс дар ҷомеа бо меъёрҳои динӣ, ахлоқӣ, одатӣ, анъанаҳои миллӣ ё маҳаллӣ, меъёрҳои оилавӣ, корпоративӣ, сиёсӣ муайян карда мешавад. Аз ин хотир, ҳолати воқеии шахс ифодаи ахлоқӣ, динӣ, анъанавӣ, оилавӣ ва дигар дошта метавонад.

Дар ин замина ҳолати ҳуқуқии иҷтимоии динӣ, ахлоқӣ, анъанавӣ, оилавии шахсро ҷудо намудан мумкин аст. Айни замон ин намудҳои ҳолати воқеӣ, ки шартан ҷудо карда мешаванд, дар асл дар шакли ҳолати умумии воқеии шахс баромад мекунанд, чунки меъёрҳои иҷтимоӣ алоқаи зич дошта, низоми ягонаи танзими меъёриро ташкил медиҳанд.

Ҳолати воқеии шахс бо меъёрҳои ҳуқуқӣ низ танзим карда мешавад. Чунин андеша дар адабиёти илмӣ бештар истифода мешавад [13, с. 224].

Дар ин ҳолат он шакли вазъи ҳуқуқиро касб мекунад. Вазъи ҳуқуқии шахс яке аз намудҳои ҳолати воқеии шахс буда, бо ҳолати иҷтимоии динӣ, ахлоқӣ, оилавӣ ва дигари шахс робитаи зич дорад, чунки меъёрҳои ҳуқуқӣ қисми ҷудонашавандаи низоми танзими меъёрӣ мебошанд. Меъёрҳои ҳуқуқӣ ҷудо аз меъёрҳои ахлоқӣ, динӣ, оилавӣ ва дигари иҷтимоӣ амал карда наметавонанд. Бар замми ин, ҳуқуқ арзишҳои ахлоқӣ ва маънавӣ, аз қабили адолат, баробарӣ, поквиҷдонӣ ва дигарро инъикос мекунад.

Вазъи ҳуқуқии шахс бо ҳуқуқ, муқаррароти ҳуқуқӣ, фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, санадҳои қонунгузорӣ алоқаманд аст. Вазъи ҳуқуқии шахс якҷоя бо низоми ҳуқуқӣ пайдо мешавад. Дар ҷомеаи тодавлатӣ инсон ҳолати иҷтимоӣ дошт. Он бо меъёрҳои иҷтимоии тодавлатӣ, аз қабили одатҳо, ахлоқ, дин муайян карда мешуд. Бо пайдоиши давлат ва низоми ҳуқуқӣ шакли нави ҳуқуқии ифодаи меъёрӣ-ҳуқуқии ҳолати иҷтимоии шахс истифода мешавад. Вазъи ҳуқуқӣ шакли ҳуқуқии ифодаи ҳолати воқеии шахс мегардад.

Аммо дар ҷомеаи давлатӣ ҳолати воқеӣ ё иҷтимоии шахс аз байн намеравад.

Якум, меъёрҳои иҷтимоӣ (одатӣ, ахлоқӣ, динӣ, оилавӣ, эстетикӣ ва дигар) боқӣ мемонанд. Ин меъёрҳо, ки дар ҷомеаи муосир амал мекунанд, ҳолати воқеӣ ё иҷтимоии шахсро муайян мекунанд.

Дуюм, ҳуқуқ ҳамаи муносибатҳои ҷамъиятиро танзим карда наметавонад. Танҳо муносибатҳои ҷамъиятии муҳимтарин, ки бо манфиатҳои инсон робита доранд, аз тарафи ҳуқуқ танзим карда мешаванд. Қисми дигари муносибатҳои ҷамъиятӣ бо меъёрҳои ахлоқӣ, динӣ, одату анъанаҳо ва дигар меъёрҳои иҷтимоӣ танзим карда мешаванд.

Сеюм, давлат ба ҳаёти шахсӣ, муносибатҳое, ки бо ишқу муҳаббат, накӯӣ, саховатмандӣ, эҳтироми ҳамдигарӣ ва дигар робита доранд, дахолат намекунад. Ҳаёти шахсӣ озодона инкишоф меёбад. Ин соҳаи ҳаёти инсон бо меъёрҳои иҷтимоӣ (ахлоқ, анъанаҳо ва ғ.) танзим карда мешаванд. Барои ҳамин, ҳолати воқеии (иҷтимоии) шахс якҷоя бо вазъи ҳуқуқии шахс инкишоф меёбад.

Аз ин нуқтаи назар, шахс ҳам ҳолати воқеӣ (иҷтимоӣ) ва ҳам вазъи ҳуқуқӣ дорад. Ҳолати воқеӣ заминаи вазъи ҳуқуқии шахс мебошад. Таносуби ҳолати воқеӣ ва вазъи ҳуқуқӣ шаклҳои зерини ифода дорад:

1. Ҳолати воқеӣ ба вазъи ҳуқуқӣ таъсир мерасонад. Чунончи, меъёрҳои ахлоқӣ, одатӣ, динӣ, эстетикӣ, оилавӣ, корпоративӣ, сиёсӣ ва дигари иҷтимоӣ ба унсурҳои гуногуни вазъи ҳуқуқии шахс, аз қабили ҳуқуқу озодиҳо, вазифаҳо, масъулият, қобилияти ҳуқуқдорӣ ва дигар таъсир мерасонад. Аз ҷумла, амалӣ гардидани ҳуқуқҳои инсон аз дарки ин ҳуқуқҳо вобастагӣ дорад. Тавре маълум аст, дарки ҳуқуқҳои инсон бо дарназардошти фарҳанг ва тамаддун, анъанаҳои миллӣ, шуур ва психологияи одамон сурат мегирад.

2. Аввал ҳолати воқеӣ ташаккул меёбад, сипас, ин ҳолати воқеӣ бо дарназардошти аҳаммияти он аз тарафи муқаррароти меъёрии ҳуқуқӣ мустаҳкам гардида, шакли вазъи ҳуқуқиро пайдо мекунад. Давлат тавассути санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳолати воқеии шахсро дар ҳолатҳои зарурӣ, аз ҷумла тибқи манфиатҳои одамон, ҷомеа ва давлат танзим мекунад. Зарурати танзими ҳуқуқии ҳолати воқеӣ дар давраҳои гуногуни инкишофи таърихӣ, бо дарназардошти манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлат танзим карда мешавад. Чунончи, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи баргузории ҷашну маъракаҳо, ки қаблин ҳолати воқеии шахсро муайян менамуданд, Қонун «Дар бораи танзими анъанаҳо ва ҷашну маросимҳо» қабул гардид. Зимни амалӣ гардидани Қонуни мазкур ҳолати иҷтимоии шахс дар соҳаи баргузории ҷашну маросимҳо, ки қаблан тибқи меъёрҳои ахлоқӣ, динӣ, одату анъанаҳо муайян мегардид, шакли вазъи ҳуқуқиро пайдо мекунад. Акнун шахс зимни ворид гардидан ба ин муносибатҳои ҷамъиятӣ ба ҳайси субъекти ҳуқуқ ва муносибатҳои ҳуқуқӣ баромад мекунад. Агар қаблан ҳолати воқеии шахс дар ин муносибатҳо бо меъёрҳои иҷтимоӣ муайян шуда бошад, пас, бо қабули Қонуни мазкур, вазъи ҳуқуқии шахс бо меъёрҳои қонунгузорӣ танзим карда мешавад.

Мисоли зикршуда аз он далолат мекунад, ки давлат дар ҳолатҳои зарурӣ, бо дарназардошти талаботи объективии ҳаёти ҷомеа, бо мақсади танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ ба ҳолати воқеии шахс таъсири ҳуқуқӣ мерасонад. Ин боиси тағйири ҳолати воқеии шахс ва ташаккули вазъи ҳуқуқии шахс мегардад.

Аз ин хотир, вазъи ҳуқуқии шахс натиҷаи танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад. Дар натиҷаи танзими ҳуқуқӣ ҳолати воқеии иштирочиёни ин муносибатҳо тағйир ёфта, шакли вазъи ҳуқуқиро касб мекунад. Ин тағйироти ҳолати воқеии шахс дар он зоҳир мешавад, ки шахс аз иштирокчии муносибатҳои ҷамъиятии ахлоқӣ, анъанавӣ, одатӣ, оилавӣ ва дигар ба субъекти муносибатҳои ҳуқуқӣ табдил меёбад, аз ҷумла соҳиби ҳуқуқҳои субъективӣ, уҳдадориҳои ҳуқуқӣ, қобилияти ҳуқуқдорӣ, қобилияти амали ҳуқуқӣ мегардад, масъулияти ҳуқуқиро ба уҳда мегирад.

Тавре таъкид гардид, вазъи ҳуқуқии шахс дар баробари пайдоиши давлат ва ташаккули низоми ҳуқуқӣ арзи ҳастӣ мекунад. Давлат тавассути воситаҳои гуногуни ҳуқуқӣ (санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, усулҳои танзими ҳуқуқӣ, фактҳои ҳуқуқӣ ва дигар) ба ҳолати воқеии инсон таъсир расонида, онро ба вазъи ҳуқуқӣ табдил медиҳад.

Аммо вазъи ҳуқуқии шахс мафҳуми инкишофёбанда буда, дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи таърихӣ дар ҳаҷм ва намудҳои мухталиф зоҳир меёбад. Чунончи, дар ҷомеаи қадим ва асрҳои миёна на ҳамаи одамон вазъи ҳуқуқиро пурра ё дар сатҳи зарур соҳиб шуда буданд. Қисми муайяни аҳолӣ, асосан оммаи мазлум, бенавоён, табақаҳо ва синфҳои поёни ҷомеа вазъи ҳуқуқӣ надоштанд, ё қисман ба ҳайси субъекти муносибатҳои ҳуқуқӣ эътироф карда мешуданд. Аз ҷумла, ғуломон дар Юнони қадим ва Рими қадим пурра аз ҳуқуқу озодиҳо маҳрум шуда буданд, ба ҳайси на инсон, балки «чиз» пазируфта мешуданд. Табиист, ки ғуломон вазъи ҳуқуқӣ надоштанд.

Дар марҳилаҳои дигари инкишофи таърихӣ низ категорияҳои алоҳидаи аҳолӣ, ки дар ҳолати тобеият ба синф ва табақаҳои ҳоким ҳаёт ба сар мебурданд, дар ҳаҷми пурра аз ҳуқуқу озодиҳо истифода намебурданд. Вазъи ҳуқуқии онҳо маҳдуд буд.

Танҳо дар давлатҳои демократӣ, алалхусус, дар давлатҳое, ки худро ҳуқуқбунёди иҷтимоӣ эълон намудаанд, шахс дар ҳаҷми пурра аз ҳуқуқу озодиҳо истифода мебарад. Бар замми ин, ҳуқуқу озодиҳои инсон дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ кафолат дода мешаванд.

Ҳамин тариқ, таносуби ду гурӯҳи мафҳумҳоро мебояд муайян намуд:

1) таносуби мафҳумҳои «вазъи ҳуқуқӣ» ва «ҳолати иҷтимоии шахс»;

2) таносуби мафҳумҳои «вазъи ҳуқуқии шахс» ва «ҳолати ҳуқуқии шахс».

Мафҳумҳои «вазъи ҳуқуқӣ» ва «ҳолати иҷтимоӣ» ё «ҳолати воқеӣ» аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Ҳолати воқеии шахс бо маҷмӯи меъёрҳои иҷтимоӣ (ахлоқӣ, динӣ, эстетикӣ ва дигар) муайян карда мешавад. Вазъи ҳуқуқӣ бошад, бо ҳуқуқ, аниқтараш бо ҳуқуқу озодиҳо ва вазифаҳои шахс муайян карда мешавад.

Як қатор муҳаққиқон мафҳумҳои «ҳолати ҳуқуқӣ» ва «ҳолати иҷтимоӣ»-ро омехта мекунанд. Чунин андеша қобили дастгирӣ нест. Ҳолати ҳуқуқӣ ё вазъи ҳуқуқӣ ифодаи ҳуқуқии ҳолати иҷтимоӣ мебошад. Ҳолати иҷтимоӣ бо меъёрҳои динӣ, ахлоқӣ, одатҳо, анъанаҳо ва дигар қоидаҳои иҷтимоӣ танзим карда мешавад. Ҳолати ё вазъи ҳуқуқӣ бошад, бо ҳуқуқу вазифаҳо, ки дар қонун эълон карда мешаванд, муайян карда мешавад.

Айни замон вазъи ҳуқуқии шахс дар давлатҳои гуногун хусусиятҳои худро дорад. Чунончи, вазъи ҳуқуқии шаҳрвандони ИМА, Франсия, Британияи Кабир, Россия, Хитой ва дигар давлатҳо бо ҳуқуқу озодиҳо ва вазифаҳои шахс, ки дар конститутсия ва қонунҳои ҳамин давлатҳо эълон шудаанд, муайян карда мешавад. Тавре маълум аст, вазъи ҳуқуқии шаҳрвандон дар давлатҳои гуногун хусусиятҳои хос дорад. Аз ин хотир, ҳолати ё вазъи ҳуқуқии шахс дар давлатҳои гуногун якхел нест ва аз ҳамдигар фарқ мекунад. Ҳолати воқеии шахс низ дар давлатҳои мухталиф аз ҳамдигар фарқ дорад, чунки бо одату анъанаҳо ва меъёрҳои дигари иҷтимоӣ, ки хусусиятҳои фарҳангӣ-тамаддунӣ доранд, танзим карда мешавад.

Сарфи назар аз тафовути ҳолати воқеӣ ва вазъи ҳуқуқии шахс дар давлатҳои гуногун, барои ифодаи умумии вазъи ҳуқуқӣ мафҳуми «вазъи ҳуқуқии шахс» дар адабиёти илмӣ истифода мешавад. Тавассути мафҳуми зикршуда хусусиятҳои умумӣ ва махсуси вазъи ҳуқуқии шахс муайян карда мешаванд.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Бaграх Д.Н. Система субъектов советского административного права // Советское государство и право. – 1986. – № 2. – С. 5-6.

2. Витрук В.Н. Правовой статус личности в СССР. – М., 1985. – 264 с.

3. Витрук Н.В. Демократия и правовой статус личности в социалистическом обществе / под ред. В.М. Чхиквадзе. – М., 1987. – 214 с.

4. Витрук Н.В. Общая теория правового положения личности / Н.В. Витрук. – М.: Норма, 2008. – 448 с.

5. Воеводин Л.Д. Юридический статус личности в России: учебное пособие. – М.: Изд-во МГУ, Издательская группа ИНФРА М-НОРМА, 1997. – 304 с.

6. Ефремова Т.Ф. Современный толковый словарь русского языка. – Т.3. – М., 2006. – 842 с.

7. Зинченко В.А. Правовой статус личности в СССР. – Алма-Ата, 1983. – 214 с.
8. Карташов В.Н. Юридический статус личности: понятие, логическая структура, виды // Актуальные проблемы теории и истории правовой системы общества. – Ярославль, 2014. – Вып. 13. – 172 с.
9. Кашанина Т.В. Структура права: Монография / Т.В. Кашанина. – М.: Проспект. 2012. – 584 с.
10. Лазарев В.В. Общая теория права и государства: учебник. – М.: Юристь, 1996. – 472 с.
11. Латыпова, Д.Ф. Правовое положение женщин: дис. ... канд. юрид. наук: 12.00.01 / Латыпова Д.Ф. – М., 2002. – 194 с.
12. Лукашева Е.А. Правовой статус: понятие и структура / Е.А. Лукашева // Общая теория прав человека. – М.: Норма, 1996. – 248 с.
13. Матузов Н.И. Право и личность // Общая теория права: курс лекций / под ред. В.К. Бабаева. – Нижний Новгород, 1993. – 350 с.
14. Матузов Н.И., Малько А.В. Теория государства и права. – М.: Юристь, 1999. – 240 с.
15. Мицкевич А.В. Субъекты советского права. – М., 1962. – 194 с.
16. Перевалов В.Д. Теория государства и права: учебник / В.Д. Перевалов. – М.: Высшее образование, 2005. – 379 с.
17. Пхаладзе Б.В. Юридические формы положения личности в советском обществе. – Тбилиси, 1969. – 247 с.
18. Рассказов Л.П. Теория государства и права: учебник. – М., 2010. – 342 с.
19. Сафронов В.М. Советское государство и основы правового положения его граждан: обзорная лекция. – М., 1973. – 112 с.
20. Теория государства и права: курс лекций / Н.И. Матузов и др.; под. ред. Н.И. Матузова и А.В. Малько. – М., 1977. – 487 с.
21. Теория государства и права: учебник / Н.И. Матузов, А.В. Малько. – М.: Юристъ, 2004. – 512 с.
22. Теория государства и права: учебник для вузов./ под ред. Г.Н. Манова. – М., 1996. – 387 с.
23. Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри X то ибтидои асри XX): зери тахрири М.Ш. Шакуров, В.А. Капранов, Р. Ҳошим, Н.А. Масумӣ / Дар ду ҷилд. – М., 1969. – 1905 с.
24. Фарҳанги тафсирии забони тоҷикӣ: зери таҳрири Сайфиддин Назарзода, Аҳмадҷон Сангинов, Саид Каримов, Мирзо Ҳасани Султон / Иборат аз 2 ҷилд. – Ҷ. 1. – Душанбе, 2008. – 950 с.

**Аннотатсия**

**Асосҳои илмӣ-методологии таносуби мафҳумҳои «вазъи ҳуқуқӣ» ва «ҳолати ҳуқуқӣ»**

Дар мақола нуқтаҳои назари мубоҳисавӣ оид ба таносуби мафҳумҳои «вазъи ҳуқуқӣ» ва «ҳолати ҳуқуқӣ» таҳқиқ мешаванд. Таъкид мешавад, ки дар ҳолати ҷудо намудани ин мафҳумҳо вазъи ҳуқуқӣ бо вазъи шахс ҳамчун субъекти муносибатҳои ҳуқуқӣ, ҳолати ҳуқуқии шахс бошад, новобаста аз вазъи шахс ҳамчун субъекти ин мунсибатҳо муайян карда мешавад. Дар ҳолати якҷоя намудани мафҳумҳои зикршуда чунин тафовути вазъи ҳуқуқии шахс ва ҳолати ҳуқукии шахс ба инобат гирифта намешавад. Хулоса, пешниҳод мешавад, ки дар давраи шӯравӣ проблемаи ҳолати ё вазъи ҳуқукии шахс дар заминаи назарияи сотсиалистии вазъи ҳуқуқии шаҳрванд, назарияи сотсиалистии ҳуқуқҳои шаҳрвандони шӯравӣ, сарфи назар аз назарияҳои фитрӣ-ҳуқуқӣ, аз ҷумла вазъи ҳуқуқии инсон, ҳуқуқҳои фитрии инсон таҳқиқ карда мешуд. Шаклҳои таносуби ҳолати воқеӣ ва вазъи ҳуқуқӣ муайян ва таҳлил карда мешаванд. Таносуби ду гурӯҳи мафҳумҳо муайян карда мешавад: мафҳумҳои «вазъи ҳуқуқӣ» ва «ҳолати иҷтимоии шахс»; мафҳумҳои «вазъи ҳукуқии шахс» ва «ҳолати ҳуқуқии шахс».

**Аннотация**

**Научно-методические основы соотношения понятий «правовой статус» и «правовое положение»**

В статье анализируются спорные суждения по поводу соотношения понятий «правовой статус» и «правовое положение». Подчеркивается, что в случае разграничения указанных понятий правовой статус определяется посредством статуса лица как субъекта правоотношений, а правовое положение лица раскрывается независимо от статуса лица как субъекта таких отношений. В случае смешивания указанных понятий не учитывается разница между правовым статусом и правовым положением личности. Обоснован вывод о том, что в советское время проблема правового положения или статуса личности анализировалась в рамках социалистической теории правового статуса граждан, социалистической теории прав советских граждан, независимо от естественно-правовых теорий, в частности, правового статуса человека, естественных прав человека. Выявляются и анализируются формы соотношения фактического положения и правового статуса. Определяется соотношение двух групп понятий: понятия «правовой статус» и «социальное положение личности»; «правовой статус личности» и «правовое положение личности».

**Annotation**

**The scientific-methodological foundations of the correlation between the concepts of «legal status» and «legal status»**

The points of view on the correlation between the concepts of «legal status» and «legal status» are analyzed in this article. It is emphasized that in the case of separation of these concepts, the legal status is determined by the status of a person as a subject of legal relations, and the legal status of a person is determined regardless of the status of a person as a subject of these relations. In the case of combining the mentioned concepts, such a difference between the legal status of a person and the legal status of a person is not taken into account. The conclusion is that during the Soviet times, the problem of the legal status of a person was studied on the basis of the socialist theory of the legal status of a citizen, the socialist theory of the rights of Soviet citizens, regardless of natural-legal theories, including the legal status of a person, the natural rights of a person. Forms of correlation between the real situation and the legal situation are determined and analyzed. The correlation of two groups of concepts is determined: the concepts of «legal status» and «social status of a person»; concepts of «legal status of a person» and «legal status of a person».




**УДК: 340.115**

**Шарофзода Рустам Шароф,**
*доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.*
*E-mail: www-rustam-tj@mail.ru*
*Тел.: (+992) 901-00-07-70.*

**Миралиев Исфандиёр Карахонович,**
*номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи инсон ва ҳуқуқшиносии муқоисавии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.*
*E-mail: isfand_1986@mail.ru*
*Тел.: (+992) 908-48-38-69.*

# ЗАМИНАҲОИ ИЛМӢ-МЕТОДОЛОГИИ ИНКИШОФИ НАЗАРИЯҲОИ РОБИТАИ ДАВЛАТ ВА ШАХС

***Калидвожаҳо**: муносибати мутақобилаи давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқҳои инсон; ҳуқуқи инсон; ҳуқуқи шаҳрванд; давлати ҳуқуқбунёд; волоияти қонун; қонуни ҳуқуқӣ; реҷаи сиёсӣ; давлат.*

***Ключевые слова**: взаимоотношения правового государства и прав человека; права человека; права гражданина; правовое государства; верховентсво закона; правовой закон; политический режим; государство.*

***Keywords**: relationship between the rule of law and human rights; human rights; citizen rights; rule of law; legal law; political regime; state.*

Одатан моҳияти ҳуқуқҳои инсон дар робита бо тарзҳои ташкили ҳокимияти давлатӣ муайян карда мешавад [28, с. 35]. Ин усули таҳқиқоти илмӣ, ки таърихи тӯлонӣ дорад, васеъ истифода мешавад. Чунончи, дар Юнони қадим ҳуқуқҳои инсон дар алоқамандӣ бо ислоҳоти идоракунии давлатӣ (полис) таҳлил шуда, озодии инсон ҳамчун натиҷаи ин ё он шакли идоракунӣ пазируфта мешавад [2, с. 321]. Ҳуқуқшиносони Рими қадим ҳуқуқҳои табиӣ ва қонунҳои табииро сарчашмаи ҳуқуқҳои фитрӣ эълон мекунанд [12, с. 292; 39, с. 40-41].

Ғояи ҷудо кардани давлат ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар асрҳои XVI-XVII ташаккул ёфта, ҳуқуқи инсон дар робита бо ҳокимияти сиёсӣ, дар заминаи назарияи шартномаи ҷамъиятӣ таҳқиқ карда мешавад [11, с. 74; 10, с. 132-133; 19, с. 50; 35, с. 261; 33, с. 161; 26, с. 289]. Дар охири асри XVIII ва аввали асри XIX ҳуқуқҳои инсон, дахлнопазирии моликияти шахсӣ, озодии фаъолияти соҳибкорӣ, мустақилият аз дахолати давлатӣ ҳамчун худуди ҳуқуқии давлат эътироф шуданд [8, с. 89; 14, с. 185; 25, с. 5, 6, 288, 289; 38, с. 209].

Пас аз воқеаҳои инқилобии соли 1917 насли аввали ҳуқуқшиносони шӯравӣ (Н.В. Криленко, Д.И. Курский, А.А. Малиский, Е.Б. Пашуканис, М.А. Рейснер, П.И. Стучка) ба таҳқиқи асосҳои илмии назарияи марксистӣ-ленинии давлат ва ҳуқуқ шурӯъ карданд [17, с. 126; 22, с. 26; 36, с. 58]. Дар солҳои 1930 усули сотсиологие, ки дар солҳои 1920 истифода мешуд, бо усули маҳдуди меъёрӣ нисбат ба ҳуқуқ ва ҳуқуқи инсон иваз карда шуд. Ҷараёни мазкур ба инкишофи минбаъдаи назарияи легистии ҳуқуқу озодиҳои инсон замина мегузорад. Дар охири солҳои 1970 ақидаи нав оид ба маҳдудияти назарияи легистӣ, зарурати ба инобат гирифтани соҳаи иҷтимоӣ ва ҳаёти маънавӣ зимни таҳқиқи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон пешниҳод мешавад [31, с. 269]. Пас аз анҷумани XX-и Ҳизби Коммунистии Иттиҳоди Шӯравӣ (ҲКИШ) аз ҷониби насли нави ҳуқуқшиносони шӯравӣ (Г.А. Белов, И.Т. Голяков, В.Е. Гулиев, Ф.И.

Калиничев, А.С. Пиголкин, И.С.Самошенко) раванди бартарафнамоии нуқтаи назари маҳдуди меъёрӣ нисбат ба ҳуқуқ оғоз гардид. Дар аввали солҳои 1960 ҳимоя ва ҳифзи ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандони шӯравӣ дар баробари дигар вазифаҳои сохтмони сотсиалистӣ ҳамчун вазифаи муҳимтарини давлати сотсиалистӣ эътироф гардид [32, с. 101], усули боваркунониву тарбияи шахс ба ҳайси воситаҳои асосӣ дар рафти фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои ҷамъиятӣ истифода мешавад [40, с. 40-41]. Дертар аз ҷониби В.Н. Кудрявсев ва Е.А. Лукашева принсипи зерини давлати ҳуқуқбунёди сотсиалистӣ асоснок карда мешавад: мусъулияти мутақобилаи давлат ва фард [16, с. 12-23]. М.В. Баглай, Р.О. Халфина, М.И. Пискотин, Б.М. Лазарев, Ю.А. Тихомиров, Н.С. Малеин, Р.З. Лившитс, И.Л. Петрухин ҷанбаҳои давлати ҳуқуқбунёди сотсиалистӣ, аз ҷумла ҳуқуқ ва озодиҳои инсонро мавриди таҳлилу омӯзиш қарор доданд [34, с. 109-193].

Шаклҳои муосири робитаи мутақобилаи давлат ва шахс дар бештар маврид бо ҳамкории давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон алоқамананд. Андешаи мазкур дар давлатҳои пасосотсиалистӣ дар заминаи ташаккулёбии ниҳодҳои давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ таҳқиқ карда мешавад. Шаклҳои муосири тавсифи масъалаи мазкур, ки диққати мутафаккирон, файласуфон ва тадқиқотчиёни насли пешро дар давраҳои гуногуни таърихӣ ба худ ҷалб карда буд, бештар ба натиҷаҳои ноилшуда такя мекарданд. Дар баробари ин, шароити нави фаъолияти ҷомеа ва унсурҳои дақиқи таърихӣ, анъанаҳои миллӣ, сатҳи инкишофи ҷомеа ва талаботи нави рушдёбии он, мушкилоти дорои моҳияти минтақавӣ ва байналмилалибуда, ҳамчунин, хостаҳои ҷаҳони муосир коркарди натиҷаҳои бадастовардашуда ва мутобиқнамоии онҳоро ба шарту шароити давлатҳои алоҳида талаб мекунанд.

Ба таҳлили илмии мушкилоти муносибатҳои мутақобилаи давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон, инчунин тавсифи муосир оид ба давлат, навъҳои дарки ҳуқуқ, назарияҳои ҳуқуқи инсон, гуногунрангии таърифу тавсифҳо оид ба давлати ҳуқуқбунёд низ таъсир расонидаанд. Гуногунии нуқтаҳои назар оид ба давлат, ҳуқуқ ва ҳуқуқи инсон, ки ба сатҳи илмии таҳқиқотҳо хос аст, сабабияти гуногунрангии муносибатҳоро нисбат ба мушкилии ҳамбастагии давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон муайян месозад.

Дар аввали солҳои 1990 дар илми ҳуқуқшиносии пасошӯравӣ назарияи пештара оид ба муносибати мутақобилаи давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон бори дигар мавриди омӯзиш қарор гирифт. Раванди даскашӣ аз муносибати мутақобилаи давлат ва инсон оғоз ёфт. Назарияи шӯравии ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрванд бо назарияи фитрии ҳуқуқи инсон иваз гардид [24, с. 223]. Шахсият ба ҳайси омили аввалиндараҷа, ногузир ва муайянкунандаи ташаккули давлати ҳуқуқбунёд баррасӣ карда мешавад [15, с. 68]. Ақида пешниҳод мешавад, ки дар давлати ҳуқуқбунёд муносибатҳои мутақобилаи шартномавӣ миёни давлат ва шахсият дар сатҳи гуногун сурат мегирад [30, с. 305].

Гуногунии идеологӣ ва паҳншавии назарияҳои зиёд дар бораи ҳуқуқи инсон ва тавсифҳои мухталиф оид ба давлати ҳуқуқбунёд мусоидат намуд. Дар баробари ин, намояндагони назарияҳои фитрӣ-ҳуқуқӣ, неопозитивистӣ, либераторӣ-ҳуқуқӣ, сотсиологӣ, антропологӣ ва дигар, ки дар ҷомеаи пасосотсиалистӣ васеъ паҳн шуданд, ҳуқуқи инсонро чун аломати ҷудонопазири давлати ҳуқуқбунёд эътироф намудаанд. Дар ҳар сурат, нисбат ба ҳуқуқ, ҳамбастагии ҳуқуқ ва давлат, робитаи мутақобилаи қонун ва ҳуқуқ ақидаҳои гуногун ҷой доранд. Аз ин лиҳоз, тавсифҳои муосир оид ба робитаи мутақобилаи давлат ва ҳуқуқи инсон гуногунранг буда, ба асосҳои мухталифи назариявӣ ва методологӣ такя мекунанд.

Таҳқиқоти муосир оид ба муносибати мутақобилаи давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон дар доираи проблемаҳои мухталиф амалӣ мешавад. Яке аз онҳо афзалияти ҳуқуқи инсон мебошад, ки бевосита бо масъалаи дигари илмӣ – мустақилияти шахсият алоқамандии зич дорад [1, с. 660].

Е.А. Лукашева афзалияти ҳуқуқи инсонро нисбат ба давлат дар ҷои аввал мегузорад ва онро чун аломати муайянкунандаи давлати ҳуқуқбунёд мешуморад [21, с. 222-223].

Дар давлати ҳуқуқбунёд шакли нави муносибати мутақобилаи давлат ва инсон истифода мешавад. Тибқи он робитаи ҳуқуқӣ на танҳо дар асоси қонунгузории миллӣ, балки

дар асоси ҳуқуқи байналмилалӣ ва арзишҳои ҳуқуқии умумиэътирофшуда сурат мегирад. Дар баробари ин, вазъи ҳуқуқии инсон дар тафовут аз вазъи ҳуқуқии шаҳрванди давлати муайян аз доираи қонунгузории миллӣ берун мебароядъ, зеро ҳуқуқи инсон аз тарафи меъёрҳои байналмилалӣ ба танзим даровардa шуда, сифати миллиро мегирад.

Ҳуқуқи инсон бо мақсади ташкили муносибати мутақобилаи судманд миёни давлат (ҳокимият) ва одамон, ки дорои вазъи ҳуқуқии гуногун (шаҳрвандон, хориҷиён, шахсони бешаҳрвандӣ) мебошанд, афзалияти бештарро дорад. Давлат вазифадор аст, ки ба шахс, новобаста аз нажод, шаҳрвандӣ, вазъи иҷтимоӣ ва ғайра ҳуқуқ ва озодиҳои ӯро кафолат диҳад, зеро инсон дорои ҳуқуқҳои дахлнопазир ва ҷудонопазир мебошад. Дар чунин шароит навъи муносибати мутақобилаи давлат ва ҳар як инсон таъмин мешавад, ки новобаста аз шаҳрвандӣ, нажод ва дигар хусусиятҳои шахсӣ амалӣ мегардад.

Дар адабиёт кӯшиши шарҳи мафҳуми «робитаи мутақобилаи давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон» ба харҷ дода мешавад [3, с. 14]. Ҳамбастагии давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон дар навъҳои гуногуни давлати ҳуқуқбунёд ва дар назарияҳои мухталиф оид ба ҳуқуқи инсон гуногунранг баҳогузорӣ карда мешавад [29, с. 104].

Тарафдорони назарияҳои фитрӣ-ҳуқуқӣ ақидаи волоияти ҳуқуқи инсонро нисбат ба давлат ҳимоя карда, нақши ҳуқуқи инсонро дар маҳдудсозии қудрати беинтиҳои ҳокимият мебинанд. Ба андешаи онҳо, ҳуқуқи инсон ҳадди фаъолияти давлатро муайян мкунад ва агар давлат аз он берун барояд, пас сифати ҳуқуқии худро гум мекунад. Намояндагони назарияҳои фитрӣ-ҳуқуқӣ ҳамбастагии давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсонро дар робита бо арзиши давлати ҳуқуқбунёд, ҳуқуқҳои фитрии инсон, ки дорои афзалияти зиёд дар давлати ҳуқуқбунёд мебошанд, муайян мекунанд.

Дар адабиёти илмии муосир вазифаи асосии давлати ҳуқуқбунёд бо ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон муайян карда мешавад [18, с. 48]. Дар давлати ҳуқуқбунёд муносибати мутақобилаи инсон ва ҳокимият ранги навро мегирад. Вазъи иҷтимоӣ ва ҳуқуқии инсон чун субъекти фаъоли муносибатҳои иҷтимоӣ-сиёсӣ тағйир меёбад. Инсон ҳам алоҳида ва ҳам тавассути ташкилотҳои сиёсӣ бевосита бо давлат дар алоқа мешавад ва шаклҳои гуногуни назорати ҳокимиятро истифода мекунад. Таъсири пештараи давлат (субъект) ба инсон (объекти таъсиршавандаи ҳокимият) дар давлати ҳуқуқбунёд хусусияти робитаи дутарафаро мегирад, зеро инсон аз объекти муносибаҳои ҳокимиятӣ ба субъекти баробарҳуқуқ табдил меёбад. Е.А. Лукашева қайд менамояд, дар таъминнамоии шаъну шарафи инсон «нақши муҳим ба хусусияти муносибати мутақобилаи инсон ва ҳокимият дода мешавад» [20, с. 183].

Маҳз хусусияти муносибатҳо миёни ҳокимият ва шахсият дар таъминнамоии ҳуқуқи инсон нақши муҳимро мебозад ва ба ҳайси нишондиҳандаи камолоти ҷомеа ва давлат, инкишофёбии мабдаъҳои ҳуқуқӣ дар ҳаёти давлатӣ баромад мекунад. Дар режимҳои сиёсии истибдодӣ, тоталитарӣ ва авторитарӣ шарту шароити зарурӣ барои ташкил кардани муносибатҳои судманд миёни ҳокимият ва шахсият вуҷуд надорад. Дар чунин давлатҳо муносибати мутақобилаи давлат ва шахсият дар шакли муносибати ҳокимият бо издиҳом (шахсони бебаҳра, ҳимоянашаванда, беҳуқуқ) зоҳир мегардад ва дар он ҳокимият ба одамон чун ба объекти таъсиррасонии беохир муносибат мекунад. Дар давлати ҳуқуқбунёд ва демократӣ инсон дар баробари давлат чун субъекти баробарҳуқуқ дар муносибатҳои ҳокимиятӣ баромад мекунад. Режими сиёсӣ дар таъминнамоии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон нақши муҳимро мебозад. Ҳуқуқи инсон на фақат аз давлат (ҳокимият) ҷудонопазир аст, балки инчунин бо сиёсати давлат, ҳаёти сиёсӣ ва вазъи сиёсӣ низ алоқамандии зич дорад.

Муносибати мутақобилаи давлат ва инсон масъалаи доимии илмҳои фалсафа, ҳуқуқшиносӣ, сиёсатшиносӣ ва дигар ба ҳисоб меравад. Муносибати мутақобилаи давлат ва шахсият айни замон муносибати мутақобилаи давлат ва ҳуқуқи инсонро низ дар назар дорад. Сатҳи таъминшавии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон аз хусусиятҳои муносибати мутақобилаи давлат ва шахсият вобастагӣ дорад.

Вобаста ба шакли давлат ва вазъи сиёсии муқарраршуда назария ё ақидаи муайян оид ба ҳуқуқи инсон истифода карда мешавад. Дар доираи таълимоти либералӣ оид ба ҳуқуқи инсон, ки дар давраи инқилобҳои буржуазӣ

коркард шуда буд, муносибати мутақобилаи давлат ва шахсият ба сатҳи нав дар асоси назарияи фитрии ҳуқуқи инсон мебарояд. Ҳуқуқҳои фитрии инсон ба ҳайси омили асосии ҳокимияти давлатӣ ҳисобида шуда, чун мабдаи худмаҳдудшавии ҳокимият истифода мешаванд. Назарияи фитрии ҳуқуқи инсон ба худсарӣ ва беназоратии ҳокимияти давлатӣ хотима бахшид. Ба зиммаи давлат вазифа оид ба ҳифз ва ҳимояи ҳуқуқи инсон вогузошта мешавад.

Либерализми буржуазии классикӣ ба ақидаи дахолат накардани давлат ба ҷомеа асос ёфта, нақши давлатро басо маҳдуд месозад. Он пурра ба давраи ташаккули капитализм мутобиқат мекунад. Аммо, сипас дар баробари фаъолшавии фаъолияти иқтисодӣ-ичтимоии давлат, барои таъминнамоии ҳуқуқҳои иқтисодӣ-иҷтимоии инсон (илова ба ҳуқуқҳои шахсӣ ва сиёсӣ) либерализми классикӣ такмили худро талаб мекард. Дар асри XIX дар давраи тафриқаи молу мулкӣ ва сатҳи баланди низои иҷтимоӣ дар ҷомеаи ғарбӣ дар асоси ислоҳоти иҷтимоӣ аз ҷониби неолибералон кӯшиш ба харҷ дода мешавад, ки либерализми классикӣ ба шароити нав мутобиқ карда шаванд. Ба раванди мазкур муқобилият аз ҷониби либералон-консерваторон ба чашм мерасид.

Таълимоти классикӣ (буржуазӣ) дар хусуси ҳуқуқи инсон тағйиротҳои куллиро аз сар гузаронд ва иллатҳои худро дар давраҳои таърихии минбаъда ошкор сохт. Тавре Е.А. Лукашева қайд мекунад, таълимоти классикии буржуазӣ-либералӣ дар бораи ҳуқуқи инсон (ба озодӣ, баробарӣ, фардигароӣ, афзалияти ҳуқуқи инсон ва давлати ҳуқуқбунёд) инсонро бо ҳуқуқ ва озодиҳояш дар маркази инкишофи ҷамъият ҷойгир намудааст. Аммо дар баробари омилҳои гуманистии худ назарияи мазкур аз камбудиҳо ва ифротҳои романтизми буржуазӣ иборат буд, ки онҳо дар раванди инкишофи минбаъдаи ҷомеаи капиталистӣ ошкор гаштанд [21, с. 222-223].

Л.И. Глухарева се намуди ташаккули муносибатҳои сиёсӣ-ҳуқуқиро миёни давлат ва фард ҷудо мекунад: этатистӣ, либералӣ ва демократӣ [9, с. 278-286].

К.А. Бабаджанян ду назарияи таърихӣ оид ба робитаи мутақобилаи фард ва давлатро ҷудо месозад. Назарияи якум, ки дар давлати Шӯравӣ ташаккул ёфтааст, аз афзалияти манфиатҳои давлатӣ нисбат ба манфиатҳои шахсӣ иборат аст. Назарияи дуюм, ки дар эҷодиёти Ҷ. Локк, Г. Гротсий, Ш. Монтеске ва дигарон коркард шудааст, афзалияти манфиатҳои шахсиро нисбат ба манфиатҳои давлатӣ асоснок менамояд [5, с. 115].

Дар адабиёти муосир ду роҳи назарии ҳалли мушкилоти робитаи мутақобилаи шахсият, ҷомеа ва давлат пешниҳод шудааст: коллективӣ ва инфиродӣ (либералӣ), ки дар таълимотҳои муосири ҳуқуқӣ дар шаклҳои гуногун зоҳир гаштаанд [37, с. 134].

Пас аз Ҷанги дуюми ҷаҳонӣ кӯшиши инкишоф додани назарияҳои фардӣ ва коллективии шахсият оғоз ёфт, ки минбаъд дар ғояҳои гуногуни давлати иҷтимоӣ, аз ҷумла дар таълимотҳои сиёсии сотсиал-демократорон ва демократорони насронӣ, ки принсипҳои озодии инфиродӣ, адолат, масъулияти муштарак ва манфиатҳои умумиро бо ҳам муттаҳид месохтанд, ифода ёфт. Дастгирии давлатии ҷомеаи шаҳрвандӣ дар ҳаллу фасли мушкилоти иҷтимоӣ бо роҳи нигоҳ доштани бозор ва озодии инфиродӣ амалӣ гардонида мешавад [37, с. 134-134].

Дар адабиёти пасошӯравӣ яке аз масъалаҳои мубрами дигар дар баробари коркарди илмии масъалаи ҳуқуқи инсон ва давлати ҳуқуқбунёд ин таҳқиқи имконияти истифодаи шаклҳои ғарбии давлати ҳуқуқбунёд дар кишварҳои пасошӯравӣ баромад мекунад. Амалишавии назарияи ҳуқуқҳои ҷудонопазири инсон, идеологияи индивидуализми буржуазӣ, ақидаҳо оид ба мустақилияти инфиродӣ ва озодиҳои фард дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон бо як қатор мушкилиҳо дучор мешавад. Тавре B.C. Нерсесянс қайд мекунад: «Идеологияи ҳуқуқҳои фитрӣ ва ҷудонопазири инсон, озодӣ ва баробарии расмии субъектон чун принсипҳои асосии танзими ҳуқуқӣ, эҳтимолияти ҳамбастагии давлат ва ҳуқуқ …то ҳол аз ҷониби шуури ҳуқуқии оммавӣ ва касбӣ ба таври дуруст дарк нашудаанд…» [27, с. 720].

Мувофиқи эътиқоди як гурӯҳ муаллифон, дар сурати воридшавии бевоситаи назарияҳои ғарбӣ оид ба давлати ҳуқуқбунёд дар ҷомеаи пасошӯравӣ ба инкишофи тартиботи ҷамъиятӣ мусоидат намекунад, балки, баръакс, ба вайроншавии институтҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ

оварда мерасонад [6, с. 3-6]. М.Н. Марченко чунин изҳори ақида кардааст: «Бояд қайд кард, ки дар адабиёти мо дар солҳои охир тамассули беасоси вазъи ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар Ғарб ба чашм мерасад» [23, с. 437]. Н.В. Варламова чунин ақида дорад, ки «давлати ҳуқуқбунёд – институти ҷомеаи шаҳрвандӣ мебошад ва дар сурати набудани он давлат хусусияти ҳуқуқии худро ногузирона аз даст медиҳад» [7, с. 721]. Нуқтаи назари мазкур дар асоси ақидаи ғарбгароёнаи мустақилияти инфиродӣ пешниҳод шудааст.

Ақидаи «мустақилияти фардӣ» аз ақидаҳои фардигароии буржуазӣ сарчашма гирифта, минбаъд ба ҳайси ғизои маънавии либерализми буржуазӣ хизмат кардааст. Ақидаҳо оид ба озодии фардӣ ва баробарии умумиву шаклӣ, хусусияти фитрии ҳуқуқи инсон, дахолат накардани давлат ба ҳаёти шахсӣ, давлати «ақалӣ» (давлати «дидбони шабона»), дахлнопазирии озодии инфиродӣ ва моликияти шахсӣ дар либерализми буржуазии классикӣ мавқеи марказиро ишғол намуд.

Ба андешаи Э.К. Утяшов, «маҳдудияти фардигароӣ ба зудӣ ошкор гашт. Он ба атомистикаи иҷтимоӣ раҳнамоӣ карда, ҷамъиятро чун маҷмӯи фардони мустақил баррасӣ мекард» [37, с. 134].

Дар адабиёти муосир мушкилии робитаи мутақобилаи давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон бо назардошти фаъолияти ҳаёти ҷамъиятӣ ва баланд бардоштани нақши давлати муосир дар ҳаллу фасли масъалаҳои иҷтимоӣ, таъмин намудани муттаҳидшавии иҷтимоии ҷомеа ҳаллу фасл мешавад [4, с. 79]. Таъмин ва ҳимояи ҳуқуқи инсон дар ҷомеаи муосир, ки гирифтори таҳдидҳо ва хатарҳои ҷаҳонӣ аст, аз як тараф хавфи дохилӣ ва низоъҳои иҷтимоӣ, аз тарафи дигар ҳастии давлати қобили амалро ба миён меорад [13, с. 13]. Дар баробари ақида оид ба умумияти ҳуқуқи инсон ҳамчунин, ғояи афзоиши нақши давлат дар риоя ва ҳифзи он васеъ паҳн мешавад. Минбаъд раванди таъсирнамоии фарқияти фарҳангӣ, динӣ, сиёсӣ ва иҷтимоии давлатҳо ба ақидаи умумияти ҳуқуқи инсон оғоз ёфт. Ба ин нигоҳ накарда, риоя ва ҳифзи ҳуқуқи инсон вазифаи асосии давлат, сарфи назар аз тафовути тамаддунҳои фарҳангии онҳо ба ҳисоб меравад.

Низоъҳои ҳарбӣ, нашъамандӣ, экстремизм, терроризми байналмилалӣ ва дигар хатарҳои ҷаҳонӣ ба ҳуқуқ ва озодиҳои инсон на танҳо дар доираи миқёси ҷаҳонӣ, балки дар дохили давлатҳои алоҳида таҳдиди воқеӣ доранд. Дар шароити имрӯза мушкилии ҳуқуқи инсон аз доираи манфиати фарди алоҳида берун мебарояд. Он дар ҳамбастагӣ бо мушкилии ҳимояи мустақилияти давлат, манфиатҳои миллӣ, таъмин кардани ягонагии давлатӣ ва пешгирии заволи давлат коркард мешавад. Аз рӯи гуфтаҳои В.Д. Зоркин, маҳз парокандашавии давлат, «падидаҳои экстремизм, сепаратизм, терроризм, ҷангҳои шаҳрвандӣ, ки бо он алоқамандии зич доранд, ба вайроншавии оммавии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва ба куштори одамон мерасонад» [13, с. 13].

Таҳқиқоти илмии гузаронидашуда имконият медиҳад, ки хулосаҳои зерин баён гарданд:

1. Дар шароити ташаккули давлати ҳуқуқбунёд робитаи мутақобилаи давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқҳои инсон ба сатҳи нав мебарояд. Аз як тараф арзишҳои давлатдории ҳуқуқӣ дар сатҳи конститутсия ва дар таълимоти илмӣ пазирфта мешаванд. Аз тарафи дигар заминаи нави назариявӣ ва методологии давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон ташаккул меёбад.

2. Ба хусусияти ҳамбастагии давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон навъҳои муносиби дарки ҳуқуқ таъсиррасон мебошанд. Дар доираи ин ё он назарияи ҳуқуқ хусусияти ҳамбастагии давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон ошкор мешавад.

3. Ба робитаи мутақобилаи давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон сатҳи ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ ва сохторҳояш, сатҳи ҳамбастагии он бо давлат таъсир мерасонад. Сатҳи инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамчун шарти робитаи мутақобилаи судманди давлати ҳуқуқбунёд ва инсон дар доираи режими демократӣ имконпазир мегардад.

4. Робитаи мутақобилаи давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон дар шаклҳои зерин зоҳир мегардад: а) эътироф, риоя ва ҳимояи ҳуқуқ ва озодиҳои ҷудонопазир ва дахлнопазири инсон ҳамчун вазифаи асосии давлат; б) кафолати амалигардонии ҳуқуқ ва озодиҳои инсон; в) аз ҷониби давлат фароҳам овардани шароити зарурӣ барои ташаккул ва инкишофи ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамчун ҷамъияти

шахсони озод; г) масъулияти шахс нисбат ба давлат ва ҷомеаи ҷаҳонӣ; д) масъулияти мутақобилаи давлати ҳуқуқбунёд ва инсон; е) ташкили ҳокимияти давлатӣ дар асоси арзиши иҷтимоии ҳуқуқҳои инсон, волоияти ҳуқуқ, таҷзияи ҳокимият;

5. Робитаи мутақобилаи давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон робитаи ҳуқуқӣ мебошад, ки ҳамчун ҳамбастагии ҳуқуқӣ миёни ҳокимият ва инсон баромад мекунад.

6. Робитаи мутақобилаи давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон шакли муносибати мутақобилаи баробар ва шарикона мебошад, ки миёни давлат ва инсон тавассути ҳуқуқҳо ва вазифаҳои тарафайн ба миён меояд.

**Рӯйхати адабиёт:**


1. Алексеев С.С. Восхождение к праву. Поиски и решения. – М., 2001. – С. 660.
2. Антология мировой философии. – М., 1969. – Т. 1. – Ч. 1. – С. 321.
3. Антонов И.Ю. Правовое государство и основные права и свободы человека: дис. … канд. юрид. наук. – М., 2005. – С. 14.
4. Атаманчук Г.В. Теория государственного управления. – М., 2004. – С. 79.
5. Бабаджанян К.А. Современная концепция взаимоотношения государства и личности // Правовая политика и правовая жизнь. – 2011. – № 4. – С. 115.
6. Биктасов О.К., Щербаковский Г.З. Взаимодействие государства и гражданского общества в условиях интеграции в международную правовую систему: некоторые вопросы истории и теории // История государства и права. – 2006. – № 6. – С. 3-6.
7. Варламова Н. В. Постсоциалистическое общество. Право и государство в России // Проблемы общей теории права и государства / Под ред. В.С. Нерсесянца. – С. 721.
8. Гегель Г.В.Ф. Философия права. – М., 1990. – С. 89.
9. Глухарева Л.И. Права человека в системе теории права и государства: общетеоретические, философско-правовые и методологические проблемы: дис. … д-ра юрид. наук. – М., 2004. – С. 278-286.
10. Гоббс Т. Соч.: в 2 т. - М., 1991. – Т.2. – С. 132-133.
11. Гроций Г. О праве войны и мира. – М., 1956. – С. 74.
12. Дигесты Юстиниана // Хрестоматия по истории государства и права зарубежных стран. В 2-х т. / Отв. ред. Н.А. Крашенинникова.– М., 2007. – Т.1. – С. 292.
13. Зорькин В.Д. Современное российское правопонимание и его законодательное воплощение // Наш трудный путь к праву: Материалы философско-правовых чтений памяти академика В.С. Нерсесянца. – М., 2006. – С. 13.
14. Кант И. К вечному миру. Трактовка о вечном мире. – М., 1963. – С. 185.
15. Керимов Д.А. Проблемы общей теории права и государства. Правовое государство. – М., 2001. – Т.1. – С. 68.
16. Кудрявцев В.Н., Лукашева Е.А. Социалистическое правовое государство // Социалистическое правовое государство. Проблемы и суждения / Отв. ред. Б.Н. Топорнин. – С. 12-23.
17. Курский Д.И. Избранные статьи и речи. – М., 1948. – С. 126.
18. Лапаева В.В. Российская юриспруденция в поисках нового типа правопонимания // Наш трудный путь к праву: Материалы философско-правовых чтений памяти академика В.С. Нерсесянца / Сост. В.Г. Графский. – М., 2006. – С. 48.
19. Локк Дж. Избранные философские произведения. – М., 1960. – Т.2. – С. 50.
20. Лукашева Е.А. Права человека, политика, мораль // Права человека / Отв. ред. Е.А. Лукашева. – С. 178-179.
21. Лукашева Е.А. Человек и государство // Права человека / Отв. ред. Е.А. Лукашева. – С. 222-223.
22. Малицкий А.А. Советская конституция. 2-е изд. – Харьков, 1925. – С. 26.
23. Марченко М.Н. Теория государства и права. – М., 2004. – С. 437.

24. Матузов Н.И. Право и личность // Общая теория права / Под общ. ред. В.К. Бабаева. – Нижний Новгород, 1993. – С. 223.
25. Моль Р. Наука полиции по началам юридического государства. – СПб., 1871. – С. 5, 6, 288, 289.
26. Монтескье Ш. Избранные произведения. – М., 1955. – С. 289.
27. Нерсесянц В.С. Постсоциалистическое общество, право и государство в России // Проблемы общей теории права и государства / Под ред. В.С. Нерсесянца. – М., 2001. – С. 720.
28. Нерсесянц В.С. Права человека в истории политико-правовой мысли // Теория прав человека / Отв. ред. Е.А. Лукашева. – М., 2000. – С. 35.
29. Нерсесянц В.С. Философия права. – М., 1998. – С. 104.
30. Перевалов В.Д. Теория государства и права. – М., 2005. – С. 305.
31. Проблемы теории государства и права / Под ред. С.С. Алексеева. – М., 1979. – С. 269.
32. Программа Коммунистической партии Советского Союза. – М., 1961. – С. 101.
33. Руссо Ж.-Ж. Трактаты. – М.,1969. – С. 161.
34. Социалистическое правовое государство // Социалистическое правовое государство. Проблемы и суждения / Отв. ред. Б.Н. Топорнин. – С. 109-193.
35. Спиноза Б. Избранные произведения. – М., 1957. – Т.2. – С. 261.
36. Стучка П.И. Избранные произведения по марксистско-ленинской теории права. – Рига, 1964. – С. 58.
37. Утяшов Э.К. Личность, общество и государство // Проблемы теории государства и права / Под ред. В.М. Сырых. – М., 2008. – С. 134.
38. Хрестоматия по истории государства и права зарубежных стран. – М., 1984. – С. 209.
39. Цицерон М.Т. Диалоги о государстве – о законах. – М., 1966. – С. 6.
40. Явич Л.С. Проблемы правового регулирования советских общественных отношений. – М., 1961. – С. 40-41.

**Аннотатсия**

**Заминаҳои илмӣ-методологии инкишофи назарияҳои робитаи давлат ва шахс**

Дар мақола заминаҳои илмӣ-методологии инкишофи назарияҳои робитаи давлат ва шахс, аз ҷумла андешаву назарияҳои олимон мавриди таҳкқиқ ва баррасӣ қарор гирифтааст. Ҳамзамон рушди муносибатҳои ба инсон бо инсон ва табиати иҷтимоиву ҳуқуқии ӯ бо давлат мавриди таҳлил қарор дода шудааст. Аз ҷумла, шаклҳои муосири робитаи мутақобилаи давлат ва шахс (ҳамкории давлати ҳуқуқбунёд ва ҳуқуқи инсон) ва андешаҳои олимон оид ба ин масъала мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

**Аннотация**

**Научно-методологические аспекты развития теорий взаимоотношений государства и личности**

В статье исследованы и обсуждены научно-методологические аспекты развития теорий взаимоотношений государства и личности, в том числе мнения и теории ученых. При этом проанализировано развитие отношений человека с человеком и его социально-правовая природа с государством. В частности, изучены современные формы взаимодействия государства и личности (правовое государственное сотрудничество и права человека) и мнения ученых по этому вопросу.

**Annotation**

**Scientific and methodological aspects of the development of theories of relations between the state and the individual**

The article explores and discusses the scientific and methodological aspects of the development of theories of the relationship between the state and the individual, including the opinions and theories of scientists. At the same time, the development of human-to-human relations and its social and legal nature with the state are analyzed. In particular, modern forms of interaction between the state and the individual (legal state cooperation and human rights) and the opinions of scientists on this issue have been studied.



**УДК: 347.9**

**Табаров Неъмон Амонович,**
*номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.*
*E-mail: nemon.tabarov.65@mail.ru*
*Тел.: (+992) 907-97-65-12.*

# ДАР БОРАИ КОНСЕПСИЯҲОИ ҲУҚУҚИ МУРОФИАВӢ ДАР МИСОЛИ ҲУҚУҚИ МУРОФИАВИИ МАЪМУРӢ

***Калидвожаҳо:*** *мурофиаи маъмурӣ; сохтори мурофиаи маъмурӣ; баҳси маъмурӣ-ҳуқуқӣ; мурофиаи судии маъмурӣ; адлияи маъмурӣ.*

***Ключевые слова:*** *административный процесс; структура административного процесса; административно-правовой спор; административное судопроизводство; административная юстиция.*

***Keywords:*** *administrative process; structure of the administrative process; administrative-legal dispute; administrative legal proceedings; administrative justice.*

Дар илми маъмурӣ-ҳуқуқӣ мазмуни мафҳуми «мурофиаи маъмурӣ» зиёда аз ним аср боз мавриди баҳс қарор дорад. Дар нимаи дуюми асри ХХ муҳаққиқони мурофиаи маъмурӣ ба ду гурӯҳ - тарафдорони равиши «маъмурӣ» ва тарафдорони равиши «юрисдиксионӣ» ҷудо шуданд. Дар ибтидои асри XXI консепсияи сеюми мурофиаи маъмурӣ - юститсионӣ (адлиявӣ) рушд намуд. Ба ғайр аз ин, кӯшишҳои ба вуҷуд овардани як навъ сохтори синтетикии мурофиаи маъмурӣ, ки равишҳои гуногуни назариявии фаҳмиши онро ба ҳам бипайвандад, мавҷуданд. Дар вақти ҳозира бо назардошти тағйирот ва рушди муносибатҳои ҳуқуқии маъмурӣ зарурати фаҳмиши якхелаи категорияи мурофиаи маъмурӣ ба миён омадааст.

Ба тарафдорони консепсияи «идоракунӣ» гурӯҳи хеле калони олимони соҳаи ҳуқуқи маъмурӣ мансубанд, вале дар байни онҳо дар масъалаи моҳият ва мазмуни мурофиаи маъмурӣ ягонагии назарҳо мавҷуд нест. Аксарият чунин мешуморанд, ки мурофиаи маъмурӣ аз шумораи муайяни истеҳсолотҳои оид ба ҳал намудани парвандаҳои мушаххаси фардӣ дар соҳаи идоракунии давлатӣ иборат аст. Дар ин ҷо омили муайянкунанда андешаи В.Д. Сорокин мебошад, ки мафҳумҳои «мурофиа» ва «истеҳсолот»-ро ҳамчун умумӣ ва махсус алоқаманд мекунад: «мурофиа - ҷамъи истеҳсолотҳо мебошад; истеҳсолот - қисми органикии мурофиа аст» [15, с. 348]. Худи истеҳсолоти маъмурӣ бошад ҳамчун «намуди махсуси фаъолияти маъмурӣ оид ба ҳалли парвандаҳои категорияи муайян дар асоси меъёрҳои умумӣ ва махсус» муайян карда мешавад [3, с. 4]. Аммо муаллифони гуногун дар сохтори мурофиаи маъмурӣ шумораи гуногуни истеҳсолотҳоро ҷудо мекунанд. Зиёда аз он, онҳо истеҳсолотҳои мазкурро дар намудҳои гуногуни мурофиаи маъмурӣ муттаҳид мекунанд. Масалан, И.В. Панова се намуди мурофиаи маъмуриро ҷудо мекунад: маъмурӣ-меъёрэҷодкунӣ, маъмурӣ-ҳуқуқтатбиққкунӣ ва маъмурӣ-юрисдиксионӣ [13, с. 54].

Ба он нигоҳ накарда, ки равиши мазкур қариб анъана шудааст, дар илми маъмурӣ-ҳуқуқӣ норозигиҳо нисбати он мавҷуданд, ки оё тақсим намудани мурофиаи ягонаи маъмурӣ ба намудҳои муайян имконпазир аст. Худи ҳамон В.Д. Сорокин қайд мекунад, ки «танҳо як мурофиаи маъмурӣ ҳаст, ки аз якчанд истеҳсолотҳо иборат мебошад ва он ба осонӣ мавриди тасниф қарор мегирад, аз ҷумла оне, ки И.В. Панова таклиф кардааст, аммо аллакай дар чунин тафсир: мурофиаи маъмурӣ аз се намуди истеҳсолотҳо ба вуҷуд меояд: маъмурӣ-ҳуқуқэҷодкунӣ, маъмурӣ-ҳуқуқваколатдоркунанда, маъмурӣ-юрисдиксионӣ» [15, с. 207].

Ҳангоми баррасии чунин сохтори мурофиаи маъмурӣ равшан кардан душвор нест, ки ҳар кадоме аз ин истеҳсолотҳои зикргардида дар навбати худ ба намудҳои алоҳидаи истеҳсолотҳо, масалан, маъмурӣ-юрисдиксионӣ - ба истеҳсолот аз рӯи парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, истеҳсолот аз рӯи шикоятҳо, истеҳсолоти иҷро, истеҳсолоти интизомӣ тақсим мешаванд. Аз ин ҷо, нофаҳмиҳои истилоҳотӣ - истеҳсолот дар истеҳсолот ба миён меояд, зимнан олим дар бораи он, ки чӣ метавонад маҳаки фарқкунандаи навъи истеҳсолот аз намуд хизмат кунад, хомӯш аст. Дигар ақидаҳо низ мавҷуданд. Чунин намудҳои мурофиаи маъмурӣ, ба монанди маъмурӣ-идоракунӣ, маъмурӣ-юрисдиксионӣ ва маъмурӣ-судӣ мавҷуданд [4, с. 6], ки дар таҳти охирин адлияи маъмурӣ фаҳмида мешавад. Чунин нуқтаи назарро Н.Г Салишева, Н.Ю. Хаманева ва дигарон дастгирӣ менамоянд, ки ба ақидаи онҳо мурофиаи маъмурӣ - ин падидаи ягонаи ҳуқуқӣ буда, се таркибро дар бар мегирад: фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроия оид ба амалисозии ваколатҳои онҳо, фаъолият оид ба татбиқи чораҳои маҷбуркунии маъмурӣ аз ҷониби мақомоти ғайрисудӣ ва судӣ ва фаъолият дар соҳаи адлияи маъмурӣ [1]. Зимнан мурофиаи «идоракунӣ»-ро мурофиаи «маъмурӣ-расмиётӣ» номида, ки унсурҳои гуногуни сохториро ба таркиби он дохил мекунанд ё аз он хориҷ мекунанд. Масалан, И.М. Лазарев ба мафҳуми мурофиаи маъмурӣ фаъолияти меъёрэҷодкунии мақомоти ҳокимияти иҷроияро дохил намекунад [9, с. 11] ва ғайра.

Намояндагони равиши «идоракунӣ» дар мавқеъҳои назариявии худ ба фаҳмиши «васеъ»-и мурофиаи ҳуқуқӣ ҳамчун фаъолияти хусусияти ҳокимиятидошта, иродавӣ, мақсаднок, бо меъёрҳои мурофиавӣ батартибандохташуда ва бо санадҳои ҳуқуқӣ ба расмият даровардашуда такя менамоянд. Зимнан набояд онро нодида гирифт, ки қонунгузории мурофиавии Тоҷикистон дар асоси фаҳмиши мурофиаи ҳуқуқӣ маҳз ҳамчун фаъолияти судӣ ташаккул ёфтааст. Ва агар, масалан, дар матни русии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи молияи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» мафҳуми «бюджетный процесс» сабт карда шудааст, он гоҳ ин ҳаргиз маънои ягонагии «бюджетный процесс» ва, масалан, мурофиаи гражданиро надорад. Оне, ки «бюджетный процесс» «процесс» номида шудааст, бештар натиҷаи мушкилоти (проблемаи) забонӣ - гуногунмазмунии истилоҳи «процесс» аст, на умуман кӯшиши қонунгузор ба фаҳмидани мурофиаи ҳуқуқӣ ба маънои васеъ. Дар ҳолати мазкур ҳақ ба ҷониби А.А. Демин аст, ки қайд менамояд«аз ҷониби маъмурият иҷро намудани ваколатҳои худ бо роҳи ғайрисудӣ – ин муносибатҳои мурофиавӣ нест» [5, с. 5].

Ба тарафдорони равиши «идоракунӣ» намояндагони консепсияи «юрисдиксионӣ» муқобил меистанд, ки қайд мекунанд «мурофиаи маъмурӣ - ин фаъолияти ҳуқуқтатбиқкунӣ ва ҳифзиҳуқуқии бо меъёрҳои мурофиавии маъмурӣ (маъмурӣ-мурофиавӣ) танзимшудаи мақомоти ҳокимияти иҷроия, инчунин дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонун дигар мақомот ва шахсони мансабдор оид ба татбиқи муҷозоти маъмурӣ-ҳуқуқӣ (ҳуқуқии маъмурӣ) ҳангоми ҳал намудани парвандаҳои мушаххаси инфиродие, ки аз муносибатҳои ҳуқуқии ба тобеияти идоракунӣ (хизматӣ) алоқаманднабуда бармеоянд, мебошад» [11, с. 12].

Бояд қайд кард, ки дар байни тарафдорони ин равиш дар масъалаи мазмуни мурофиаи маъмурии юрисдиксионӣ ягонагии андешаҳо вуҷуд надорад. Баъзе муҳаққиқон онро танҳо бо истеҳсолоти парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ нисбат мекунанд, дигарон онро аломати зарурии хусусияти сетарафаи муносибатҳои ҳуқуқӣ ҳисоб мекунанд, яъне мавҷудияти баҳси маъмурӣ-ҳуқуқӣ, ки ба он метавон, масалан, шикоят намудан аз амал ва қарорҳои мақомоти ҳокимияти иҷроия ва шахсони мансабдори онҳоро мансуб донист.

Ҳамин тариқ, дар доираи консепсияи «юрисдиксионӣ» низ фаҳмиши маҳдуд ва васеи мурофиаи маъмурӣ вуҷуд дорад. Фикру мулоҳизаҳои намояндагони фаҳмиши «маҳдуд»-и мурофиаи маъмурии юрисдиксионӣ дурусттар ба назар мерасанд. Баъзеи онҳо мурофиаи маъмурии юрисдиксиониро маъмурӣ-деликтӣ номида, онро ҳамчун «фаъолияти бо қонун танзимшудаи судяҳо, мақомот, шахсони

мансабдор оид ба оғоз, тафтиш ва ҳалли парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, иҷрои қарорҳо оид ба таъйини ҷазои маъмурӣ, ки барои пешгирии тайёр кардан, ошкор ва тафтиши ҳуқуқвайронкуниҳои содиршуда, ба ҷавобгарии муқаррargардида кашидани шахсони гунаҳкор равон карда шудаанд, ки боиси пайдоиши муносибатҳои ҳуқуқии байни иштирокчиёни чунин фаъолият мегарданд», муайян мекунанд [8, с. 9]. Ҳамин гуна нуқтаи назарро шумораи зиёди ҳуқуқшиносони таҷрибакор тарафдорӣ намуда, қайд менамоянд, ки ҳуқуқи мавҷудиятро ба сифати мурофиаи маъмурӣ ягона намуди фаъолияти мурофиавии ба таври қонунгузорона танзимшуда – истеҳсолоти парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дорад.

Чунин ба назар мерасад, ки ин мавқеъ аз нуқтаи назари баррасии баъзе аломатҳои умумии ҳамаи намудҳои мурофиаи ҳуқуқӣ асоснок аст, зеро ҳам мурофиаи гражданӣ ва ҳам мурофиаи ҷиноятӣ моҳиятан тартиби бо қонунгузорӣ муқарраршудаи ба намуди дахлдори ҷавобгарии ҳуқуқӣ кашиданро ифода мекунад. Ба онҳо бояд намуди сеюми мурофиаи ҳуқуқӣ - тартиби меъёран сабтшудаи ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидан низ мувофиқат кунад. Бояд қайд кард, ки ҳангоми мавриди амал қарор додани Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон (1 апрели соли 2009), он ҳам меъёрҳои моддиеро дар бар мегирифт, ки вазифаҳо ва принсипҳои ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидан, мафҳуми ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, таркиби ҳуқуқвайронкунии маъмуриро сабт мекарданд ва ҳам меъёрҳои мурофиавие, ки тартиби истеҳсолоти парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмуриро муайян мекарданд. 22 июли соли 2013 Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоқикистон мавриди амал қарор дода шуда, меъёрҳои мурофиавии дар Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда (ФАСЛИ III (Бобҳои 41 – 42, Моддаҳои 692 – 732) ва ФАСЛИ IV (Бобҳои 43 – 51, Моддаҳои 733 – 853)), ба Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоқикистон ворид карда шуданд.

Ба далелноккунии мазкур нигоҳ накарда, дар ин ҷо аз ҳама бештар самараноктар консепсияи адлиявии мурофиаи маъмурӣ ба назар мерасад.

Яке аз муътабартарин намояндагони равиши «адлиявӣ» ба фаҳмиши мурофиаи маъмурӣ Ю.Н. Старилов фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроияро ба ду намуд – мурофиаи идоракунӣ ва мурофиаи маъмурӣ ҷудо мекунад. Мурофиаи маъмурӣ бо адлияи маъмурӣ – «низоми мақомоти судӣ (ё квазисудӣ), ки парвандаҳои маъмурии бо даъвоҳои шаҳрвандон оғозшударо баррасӣ мекунанд, ки ба андешаи онҳо бо амалҳо ва қарорҳои (санадҳои маъмурии) мақомоти идоракунӣ ва хизматчиёни давлатӣ ҳуқуқу озодиҳои онҳо вайрон карда шудаанд», айният карда мешавад [16, С. 39].

Ҳамин тавр, Ю.Н. Старилов фаҳмиши маҳдуди адлияи маъмуриро тарафдорӣ намуда, онро танҳо бо мурофиаи судӣ айният менамояд ва ба ин мафҳум тартиби ғайрисудии (маъмурии) шикоят аз амал ва қарори мақомоти иҷроияро ворид намекунад. Нуқтаи назари олим аз ҷиҳати инкишофи қонунгузории мурофиавии маъмурӣ хеле умедбахш ба назар мерасад, зеро дар вақти ҳозира институти адлияи маъмурӣ, ки шакли муҳимтарини назорати судӣ аз болои фаъолияти мақомоти иҷроия мебошад, суст инкишоф ёфтааст. Мавриди баҳс қарор додани санадҳои ғайримеъёрии ҳуқуқӣ, қарорҳо ва амали (беамалии) мақомоти ҳокимияти давлатӣ, дигар мақомот ва шахсони мансабдор бо тартиби судӣ амалӣ карда мешавад, аммо мурофиаи судӣ ҳам дар судҳои салоҳияти умумӣ ва ҳам дар судҳои иқтисодӣ бурда мешавад ва мувофиқан бо меъёрҳои Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси мурофиавии иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим карда мешавад.

Зимнан, парвандаҳое, ки аз муносибатҳои ҳуқуқии омма бармеоянд, хусусиятҳои хоси худро доранд ва бояд бо тартиб ва дар асоси меъёрҳои ҳуқуқие баррасӣ карда шаванд, ки дар санади мурофиавии алоҳида - Кодекси мурофиавии маъмурӣ сабт гардидаанд. Ю.Н. Старилов зарурати такмили танзими ҳуқуқии тартиби амалигардонии он фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроияро, ки намояндагони равиши «идоракунӣ» ба мазмуни мурофиаи маъмурӣ дохил мекунанд, рад намекунад. Аммо ба ҷойи таъсиси кодекси

ягонаи мурофиавии маъмурӣ ӯ пешниҳод мекунад, ки якчанд санадҳои меъёрии ҳуқуқии алоҳида қабул карда шаванд: қонун дар бораи санадҳои ҳуқуқии идоракунӣ, дар бораи расмиёти маъмурӣ ва ғайра [17, с. 114].

Баъзе олимони соҳаи ҳуқуқи маъмурӣ нуқтаи назари бевосита муқобилро тарафдорӣ намуда, мафҳуми адлияи маъмуриро ба мазмуни фаъолияти мурофиавии маъмурӣ дохил накарда, бо он афзалиятан фаъолияти идоракунии хусусияти мусбӣ доштаро айният мекунанд [12, с. 95]. Муаллифони дигар мафҳуми мурофиаи судии маъмуриро нисбат ба мафҳуми адлияи маъмурӣ васеътар ҳисобида, бо мурофиаи судии маъмурӣ мавҷудияти баҳси маъмуриро алоқаманд менамоянд. Дар таҳти баҳсҳои маъмурӣ онҳо одатан «на танҳо парвандаҳо оид ба мавриди баҳс қарор додани санадҳои ғайримеъёрии ҳуқуқӣ, қарорҳо ва амали (беамалии) мақомоти ҳокимияти давлатӣ, дигар мақомот ва шахсони мансабдор, балки парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмуриро низ, инчунин парвандаҳо оид ба ситонидани пардохтҳои ҳатмӣ ва муҷозот (санксия)-ро низ» мефаҳманд [2].

Бисёре аз намояндагони илми ҳуқуқи маъмурӣ чунин мешуморанд, ки аввалан, мафҳумҳои адлияи маъмурӣ ва мурофиаи судии маъмурӣ якхелаанд, дуюм бошад, маҳз адлияи маъмурӣ мазмуни мурофиаи маъмуриро ташкил медиҳад. «...Мурофиаи маъмурӣ, ба мисли пештара бояд судӣ бошад. Яъне мафҳуми мурофиаи маъмурӣ бояд бо мурофиаи судии маъмурӣ ва бо адлияи маъмурӣ алоқаманд бошад», - қайд мекунад В.Е. Севрюгин [14, с. 42]. Маҳз ҳамин нуқтаи назар аз ҳама бештар дурусттар ба назар мерасад.

Агар ба фаҳмиши мурофиаи маъмурӣ баргардем, пас, ба эҳтимол, проблемаи асосӣ дар муайян кардани моҳият ва мазмуни мурофиаи маъмурӣ худи истилоҳи «маъмурӣ» мебошад. Аз як тараф, он ҳамчун синоними истилоҳи «идоракунӣ» қабул карда мешавад, ки ин асос барои ҷудо кардани мурофиаи маъмурии идоракунӣ ҳамчун тартиби меъёран сабтгардидаи ҳама гуна намуди фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроия ҳангоми ҳалли парвандаҳои мушаххаси инфиродии ҳам бо мавҷудияти баҳси ҳуқуқии маъмурӣ алоқамандбуда ва ҳам алоқаманднабуда, хизмат мекунад. Аз тарафи дигар, калимаи «маъмурӣ» унсури таркибии мафҳуми «ҷавобгарии маъмурӣ» мебошад, ҳарчанд ниҳоди мазкур метавонад ба фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроия ба таври ҷиддӣ дахолат накунад. Худи истилоҳот таърихан инкишоф ёфта, дар қонунгузории муосир сабти худро пайдо кардааст.

Маҳз истилоҳот яке аз сабабҳои ба вуҷуд омадани мафҳуми «маҳдуд»-и мурофиаи маъмурӣ мебошад - агар ҷавобгарӣ «маъмурӣ» бошад, пас тартиби ба намуди мазкури ҷавобгарӣ кашидан мазмуни мурофиаи маъмуриро ташкил менамояд. Аммо дар ин ҷо муносибати консептуалии фаҳмиши низоми ҳуқуқи маъмурӣ ва моҳияти муносибатҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ (ҳуқуқии маъмурӣ) муҳим аст.

Агар субъекти асосии муносибатҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ (ҳуқуқии маъмурӣ) мақомоти ҳокимияти иҷроия бошад, пас дар бораи истеҳсолоти парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҳамчун дар бораи фаъолияти маъмурӣ-мурофиавӣ сухан рондан мувофиқи мақсад нест, зеро он ба доираи нисбатан маҳдуди соҳаи муносибатҳои идоракунӣ дахолат мекунад. Ба назари мо, барои муайян кардани мафҳуми мурофиаи маъмурӣ на танҳо ваколатҳои мақомоти муайяни ҳокимияти иҷроия оиди ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидани субъектҳои дигари муносибатҳои маъмурӣ-ҳуқуқӣ (ҳуқуқии маъмурӣ), балки имконияти ба ҷавобгарӣ кашидани худи мақомоти ҳокимияти иҷроия дар ҳолати аз ҷониби онҳо вайрон кардани талаботи қонунгузории Тоҷикистон низ муҳим аст. Мақсади ҳама гуна мурофиаи ҳуқуқии судӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ниҳоят таъмини қонуният ва ҳимояи ҳуқуқҳои шаҳрвандон ва дигар субъектҳои ҳуқуқ мебошад.

Дар доираи мурофиаи ҳуқуқӣ муносибатҳои ҳифзӣ амалӣ карда мешаванд, бинобар ин, механизми таъмини қонунияти фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроия ҳангоми аз ҷониби онҳо амалӣ намудани функсияҳои идоракунии давлатӣ зарур аст. Чунин механизм назоратбарии судӣ аз болои фаъолияти мақомоти ҳокимияти иҷроия – адлияи маъмурӣ мебошад. Фаъолияти мусбии (позитивии) мақомоти ҳокимияти иҷроия

бошад бо расмиёти идоракунӣ ё маъмурӣ танзим карда мешавад.

Ҳамин тариқ, агар ҳамаи равишҳои дар боло зикргардидаро оид ба фаҳмиши мурофиаи маъмурӣ таҳлил кунем, он гоҳ аз нуқтаи назари тамомияти он, ягонагӣ, дурнамои рушд, мавқеъ дар низоми қонунгузории мурофиавӣ аз ҳама бештар дурусташ нуқтаи назари тарафдорони равиши адлиявӣ (юститсионӣ) ба назар мерасад. Фаҳмиши мурофиаи маъмурӣ ҳамчун намуди фаъолияти судӣ ба низоми дигар мурофиаҳои судӣ – конститутсионӣ, гражданӣ, иқтисодӣ, ҷиноятӣ, мувофиқат мекунад. Зимнан мазмуни он бояд на танҳо тартиби ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидан, балки ҳимояи судии ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон аз амалҳои ғайриқонунии мақомоти маъмурияти давлатӣ низ бошад.

Институти адлияи маъмурӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вақти ҳозира вуҷуд дорад, аммо он ба ислоҳоти кулл ниёз дорад. Масъалаи такмил додани институти адлияи маъмурӣ ба ҳалли ду масъала (проблема) асос меёбад. Ба якумаш, танзими ҳуқуқӣ мансуб аст, ки бояд ба Кодекси мурофиавии маъмурӣ асос ёбад. Масъалаи дуюм аз он иборат аст, ки кадом мақомот бояд парвандаҳоро дар доираи адлияи маъмурӣ баррасӣ намояд. Таҷрибаи аврупоӣ нишон медиҳад, ки якчанд моделҳои адлияи маъмурӣ мавҷуданд. Ба назари мо, бояд парвандаҳоро дар доираи адлияи маъмурӣ судҳои салоҳияти умумӣ ва судҳои иқтисодӣ баррасӣ намоянд. Аз ин хотир, зарурат ба судҳои мустақили маъмурӣ нест.

**Рӯйхати адабиёт:**


1. Алехин А.Н. Административный процесс как разновидность юридического процесса // Законы России: опыт, анализ, практика. - 2007. - № 1. - С. 113-121.
2. Андреева Т.К. Административная юстиция в России как система разрешения споров в арбитражном судопроизводстве // Российский судья. - 2012. - № 12. - С. 9-12.
3. Бахрах Д.Н. Административно-процессуальная деятельность государственной администрации // Административное право и процесс. - 2009. - № 3. - С. 2-6.
4. Гречкина О.В. Административный процесс в Российской Федерации. - Челябинск : Изд-во ЮУрГУ 2008. - 186 с.
5. Демин А.А. Понятие административного процесса и кодификация административно-процессуального законодательства Российской Федерации // Государство и право. - 2000. - № 1. - С. 5-12.
6. Зырянов С.М. Новая кодификация административно-процессуальных норм становится реальной // Вестник Евразийской академии административных наук. - 2009. - № 1 (16). - С. 13-16.
7. Костенников М.В. К вопросу о кодификации норм административного права России // Государство и право. - 2002. - № 4. - С. 19-29.
8. Круглов В.А. Административно-деликтный процесс. - М. : Изд-во деловой и учеб. лит., 2005. - 336 с.
9. Лазарев И.М. Административные процедуры в сфере взаимоотношений граждан и их организаций с органами исполнительной власти в Российской Федерации: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. - М., 2002. - 20 с.
10. Масленников М.Я. Пояснительная записка к проекту Российского административно-процессуального кодекса // Административное право и процесс. - 2008. - № 6. - С. 27-30.
11. Масленников М.Я. Российский административный процесс: триединство процессуальной нормы, содержания и формы // Административное право и процесс. - 2008. - №2. - С. 10-13.
12. Николаева Л.А. Административная юстиция и административное судопроизводство: зарубежный опыт и российские традиции. - СПб. : Юрид. центр Пресс, 2004. - 332 с.
13. Панова И.В. Административно-процессуальное право России. - 3-е изд., пересм. - М. : Норма : Инфра-М, 2012. - 336 с.
14. Севрюгин В.Е. От административной ответственности к административному судопроизводству // Административное право и процесс. - 2006. - № 1. - С. 41-43.
15. Сорокин В.Д. Административно-процессуальное право. - 2-е изд., перераб. и доп. - СПб. : Юрид. центр Пресс, 2008. - 571 с.

16. Старилов Ю.Н. Административная юстиция. Теория, история, перспективы. - М. : Норма-Инфра-М, 2001. - 304 с.
17.Старилов Ю.Н. От административной юстиции к административному судопроизводству. - Воронеж : Изд-во Воронеж. гос. ун-та, 2003. - 144 с.

**Аннотатсия**
**Дар бораи консепсияҳои ҳуқуқи мурофиавӣ дар мисоли ҳуқуқи мурофиавии маъмурӣ**
Дар мақола масъалаҳои консепсияҳои ҳуқуқи мурофиавӣ дар мисоли ҳуқуқи мурофиавии маъмурӣ баррасӣ карда мешавад. Дар он махсусан нуқтаи назари тарафдорони консепсияҳои асосии фаҳмиши мурофиаи маъмурӣ - идоракунӣ, юрисдиксионӣ ва юститсионӣ (адлияи маъмурӣ) оварда шуда, аз ҳама бештар афзалтараш фаҳмидани он ҳамчун намуди фаъолияти судӣ (адлияи маъмурӣ) ба назар мерасад. Фаҳмиши мурофиаи маъмурӣ ҳамчун намуди фаъолияти судӣ ба низоми дигар мурофиаҳои судӣ – конститутсионӣ, гражданӣ, иқтисодӣ, ҷиноятӣ, мувофиқат мекунад. Зимнан мазмуни он бояд на танҳо тартиби ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидан, балки ҳимояи судии ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон аз амалҳои ғайриқонунии мақомоти маъмурияти давлатӣ низ бошад.

**Аннотация**
**О концепциях процессуального права на примере административного процессуального права**
В статье рассматриваются вопросы концепции процессуального права на примере административного процессуального права. В ней представлена точка зрения сторонников основных концепций понимания административного процесса - управленческого, юрисдикционного и юстиционного (административной юстиции), причем предпочтительнее понимать его как вид судебной деятельности (административная юстиция). Понимание административного процесса как вида судебной деятельности соответствует системе других судопроизводства - конституционного, гражданского, экономического, уголовного. При этом его содержание должно включать не только порядок привлечения к административной ответственности, но и судебную защиту прав и законных интересов граждан от неправомерных действий органов государственного управления.

**Annotation**
**On the concepts of procedural law on the example of administrative procedural law**
The article deals with the issues of the concept of procedural law on the example of administrative procedural law. It presents the point of view of supporters of the main concepts of understanding the administrative process - managerial, jurisdictional and judicial (administrative justice), and it is preferable to understand it as a type of judicial activity (administrative justice). Understanding the administrative process as a type of judicial activity corresponds to the system of other legal proceedings - constitutional, civil, economic, criminal. At the same time, its content should include not only the procedure for bringing to administrative responsibility, but also judicial protection of the rights and legitimate interests of citizens from unlawful actions of government bodies.



**УДК: 340.133**
**Ҷамшедзода Комрон Ҷамшед,**
*номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мушовири калони Кумитаи Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба илм, маориф, фарҳанг ва сиёсати ҷавонон.*
*E-mail:jamshedzodakomron@gmail.com*
*Тел.: (+992) 907-00-22-07.*

# ҚОИДАҲОИ ТЕХНИКӢ-ҲУҚУҚИИ ВОРИД НАМУДАНИ ТАҒЙИРУ ИЛОВАҲО БА САНАДҲОИ ҚОНУНГУЗОРӢ

***Калидвожаҳо:*** *қонунгузорӣ; техникаи қонунгузорӣ; техникаи ворид намудани тағйиру иловаҳо; субъектони қонунгузор; фаъолияти қонунгузорӣ; интишори санади қонунгузорӣ; санади меъёрии ҳуқуқӣ.*

***Ключевые слова****: законодательство; техника законодательства; техника внесения изменений; субъекты законодательства; законотворческая деятельность; издание законодательного акта; нормативный правовой акт.*

***Keywords:*** *legislation; legislation technique; amendment technique; legislative subjects; legislative activity; publication of legislative act; normative legal act.*

Дар илми ҳуқуқшиносӣ мафҳуми васеъ ва маҳдуди қонунгузорӣ истифода мешавад. Дар шакли васеъ зери мафҳуми қонунгузорӣ тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ фаҳмида мешавад. Ба мафҳуми маҳдуд бошад, танҳо Конститутсия, қонунҳои конститутсионӣ, кодексҳо ва қонунҳо дохил мешаванд. Сарчашмаҳои ҳуқуқӣ собит менамоянд, ки дар фаъолияти қонунгузорӣ техникаҳои гуногуни ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои қонунгузорӣ вуҷуд доранд, ки дар фаъолияти қонунгузорӣ онҳо на ҳамеша дуруст татбиқ мегарданд. Тавре профессор А.Ғ. Холиқзода иброз намудаанд, қонунгузорӣ бояд аз паси илми ҳуқуқшиносӣ роҳ ба сӯи ислоҳот ва тағйирпазириҳо намояд. Илми ҳуқуқшиносӣ бояд ареали (пешоҳанги, ливои..) инкишофи қонунгузорӣ гардад, на қонугузорӣ майдони инкишофи илм [7]. Аз ин рӯ дар солҳои охир ба мушкилиҳои назариявии ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои қонунгузорӣ таваҷҷуҳ бештар гаштааст.

Ба талаботи замони муосир мутобиқ намудани санадҳои қонунгузорӣ ва аз байн бурдани номувофиқативу мухолифатҳо дар санадҳои қонунгузорӣ бо роҳи ворид намудани тағйиру иловаҳо ва дар таҳрири нав интишор намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амалӣ карда мешаванд. Ин фаъолият яке аз вазифаҳои асосии мақоми қонунгузории кишвар буда, дорои тартиби муайяни ба худ хос мебошад. Вобаста ба тартиби ворид намудани тағйиру илова ё хориҷ намудани калимаҳо, рақамҳо, ҷумлаҳои қисми таркибии санадҳои қонунгузорӣ ва воҳидҳои сохтори он дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» меъёрҳо муқаррар гардидаанд [1]. Аммо, дар таҷрибаи қонунгузорӣ ҳолатҳое ба мушоҳида мерасанд, ки дар сурати илова, иваз ё хориҷ намудани калима, ибора ва рақамҳои алоҳида дар як вақт дар як чанд модда ё бандҳои алоҳидаи қонун ба миён меоянд. Дар ин ҳолатҳо чунин калима, ибора ё рақам дар шакли зайл ифода мегарданд «дар ҳамин модда ва минбаъд дар тамоми матни қонун» иваз, тағйир ё хориҷ карда шавад.

Чунин тартиби ворид намудани тағйиру иловаҳо ба меъёрҳои қонунгузорӣ мухолифат надошта бошад ҳам, ҳангоми мураттабсозии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дар амалия дуруст татбиқ намудани он ба мушкилӣ дучор омадан мумкин аст. Ба андешаи Д.В. Чухвичев дар шакли васеъшуда ба санади қонунгузорӣ ворид намудани тағйиру иловаҳо раво дида намешавад «аз рӯи матн» [9]. Карташов В.Н. иброз менамояд, ки дар шакли умум ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ворид намудани тағйиру иловаҳо дуруст намебошад [2]. А.С. Пиголкин талаботҳои зеринро вобаста ба

техникаи ҳуқуқии ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар менамояд: пайдарҳамии мантиқии баён, робитаи мутақобилаи баён, алоқамандии дастурҳои меъёрие, ки дар санади меъёрӣ ҷой дода шудаанд [4]. Бояд тазаккур дод, ки дар асоси қоидаҳои техникаи қонунгузорӣ ҳар як тағйир бояд, дар алоҳидагӣ бо ишораи дақиқи сохтори дохилии тағйирёбандаи санади қонунгузорӣ бо тартиб нишон дода шавад.

Мутобиқи қоидаҳои умумии техникӣ-ҳуқуқии ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои қонунгузорӣ бояд пайдарҳамии сохтори қонун ҳангоми ворид намудани тағйиру иловаҳо нишон дода шавад, яъне аввал кадом воҳиди сохторӣ тағйир меёбад, пас аз он хислати тағйирот баён гардида, (иваз, хориҷ намудани калимаҳо, ихтисори воҳидҳои сохторӣ ё илова) матни лозима дар нохунак гирифта шавад. Илова бар ин, мутобиқи техникаи қонунгузорӣ ҳангоми ворид намудани тағйиру иловаҳо ба истилоҳи рақам, дар чунин ҳолат истилоҳи «адад»-ро танҳо навистан мумкин нест (масалан, рақами «125» ба рақами «126» иваз карда шавад). Агар зарурати ивазнамоии истилоҳи рақам дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба миён ояд, бо чунин тарз амалӣ мегардад: рақам ва калимаи «50 нусха» ба рақам ва калимаи «100 нусха» иваз карда шаванд [9].

Вобаста ба тағйиру илова ё хориҷ намудани калимаҳо, рақамҳо, ҷумлаҳо дар қисми таркибии санадҳои қонунгузорӣ ва воҳиди сохтории он дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» меъёрҳо муқаррар гардидааст [1]. Илова бар ин, агар тағйири меъёрҳоро дар таҳрири нав пурра баён кардан зарур набошад, матни онҳо бо роҳи хориҷ, илова ва иваз намудани калима, ибора, ҷумла ва рақамҳо тағйир дода мешавад. Ҳангоми аз санади қонунгузорӣ хориҷ намудани фасл, зерфасл, боб, параграф, модда рақами тартибии онҳо мувофиқан тағйир дода намешавад. Агар қисмҳои таркибии модда хориҷ карда шавад, дар ин сурат қисмҳои таркибии дигари модда ба тартиб даровoрда мешаванд. Г.Т. Чернобел қайд менамояд, ки бандҳо метавонанд дар боб ё параграфи санадҳои зерқонунӣ муттаҳид гардида, ба зербандҳо ё сархатҳо тақсим шаванд [10].

Оид ба қоидаҳои техникӣ-ҳуқуқии ворид намудани тағйиру иловаҳо ба лоиҳаи санадҳои қонунгузорӣ Д.В. Чухвичев қайд менамояд, ки лоиҳаи қонунҳо набояд ҳаҷми калон дошта бошанд [9]. Ба андешаи мутахассис розӣ шуда, маврид ба зикр аст, ки лоиҳаи қонун оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо, ки зиёда аз 20 қисмро дар бар мегирад, номатлуб ҳисобида мешавад. Агар тағйироти лоиҳаи қонун хислати бузург дошта бошанд, беҳтар мешуд, ки дар лоиҳаи дигар пешниҳод гарданд. Зеро, дар акси ҳол субъекти танзими ҳуқуқӣ бо мушкилиҳои дар хотир нагирифтани ҳамаи тағйироти сершумор рӯ ба рӯ шуда, кадоме меъёрҳо аз қонунгузории амалкунанда ва кадоме аз онҳо аз лоиҳаи нав ворид шудаанд, ба хотир нагирифта, мумкин аст ба хатогӣ роҳ диҳанд. Ин қоидаҳо ҳангоми ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои зерқонунӣ низ бояд татбиқ гарданд. Ҳамзамон, чунин тартиб барои мураттабсозии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дар амал дуруст татбиқ намудани тағйиру иловаҳои воридгардида муфид мебошад.

Дар сарчашмаҳои ҳуқуқӣ чунин қоидаҳои техникӣ-ҳуқуқии ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои қонунгузорӣ дар низоми қоидаҳои умумии техникаи ҳуқуқӣ ба назар мерасанд: а) ивазнамоии калимаҳо ва рақамҳо; б) хориҷ намудани калимаҳо, рақамҳо ва ҷумлаҳо; в) хориҷ намудани воҳиди сохтории санади қонунгузорӣ; г) таҳрири нави воҳиди сохтории санади қонунгузорӣ; ғ) илова намудани рақам, калима ва ҷумлаҳо ба воҳидҳои сохтории санади қонунгузорӣ; д) иловакунии воҳидҳои сохторӣ ба санади қонунгузорӣ; е) дароз намудани мӯҳлати амали санади қонунгузорӣ ё воҳиди сохтории он; ё) боздошт ё қатъи амали санади қонунгузорӣ ё воҳиди сохтории он; ж) аз эътибор соқит намудани санади қонунгузорӣ [3].

Унсури дигари техникаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ин дар таҳрири нав интишор намудани санади қонунгузорӣ мебошад. Агар тағйирот пурра мазмуни аввалаи санади қонунгузориро тағйир диҳанд ва дастурҳои он ба таври принсипӣ хислати нав пайдо кунанд, пас ин санадро дар таҳрири нав таҳия намудан мувофиқи мақсад мебошад. Зеро, дар таҳрири нав таҳия намудани санади қонунгузорӣ маънои аз нав ва такроран қабул шудани санади пештараро бо тағйироти нави

воридшуда ифода менамояд, ки дар натиҷа санади қаблан амалнамуда қувваи ҳуқуқии худро аз даст медиҳад. Ин тарзи ворид намудани тағйирот танҳо дар ҳолатҳои зерин пешбинӣ мешавад:

- агар зарурати иваз намудани принсипҳои танзими ҳуқуқӣ вуҷуд дошта бошад;

- ба санади қонунгузорӣ ворид намудани тағйироте, ки ба қисми зиёди воҳидҳои сохтории он таъсир мерасонанд (масалан, ба бештари боб ё фаслҳои он);

- қисман нигоҳ доштани аҳаммияти воҳидҳои сохтории алоҳидаи санади қонунгузорӣ;

- ворид намудани тағйирот ба қисми ҷудонашавандаи санади қонунгузорие, ки қувваи ҳуқуқияшро аз даст додааст;

- дар таҳрири нав баён намудани қисмҳои алоҳидаи санади қонунгузорӣ мумкин аст, агар якчанд маротиба тағйирот аллакай ворид шуда бошанд.

М.З. Раҳимзода ва А.Р. Нематов қайд менамоянд, ки баён намудани воҳиди сохтории санади қонунгузорӣ дар таҳрири нав, асос барои эътирофи аз дастдиҳии қувваи ҳамаи таҳрирҳои фосилавии воҳиди сохтории мазкур шуда наметавонад. Ҳангоме, ки санади меъёрии ҳуқуқӣ зарурият ба тағйири пурраи меъёрҳо дар таҳрири нав набошад, матни онҳо бо роҳи хориҷ, илова, тағйир ва иваз намудани баъзе калимаҳо, ибора, ҷумла ва рақамҳо ислоҳ карда мешаванд [5].

Сазовор ба қайд аст, ки дар таҳрири нав интишор кардани санади меъёрии ҳуқуқӣ аз дар таҳрири нав қабул кардани санади меъёрии ҳуқуқӣ фарқи куллӣ дорад. Ҳангоми дар таҳрири нав қабул кардани санади меъёрии ҳуқуқӣ имконияти тағйир додани матни санади меъёрии ҳуқуқӣ дар ҳар гуна шакл ва ҳаҷм вуҷуд дорад. Дар таҳрири нав қабул кардани санади меъёрии ҳуқуқӣ аз тағйиру иловаҳои пештар ворид кардашуда ба санади меъёрии ҳуқуқӣ вобастагӣ надорад ва матни ин тағйироти ворид кардашуда мумкин аст пурра дигар карда шавад. Бинобар ин, чунин меъёрҳо дар хусуси дар таҳрири нав интишор кардани санади меъёрии ҳуқуқӣ муқаррар гардидаанд:

- барои дар таҳрири нав интишор кардан бояд ҳатман мақоме, ки санади меъёрии ҳуқуқиро қабул кардааст, қарор қабул намояд;

- бо назардошти ҳамаи тағйиру иловаҳои воридгардида матни санади меъёрии ҳуқуқӣ дар таҳрири нав тайёр карда шавад;

- таҳрири нави санади меъёрии ҳуқуқӣ бояд дар нашрияи расмӣ интишор карда шавад[1].

Техникаи ворид намудани тағйиру иловаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва қабули он дар таҳрири нав маънои ҷой додани матни пурраи санади меъёрии ҳуқуқиро дар нашрияи расмӣ ё воситаи ахбори омма, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон онро эътироф кардааст, дорад. Техникаи мазкур ба ҳуқуқ, озодиҳо ва уҳдадориҳои инсон ва шаҳрванд дахл дошта, бо мақсади дастрас намудани маълумот оид ба қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ ва ҷиҳати дуруст татбиқ намудани он аз ҷониби субъектони иҷрокунанда амалӣ мешавад. Интишори тағйиру иловаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва қабули он дар таҳрири нав техникаи ба худ хосро дорад. Дар ин хусус, Томин В.А. иброз менамояд, ки ҳангоми интишори санади меъёрии ҳуқуқӣ бояд хусусиятҳои он нишон дода шаванд:

- намуди санади меъёрӣ;
- санаи қабул;
- мансаб ва шахсе, ки онро имзо кардааст;
- ҷой;
- санаи имзо;
- рақами сабт [6].

Ҳамин тариқ, марҳилаи охирини амалигардонии техникаи қонунгузорӣ ин интишори санади қонунгузорӣ буда, интишори расмии матни санади меъёрии ҳуқуқии қабулгардида яке аз шартҳои асосии эътибори ҳуқуқӣ пайдо намудани он мебошад. Ҳадаф аз интишори расмии санадҳои қонунгузорӣ, ин ба омма расонидани мазмун ва мундариҷаи матни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошад [2]. Бо ин мақсад дар ҳар як санади меъёрии ҳуқуқии қабулшаванда чун қоида модда ё банди алоҳидае пешбинӣ мегардад, ки он тартиби мавриди амал қарор додани ин санади қонунгузориро муайян мекунад. Ин тартиб, аслан барои ҳамаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ якхела буда, пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор додани онро муқаррар мекунад. Дар баробари ин, санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки сирри давлатӣ ё сирри дигари бо қонун ҳифзшавандаро дар бар мегиранд, мутобиқи қонунгузорӣ дар нашрияҳои расмӣ интишор

карда намешаванд.

Аз ин рӯ интишори тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва қабули он дар таҳрири нав на танҳо дар нашрияҳои расмӣ, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» муайян гардидаанд, балки сомонаи махсуси электронӣ барои интишори санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ расман эътироф карда шавад. Зеро дастовардҳои илмӣ ва техникии муосир имкон медиҳанд, ки интишори расмии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади пурра дастрас гардидани тағйиру иловаҳои воридгардида ба ҷомеа, дар сомонаи электронӣ расман ба чоп расанд. Чунин таҷриба дар давлатҳои пешрафтаи дунё мақоми расмиро гирифтааст. Ба мақсад мебуд агар, мақоми қонунгузор «Сомонаи электронии Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон»-ро ҳамчун сомонаи расмӣ эътироф намояд.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», аз 30-юми майи соли 2017, № 1414 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2017, № 5, қ.-1, мод. 271; с. 2019, № 7, мод. 465; с. 2021, № 12, қ.-2, мод. 694.
2. Карташов В.Н. Юридическая техника: тактика, стратегия, технология (к вопросу о соотношении) /В.Н. Карташов // Проблемы юридической техники: сб. ст. – Н. Новгород, 2000. – С. 20.
3. Поленина С. В. Качество закона и эффективность законодательства. – М, 1993 – С.8
4. Пиголкин А. С. Теория государства и права: учебник/под ред. с. 439.
5. Раҳимзода М.З., Нематов А.Р. Техникаи қонунгузорӣ. – Душанбе, 2016. – С. 83.
6. Томин В.А. Юридическая техника. – Санкт-Петербург, 2015. – С.
7. Холиқов А.Ғ. Андешаи давлати миллӣ. – Душанбе: Эр-граф, 2013. – С. 578-579.
8. Холиқзода А. Ғ. Тафсири Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» соли 2017, саҳ. 47
9. Чухвичев Д В. Законодательная техника, второе издания. – М., 2014. – С. 30.
10. Чернобел Г.Т. Юридическая техника Вт. Изд-е. – М., 2016. – С. 203.

**Аннотатсия**

**Қоидаҳои техникӣ-ҳуқуқии ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои қонунгузорӣ**

Дар мақола масоили вобаста ба татбиқнамоии қоидаҳои ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои қонунгузорӣ, риояи қоидаҳои техникаи ҳуқуқии ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои қонунгузорӣ дар низоми қоидаҳои умумии техникаи ҳуқуқӣ, усулҳои мутобиқ намудани санадҳои қонунгузорӣ ва аз байн бурдани номувофиқативу мухолифатҳо дар санадҳои қонунгузорӣ, андешаи олимон вобаста ба қоидаҳои техникӣ-ҳуқуқии ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин мушкилоте, ки дар раванди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои охир ба мушоҳида мерасад дар сурати илова, иваз ё хориҷ намудани як калима, ибора ва ё рақамҳои алоҳида дар як вақт дар як чанд модда ё бандҳои алоҳида аз рӯи матн ба миён меоянд ва ворид намудани тағйиру иловаҳо бо роҳи дар таҳрири нав интишор намудани санади қонунгузорӣ мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шудааст.

**Аннотация**

**Технические и правовые -правила внесения изменений и дополнений в законодательные акты**

В статье рассматриваются вопросы, связанные с реализацией правил внесения изменений и дополнений в законодательные акты, соблюдением технических правил внесения изменений и дополнений в законодательные акты в системе общих правил юридической техники, способов согласования законодательных актов и устранение несоответствий и противоречий в законодательных актах, мнение ученых в связи с технико-правовыми правилами внесения изменений и дополнений в нормативные правовые акты, а также проблемы, наблюдаемые в

законотворческом процессе Республики Таджикистан в последние годы в случае дополнения, замены или удаления одного слова, словосочетания или цифры одновременно в нескольких статьях или отдельных пунктах, вытекающих из текста, а внесение изменений и дополнений путем публикации новой редакции законодательного документа подлежит анализу и рассмотрению.

**Annotation**

**Technical and legal rules for introducing changes and additions to legislative acts**

The article, issues related to the implementation of the rules of introducing amendments and additions to legislative acts, compliance with the technical rules of introducing changes and additions to legislative acts in the system of general rules of legal technique, methods of harmonizing legislative acts and eliminating inconsistencies and contradictions in legislative acts, the opinion of scientists in connection with the technical-legal rules of introducing changes and additions to normative legal acts, as well as the problems observed in the legislative process of the Republic of Tajikistan in recent years in case of addition, replacement or removal of a single word, phrase or numbers at a time in a several articles or separate clauses appear from the text and the introduction of changes and additions by publishing a new edition of the legislative document is subject to analysis and consideration.



**УДК: 340.112**

**Насков Диловар Сайдуллоевич,**
*кандидат юридических наук, старший преподаватель кафедры уголовного права и криминалистики юридического факультета Российско - Таджикского (Славянского) университета.*
*E-mail: dilovar.naskov@mail.ru*
*Тел.: (+992) 948-80-00-00.*

# ГРАЖДАНСКОЕ ПРАВОСОЗНАНИЕ МОЛОДЕЖИ ТАДЖИКИСТАНА В АСПЕКТЕ ОТНОШЕНИЯ К ЭКСТРЕМИЗМУ

***Калидвожаҳо:*** *ифротгароӣ; шуури ҳуқуқӣ; фарҳанги ҳуқуқӣ; ҳуқуқвайронкунӣ; ҷиноят; фаъолияти хатарноки ҷамъиятӣ; ҷавонон; мубориза бо ифротгароӣ; воситаи зидди экстремизм.*

***Ключевые слова:*** *экстремизм; правосознание; правовая культура; правонарушение; преступление; опасная общественная деятельность; молодежь; борьба с экстремизмом; средство противодействия экстремизму.*

40. Нематов А. Р. Периодизация истории государства и права советского Таджикистана в трудах академика Ф.Т. Тахирова //Материалы к библиографии ученых Таджикистана. Тахиров Фазыл Тахирович. (к 75 - летию со дня рождения). Вып.96. Типография ТНУ, Душанбе 2014. – С.77-84.

41. Азиззода У.А. Номи нек аз ҳосили дунё (ба ёди устоди бузургвор Фозил Тоҳиров) // Рӯзномаи «Минбари ҳуқуқшинос». №9-10 (172-173) . 05.10.2022. – С. 12-13.

42. Саъдизода Ҷ. Чандандешӣ оид ба таҳкими ҳуқуқи инсон дар давраи шӯравӣ// Ҳуқуқи инсон: мушкилот, роҳи ҳал ва дурнамо (маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ бахшида ба таҷлили рӯзи қабули Эъломияи умумии ҳуқуқи инсон) // Зери таҳрири номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент Раҳмон Д.С. – Душанбе: Матбааи ДМТ, 2019. – С. 60.

**Аннотатсия**

**Масоили давлат, давлати миллӣ, давлатдории тоҷикон, масъалаҳои ҳуқуқӣ ва падидаҳои ҳуқуқӣ дар осори академик Фозил Тоҳиров**

Дар мақола масоили давлат, давлати миллӣ ва давлатдории тоҷикон дар осори академик Тоҳиров Ф.Т. мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Муаллиф дар натиҷаи омӯзиш ба масъалаҳои илмию амалии академик Тоҳиров Ф.Т. таваҷҷуҳ зоҳир намуда, ба таҳқиқот аҳамияти калон доштани андешаҳои муҳаққиқони ватанию хориҷиро рӯйи қоғаз овардааст. Муаллиф инкишофи

давлат ва ҳуқуқро дар осори академик Тоҳиров Ф.Т. тасаввур карда, хусусиятхои онро бо назардошти заминаҳои таърихӣ, сиёсӣ ва фарҳангии бартаридошта муайян намудааст, ки дар ҳаёти имрӯзаи ҷумҳурӣ аҳамияти аввалиндараҷа доранд, инчунин, таклифу пешниҳодҳоро дар ин самт баён намудааст.

**Аннотация**

**Вопросы государства, национального государства, государственности таджиков, правовые вопросы и правовые явления в трудах академика Фазиля Тохирова**

В статье рассматриваются вопросы государства, национального государства и государственности таджиков в трудах академика Тахирова Ф.Т. Автор в результате изучения научных и практических вопросов академика Тахирова Ф.Т. проявили интерес и отметили большое значение мнений отечественных и зарубежных исследователей для исследования. Автор описывает развитие государства и права в трудах академика Тахирова Ф.Т. представлял и определял его характеристики с учетом господствующего историко-политического и культурного фона, имеющего первостепенное значение в современной жизни республики, а также высказывал предложения в этом направлении.

**Annotation**

**Issues of the state, national state, statehood of Tajiks, legal issues and legal phenomena in the works of academician Fazil Tokhirov**

The article deals with the issues of the state, the national state and the statehood of Tajiks in the works of academician Takhirov F.T. As a result of the study, the author showed interest in the scientific and practical issues of Academician Takhirov F.T., writes about the great importance of the opinions of domestic and foreign scientists in the study. The author describes the development of the state and law in the works of Academician Takhirov F.T., defines its features, taking into account the prevailing historical, political and cultural background, which is of paramount importance in the modern life of the republic, and also makes suggestions in this direction.

# 12.00.02 – ҲУҚУҚИ КОНСТИТУТСИОНӢ, МУРОФИАИ СУДИИ КОНСТИТУТСИОНӢ; ҲУҚУҚИ МУНИСИПАЛӢ (НИЗОМИ НАМОЯНДАГӢ)
# 12.00.02 – КОНСТИТУЦИОННОЕ ПРАВО; КОНСТИТУЦИОННЫЙ ПРОЦЕСС; МУНИЦИПАЛЬНОЕ ПРАВО (ПРЕДСТАВИТЕЛЬНАЯ СИСТЕМА)



**УДК: 342.821**
**Олимзода Давлатмурод Абдулхайр,**
*номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.*
*E-mail: davlat.olimov.1993@bk.ru*
*Тел.: (+992) 939-37-77-72.*

## ХУСУСИЯТҲОИ ФАЪОЛИЯТИ НАМОЯНДАГӢ ДАР ЗАМОНИ МУОСИР

***Калидвожаҳо:*** *намояндагӣ; ҳуқуқ; конститутсия; давлат; шакл; шаҳрвандон; Ҷумҳурии Тоҷикистон; ҷомеаи ҷаҳонӣ; замонӣ муосир; интихобот; ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон; халқ.*

***Ключевые слова:*** *представительство; право; конституция; государство; форма, граждане; Республика Таджикистан; международное сообщество; современность; выборы; защита прав и свобод человека; народ.*

***Keywords:*** *representation; law; constitution; state; form, citizens; The Republic of Tajikistan; international community; modernity; elections; protection of human rights and freedoms; people.*

Намояндагии халқ дар ҳаёти хар як давлат накши муҳим мебозад ва яке аз воситаҳои самарабахши идоракунии он ба шумор меравад. Дар бораи аҳамияти омӯзиши фаъолияти намояндагӣ ҳамчун институти ҳуқуқи конститутсионӣ аз он далолат мекунад, ки дар қонунгузории аксар давлатҳои муосир ба расмият даровардани намояндагӣ ифодаи иродаи воқеии шаҳрвандонро кафолат медиҳад.

Ба ҳамин мазмун, маъракаҳои интихоботӣ ба механизмҳои идора кардани шуури шаҳрвандон, вақте ки интихобкунанда гӯё иродаи худро баён карда бошад, дар воқеият танҳо чизи дигареро ифода мекунад. Мурочиат ба мушкилоти ба низомдарори намояндагии халқ аз он иборат аст, ки дар илми ҳуқуқ то ҳол ягонагии хусусияти конститутсионӣ ва ҳуқуқии намояндагии халқ вуҷуд надошта, андешаи ягона дар бораи моҳияти намояндагии халқ бо назардошти ҳамаи унсурҳои демократия ташаккул наёфтааст. Танзими конститутсионӣ ва ҳуқуқӣ механизми идоракунӣ дар давлатҳои демократӣ ба принсипи соҳибихтиёрии халқ асос ёфтааст. Халқ манбаи тамоми ҳокимият аст, он дар шакли намояндагӣ ва мустақим амалӣ карда мешавад [6].

Демократияи намояндагӣ ё ҳокимияти намояндагӣ тавассути мақомоти давлатӣ, ки аз ҷониби мардум интихоб мешаванд, амалӣ карда мешавад. Мақомотҳои давлатӣ метавонанд дар навбати худ мақомотҳои дигари давлатиро ташкил кунанд. Вазъи ҳуқуқии мақомоти намояндагӣ (дар навбати аввал парламентҳо), чун қоида, дар конститутсияҳо ба таври возеҳ муфассал муайян карда шудааст. Барои нишон додани хусусиятҳои асосии институти намояндагии халқ дар ҳуқуқи конститутсионӣ, аввал бояд муайян кард, ки зери мафҳуми «намояндагии халқ» чиро фаҳмидан мумкин аст.

Намояндагии халқ ин институтеро фаҳмидан мумкин аст, ки муносибатҳои ҷамъиятиро оид ба ташкил ва фаъолияти мақомоти ҳокимияти қонунгузор ба амал мебарорад.

Ба ақидаи А. Булгакова намояндагии халқ чунин тартиби иштироки халқ дар амалӣ гардондани ҳокимияти давлатӣ мебошад, ки дар он ирода ва манфиатҳои он аз тарафи мақомотҳои интихобкардаи шаҳрвандон ифода карда мешаванд [2, с.19]. Дар ин росто П.А. Астафичев чунин мафҳумро пешниҳод мекунад, ки: «Намояндагии халқ институти

ҳуқуқи конститутсиониест, ки предмети он муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки дар соҳаи ташкил, фаъолият, қатъи салоҳият ва вазифаҳои мақомоти намояндагии ҳокимияти давлатӣ ба вуҷуд меоянд» [1, с.18].

Намояндагӣ ин ҳузури намоянда дар мақомоти роҳбарикунанда, маҷлисҳо ва ғайра мебошад. Намояндагӣ аз ҷониби касе иҷро кардани вазифаҳои намояндагӣ, иҷрои дастуру супоришҳо, ҳуқуқи намояндагӣ кардан фаҳмидан мемкин аст [12].

Хусусиятҳои фаъолияти намояндагӣ дар замони муосир дар чунин ягонагӣ бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ зоҳир меёбад:

- шаклҳои бевоситаи баамалбарории фаъолияти намояндагӣ аз ҷониби халқ;
- кафолатҳои ягонаи сиёсии баамалбарории ҳуқуқи фаъолияти намояндагӣ аз ҷониби ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ.

Тавре ки маълум аст, таърифи ягонаи намояндагии халқ вуҷуд надорад. Баъзе муаллифон намояндагии оммавиро аз ҳуқуқҳои интихоботии шаҳрвандон мебинанд, ки фаҳмиши институти таҳқиқшавандаро кам мекунад, баъзеи дигар онро яке аз роҳҳои ташаккули мақомоти намояндагии давлатӣ медонанд, ки ин ҳам хусусиятҳои оммавиро ба тарви кофӣ ошкор намекунад.

Ба ақидаи А.Г. Глухарева ба аломатҳои универсалии намояндагии халқ, дохил мешаванд: а) ифода дар намояндагии ҳокимияти халқ; б) амалӣ намудани намояндагии ҳокимияти давлатӣ, ки ба талаботи ҷомеаи муосир мувофиқ аст; в) аз тарафи намояндагони халқ ифода намудани манфиатҳои тамоми халқ, на ягон қисми он; г) қобили қабул будани механизмҳои гуногуни ташкили мақомоти намояндагӣ бо бартарии бечунучарои интихоботи озод; д) ҳайати коллективи намояндаи мақомотҳо [4, с.19].

Дар ин замина А.И. Имомов қайд менамояд, ки аз ҳама бештар хосияти намояндагии Мақлиси Олӣ дар ҳайати палатаи Маҷлиси миллӣ равшан ба назар мерасад. Чи тавре, ки Конститутсия ва қонунҳо муқаррар кардаанд, аз чор се ҳиссаи аъзои Маҷлиси миллӣ (25 нафар) дар асоси намояндагии маҳаллӣ, яъне Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ интихоб мешаванд. Онҳо панҷ нафарӣ аз Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, аз ҳар як вилоят, шаҳри Душанбе ва аз шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ якҷоя интихоб мешаванд. Аз ин рӯ, аъзои Маҷлиси миллӣ, ки аз тарафи Маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқ интихоб шудааст, чун қоида ҳам вакили Маҷлисҳои маҳалли марбута (дахлдор) ва ҳам аъзои Маҷлиси миллист. Вале аъзои Маҷлиси миллӣ наметавонад дар айни замон вакили Маҷлиси намояндагон бошад. Тибқи Конститутсия узви Маҷлиси миллӣ наметавонад вакили зиёда аз ду мақоми намояндагӣ бошад [5, с.316].

Чи тавре, ки Ҷ.М. Зоир қайд намудааст, парламентаризм ҳамчун падидаи конститутсионӣ-ҳуқуқӣ, буда он аз як тараф ба як қатор принсипҳои умумӣ тақсимоти ҳокимият, демократияи бевосита ва намояндагӣ, моҳияти ҳуқуқии давлат, таъмини волоияти қонун, қонуният ва ғайра такя мекунад, ки асоси сохти конститутсиониро ташкил медиҳанд. Аз тарафи дигар, он бевосита дар мавқеи муайян, вазифа ва салоҳияти парламент, тартиби коллегиалӣ, шаффофияти кори он, вазъи муайяни ҳуқуқию иҷтимоии вакилон зуҳур меёбад [7, с. 65].

Яке аз меъёрҳои муҳими қонун, ки хосияти намояндагии Маҷлиси Олиро нишон медиҳад, ин аст, ки узви Маҷлиси миллӣ, ки аз тарафи мақомоти маҳалии намояндагӣ интихоб мешаванд, бояд дар ҳудуди ҳавзаҳои марбута доимӣ истиқомат кунанд. Яъне онҳо бояд истиқоматкунандаи вилоят, ноҳия ва шаҳри марбута бошанд. Аъзои Маҷлиси миллӣ, ки аз тарафи Маҷлисҳои маҳалли марбута интихоб шудааст, ҳам намояндаи Маҷлиси вакилони халқи минтақаҳои мазкур ва ҳам намояндаи халқи вилоят, ноҳия, шаҳри марбута аст. Тавассути онҳо дар фаъолияти Маҷлиси миллӣ манфиати халқи минтақаҳои мазкур дифоъ мешавад [5, с. 316].

Хусусиятҳои асосии мақомотҳои намояндагӣ интихобӣ, коллегиалӣ аз рӯи таркиб ва тартиби таҳия ва қабули қарорҳо, хусусияти махсуси муносибатҳои намояндагони халқ бо интихобкунандагон мебошанд. Якҷоя, ҳамаи ин хосиятҳо хоси мақомоти давлатӣ намояндагӣ, ки ба туфайли онҳо иродаи шаҳрвандонро дар фаъолияти худ мураттаб карда, ифода карда метавонанд [8, с.18].

Моҳияти конститутсионӣ-ҳуқуқии намояндагӣ дар он аст, ки: а) бо мақсади амалӣ гардондани соҳибихтиёрии халқ хизмат мекунад; б) пеш аз ҳама ба он тарзи интихобии ташкили мақомоти дахлдор такя мекунад; в) сифатро ба назар гирифта механизми танзими конститутсионӣ-ҳуқуқии фаъолият ва масъулияти мақомоти намояндагӣ мебошад [1, с.18].

Арзиши иҷтимоии намояндагии халқ зарурати ҳокимияти намояндагӣ, ки амал карда, пешакӣ муайян мекунад, муҳимтарин шакли амали ғайримустақим аз ҷониби мардум ҳокимияти худ, инчунин аз тарафи мақомотҳои олии намояндагӣ иҷро намудани вазифаҳои конунгузорӣ ба шумор меравад. Табиати мураккаби намояндагии мардумӣ дар он аст, ки он дар як, унсури зарурӣ ва муҳими низоми фаъолияти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ ва бо дигаре ифодаи озодии шахсе мебошад, ки ба ҳуқуқи иштирок кардан дар идоракунии корхои давлатро ба воситаи намояндагони худ амалӣ менамояд [10].

Намояндагии халқ сарчашмаи қонунияти давлат ва ҳокимияти маҳаллӣ, ба шумор рафта халқ сарчашмаи он мебошад. Конститутсия, қоидаҳо ва механизмҳои муайяни устувори фаъолияти давлатро муқаррар менамояд [3]. Шакли ифодаи халқ намояндагиҳои демократӣ мебошанд интихобот ҳамчун воситаи қонунитарини ваколати муносибатҳои намояндагӣ ва мутаносибан ташаккули қонунии он сиёсӣ аст. Қайд кардан ба маврид аст, ки байни демократияи мустақим ва намояндагӣ фарқиятҳои гуногун вуҷуд дорад, ки дар аввал қарорҳо бевосита аз ҷониби интихобкунандагон (масалан, дар маҷлисҳои халқӣ, тавассути раъйпурсӣ), дуюм – аз ҷониби мақомотҳои интихобшуда (масалан, парламентҳо, маҷлиси вакилони вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ, Ҷамоат) қабул карда мешаванд.

Дар моддаи 3 Конститутсияи Федератсияи Россия эълон шудааст, ки соҳибихтиёрӣ манбаи ягонаи ҳокимият дар Россия аст. Конститутсияи Италия пешбинӣ мекунад, ки соҳибихтиёрӣ аз худи халқ аст, ки онро дар шаклу ҳудудҳо амалӣ менамояд. Констиутсияи Ҷумҳурии Федеролии Олмон муқаррар мекунад, ки дар ҳар як ҷамъият мақомоти намояндагии ба таври демократӣ интихобшудаи халқро барпо карда метавонад. Барои ҳамон дар коммунаҳои ҳамаи штатҳо ду мақомот мавҷуд аст:1) намояндагии халқии мунисипалӣ, ки бевосита аз ҷониби сокинон интихоб карда мешавад ҷамоатҳо ба муҳлати аз 4 то 6 сол (шӯрои ҷамоатҳо, маҷлиси вакилони ҷамоат, маҷлиси вакилони шаҳр, маҷлиси ноҳиявӣ), қабули қарорҳо оид ба тамоми масъалаҳои муҳими ба ҷомеа дахлдошта ва назорат фаъолияти мақомоти маъмурӣ идоракунӣ; 2) мақомоти маъмурии шаҳрӣ (ҳокимияти иҷроия), ки қарорҳои намояндагии халқро тайёр намуда ва онҳоро ба амал мебарорад. Роҳбарони мақомотҳои маъмурӣ ки ҷониби намояндагони халқ ё бевосита аз ҷониби сокинон ба мухлати аз 4 то 10 сол интихоб карда мешаванд [9].

Амалияи ҷамъиятию сиёсии ҳуқуқии намояндагии халқ таърихи бузург дорад. Ба сифати мисолҳо институти намояндагии халқро дида баромадан мумкин аст. Дар моддаи 1 Конститутсияи Ирландия соли 1937 ва қисми 2 Конститутсияи Ҷумҳурии Венгрия соли 1949 қайд шудааст, ки «Тамоми ҳокимият дар Ҷумҳурии Венгрия ба одамоне тааллуқ дорад, ки соҳибихтиёрии онҳо ба воситаи намояндагони интихобкардаи худ, тааллуқ дорад. Дар Конститутсияи Ирландия гуфта шудааст: «Халқи Ирландия бо ҳамин ҳуқуқи ҷудонашаванда, дахлнопазир ва соҳибихтиёрии интихоб кардани шакли идоракунӣ, муносибатҳои онҳоро муайян мекунанд бо дигар халқҳо ва инкишоф додани ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва мадании онҳо амалӣ мешавад» [6].

Чунончи, намояндагии халқ вазифаи ба ҳам пайвастани соҳибихтиёрии халқро бо ҳокимияти давлатӣ иҷро менамояд, ки он ба тамоми низоми ҳокимияти давлатӣ характери демократӣ медиҳад. Аз ин рӯ, аз ҷиҳати конститутсионӣ ва ҳуқуқӣ мавқеи мақомоти намояндагии халқро шакли идоракунӣ пурра муайян мекунад. Дар ҷумҳурии парламентӣ (конститутсионӣ) парламенти монархия, ки шахсияти олиро ифода мекунад, ҳокимият ҳукуматро ташкил ва назорат мекунад ва дар президентӣ (нимпрезидентӣ) ҷумҳурӣ ва монархияи ҳукуматӣ вазифаро бо сарвари давлат тақсим мекунад, ки ҳукуматро ташкил ва назорат мекунанд.

Бо назардошти гуфтаҳои боло аксари конститутсияҳои Аврупо халқро манбаи асосии ҳокимият меноманд. Ҳокимият ба халқ, расман тибқи Конститутсия тааллуқ дошта ва воситаи намояндагони худ дар идоракунии давлати таъсир мерасонанд. Таҳлили муқоисавӣ нишон медиҳад, ки дар амалияи идораи давлатӣ намояндагии халқ ҳамчун институти ҳуқуқи конститутсионӣ тавассути қонунҳо расмӣ мегардад. Меъёрҳои ҳуқуқии давлатӣ мушаххас оид ба татбиқи соҳибихтиёрии халқ ва ҳуқуқи шаҳрванди давлат барои иштирок дар ташаккули мақомоти намояндагии давлатӣ, дар бобати муқаррар намудани назорат аз болои масъулияти ин мақомотҳо вабаста аст.

Мазмуни муносибатҳои намояндагии ҷамъиятӣ гуногунанд ва метавонанд ба меъёрҳои ҳуқуқи конститутсионӣ бештар сохторбандӣ шаванд: 1) муқаррар намудани шакли ҷумҳуриявӣ; принсипи иштироки шаҳрвандон дар корҳои давлатӣ; принсипи ҳокимияти намояндагӣ ва масъулият; 2) танзими вазъи ҳуқуқии ҷамъомадҳои шаҳрвандон, ва шаклҳои намояндагии онҳо; 3) муайян намудани низоми мақомоти намояндагӣ ташкил намудани низоми намояндагии дупалатагӣ; 4) танзими раванди ифода, ва муттаҳид намудани манфиатҳои гуногун дар парламент (дигар мақомоти намояндагии ҳокимият); Ба ин гурӯҳи меъёрҳо дохил мешаванд, хусусиятҳои мандати вакилон; 5) муқаррар намудани таносуби мушаххаси интихобот, таъинот ва дигар расмиёти ҳуқуқӣ; 6) таъмини намояндагии низомҳои интихоботӣ.

Дар давлати демократӣ бе иродаи мардум ташкили ҳокимияти давлатӣ имконнопазир аст. Тавассути интихобот мақомоти намояндагии марказӣ ва маҳаллии давлат ташкил карда мешавад. Номзадии вакилон, ки аз ҷониби ҳизбҳои сиёсӣ ва ё худпешниходкунӣ дар интихобот гузошта мешавад, танҳо пас аз интихоб аз ҷониби шаҳрвандон қонунан ҳамчун намояндаи халқ дониста мешаванд. Аз якчанд номзад танҳо якеаш имконияти ғолиб шуданро дорад, ҳамоне, ки ба боварии бештари шаҳрвандон сазовор бошад. Дар ҳавзаи интихоботӣ ин боварӣ бояд аз панҷоҳ фоиз кам набошад. Дар сурати аз панҷоҳ фоиз як овоз бештар гирифтан, номзад соҳиби ноил шудан ба ваколати қонунӣ мегардад. Дар Тоҷикистон вакилони Маҷлиси намояндагон, вакилони шаҳрию ноҳиявӣ аз ҷониби шаҳрвандон ба мӯҳлати 5 сол интихоб карда мешаванд [11, с.99].

Дар тафсири илмю омавии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дарҷ шудааст, кт дар ташкилу фаъолияти мақомоти намояндагӣ, иҷроия ва судӣ шаҳрвандони Тоҷикстон ҳуқуқи баробари ширкатро доранд. Ҳокимияти судӣ низ тавассути пешниҳоди мақомоти иҷроия аз ҷониби ҳокимияти қонунгузор Маҷлиси миллӣ тасдиқ карда мешавад. Ҳамин тавр дар ташкили тамоми риштаҳои ҳокимияти давлатӣ нақши бевосита ва ё бавоситаи халқи Тоҷикистон мавҷуд аст. Яъне дар Тоҷикистон халқ воқеан ҳам манбаъ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ аст [11, с.98].

Ҳамин аст, ки фаъолияти мақомоти намояндагӣ ҳамчун унсури таркибии низоми тақсимоти ваколатҳо, такмили ҳамкории мақомоти намояндагии вилоятӣ ва маҳаллӣ байни худ ва дигар мақомоти давлатӣ зарурати қабули як қатор қонунҳо ва тағйиру иловаҳоро ба миён меорад.

**Рӯйхати адабиёт:**


1. Астафичев П.А. Проблемы совершенствования избирательного законодательства в Российской Федерации [Текст]: автореф. дис. … канд. юр. наук: спец. 12.00.01 / П.А. Астафичев. – Саратов, 1998. – 18 с.
2. Булгакова А.А. Народное представительство в России: исторические традиции, современное состояние, перспективы развития [Текст]: автореф. дис. … канд. полит. наук: спец. 23.00.02 / А.А. Булгакова; Ин-т государства и права РАН. – М., 2007. – 19 с.
3. Вопрос об островах Дяоюйдао // RUSSIAN. CHINA.ORG.CN: ежеднев. интернет-изд. – 2005, 18 апреля. – Режим доступа: http://russian.china. org.cn/china/archive/china-erzhan/txt/2005-04/18/ content_2169013.htm.

4. Глухарева А.К. Конституционные основы народного представительства в Российской Федерации [Текст]: автореф. дис. … канд. юр. наук: спец 12.00.02 / А.К. Глухарева; Рос. гос. торгово-эконом. ун-т. – М., 2008. – 19 с.

5. Имомов А.И. Ҳуқуқи конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн] / А.И. Имомов. – Душанбе: Оли Сомон, 1997. –389 с.

6. Конституционное право зарубежных стран [Текст]: учебник / под ред. Б.А. Страшуна. – М., 2000. – 880 с.

7. Маджидзода Дж.З. Конституция Республики Таджикистан 20 –лет.Душанбе-2014. Изд.ООО-«Эр-граф».151с.

8. Масленникова С.В. Право граждан на народное представительство в Российской Федерации [Текст]: автореф. дис. … канд. юр. наук: спец. 12.00.02 / С.В. Масленникова. – М., 2001. – 18 с.

9. Ответы официального представителя МИД КНР Цинь Гана на вопросы корреспондентов на очередной пресс-конференции 27 декабря 2005 года [Electronic resource] // RU.CHINESEEMBASSY.ORG: Посольство КНР в РФ. – 2005, 27 декабря. – Режим доступа: http:// ru.chineseembassy.org/rus/fyrth/t228855.htm.

10. Общая и прикладная политология [Текст]: учеб. пособие / под общ. ред. В.И. Жукова, Б.И. Краснова. – М.: МГСУ; Союз, 1997. – 992 с.

11. Тафсири илмию омавии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. [Матн]. -Душанбе: Шарқи озод. 2009. -.417с.

12. Толковый словарь русского языка [Текст] / под ред. Д.В. Дмитриева. – М., 2003. – 790 с.

**Аннотатсия**

**Хусусиятҳои фаъолияти намояндагӣ дар замони муосир**

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои хусусиятҳои фаъолияти намояндагӣ дар замони муосир таҳлил гардидааст. Чи тавре, ки маълум аст, бо бадаст овардани истиқлолият Тоҷикистон роҳи бунёди давлати ҳуқуқбунёди демократиро интихоб намуда, арзишҳои асосии ин давлатро ҳам дар Конститутсияи кишвар ва ҳам дар қонунгузории соҳавии он инъикос намудааст. Мақомоти намояндагӣ, ки дар қаламравӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи Конститутсия ва қонунҳо амал мекунанд, фаъолияти худро на дар алоҳида, балки дар робитаи зич ҳам бо интихобкунандагони ва ҳам бо дигар мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ ба амал мебароранд. Мазмуни низоми намояндагии аҳолӣ, ба фикри мо, дар баробари гуфтаҳои боло, инчунин механизмҳои назорати интихобкунандагонро аз болои фаъолияти вакилони мақомотҳои намояндагии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ низ дар бар мегирад.

**Аннотация**

**Осебенности представительской деятельности в современное время**

В статье анализируются вопросы представительства как формы выражения народного суверенитета. Как известно, после обретения независимости Таджикистан избрал путь построения правового демократического государства и отразил основные ценности этого государства как в Конституции страны, так и в ее отраслевом законодательстве. Народный суверенитет означает, что народ является реальным собственником социальных, экономических и политических ресурсов. Самопровозглашение народного суверенитета даже на конституционном уровне еще не может обеспечить его полных прав. Только на основе экономической, социальной и политической самостоятельности народ может свободно управлять делами государства и общества. Представительные органы, действующие на территории Республики Таджикистан в соответствии с Конституцией и законами, действуют не обособленно, а в тесном взаимодействии с избирателями и другими органами государственной власти и местного самоуправления. На наш взгляд, в содержание системы представительства населения, наряду с вышеперечисленными, входят также механизмы контроля избирателей за

деятельностью представителей представительных органов государственной власти и органов местного самоуправления.

**Annotation**

**Characteristics of representative activity in the modern time**

This article analyzes the issues of representation as a form of expression of people's sovereignty. As it is known, after gaining independence, Tajikistan chose the way of building a democratic state based on law and reflected the main values of this state both in the Constitution of the country and in its branch legislation. People's sovereignty means that the people are the real owners of social, economic and political resources. Self-declaration of the people's sovereignty, even at the constitutional level, still cannot ensure their full rights. Only on the basis of economic, social and political independence, the people can freely manage the affairs of the state and society. Representative bodies operating in the territory of the Republic of Tajikistan in accordance with the Constitution and laws do not work separately, but in close cooperation with voters and other bodies of state power and local self-government. In our opinion, the content of the population representation system, along with the above, also includes the mechanisms of voter control over the activities of the representatives of the representative bodies of state power and local self-government bodies.



**УДК: 342.72/.73**
**Вализода Шоҳин Одинашоҳ,**
*ёрдамчии муовини Раиси Суди конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуқуқшиноси дараҷаи якум, унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи конститутсионии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.*
*E-mail: valizodash@mail.ru*
*Тел.: (+992) 918-98-78-01.*

# МОҲИЯТ, МАЗМУН ВА ТАСНИФИ ВАЗИФАҲОИ ИНСОН ВА ШАҲРВАНД МУТОБИҚИ КОНСТИТУТСИЯИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Калидвожаҳо:*** *мақоми ҳуқуқӣ; вазифаҳо; инсон; шаҳрванд; ҷамъият; шахсият; Конститутсия.*

***Ключевые слова:*** *правовой статус; обязанности; человек; гражданин; общество; личность; Конституция.*

***Keywords:*** *legal status; responsibilities; human; citizen; society; personality; Constitution.*

Дар давлати демократӣ вазифаҳои асосӣ (конститутсионӣ) ба сифати яке аз унсурҳои муҳими асоси ҳуқуқии он баромад намуда, шакли ба худ хоси идоракунии ҷамъият, тарзи ҳамоҳангсозии фаъолияти одамон ва умумиятҳои онҳо мебошад. Дар вазифаҳо талаботҳои иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва ахлоқӣ, ки аз тарафи ҷамъият нисбат ба шахсият изҳор шудаанд, таҷассум мeёбанд. Тавре Б.С. Эбзеев қайд менамояд, «вазифаҳо – хусусиятҳои воқеан муҳим ва қонунии ҳама гуна давлат буда, ба ҳар як инсони дар доираи давлати ташаккулёфта, ки дар ҷамъияти одамони дигар зиндагӣ мекунад ва ба ин тартиботи ҳуқуқии муайян тобеъ аст, хос мебошад ва худи онҳо низ унсури ҷудонашавандаи ин тартибот мебошанд. Бидуни вазифаҳо ва масъулияти шахсият, ки ба ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ алоқамандӣ доранд, ҳамфикрӣ ва муттафиқии иҷтимоӣ ҳамчун тавозуни манфиатҳо дар муносибатҳои байниҳамдигарии худи шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо, инчунин дар муносибатҳои мутақобилаи онҳо бо давлат, ғайриимкон мебошад» [1].

Мутобиқи муқаррароти Эъломияи умумии ҳуқуқи башар соли 1948: «Ҳар як инсон дар назди ҷомеае, ки рушди озод ва камолоти шахсияти ӯ фақат дар он имконпазир аст, ӯҳдадор мебошад... Татбиқи ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон эътирофу эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои дигарон ва қонеъ гардонидани талаботи одилонаи ахлоқӣ, тартиботи ҷамъиятӣ ва осудаҳолии умумӣ дар шароити ҷомеаи демократӣ талаб менамояд». Ҳамин тавр, формулаи «ҳуқуқ бе ухдадорӣ вуҷуд надорад» эътирофи байналмилалиро соҳиб шудааст. Воқеан ҳам, ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳо узван ба ҳам алоқаманд мебошанд, ки бо зарурати мувофиқ омадани манфиатҳои инфиродӣ бо ҷамъиятӣ асоснок карда мешавад.

Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 1994 боби алоҳида дар бораи вазифаҳои инсон ва шаҳрванд пешбинӣ нагардидааст. Вазифаҳои асосии шахсият дар боби 2 Конститутсия оварда шудаанд, ки ба ҳуқуқ, озодӣ, вазифаҳои инсон ва шаҳрванд бахшида шудааст. Ба андешаи Е.И. Козлов, ин муносибати давлат чунин асоснок карда мешавад, ки «эълон намудани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд функсияи марказӣ ва мустақили Конститутсия мебошад» [2]. Ғайр аз он, дар замони муосир анъанае пойдор шудааст, ки тибқи он дар конститутсияҳо номгӯйи васеи вазифаҳо мустаҳкам карда намешавад ва давлатҳо танҳо бо ёдовар шудани вазифаҳои аз нуқтаи назари иҷтимоӣ аҳамиятноки шаҳрванд маҳдуд мегарданд [3].

Конститутсияи соли 1994 дар муқоиса бо конститутсияҳои қаблии Тоҷикистон дар заминаи асосҳо ва принсипҳои комилан дигар ташаккул ёфтааст. Он баробарии ҳуқуқ ва озодиҳои ҳар фардро эътироф мекунад. Ҳамзамон бо ин, бояд эътироф кард, ки Конститутсияи муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон муносибати либералиро ба ҳуқуқҳои инсон

қабул намуда, баҳодиҳии дахлдори вазифаҳои инсонро низ дарбар гирифтааст.

Субъектони ҳуқуқ рафтори худро бо мамнуниятҳои ҳуқуқӣ мувофиқ мекунанд. Дар маънои конститутсионӣ «риоякунӣ» танҳо рафтори ғайрифаъоли субъектон, яъне аз тарафи онҳо содир накардани амалҳои бо Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон манъгардидаро ифода намекунад. Он ҳамчунин рафтори фаъоли субъектонро, ки меъёри конститутсионӣ талаб менамояд ва барои ноил гардидан ба мақсадҳои он равона гардидаанд, фаро мегирад ва дар ин маъно бо мафҳуми иҷрои меъёрҳои конститутсионӣ мувофиқ меояд.

Вазифаҳо дар баробари ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд унсурҳои заминавии мақоми ҳуқуқии шахсият мебошанд. Номгӯйи муайяни вазифаҳо ҳам ба муносибатҳо нисбати инсони дигар ва ҳам нисбати ҷамъият ва давлат дахл доранд. Агар дар хусуси вазифаҳои конститутсионӣ ҳарф занем, пас онҳо аҳамияти махсуси иҷтимоӣ дошта, дар тамоми низоми вазифаҳои ҳуқуқӣ мавқеи ҳукмфарморо ишғол менамоянд ва ба ин низом таъсири муайянкунанда ва мушаххас мерасонанд, ки бо қонунгузор инкишоф дода мешаванд. Бо вуҷуди ин, «яке аз хусусиятҳои хоси ҷомеаи муосир мавҷуд набудани фаҳмиши дақиқ дар хусуси он мебошад, ки вазифаҳои конститутсионӣ ба сифати шартҳои зарурӣ ва мутлақи озодӣ баромад мекунанд ва ба манфиати ҳам ҷамъият ва давлат ва ҳам худи шахсият муқаррар карда мешаванд» [4].

Бояд қайд намуд, ки вазифаҳо дар ҳақиқат ҳам, ба андозаи ҳуқуқҳо «унсури зарурии танзими ҳуқуқӣ» мебошанд ва ҳам давлати демократии ҳуқуқбунёди иҷтимоӣ ва ҳам шахсиятро алоқаманд мекунанд. Вазифаҳо меъёри рафтори дахлдор мебошанд. Вазифа дар баробари ҳуқуқ – шарти озодӣ буда, дар ниҳоят манфиатҳои шахсии инсонро, ҳатто агар ӯ инро дарк накунад ҳам, ифода менамоянд [5].

Дар Конститутсияи қабулгардидаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 1994 як қатор вазифаҳо муқаррар гардидаанд, ки ба инсон ва шаҳрванд бахшида шудаанд. Аз рӯйи тартиби ҷойгиршавӣ, онҳо пас аз ҳуқуқ ва озодиҳои инсон ва шаҳрванд меоянд. Ба қатори вазифаҳои асосӣ инҳо мансуб мебошанд: вазифаи риоя намудани Конститутсия ва қонунҳо, эҳтироми ҳуқуқ, озодӣ, шаъну шарафи дигарон (м. 42); ҳифзи Ватан, ҳимояи манфиати давлат, таҳкими истиқлолият, амният ва иқтидори мудофиавии он (м. 43); ҳифзи табиат, ёдгориҳои таърихиву фарҳангӣ (м. 44); супоридани андоз ва пардохтҳо, ки қонун муайян кардааст (м. 45).

Баъзе вазифаҳо дар дигар моддаҳои боби 2 Конститутсия оварда шудаанд. Чунончи, дар қисми 2 моддаи 34 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ду вазифаи конститутсионии шаҳрвандон мустаҳкам шудааст:

1. Таълиму тарбияи фарзандон – ин ҳамон ҳуқуқ ва вазифаҳои падару модар мебошад.
2. Фарзандони болиғу қобили меҳнат барои нигоҳубин ва таъминоти иҷтимоии падару модар масъул мебошанд.

Мутобиқи моддаи 41 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷкистон ҳар шахс ҳуқуқи таҳсил дорад, таълими умумии асосӣ ҳатмист. Ҳамин тавр, падару модар (намояндагони қонунӣ) вазифадоранд барои кӯдакони худ гирифтани таълими умумии асосиро таъмин намоянд.

Таҳлили муқоисавии вазифаҳои ишорашуда бо вазифаҳои қаблан (пештар) амалкарда нишон медиҳад, ки дар мазмун ва сохтори онҳо тағйиротҳои назаррас ба амал омадааст. Чунончи, номгӯйи вазифаҳо дар Конститутсияи амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ишора ба «риояи Конститутсия ва қонунҳо, эҳтироми ҳуқуқ, озодӣ, шаъну шарафи дигарон» оғоз мешавад. Дар Конститутсияи СССР–Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шӯравии Сотсиалистӣ (ИҶШС) номгӯйи вазифаҳо аз он оғоз гардида буд, ки «татбиқи ҳуқуқ ва озодиҳо аз иҷрои вазифаҳои худ аз тарафи шаҳрвандон ҷудонашаванда мебошад».

Дар моддаи 60 Конститутсияи ИҶШС, ки маротибаи охир қабул гардида буд, ба қатори вазифаи аввалиндараҷа чунин вазифа мансуб мешуд: «вазифа ва кори виҷдонии ҳар як шаҳрванди қобили меҳнати ИҶШС – меҳнати софдилона дар соҳаи интихобкардаи фаъолияти фоиданоки ҷамъиятии ӯ, риояи интизоми меҳнат мебошад». Ҳеҷ яке аз меъёрҳои зикргардида дар Конститутсияи амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавҷуд намебошанд. Илова бар ин, дар Конститутсияи амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар

фарқият аз конститутсияҳои шӯравӣ ва хориҷӣ, якум, меҳнати маҷбурӣ манъ шудааст, дар ҳоле, ки масалан, Қонуни асосии Ҷумҳурии Федеративии Олмон меҳнати маҷбуриро ҳангоми маҳрум сохтан аз озодӣ иҷозат медиҳад; дуюм, меъёр дар бораи вазифаи шаҳрванд будани меҳнат кардан хориҷ карда шудааст. Ба ҷойи ин моддаи 35 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудааст, ки мутобиқи он «Ҳар кас ба меҳнат, интихоби касбу кор, ҳифзи меҳнат ва ҳимояи иҷтимоӣ ҳангоми бекорӣ ҳуқуқ дорад». Тавре дида мешавад, таваҷҷуҳи асосӣ ба меҳнат дода шудааст.

Бояд қайд намуд, ки ифодаҳои зерини дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон истифодашуда, ба монанди «ҳар шахс вазифадор аст», «вазифаи ҳар як шахс» ва «қарзи шаҳрвандӣ» на танҳо хусусияти умумии ин вазифаҳоро ифода мекунад, балки инчунин ба ноҷоиз будани истифодаи ҳар гуна бартариҳо бо мақсади озод кардан аз иҷрои онҳоро ишора мекунад. Дар ҳолати мазкур дар хусуси баробарии имкониятҳои ҳуқуқии одамони аз рӯйи мақом ва вазъи молумулкӣ гуногун сухан меравад.

Мазмуни вазифаҳои конститутсионӣ вобаста ба он, ки дорандаи он кадом имтиёзҳо ё бартариятҳои ҳуқуқиро доро мебошад, то андозае тағйир ёфта метавонад. Чунин имтиёзҳо, якум, дар мавқуфгузории иҷрои вазифаҳо (мавқуф гузоштани даъват ба хизмати ҳарбӣ), дуюм, дар кам шудани ҳаҷми вазифаҳо (имтиёзҳои андозӣ) ва сеюм, дар пурра озод гардидан аз иҷрои вазифаҳои конститутсионӣ (озод шудани шаҳрвандон аз хизмати ҳарбӣ) ифода меёбанд. Аммо, имтиёзи муайяни ҳуқуқии ба дорандаи вазифаи конститутсионӣ пешниҳодшаванда бояд на танҳо сабабҳои объективӣ дошта бошад, балки инчунин ба тамоми шахсоне, ки дорои аломатҳои хоси гурӯҳи муайян мебошанд, паҳн гардад.

Масалан, мавқуф гузоштани хизмати ҳарбӣ барои тамоми шаҳрвандоне, ки кӯдак доранд ва онро бидуни модар тарбия мекунанд. Ғайр аз ин, чунин имтиёзҳо бояд на аз тарафи ҳуқуқтатбиқкунанда тибқи салоҳдиди худ, балки танҳо аз тарафи қонунгузор муқаррар карда шаванд ва ба гурӯҳи шахсони муайян паҳн нагардад. Инчунин, ин намуди имтиёзҳо бояд ба ғояҳои иҷтимоие хизмат кунанд, ки баҳри онҳо пешниҳод мегарданд ва ба талаботи адолат мутобиқ бошанд.

Барои фаҳмиши амиқи моҳият ва таъиноти вазифаҳои конститутсионӣ онҳо бояд таснифбандӣ карда шаванд. Пеш аз ҳама, бояд вазифаҳои инсон ва вазифаҳои шаҳрванд фарқ карда шаванд, ки онҳо аз бисёр ҷиҳат тафовут доранд. Ба сифати маҳаки фарқгузории вазифаҳои инсон ва шаҳрванд дар таҷрибаи конститутсионии ватанӣ хусусияти алоқаи байни шахсият ва давлат баромад мекунад: - шаҳрванд ё ин ки шахси бешаҳрванд ё шаҳрванди хориҷӣ. Вазифаҳои инсон баромади табиӣ доранд, чунки на аз факти шаҳрвандӣ, балки узви ҷамъият будани фард маншаъ мегиранд, ки дар он рушду такомули ӯ ҳамчун шахсият имконпазир аст ва дар ин маъно аломатҳои хоси шахсияти инсон мебошанд [1]. Вазифаҳои инсон бо қонуниятҳои инкишофи ҷамъият алоқамандии зич дошта, бо назардошти сатҳи инкишофи иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ муайян карда мешаванд.

Дар фарқият аз вазифаҳои инсон, вазифаҳои шаҳрванд аз узвияти фард дар давлат маншаъ гирифта, инъикоси сифати ҳуқуқӣ-давлатии шахсият мебошанд. Онҳо ба шахсони воқеие вогузор мешаванд, ки таҳти волоияти шахсии давлат қарор доранд ва бо он аз рӯйи шаҳрвандӣ алоқаманд мебошанд. Нисбати шаҳрвандон, дар фарқият аз шахсони дигари ба ҳудуди давлат воридшаванда, на танҳо волоияти ҳудудии давлат, балки инчунин волоияти шахсӣ паҳн мегардад. Он нисбати шаҳрвандон инчунин вақте паҳн мегардад, ки онҳо берун аз ҳудуди давлати худ қарор доранд ва тибқи қоидаи умумӣ, аз вазифаҳои дар нисбати давлати худ дошта озод карда намешаванд.

Инчунин вазифаҳои конститутсиониро ба асосӣ ва иловагӣ ҷудо намудан мумкин аст. Вазифаҳои асосӣ – ин талаботҳои дар Конститутсия мустаҳкамшуда ва таҳти ҷавобгарӣ ҳифзшудае мебошанд, ки нисбати инсон ва шаҳрванд дар робита ба зарурати иштироки ӯ дар таъмини манфиатҳои ҷамъият, давлат ва шаҳрвандони дигар муқаррар карда мешаванд. Ин вазифаҳо дорои аломатҳои хоси худ мебошанд: 1) хусусияти умумӣ доранд; 2) аз мақоми ҳуқуқии мушаххаси шахс вобастагӣ

надоранд; 3) дар сатҳи олӣ, конститутсионӣ мустаҳкам карда мешаванд.

Ба вазифаҳои асосӣ инҳо мансуб мебошанд: 1) риояи Конститутсия ва қонунҳо; 2) ҳифзи Ватан; 3) ҳифзи табиат, ёдгориҳои таъриxиву фарҳангӣ; 4) супоридани андоз ва пардохтҳо. Вазифаҳои иловагӣ – ин он вазифаҳое, ки аз мазмуни дигар муносибатҳои ҳуқуқии дар Конститутсия ва қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон мустаҳкамшуда бармеоянд. Онҳо низ дар низоми вазифаҳо аҳамияти калон доранд. Ин категорияи вазифаҳо, ҳамчун қоида, ба танзими муносибатҳои мушаххас дар соҳаи муайян равона гардидаанд. Ба қатори чунин вазифаҳо инҳоро мансуб донистан мумкин аст: 1) эҳтироми ҳуқуқ ва озодиҳои дигарон; 2) гирифтани таълими умумии асосӣ.

Ҳамин тавр, дар ҷамъбасти гуфтаҳои боло, қайд кардан зарур аст, ки вазифаҳо ба соҳаҳои гуногуни муносибатҳо, ки дар онҳо ба сифати субъект инсон баромад мекунад, дахл доранд. Вақте ки давлат ба инсон ҳуқуқ ва озодиҳои муайян пешниҳод мекунад, ҳамзамон ба зиммаи ӯ уҳдадориҳои муайянро вогузор менамояд. Давлат ва ҷамъият танҳо дар ҳолате самаранок фаъолият мекунанд, агар дар онҳо байни ҳуқуқ ва вазифаҳои инсон ва шаҳрванд мувозинат ҷой дошта бошад.

**Рӯйхати адабиёт:**


1. Эбзеев Б.С. Конституция, власть и свобода в России. Опыт синтетического исследования. М. 2014. С. 14. С. 285.
2. Козлова Е.И., Кутафин О.Е. Конституционное право России: учебник. М.: Проспект, 2015. С. 174.
3. Конституционное право России: учебник / отв. Ред. А.Н. Кокотов, М.И. Кукушин. С.: НОРМА, 2007. С. 148.
4. Хаматова С.Х. Институт конституционных обязанностей человека и гражданина в системе правового федеративного государства. Государство и право. 2018. 9. С. 56.
5. Апиян Н.А. Права человека: итоги века, тенденции, перспективы. Государство и право. 2001. С. 12.



**Аннотатсия**

**Моҳият, мазмун ва таснифи вазифаҳои инсон ва шаҳрванд мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Вазифаҳои инсон унсури муҳими таркибии вазъи ҳуқуқии шахсият мебошанд. Муаллиф дар доираи мақола масъалаҳои моҳият, мазмун ва таснифи вазифаҳои конститутсионии инсон ва шаҳрвандро мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқ менамояд.



**Аннотация**

**Сущность, содержание и классификация обязанностей человека и гражданина по Конституции Республики Таджикистан**

Обязанности человека являются важнейшим составным элементом правового статуса личности. В статье автор исследует вопросы сущности, содержания и классификации конституционных обязанностей человека и гражданина по Конституции Республики Таджикистан.



**Annotation**

**Essence, content and classification of the duties of a human and a citizen under the Constitution of the Republic of Tajikistan**

Duties of a person are the most important constituent element of the legal status of a person. In the article, the author explores the issues of the essence, content and classification of the constitutional duties of a person and a citizen under the Constitution of the Republic of Tajikistan.

## 12.00.03 – ҲУҚУҚИ ГРАЖДАНӢ; ҲУҚУҚИ СОҲИБКОРӢ; ҲУҚУҚИ ОИЛАВӢ; ҲУҚУҚИ БАЙНАЛМИЛАЛИИ ХУСУСӢ
## 12.00.03 – ГРАЖДАНСКОЕ ПРАВО; ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСКОЕ ПРАВО; СЕМЕЙНОЕ ПРАВО; МЕЖДУНАРОДНОЕ ЧАСТНОЕ ПРАВО



**УДК: 347.0**

**Исмаилов Шавкат Маҳмудович,**
*доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии факултети менеҷмент ва ҳуқуқи иқтисодии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон.*
*E-mail.: shism@list.ru*
*Тел.: (+992) 907-70-00-16.*

# КОДЕКСИ МАДАНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН – ЗАМИНАИ ТАНЗИМИ МУНОСИБАТҲОИ НАВИ ХУСУСӢ

***Калидвожаҳо:*** *Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон; муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ; танзими маданӣ-ҳуқуқӣ; фаъолияти соҳибкорӣ; иқтисоди бозорӣ; моликият; ҳуқуқи ашё; падидаи соҳибӣ; соҳибии бовиҷдонона; аҳдҳои беэътибор; муносибатҳои шахсии ғайримолумулкӣ.*

***Ключевые слова:*** *Гражданский кодекс Республики Таджикистан; частноправовые отношения; гражданско-правовое регулирование; предпринимательская деятельность; рыночная экономика; собственность; вещные права; институт владение; добросовестное владение; недействительные сделки; личные неимущественные отношения.*

***Keywords:*** *Civil Code of the Republic of Tajikistan; private law relations; civil law regulation; entrepreneurial activity; market economy; own; real rights; institution ownership; good faith possession; invalid transactions; personal non-property relations.*

**Муқаддима.** Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 апрели соли 2013 зикр карда шуда буд: «Бо мақсади ба талаботи замони муосир мутобиқ намудани танзими муносибатҳои муҳими ҷамъиятӣ Ҳукумати Тоҷикистонро зарур аст, ки кодексҳои гражданӣ ва ҷиноятиро низ дар таҳрири нав таҳия ва пешниҳод намояд... Қонун, дар навбати аввал, инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯро ҳамчун арзиши олӣ эътироф ва ҳифз намояд» [7].

Кодекси амалкунандаи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон зиёда аз 20 сол пеш қабул шуда буд, ки дар он вақт мамлакат қадамҳои аввалини ташкили муносибатҳои бозориро гузошта буд, зимнан таҳрири якуми Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити душвори баркарор намудани иқтисодиёти дар ҷанг харобгардидаи Тоҷикистон ва ислоҳоти бозории дигаргунсозанда сурат гирифт. Ба ғайр аз ин, донишҳо доир ба қонунҳо ва принсипҳои бозор, институтҳои ба вуҷуд омадаистодаи бозор ва муносибатҳои ҳуқуқӣ вуҷуд надоштанд. Таҷрибаи амалӣ ва назариявии тадқиқи муносибатҳои ҳуқуқии хусусӣ мавҷуд набуд.

Таҳиякунандагони Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон равшан дарк мекарданд, ки ҳуҷҷати таҳиякардаи онҳо барои танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ танҳо дар давраи аввал барои бозор қобили қабул буда метавонад. Дар он вақт касе тамоми шаклҳои гуногуни моликиятро, ки дар онҳо озодии иқтисодӣ ва фаъолияти соҳибкории муқарраркардаи Конститутсия амалӣ карда мешавад, инчунин ҳадди ин озодиро тасаввур намекард. Татбиқи меъёрҳои Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва бо мурури замон санҷиши онҳо мебоист имкон медод, ки

минбаъд муқаррароти он аз нав дида баромада шаванд.

Дар шароити муосир метавон бо боварӣ дар бораи модели иқтисоди бозории дар Тоҷикистон ташаккулёфта гуфт, ки мутобиқати қонунгузории граждaниро ба талаботи замон, пеш аз ҳама барои фароҳам овардани шароити мусоид барои ҳаёти шоистаи аъзои ҷомеа, пешрафти иқтисодиёти мамлакат талаб менамояд. Акнун дар асоси таҷрибаи чандинсолаи ҳуқуқтатбиқкунӣ дар Тоҷикистон ва таҷрибаи дигар кишварҳо лозим шуд, ки дар кишвари мо чунин танзими гражданӣ-ҳуқуқӣ таъсис дода шаванд, ки муомилоти граждaниро самаранок намуда, ҷавобгӯи талаботҳои ҳам аҳолии Тоҷикистон ва ҳам сармоягузорон ва соҳибкорон бошад.

Супориши зикргардидаи Сарвари давлат нуқтаи ибтидоии фаъолияти чандинсолаи ҳуқуқэҷодкунӣ оид ба навсозии сарчашмаи асосии қонунгузории гражданӣ гардид. Аз ҷумла, яке аз муҳимтарин чорабиниҳои Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ барои солҳои 2019-2021 «таҳия ва қабули Кодекси гражданӣ дар таҳрири нав бо мақсади ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсону шаҳрванд, манфиати давлат, ташкилотҳо, бахусус ҳуқуқи молумулкии онҳо, беҳдошти сифати парвандаҳои гражданӣ ва санадҳои иҷро, мутобиқ сохтани меъёрҳои соҳа бо санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва дигар санадҳои ҳуқуқии миллӣ, инчунин бо дар назар доштани танзими муносибатҳои нави ҷамъиятӣ» [1] буд.

Пас аз муҳокимаҳои тӯлонӣ Кодекс пас аз ба имзо расидани он аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (24.12.2022, № 1918) эътибори қонунӣ пайдо кард ва аз 1 июли соли 2023 мавриди амал қарор мегирад.

Дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон [5] самтҳои асосӣ, афзалиятҳо ва вазифаҳои соҳаи қонунгузории маданӣ муайян карда шуда, аз ҷумла муқаррарот оид ба танзими муносибатҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкӣ, инчунин тартиби амалӣ намудани моликияти зеҳнӣ ва дигар моликиятҳо, муносибатҳои корпоративӣ, уҳдадориҳои шартномавӣ ва дигар уҳдадориҳо баён гардидаанд.

**Навгониҳои алоҳида, аз ҳама бештар намоёни Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КМ ҶТ).** Дар байни баъзе, аз ҳама бештар навгониҳои намоёни КМ ҶТ (ба истисноИ тағйири номи худи кодекс, ки онро ба кодекси маданӣ иваз кардааст), инҳоро бояд қайд кард:

а) дар КМ ҶТ бартарияти меъёрҳои КМ ҶТ ҳангоми ба вуҷуд омадани мухолифат бо дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки муносибатҳоеро танзим мекунанд, ки предмети (мавзуи) танзими қонунгузории маданӣ мебошанд, пешбинӣ намекунад. Ин то андозае нақш ва мавқеи КМ ҶТ-ро дар ҳуқуқтатбиқкунии амалӣ, пеш аз ҳама дар ҳуқуқтатбиқкунии соҳибкорӣ ва судӣ паст мекунад.

Чунин меҳисобем, ки агар КМ ҶТ бартарияти худро нисбат ба дигар қонунҳои соҳаи ҳуқуқи хусусӣ аз даст диҳад, ба мақсад мувофиқ мебуд, ки шумораи зиёди меъёрҳои он, ки масъалаҳои бақайдгирии давлатии оғоз ва қатъи фаъолияти соҳибкорӣ, иҷозатномадиҳӣ, мақоми ҳуқуқии ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ, кооперативҳо ва ғ.-ро танзим мекунанд, аз санади қонунгузории мазкур хориҷ карда шаванд, зеро аллакай бо дигар қонунҳои махсус танзим карда мешаванд. Ва баръакс, ба КМ ҶТ бояд меъёрҳое ворид карда шаванд, ки ба танзими муфассалтари муносибатҳои алоҳида равона карда шудаанд, аз ҷумла муносибатҳои корпоративӣ, ки дар шакли умумӣ танзими худро дар дигар қонунҳо ёфтаанд.

Ба ғайр аз он, аз м. 1 КМ ҶТ мафҳуми фаъолияти соҳибкорӣ, ки ҳангоми танзими ин намуди муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ аҳамияти ҳалкунанда дошт, хориҷ карда шудааст.

Дар илми ҳуқуқи маданӣ ва соҳибкорӣ оид ба ин масъала як қатор нуқтаҳои назар мавҷуданд, аз ҷумла, нуқтаи назари машҳуртарин ба профессор В.С. Белих тааллуқ дорад, ки ба таври асоснок яке аз роҳҳои асосии такмил додани қонунгузории маданиро «дар кодекс васеъ истифода бурдани асосҳои ҳуқуқии соҳибкорӣ, аз ҷумла истилоҳот ҳисоб кардааст. Ба таври образнок гӯем, Кодекси маданӣ бояд «тиҷоратӣ кунонида шавад», Кодекс бояд ба таври куллӣ ба талаботи тиҷорат дар шароити ҷаҳонишавӣ ва модернизатсияи... иқтисодиёт нигаронида шавад» [2].

Вобаста ба ин, ба мақсад мувофиқ мешуморем, ки таърифи мафҳуми «фаъолияти соҳибкорӣ» дар КМ ҶТ гузошта шавад, сарфи назар аз он ки таърифи мафҳуми мазкур дар дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон сабт карда шудааст.

б) принсипҳои қонунгузории маданӣ (ки принсипҳои дахлнопазирии моликият, озодии шартнома, номумкин будани дахолати худсаронаи ҳар касе ба корҳои хусусӣ, зарурати татбиқи бемонеаи ҳуқуқи маданӣ, таъмини барқарор намудани ҳуқуқи вайронгардидаи маданӣ ва ҳифзи судии онҳоро дар бар мегиранд), ки ба сифати вектори муайянкунандаи тамоми меъёрҳои КМ ҶТ баромад мекунанд, бо принсипи нави муҳими баробарии иштирокчиёни ҳуқуқи маданӣ (қ. 1, м. 3 КМ ҶТ) пурра карда шудааст.

Аммо шояд ин илова барои боз ҳам фаъолонатар инкишоф ёфтани муносибатҳои соҳибкорӣ, васеъкунии тадбиру воситаҳои таъмини бовиҷдонона ва ба таври дахлдор ба амал баровардани ҳуқуқҳои маданӣ ва иҷрои уҳдадориҳои маданӣ дар соҳаи муносибатҳои соҳибкорӣ кифоя набошад.

Бо назардошти он, ки муҳаррики асосии рушди муносибатҳои бозорӣ рақобат аст, чунин мешуморем, ки ба номгӯи принсипҳои ҳуқуқи маданӣ метавонистанд принсипҳои роҳ надодани маҳдудкунии рақобат дар бозор мол (кор, хизматрасонӣ), сӯистифода аз мавқеи бартарӣ дар бозор дохил карда шаванд, гарчанде ки ин қоидаҳо дар КМ ҶТ ҳамчун ҳадди амалӣ намудани ҳуқуқу уҳдадориҳои маданӣ зикр шудаанд (м. 9 КМ ҶТ);

в) ба кафолати конститутсионии озодии фаъолияти иқтисодӣ ва соҳибкорӣ асос шуда муқаррар карда мешавад, ки муомилоти мол, иҷрои кор, хизматрасонӣ ва воситаҳои молиявӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон озодона амалӣ карда мешавад, агар ки дар қонун тартиби дигаре пешбинӣ нашуда бошад (қ. 5, м. 3 КМ ҶТ);

г) меъёрҳои пештарае, ки ҳадду тарзҳои худмуҳофизати ҳуқуқҳои маданиро муқаррар мекарданд, бетағйир нигоҳ дошта шудаанд (м. 13 КМ ҶТ);

д) КМ ҶТ бо қ. 2, м. 15 пурра карда шудааст, ки он имкони ҷуброни зарари аз амали қонунии мақомоти давлатӣ расонидашударо муқаррар мекунад (пештар танҳо зараре, ки бо амали ғайрқонунии ин мақомот расонида мешуд, ҷуброн карда мешуд), гарчанде ки дар таҳрири амалкунандаи КГ ҶТ ҳамин гуна меъёри хусусияти умумидошта низ муқаррар шудааст (қ. 3, м. 1079);

е) аз м. 24 КМ ҶТ, ки фаъолияти соҳибкории инфиродии шахси воқеиро бидуни ташкили шахси ҳуқуқӣ танзим менамояд, меъёре, ки шахсони дар таркиби хоҷагии деҳқонӣ ба фаъолияти соҳибкорӣ машғулбударо (аъзои хоҷагии деҳқонӣ) аз бақайдгирии давлатӣ озод мекарданд, хориҷ карда шудааст, вале меъёр дар бораи ташкили хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) аз ҷониби шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон бидуни ташкили шахси ҳуқуқӣ пешбинӣ шудааст (қ. 4, м. 24 КМ ҶТ);

ж) муқаррароти боби 8 КМ ҶТ дар бораи коғазҳои қиматнок бо моддаҳои нав (м. 157-161), ки баҳисобгирӣ ва муомилоти коғазҳои қиматнокро танзим менамоянд (илова ба қонунгузории махсус дар бораи коғазҳои қиматнок) пурра карда шуданд, ки барои Тоҷикистон, ки аксари аҳолии қобили кор соҳиби саҳмияҳои ғайриҳуҷҷатии НБО «Сангтӯда-1» ва НБО «Роғун» мебошанд, муҳим аст;

з) боби 9: - бо моддаи 163 оид ба иттилоот пурра карда шуда аст; – мафҳуми «неъматҳои ғайримоддӣ» ба мафҳуми «неъмату ҳуқуқҳои шахсии ғайримолумулкӣ» (м. 166), ки дар фасли махсуси КМ ҶТ кушода мешавад, иваз карда шудааст;

и) боби 10 КМ ҶТ бо м. 180 пурра карда шудааст, ки мафҳуми «хабарҳои дорои аҳаммияти ҳуқуқӣ»-ро муайян менамояд;

к) мафҳум ва истифодаи сервитути ашёи ғайриманқул кушода шудааст (м. 344-349);

л) фасли 4 «Ҳуқуқи уҳдадорӣ»-и КМ ҶТ бо моддаҳое пурра карда шудаанд, ки уҳдадории алтернативӣ (м. 353), уҳдадории фаръӣ (м. 354) ва уҳдадории воқеӣ (м. 355)-ро муайян мекунанд. Зиёдшавии маблағе, ки барои таъминоти шахси воқеӣ пардохт карда мешавад, мутаносибан ба андозаи ҳадди ақали музди меҳнат муқаррар карда шудааст, на аз рӯи нишондиҳанда барои ҳисобҳо (м. 367);

м) боби 28 КМ ҶТ «Таъмини иҷрои уҳдадорӣ» бо муқаррарот дар бораи гарави ҳуқуқи уҳдадорӣ (м. 413-414) ва гарави

ҳуқуқҳои молумулкии моликияти зеҳнӣ (м. 415) пурра карда шудааст.

Шакли кафолат (м. 426) мушаххас гардонида шудааст, муқаррарот дар бораи мустақилияти кафолат аз уҳдадории асосӣ (м. 427), бозхонд ва тағйир додани кафолат (моддаи 428), додани ҳуқуқ вобаста ба кафолат (м. 429), рад кардани қонеъгардонии талаб аз ҷониби кафил (м. 434) васеъ карда шудааст. Ба таври иловагӣ ҷавобгарии бенефитсиар (моддаи 433) ворид карда шудааст;

н) боби 29 «Иваз шудани шахс дар уҳдадорӣ»-и КМ ҶТ бо муқаррарот оид ба гузашт кардани ҳуқуқи талабкунӣ аз рӯйи уҳдадорие, ки дар оянда ба вуҷуд меояд (м. 447), пурра карда шуда, танзими шарт ва шакли гузарондани қарз васеъ карда шудааст (моддаи 450);

о) зерфасли 2 «Муқаррароти умумӣ оид ба шартнома»-и КМ ҶТ бо шаклҳои нави шартнома – шартномаи муштарӣ (м. 491), шартномаи опсион (м. 492), шартномаи қолабӣ (м. 494), инчунин муқаррарот дар бораи беэътибории шартнома (м. 497) пурра карда шудааст. Муқаррароти Кодекс нисбати лаҳзаи бастани шартнома (м. 501), оферта ва офертаи оммавӣ (м. 502-503) пурра карда шудаанд.

Ҳар яке аз навигариҳое, ки дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон карда шудааст, омӯзиш ва омӯзонидани ҳаматарафаи худро талаб мекунад.

Дар доираи мақолаи мазкур ба таври муфассалтар баъзе навгониҳоеро, ки ба Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил карда шудаанд, дида мебароем.

**Дар бораи рафтори бовиҷдонона.** Бо фарқият аз қонунгузории граждании Россия, дар Кодекси мадании Ҷумхурии Тоҷикистон принсипи бовиҷдонӣ, ки ба тамоми меъёрҳои он паҳн мешавад, дохил карда нашудааст, аммо уҳдадории рафтори бовиҷдонона барои иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ муқаррар карда шудааст.

Дар доктрина тақсим намудани мафҳуми бовиҷдонӣ ба субъективӣ ва объективӣ қабул шудааст. Бовиҷдонӣ ба маънои субъективӣ дар формулаи «намедонистам ва на бояд медонистам» баён гардидааст, бовиҷдонии объективӣ бошад, ки дар ҳуқуқи уҳдадорӣ истифода мешавад - ин талабот ба рафтори дахлдор аст.

Дар Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ҳар як иштирокчии муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ уҳдадории бовиҷдонона амал намудан ҳангоми муқаррар намудан, амалӣ намудан, ҳимояи ҳуқуқҳои маданӣ ва иҷрои уҳдадориҳои маданӣ муқаррар карда шудааст. Ба иштирокчии муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ аз амали ғайриқонунӣ ё бевиҷдононаи худ бартарӣ ба даст овардан манъ аст (қисмҳои 3-4 м. 3 КМ ҶТ). Ин маънои онро дорад, ки қонунгузор ба субъектҳои муносибатҳои ҳуқуқии маданӣ бевосита нишон додани зарурати рафтори бовиҷдононаро зарур донистааст.

Человеческий капитал, определяемый как знания, навыки и способности рабочей силы, приобретает все большее значение в современной экономике, особенно в сфере услуг и отраслях, основанных на знаниях. Качество производимых услуг и товаров во многом определяется качеством человеческого капитала, задействованного в их производстве. В сфере услуг навыки сотрудников напрямую влияют на удовлетворенность и лояльность клиентов, в то время как в обрабатывающей промышленности навыки сотрудников напрямую влияют на качество и эффективность продукции. Промышленность является важнейшим компонентом международной правовой системы. Особенно все отрасли, которые соответствуют объективным законам развития общества. Однако привлечение и удержание квалифицированных сотрудников может быть проблемой для организаций, особенно в высококонкурентных отраслях.

**Annotation**

**Role of human capital in determining the quality of services and goods**

Human capital, defined as the knowledge, skills and abilities of the workforce, is becoming increasingly important in today's economy, especially in the service and knowledge-based industries. The quality of the services and goods produced is largely determined by the quality of the human capital involved in their production. In the service industry, employee skills directly affect customer satisfaction and loyalty, while in manufacturing, employee skills directly affect product quality and efficiency. Industry is an essential component of the international legal system. Especially all sectors that correspond to the objective laws of the development of society. However, attracting and retaining qualified employees can be a challenge for organizations, especially in highly competitive industries.



**УДК: 347.453**

**Саидмуродова Тахмина Аҳадовна,**
*номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, ассистенти кафедраи ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодаи табиии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.*
*E-mail: takhminasaidmurodova@gmail.ru*
*Тел.: (+992) 918-38-91-50.*

# САМТҲОИ МУБРАМИ ТАКМИЛИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА МАСЪАЛАҲОИ ИҶОРАИ ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТ

***Калидвожа:*** *иҷора; иҷорагир; иҷорадеҳ; воситаи нақлиёт; бо экипаж; бе экипаж; шартнома; қонунгузории гражданӣ; қонунгузории нақлиёт; мухлат; шакл; мазмун; моликият; ҷавобгарии молумулкӣ; тасниф.*

***Ключевые слова:*** *аренда; арендатор; арендодатель; транспортное средство; с экипажа; без экипажа; договор; гражданское законодательство; транспортное законодательство; срок; форма; содержание; имущество; имущественная ответственность; классификация.*

***Keywords:*** *lease; tenant; lessor; vehicle; with crew; without crew; contract; civil law; transport legislation; term; form; content; property; property liability; classification.*

Яке аз векторҳои аввалиндараҷаи рушди қонунгузории граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - ҶТ) оид ба иҷораи воситаи нақлиёт, мураттабсозии минбаъдаи он, аз ҷумла тафовутгузории меъёрҳои умумӣ оид ба иҷораи воситаи нақлиёт ва меъёрҳое, ки намудҳои махсуси иҷораи воситаи нақлиётро танзим мекунанд, мебошад. Чунин кор бояд дар асоси таҳлили муфассали илмӣ, аз ҷумла ҷамъбасти таҷрибаи ҳуқуқтатбиқкунии ватанӣ ва давлатҳои ҳамсояи дорои модели шабеҳи танзими ҳуқуқии иҷораи воситаи нақлиёт (Қазоқистон, Федератсияи Россия) сурат гирад. Асосҳои техникӣ барои гузаронидани ҷамъбасти мазкур ҷой дорад, зеро зербобҳои Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КГ ҶТ) меъёрҳои зиёди якдигарро такроркунанда доранд ва метавонанд дар меъёрҳои умумии иҷораи воситаи нақлиёт муттаҳид карда шаванд.

Мавзуъ, инчунин мазмуни шартномаи иҷораи воситаи нақлиёт имкон медиҳанд, ки ин шартнома ба намудҳои гуногун тасниф карда шавад. Зимнан қонунгузории ҶТ мисли қонунгузории бисёр давлатҳои ИДМ танҳо ду намуди шартнома – иҷораи воситаи нақлиёт бо экипаж ва бе экипажро ҷудо намудааст. Баъдан аз ҷониби муаллиф дар асоси ақидаҳои мавҷудаи олимон таснифи ин шартнома гузаронида шудааст.

Баҳснок, вале самти ояндадори рушди қонунгузорӣ оид ба иҷораи воситаи нақлиёт бе экипаж имконияти мустақиман дар қонун муқаррар намудани ҳуқуқи иҷорадеҳ ҷиҳати амалӣ намудани назорати давравӣ ба ҳолат ва нигоҳдории воситаи нақлиёт мебошад.

Дигар мушкилоти танзими меъёрии иҷораи воситаи нақлиёт тибқи қонунгузории граждании ҶТ ин набудани як қатор мафҳумҳои меъёрӣ мебошад, ба монанди воситаи нақлиёт, идоракунии воситаи нақлиёт, истифодаи техникӣ ва тиҷоратии он ва ғайра, ки барои тафсир ва ҳуқуқтатбиқкунии дуруст аҳаммияти муҳим доранд.

Ҳамчунин пешниҳод карда мешавад, ки шартномаи киро ва шартномаи иҷораи воситаи нақлиёт дар қисми иҷораи кӯтоҳмуддати воситаи нақлиёт барои эҳтиёҷоти истеъмолӣ фарқ карда шавад. Дар шартномаҳои киро ва иҷораи воситаи нақлиёт фарқияти моҳиятӣ ҷой доранд, масалан, дар қисми ваколати додани объект ба зериҷора, ки барои субъектҳои алоҳидаи муносибатҳои ҳуқуқӣ метавонад ҳассос бошад. Ҳалли ниҳоии ин масъала коркарди муфассалро талаб мекунад, махсусан дар робита бо зарурати коркарди механизми ҳуқуқии муносиби танзими муносибатҳои ҳуқуқӣ оид ба таҳвили автомобил ва дигар воситаи нақлиёт ба иҷораи муваққатӣ ва ташкилу гузаронидани мубоҳисаи васеи илмию

амалиро тақозо мекунад.

Боз як мушкилоти дигар – масъалаи ҳадди истифодаи воситаи нақлиёт, ки тибқи шартномаи иҷора дода шудааст, мебошад. Ин масъала то ҳадди муайян бо мушкилоти муқаррар намудани мақсади шартномаи иҷораи воситаи нақлиёт бархӯрд дорад. Зеро ҳадди дахлдор метавонад хеле фарқ кунад.

Ниҳоят дар шароити муосир тамоюли муносибатҳои иҷоравӣ дар соҳаи нақлиёт тағйир ёфта истодааст. Масалан, чунин зуҳурот мисли рақамигардонӣ бо ҳамоҳангӣ бо рушди минбаъдаи соҳаи нақлиёти автомобилӣ тарзҳои нави рушди иҷораи кӯтоҳмуддати автомобилҳоро (аз ҷумла тавассути замимаҳои автомобилии электронӣ) ба вуҷуд овардааст. Дар соҳаи ҷаҳонии автомобилӣ дар айни замон тағйироти сохторӣ ба вуҷуд омада истодааст, ки дар ҷанбаҳои зиёди амалигардии он инъикос меёбад. Татбиқи технологияҳои навтарин, коркардҳо дар соҳаи автомобилҳои мустақил, гузариши оммавии ширкатҳо ба истеҳсоли электромобилҳо ва паҳн намудани шаклҳои нави сайёрӣ, ба мисли каршеринг ва райдшеринг. Рушди технологияҳои монанд таваҷҷуҳи махсусро барои коркарди чунин механизмҳои иҷора, ба мисли қабули воситаи нақлиёти автомобилӣ ва додани он ба ташкилоти кироdeҳ (дигар иҷорадеҳ), ҷавобгарии тарафҳо, тартиби ҳалли баҳсҳо тақозо менамояд. Аҳаммияти на камтарро коркарди минбаъдаи институти бастани шартномаи иҷора тавассути платформаи замимаи мобилӣ бо роҳи конклюдентӣ доро мебошад. [1]

Иҷораи воситаҳои нақлиёт бо экипаж ва хусусиятҳои шартномаи иҷораи воситаи нақлиёт бо экипажро дар асоси муқаррароти қонунгузорӣ мураттаб сохта, онҳоро муфассал таҳлил менамоем. Дар ин асос муаллиф зарурати навгониҳои муайянро дар танзими ҳуқуқии иҷораи воситаи нақлиёт бо экипаж қайд намудааст. Яке аз мушкилоти муҳими шартномаи иҷораи воситаи нақлиёт бо экипаж таъмини тавозуни комплексии манфиатҳои тарафҳо мебошад. Азбаски қонун ӯҳдадориҳои зиёди молиявиро ба зиммаи иҷорагир гузоштааст, аз ҷумла ӯҳдадориҳое, ки дар шартнома пешбинӣ нашудаанд, манфиати қонунгузор бояд ба таъмини шароити одил нисбат ба нархи шартнома ва андозаи дигар пардохтҳо тибқи он нигаронида шавад.

Боз як ҳолати мушкил дар амалия ин бандубасти иҷораи воситаи нақлиёт аз ҷониби корфармо ба корманди худ мебошад. Аз рӯи мантиқи ҳуқуқтатбиққкунанда муаллиф чунин тахмин мекунад, ки дар ҳолати шабеҳ (вақте воситаи нақлиёти ба иҷора супоридаи ташкилотро худи молики ин молу мулк идора мекунад) бояд шартномаи иҷораи воситаи нақлиёт бо экипаж баста шуда, муносибати мутақобилаи иҷорагир ва иҷорадеҳ эътирофу инъикос карда шавад. Зимнан бояд дар шартнома бевосита маблағи иҷорапулӣ барои воситаи нақлиёт ва хизматрасонӣ оид ба идоракунии он алоҳида нишон дода шаванд.

Масъалаи оне, ки хизматрасониҳои роҳнамо шартномаи алоҳида мебошад ва ё намуди хизматрасонӣ оид ба идоракунӣ ва истифодаи техникӣ мебошад, баҳснок аст. Масалан, ба ӯҳдадории роҳнамо чун қоида хизматрасониҳои зиёд дохил мешавад. Ин номгӯи хизматрасониҳоро бешубҳа аз рӯи мазмуни худ бо хизматрасонӣ оид ба идоракунӣ ва истифодаи техникии воситаи нақлиёт омехта кардан мувофиқи мақсад намебошад. Конструксияи фасли дахлдори КГ ҶТ шарҳи васеи хизматрасониҳои мазкурро пешбинӣ намекунад; дар моддаҳои 653-662 КГ ҶТ ишора ба дигар хизматрасониҳо ҷой надорад. [2]

Мувофиқан хизматрасонии роҳнамо ӯҳдадории иловагӣ аз тарафи шахсе мебошад, ки хизматрасониро оид ба идоракунӣ ва истифодаи техникии воситаи нақлиёти иҷоравӣ анҷом медиҳад ва мувофиқи хусусиятҳои ҷойдошта хизматрасониҳои роҳнамо, инчунин хизматрасониҳои шахсе, ки хизматрасонӣ оид ба идоракунӣ ва истифодаи техникии воситаи нақлиёти иҷоравиро анҷом медиҳад, чун қоида аз ҷониби ҳамон як шахс сурат мегирад, ҳарчанд хусусиятҳо мавҷуд буда метавонанд.

Дар натиҷа, шартномаи дахлдор оид ба истифодаи хизматрасониҳои ронандаи роҳнамо бо нақлиёти худӣ метавонад низоми шартномаҳо (шартномаи иҷораи воситаи нақлиёт бо экипаж ва шартнома оид ба хизматрасониҳои роҳнамо) ва ё метавонад дар шакли шартномаи махсуси иҷораи воситаи нақлиёт бо экипаж ва хизматрасонии роҳнамо бошад, ки бастани он ба мантиқ ва фалсафаи амали қонунгузории граждании ҶТ зид

намебошад. Чунин шартномаи универсалӣ дар қисми иҷораи воситаи нақлиёт бо экипаж бо меъёрҳои қисми 1 зербоби 3 боби 33 КГ ҶТ «Иҷораи воситаи нақлиёт бо хизматрасонӣ дар мавриди идоракунӣ ва истифодабарии техникӣ» ва меъёрҳои умумии қонунгузории ҶТ оид ба иҷора (кирояи молу мулк), дар қисми хизматрасонии пулакӣ бо муқаррароти дахлдори КГ ҶТ танзим мегардад.

Зимнан мавҷуд набудани асоси шартномавии дақиқ дар таҷрибаи амалигардии муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи омӯхташавандаи хизматрасонии ронандаи роҳнамо бо нақлиёти худӣ, тавре тахмин карда мешавад, бо он вобаста аст, ки бисёр ҷанбаҳои амалии бозори хизматрасониҳои сайёҳӣ мисли пештара дар ҳолати ҷанин қарор доранд, ки он на ба манфиати тарафҳо асту на ба манфиати миллӣ. Дар иртибот бо ин муаллиф ба мақоми ваколатдори соҳаи идораи сайёҳӣ тавсия додааст, ки дар асоси машварат бо ҷомеаи ҳуқуқӣ шакли тавсиявии (намунавии) шартномаи иҷораи воситаи нақлиётро омода ва интишор намояд.

Мувофиқи қонунгузорӣ шартномаи иҷораи воситаҳои нақлиёт бе экипаж ин шартнома пешниҳоди воситаи нақлиётро ба соҳибӣ ва истифодаи муваққатӣ бидуни хизматрасонии идоракунии он ва истифодаи техникӣ дар назар дорад. Бо ҳамин он аз шартномаи иҷораи воситаи нақлиёт бо экипаж фарқ мекунад.

Лаҳзаҳои алоҳидаи мубоҳисавии танзими ҳуқуқии шартномаи иҷораи воситаи нақлиёт бе экипажро баррасӣ намуда, муаллиф қайд менамояд, ки баҳсҳои алоҳидаро шарҳи муқаррароти қонунгузорӣ ташкил медиҳад, аз ҷумла вобаста ба уҳдадории тарафҳо, пеш аз ҳама, иҷорагир. Оид ба номгӯи уҳдадориҳо ва зарурати ҷуброн ба иҷорадеҳ дар шароити иҷро нашудани онҳо баҳсҳо ҷой доранд. Меъёрҳои қонунгузорӣ ҳолати ошкор шудани камбудиҳои техникиро баъди анҷоми шартнома, ки барои воситаи нақлиёт ҳамчун мавзӯи махсуси иҷора мебошад, инкор мекунанд. Қонун бештар ба ҳимояи ҳуқуқҳои иҷорагир нигаронида шудааст, бебаҳс исбот намудани он ки камбудии техникӣ натиҷаи иҷрои номатлуби уҳдадории иҷорагир дар давраи амали шартнома мебошад, на ин ки истифодаи он аз ҷониби худи иҷорадеҳ ё шахси сеюм баъди анҷоми муҳлати шартнома мураккаб мебошад, барои ҳамин таваккали мазкур ба зиммаи иҷорадеҳ гузошта шудааст. Бо ҳолати шабеҳ набудани ишораи махсус оид ба гаронии бартарафсозии нуқсонҳо, ки дар давраи пешазшартномавӣ ошкор шуда, эҳтимолан бо иҷро накардан ва ё иҷрои номатлуби уҳдадориҳо аз ҷониби иҷорагир тибқи моддаи 665 КГ ҶТ алоқаманд мебошанд, баррасӣ мегардад.

Як мушкилоти дигар ба таври фосилавӣ ба даст овардани автомобил ба киро мебошад (тавассути замимаи телефонӣ, масалан, аз таваққуфгоҳ). Рушди муносибатҳои ҳуқуқии шабеҳ оид ба иҷораи кӯтоҳмуддат, истифодаи якҷояи воситаи нақлиёт, танҳо таваккали сӯистифода аз ҳуқуқро аз тарафи иҷорадеҳон зиёд мекунад. Ҳарчанд ҷустуҷӯи тавозуни оқилонаи манфиатҳои иҷорадеҳ ва иҷорагир зарур мебошад, зеро иҷорагирон одатан майл доранд, ки зарар ва нуқсонро, пеш аз ҳама, зарар ва нуқсони хурдро, ки дар давраи истифодаи воситаи нақлиёт пайдо шудаанд, пинҳон кунанд.

Воситаи муҳими пешгирӣ ва ҳалли фаврии баҳсҳо, ки тарафҳоро қонеъ мекунаду дар иртибот бо гузоштани уҳддадориҳо ба зиммаи иҷорагир тибқи моддаҳои 665 ва 667 КГ ҶТ мебошад, дар сурати мавҷуд будани имконият, ҳатман амалӣ намудани қабулу супоридани молу мулк бо сабти ҳуҷҷатии он аст.

Дар асоси таҳлил ва ошкор намудани баъзе мушкилот дар танзими ҳуқуқии ин шартнома диссертант пешниҳод менамояд, ки қисми 2 моддаи 663 КГ ҶТ дар таҳрири нав бо мақсади иҷозат додан ба навкунии муҳлати шартномаи иҷораи ба муҳлати номуайян бисташуда ва ҳуқуқи афзалиятноки иҷорагир барои навкунии шартномаи иҷора, агар шартномаи дахлдор ба муҳлати зиёда аз 1 сол баста шуда бошад, ифода карда шавад.

Нисбат ба иҷораи автомобилҳо қонунгузории соҳавӣ ягон меъёри махсусро дар муқоиса бо меъёрҳои заминавии қонунгузории гражданӣ пешбинӣ накардааст, ба истиснои меъёрҳои мазмунан баҳсноки кирои воситаи нақлиёт.

Дар таҷриба мавзӯи иҷораи воситаи нақлиёт одатан вагон ва локомотивҳои роҳи оҳан баромад мекунанд, вале Оинномаи

нақлиёти роҳи оҳани ҶТ танзими муфассали иҷораро пешбинӣ накардааст. Масъалаҳои дахлдор дар шартномаҳо танзим мешаванд, аз ҷумла бо шартномаҳои намунавӣ, ҳарчанд онҳо як қатор меъёрҳоеро дар бар мегиранд, ки баробарии иштирокчиёни муносибатҳои нақлиётӣ ва иҷорагирони қисми мутаҳаррикро хотирнишон мекунанд. [3]

Асоси танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар нақлиёти ҳавоиро Кодекси фазои ҳавоии ҶТ ташкил медиҳад. Мувофиқи моддаи 97 КФҲ ҶТ иҷораи ҳавопаймо дар асоси шартномаи кирояи ҳавопаймо (чартери ҳавоӣ) сурат мегирад. Ба ин шартномаҳо қоидаҳои интиқоли ҳавоӣ, ки КФҲ ҶТ муқаррар намудааст, татбиқ карда мешавад. Ба тарзи баёни ғалати мафҳуми «шартномаи кирояи ҳавопаймо (чартери ҳавоӣ» дар КФҲ ҶТ ишора карда шудааст: таҳрири моддаи 97 КФҲ ҶТ дар як шартномаи иҷораи ҳавопаймо моҳиятан ду намуди гуногуни шартномаро, ки ба навъҳои гуногуни шартномаҳои ҳуқуқии гражданӣ мансубанд, муттаҳид намудааст. [6]

Дар иртибот бо омӯзиши хусусиятҳои иҷораи намудҳои алоҳидаи воситаи нақлиёт дар маҷмӯъ сифати пасти қонунэҷодкуниро тасдиқ намуда, онро бо мушкилот ва душвории марҳилаи гузариши иҷтимоии Тоҷикистон мансуб медонад. Дар онҳо иловатан метавонанд меъёрҳое ҷойгир карда шаванд, ки вазъи иҷтимоӣ ва ё сиёсии ин марҳиларо инъикос менамоянд.

Оиннома ва кодексҳои нақлиётии амалкунанда, инчунин Қоидаҳои умумии авиатсионӣ талфифаи печидаи қонунгузории замони шӯравӣ ва қонунҳои намунавии ИДМ бо фарогирии муқаррароти алоҳида вобаста ба талаботи санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва ё қонунҳои ҶТ мебошад. Мазмуни онҳо дуруст карда нашудааст, матни забони давлатӣ ва забони муносибатҳои байналмилалӣ муқоиса нашудааст; меъёрҳои ҳуқуқии дар санадҳо пешбинишуда баъзан ба талаботи мубрами воқеии иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ ҷавобгӯ намебошанд. Зимнан дар ҳолатҳои алоҳида холигии қонунэҷодкунӣ ва институтҳои мукаммали ҳуқуқӣ дахл доранд. Офаридани низоми дақиқ ва мутобиқи қонунгузории нақлиёти ҶТ гарави татбиқи ҳуқуқи дахлдор буда, он аз ҷумла ба муносибатҳои марбут ба иҷораи ВН мансуб аст.

Муаллиф иброз менамояд, ки ба ҳар як соҳаи нақлиёт талаботи гуногун ба иҷорагир ва иҷорадеҳ хос мебошад, ки бештар дар санадҳои меъёрии танзимкунандаи соҳаи дахлдор таҷассум ёфта, мутаассифона, на ҳамеша ва на дар ҳаҷми пурра масъала фаро гирифта мешавад, ки ин ҳолат аз зарурати рушди минбаъдаи қонунгузорӣ дар соҳаи муносибатҳои баррасишавандаи иҷораи воситаи нақлиёт гувоҳӣ медиҳад.

«Ҷавобгарии молумулкии тарафҳо тибқи шартномаи иҷораи воситаҳои нақлиёт» қайд шудааст, ки ба шарти калидии аз ҷониби иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ риоя гардидани уҳдадориҳои базиммагирифташуда институти ҷавобгарии ҳуқуқии гражданӣ (моддӣ) мебошад, ки мавҷудияти он ба иҷрои матлуби уҳдадориҳо нигаронида шуда, дар ин ҳолат ба сифати воситаи ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии тарафҳо дар уҳдадориҳо баромад карда, инчунин талафи (ҷуброни) зарари молумулкии тарафи ҷабрдидаро таъмин менамояд. Дар муносибатҳо оид ба шартномаи иҷораи воситаи нақлиёт метавонад ҳам ҷавобгарии шартномавӣ ва ҳам ҷавобгарии ғайришартномавӣ ҷой дошта бошад, охирин аз ҷумла ҳангоми кирояи воситаҳои нақлиёти автомобилӣ метавонад ҷой дошта бошад, вақте кирогир шаҳрванд мебошад.

Ба анъанаҳои сивилистӣ такя намуда, муаллиф пешниҳод менамояд, ки муносибатҳо дар соҳаи ҷавобгарии иҷорагир ва иҷорадеҳи воситаи нақлиётро бояд ба дохилӣ ва берунӣ ҷудо намуд: муносибатҳои дохилӣ ба муқаррар намудани ҷавобгарии тарафҳо тибқи шартномаи иҷораи воситаи нақлиёт дар назди якдигар иртибот дорад; муносибатҳои берунӣ ҷавобгарии иштирокчиёни шартномаро дар назди шахсони сеюм, ки ба онҳо дар раванди истифодаи воситаи нақлиёт дар давраи амали шартномаи дахлдори иҷора зарар расонида шудааст, фаро мегирад. Дар робита бо ин моҳиятан ҷанбаҳои ҷавобгарии молумулкӣ тибқи шартномаи иҷораи воситаи нақлиёт фарқ дорад.

Ҷанбаҳои хусусии ҷавобгарии шартномавии тарафҳо тибқи созишномаи иҷораи воситаи нақлиёт чи бо экипаж ва чи бе экипаж дар қонунгузории ҶТ хеле ночиз танзим шудааст, зимнан мавҷудияти

институтҳои алоҳида, аз ҷумла суғуртаи ҳатмии ҷавобгарии граждании шахсе, ки воситаи нақлиётро истифода мекунад, наметавонад дар такмил ва рушди муносибатҳои соҳаи тадқиқшаванда мусбат арзёбӣ карда шавад.

Муаллиф чунин тахмин мекунад, ки агар иҷорагир истифодаи воситаи нақлиётро номутобиқ ба мақсадҳои фаъолияти худ амалӣ намояд, ин ҳолат метавонад чун ғайритаъйинот истифода намудани молу мулк бандубаст карда шавад. Дар ин ҳолат аз тарафи иҷорадеҳ аз иҷорагир талаб намудани ҳисобот оид ба амалҳояш ва талаб намудани бекор кардани шартнома бо ҷуброни зарари расонида, аз ҷумла дар асоси қисми 3 моддаи 634 КГ ҶТ қонунӣ мебошад. [6]

Бо сабаби мавҷудияти меъёри махсуси дахлдор, муқаррароти умумии КГ ҶТ оид ба ҷавобгарӣ тибқи шартномаи иҷораи молу мулк ба муносибатҳои ҳуқуқии мазкур татбиқ карда намешавад ва мувофиқан гаронии ҷавобгарии молумулкиро иҷорадеҳ тибқи шартномаи иҷораи ВН бо экипаж ба зимма дорад. Зимнан иҷорадеҳ барои зарари тасодуфан бавуҷудомада ҷавобгарӣ надорад. Меъёри моддаи 660 КГ ҶТ бошад берун аз принсипи эҳтимолияти гуноҳ мебошад, зеро ба иҷорадеҳ ухдадории исботи гуноҳи имконпазири иҷорагирро гузоштааст. Ҳамзамон муқаррароти моддаи 660 КГ ҶТ хислати диспозитивӣ дорад ва моҳиятан дар назар дорад, ки ҷавобгарӣ барои нобуд шудан ва ё зарар дидани воситаи нақлиёт дар раванди истифодаи он метавонад дар ҳаҷми пурра ба иҷорагир низ гузошта шавад, агар муқаррароти мазкур дар матни шартнома ҷой дода шуда бошад. Зимнан тибқи меъёри моддаи 660 КГ ҶТ муқаррароти мазкур бояд бо роҳи нишон додани ҳолатҳое, ки барои онҳо худи иҷорагир ҷавобгар аст, сурат гирад; қонунгузор зарурати мушаххас намудани ҳолатҳои мазкурро пешбинӣ накардааст.

Аз рӯи моҳияти меъёрҳои зербоби 1 боби 33 КГ ҶТ дар ҳамоҳангӣ бо муқаррароти умумии КГ оид ба иҷора ва ухдадориҳо иҷорадеҳ тибқи шартномаи иҷораи воситаи нақлиёт бо экипаж на танҳо (тибқи қоидаи умумӣ) зиёни вобаста ба зарарбинии ВН ё нобудшавии онро, ки бо гуноҳи экипаж расидааст, ба зиммаи худ мегирад, балки дар назди иҷорагир ҷавобгарии ҳуқуқии гражданӣ барои иҷрои номатлуби ухдадориҳои экипажро низ дорад, агар амал ё беамалии экипаж, ки бо нишондодаи мустақими иҷорагир дар доираи салоҳияти бо қонун ё шартнома пешбинишудаи ӯ иртибот надорад, боиси зиёд шудани хароҷот шуда, дар навбати худ андозаи фоидаи моддии иҷорагирро аз истифодаи тиҷоратии ВН кам карда бошад. [2]

Ин муқаррарот дар қонун бевосита нишон дода нашудааст, балки аз тафсири низомноки меъёрҳои ҳуқуқи гражданӣ бармеояд. Мувофиқан вобаста ба масъалаи мазкур мумкин аст, ки гуногунфикрӣ ба вуҷуд ояд, ки боиси муҳокимаҳои судӣ мегардад. Инчунин меъёрҳои моддаи 660 КГ ҶТ хислати казуистӣ доранд ва метавонанд боиси шарҳи нодурусти қонун аз ҷониби судҳо зимни татбиқи меъёрҳои мазкур нисбат ба муносибатҳои махсуси бо он танзимнашуда гарданд. Чунин номувофиқиҳо аз ҷониби муаллиф зимни омӯзиши таҷрибаи судии дигар давлатҳо ошкор шудааст. Дар асоси таҳлилҳои гузаронидашуда диссертант пешниҳод менамояд, ки моддаи 660 КГ ҶТ дар таҳрири нав ифода карда шуда, дар он пешбинӣ гардад, ки таваккали нобуд шудан ва зарар дидани воситаи нақлиёти иҷоравӣ ба иҷорадеҳ гузошта мешавад, агар тартиби дигаре дар шартнома пешбинӣ нашуда бошад, иҷорагир бошад ухдадор мешавад ба иҷорадеҳ зиёни расонидаро танҳо дар ҳолате ҷуброн намояд, ки агар охирин исбот намояд, ки нобуд шудан ва ё зарар дидани воситаи нақлиёт вобаста ба ҳолатҳое рух додаанд, ки барои онҳо иҷорагир мувофиқи қонун ва шартнома ҷавобгар мебошад. Ба ғайр аз ин, пешниҳод шудааст, ки ба КГ ҶТ моддаи 669[1] бо мақсади муқаррар намудани ҷавобгарии иҷорагир дар ҳолати нобуд шудан ва ё зарар дидани воситаи нақлиёти иҷоравӣ илова карда шавад. [5]

Муносибатҳои нави ҳуқуқиро дар соҳаи иҷораи воситаи нақлиёт дар таҷриба тадқиқ намуда, навгониҳои муайянро пешниҳод намудааст, ки аз ҷумла барои аз ҷониби ташкилоти кирокунанда, каршерингӣ ва ғайра ширкатҳо истифода намудани суғуртаи таваккали соҳибкорӣ мусоидат мекунанд. Ин метавонад боиси гароншавии арзиши хизматрасониҳои киро гардад, вале ҳимояи кирогири маишии воситаи нақлиёт -ро ба таври назаррас таъмин намуда, дар муносибатҳои ҳуқуқӣ равшаниро ҷорӣ мекунад ва ҳамзамон

барои танзиму рушди минбаъдаи намудҳои алоҳидаи муносибатҳои иҷоравӣ мусоид карда метавонад.

Муаллиф чунин иброз меномояд, ки яке аз объектҳои махсуси иҷора ин воситаи нақлиёт мебошад. Маҳз барои ҳамин қонунгузор на танҳо аз нуқтаи назари техникаи ҳуқуқӣ ниҳоди шартномаи иҷораи воситаи нақлиётро ҷудо намудааст,вале ин ниҳод то ба охир коркард нашудааст ва ба мураттабсозии минбаъда ниёз дорад. Ба меъёрҳои моддаҳои 624, 653 ва 663 такя намуда, муаллиф мафҳуми шартномаи иҷораи воситаи нақлиётро пешниҳод намудааст .

Ҳамчунин дар асоси омӯзиши қонунгузорӣ ва таҷрибаи ҳуқуқтатбиққунӣ муаллиф хусусияти унсурҳои алоҳидаи шартномаи иҷораи воситаҳои нақлиётро ҷудо намудааст, ки аҳаммияти назариявию амалӣ доранд. Дар байни ин хусусиятҳо ҷойи махсусро хусусиятҳои воситаи нақлиёт чун мавзӯи шартнома ишғол мекунад. Мушкилоти амалияро ба инобат гирифта, муаллиф муфассал тартиби бастан ва шакли шартномаи иҷораи воситаи нақлиётро таҳқиқ карда, хулоса намудааст, ки риоя накардани шакли одии хаттӣ асос барои беэътибор донистани шартнома намегардад, танҳо тарафҳо аз ҳуқуқи истинод ба баёноти шоҳид зимни асосноккунии талаботи даъвоӣ маҳрум мегарданд. Шартномаи иҷораи воситаи нақлиёт бо мақсадҳои гуногун баста мешавад, аз ин рӯ, бо дарназардошти хулосаҳои бадастоварда дар қонун дақиқ намудани мақсади шартномаи иҷораи воситаи нақлиёт, ҳамзамон маҳдуд намудани соҳаи татбиқи он мувофиқи мақсад намебошад.

Дар мақолаи мазкур самтҳои мубрами такмили меъёрҳои қонунгузории ҶТ оид ба масоили иҷораи воситаҳои нақлиёт мушаххас шудаанд. Ҳамчунин тавсия шудааст, ки асосҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои нав дар ин соҳа, аз ҷумла ба истилоҳ «каршеринг» коркард шавад. Зимнан бо тартиби маъмурӣ маҳдуд намудани хизматрасониҳои инноватсионии нақлиётӣ ҳалли вазифаҳои дахлдорро на дар алоҳидагӣ ва на дар маҷмӯъ таъмин карда наметавонанд. Бинобар ин, баррасии имкониятҳои дурнамои танзими ҳуқуқии муносибатҳои дахлдор, ки дорои унсури инноватсионӣ мебошад, талаб карда мешавад. Барои ин таҳлили дақиқи таҷрибаи давлатҳои ҳамҳудуд ва баҳамгузории он бо таҷрибаи давлатҳои хориҷи дур муҳим буда, дар асоси мубоҳисаи васеи илмию амалӣ бояд масъалаи роҳҳои умедбахши рушди қонунгузории гражданӣ ҳал карда шавад.

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки дар танзими ҳуқуқии иҷораи воситаи нақлиёт бо экипаж зарурати ҷорисозии навгониҳо ҷой дорад, ба мисли кафолатҳои иловагии таъмини ҳуқуқҳои иҷорагир, арзёбии ҳуқуқии иҷораи воситаи нақлиёти мансуб ба корманд бо корфармо, иҷораи воситаи нақлиёт марбут ба хизматрасонии ронандаи роҳнамо бо нақлиёти худӣ ва ғайра.

Як қатор хулосаҳо вобаста ба ҷанбаҳои мубоҳисавии баъзе муқаррароти қонунгузорӣ оид ба иҷораи воситаи нақлиёти бе экипаж бароварда шудааст, аз қабили ӯҳдадориҳои тарафҳо, махсусан вобаста ба азназаргузаронии ҳолати техникии воситаи нақлиёт, танзими ҳуқуқии каршеринг, тартиби муайян намудан ва тақсими гаронии маблағгузории камбудиҳои техникие, ки баъди анҷоми шартнома ошкор шудаанд. [4]

Ҳамчунин хусусиятҳои хоссаи иҷораи намудҳои алоҳидаи воситаҳои нақлиёт муайян карда шудаанд. Бо мақсади такмили таҷрибаи ҳуқуқтатбиққунӣ тавсия шудааст, ки ҳама ҳолатҳои ҷавобгарӣ дар шартномаҳои иҷораи воситаи нақлиёт ба таври алоҳида ва бевосита танзим карда шавад. Бо дарназардошти сершумории таваккалҳо вобаста ба соҳибӣ ва истифодаи воситаи нақлиёт тавсия шудааст, ки ниҳоди суғуртаи ҷанбаҳои алоҳидаи таваккалҳо такмил дода шавад.

Муқаррароти мазкурро ҷамъбаст намуда, муаллиф тахмин кардааст, ки пешниҳод ва тавсияҳои манзуршуда имкон медиҳанд, ки илм, қонунгузории гражданӣ ва таҷрибаи ҳуқуқтатбиққунӣ такмилу рушд ёбад ва ҳамзамон ба тавсеаи муносибатҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи иҷораи воситаҳои нақлиёт, бо дарназардошти муҳимияти инкишофи ин соҳаи муносибатҳои ҷамъиятӣ, мусоидат карда мешавад.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Кодекси Фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 ноябри соли 1998 № 720 // Ахбори Маҷлиси Оли ҶТ. – 1998. – № 23–24. – С. 342.
2. Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 1999 (Қисми 2) // Ахбори Маҷлиси Оли ҶТ– 1999. – № 7.
3. Вавилин, Е.В. Осуществление прав и исполнение обязанностей по договору аренды транспортных средств [Текст] / Е.В. Вавилин. – М.: Волтерс Клувер, 2009. – 136 с.
4. Куприянова Н.С. Особенности гражданско-правовой ответственности за вред, причиненный источником повышенной опасности//Постулат. - 2018. - № 10 (36). - С. 48.
5. Кремер Ю. Особенности объекта аренды транспортных средств // Хозяйство и право. - 2010. - № 1. - С. 58–60
6. Микрюков В.А., Микрокова Г.А. Проблемы договора аренды транспортных средств//Законодательство. - 2010. - № 10. [Электронный документ]// Доступ из справ.-правовой системы «Гарант»
7. Саидмуродова Т.А. Понятие и значение договора аренды транспортных средств в условиях Республики Таджикистан // Правовая жизнь. – 2019. – № 1 (25). – С. 169–177.

**Аннотатсия**

**Самтҳои мубрами такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои иҷораи воситаҳои нақлиёт**

Мақолаи мазкур маҷмӯии асосҳои назариявӣ-ҳуқуқии мушкилоти иҷораи воситаҳои нақлиёт мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро фаро мегирад. Муаллиф дар асоси омӯзиши ақидаҳои назариявӣ ва таҷрибаи амалӣ оид ба мафҳум ва аҳамияти шартомаи иҷораи воситаҳои нақлиёт дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, тавсифи ҳуқуқии унсурҳои алоҳидаи шартномаи иҷораи воситаҳои нақлиёт, таснифи шартномаҳои иҷораи воситаҳои нақлиёт, тавсифи хусусиятҳои иҷораи намудҳои алоҳидаи воситаҳои нақлиёт, хусусияти ҷавобгарии молумулкии тарафҳо тибқи шартномаи иҷораи воситаҳои нақлиётро зери таҳлил қарор дода, ба такмили қонунгузорӣ дар соҳаи мазкур эътибори ҷиддӣ додааст.

**Аннотация**

**Актуальные направления совершенствования норм законодательства Республики Таджикистан по вопросам аренды транспортных средств**

Данная статья представляет собой комплексное исследование теоретико-правовых основ проблем аренды транспортного средства по законодательству Республики Таджикистан. Автором на основе различных теоретических точек зрения и правоприменительной практики были обоснованы понятие и значение договора аренды транспортных средств в условиях Республики Таджикистан, правовая характеристика отдельных элементов договора аренды транспортных средств, классификация договора аренды транспортных средств, особенности аренды отдельных видов транспортных средств, специфика имущественной ответственности сторон по договору аренды транспортных средств и было уделено особое внимание совершенствованию законодательства в данной сфере.

**Annotation**

**Actual directions for improving the norms of the legislation of the Republic of Tajikistan on the rental of vehicles**

This article is a comprehensive study of the theoretical and legal foundations of the problems of renting a vehicle under the legislation of the Republic of Tajikistan. Based on various theoretical points of view and law enforcement practice, the author substantiated the concept and meaning of a vehicle lease agreement in the conditions of the Republic of Tajikistan, the legal characteristics of individual elements of a vehicle lease agreement, the classification of a vehicle lease agreement, the features of the lease of certain types of vehicles, the specifics of the property liability of the parties under a vehicle lease agreement and paid special attention to improving legislation in this area.



**УДК: 34.096**
**Амренова Шогун,**
*номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, ассистенти кафедраи ҳуқуқи нақлиёт ва ҳуқуқи истифодаи табиии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.*
*E-mail: stal.007@mail.ru*
*Тел.: (+992) 904-00-35-30.*

# ТАЪРИХИ ТАШАККУЛ ВА РУШДИ ҚОНУНГУЗОРИИ МИЛЛӢ ОИД БА ТАНЗИМИ ҲАМЛУ НАҚЛИ ҲАВОИИ МУСОФИР ВА БАҒОҶ

**Калидвожаҳо:** *шартномаи ҳамлу нақл; шартномаи ҳамлу нақли ҳавоӣ; мусофир; ширкати ҳавопаймоӣ; бағоҷ; ҳамлу нақли ҳавоии мусофир ва бағоҷ; садамаи нақлиёти ҳавоӣ.*

**Ключевые слова:** *договор перевозки; договор воздушной перевозки; пассажир; авиакомпания; багаж; воздушная перевозка пассажира и багажа; авиакатастрофа.*

**Keywords:** *contract of carriage; contract of air carriage; passenger; airline; baggage; air carriage of passengers and baggage; plane crash.*

Омӯзиши таърихи ташаккул ва рушди қонунгузории миллӣ оид ба ҳамлу нақли ҳавоии мусофир ва бағоҷ нишон дод, ки аҳаммияти бузурги ҷамъиятии нақлиёти ҳавоӣ муҳимияти танзими ҳуқуқии онро муайян кардааст, ки кӯшишҳои аввалин дар ин ҷода дар миқёси байналмилалӣ ҳанӯз аз ибтидои асри XX оғоз шуда буд. Конуниятҳои ташаккул ва рушди қонунгузории миллии ҷумҳурӣ дар ин соҳа баррасӣ гардидаанд.

Ташаккул ва рушди қонунгузории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба танзими ҳамлу нақли ҳавоии мусофир ва бағоҷ дар маҷрои равандҳои дахлдор дар қонунгузории шӯравӣ таркиб ва сохтори ҳуқуқи ҳавоӣ ва принсипҳои зиёди танзими ҳуқуқиро ба мерос гирифта, рушд намудааст.

Дар рушди қонунгузории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба танзими ҳамлу нақли ҳавоии мусофир ва бағоҷ ду марҳилаи калидӣ аз ҷониби муаллиф асоснок ва ҷудо карда шудаанд – шӯравӣ (солҳои 1921-1991, ки аз ду зермарҳила иборат мебошад) ва муосир. Дар зермарҳилаи якуми марҳилаи шӯравии ташаккули қонунгузорӣ оид ба танзими ҳамлу нақли ҳавоии мусофир ва бағоҷ (солҳои 1921-1961) кӯшишҳои аввалин оид ба танзими меъёрии соҳа дар заминаи ташаккули доктринаи ҳуқуқӣ оид ба ин масъала сурат гирифтааст. Дар зермарҳилаи дуюм (солҳои 1961-1991) танзими ҳуқуқӣ ба соҳаи мустақили ҳуқуқ ҷудо мегардад, институт ва зеринститутҳои танзими ҳуқуқӣ ташаккул меёбанд, ки то дараҷаи назаррас мушаххас мегарданд. Дар маҷмӯъ, дар марҳилаи шӯравӣ ба рушди ҳуқуқи ҳавоӣ аҳаммияти дуюмдараҷа дода мешуд, ки боиси коркарди нокофии меъёрҳо ва институтҳо дар сатҳи доктриналӣ гардиданд ва дар санадҳои меъёрӣ бевосита таҷассум ёфтаанд. Ҳолати қонунгузории ҳамлу нақли ҳавоӣ дар замони шӯравӣ устувор набуда, аз кодексҳои авиатсионии мунтазам ивазшаванда, ки мавзуъҳои алоҳидаро марбут ба бастан ва иҷрои шартҳои шартномаи ҳамлу нақли ҳавоӣ дар бар мегирифт ва санадҳои қонунгузории соҳавии зиёди Вазорати авиатсияи граждании ИҶШС, ки объекти мустаҳкамнамоии меъёриашон проблемаҳои идоракунии давлат дар соҳаи авиатсия мебошад, иборат буд. [5].

Дар марҳилаи муосири рушди қонунгузории миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба танзими ҳамлу нақли ҳавоии мусофир ва бағоҷ ҷустуҷӯйи роҳҳо, механизмҳо ва воситаҳои муносибгардонии танзими муносибатҳои ҳуқуқии дахлдор рост сурат мегирад. Тафовути куллӣ аз қонунгузории шӯравӣ ин ҷудогардии нақши истисноии шартнома ҳамчун танзимгари асосии муносибатҳо оид ба ҳамлу нақли ҳавоии мусофир ва бағоҷ мебошад. Дар баробари ин, дар санадҳои қонунгузории бунёдии гражданӣ ва фазои ҳавоӣ муносибатҳои ҳуқуқии баррасишаванда ба пуррагӣ танзим намешаванд. Танзими дахлдор аз ҷониби қонунгузор ба сатҳи санадҳои зерқонунӣ то ҳадди аҳаммияти

меъёрҳои дахлдорро фарқ накардан дода шудааст. Муаллиф муайян кардааст, ки проблемаҳои шабеҳ ба қонунгузории дигар давлатҳои пасошӯравӣ низ хос буда, бештари онҳо қонунгузории гражданӣ ва фазои ҳавоии худро на танҳо аз рӯи таҷрибаи шӯравӣ, балки қонунгузории кодификатсионии намунавии аз ҷониби Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил тавсияшуда тартиб додаанд. Ба камбудиҳои муайян нигоҳ накарда, ҳолатҳои овардашуда ҳамзамон метавонад омили ҳамгироии зуд ва бедарди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Иттифоқи иқтисодии Авруосиё гардад, зеро дар ин маврид ягонасозии қонунгузорӣ, аз ҷумла қонунгузории гражданӣ, ки ҳамчун гарави муҳими бунёди бозорҳои ягона баромад мекунад, талаб карда намешавад ва ё зарурати табдилёбии низом ба миён намеояд.

Табиати ҳуқуқии муносибатҳо оид ба ҳамлу нақли ҳавоии мусофир ва бағоҷ ва хусусиятҳои танзими шартномавии онҳо табиати ҳуқуқии муносибатҳо оид ба ҳамлу нақли мусофир ва бағоҷ, махсусан танзими шартномавии онҳоро таҳлил карда, хулоса намуд, ки ҳастаи ташаккулдиҳандаи низоми муносибатҳои ҳуқуқии гражданӣ ҳангоми амалигардонии раванди нақлиёт, шартномаи ҳамлу нақл мебошад, зимнан ҳамлу нақл бояд чун категорияи мушаххаси ҳуқуқии гражданӣ фаҳмида шавад, ки муносибатҳо байни одамон вобаста ба амалигардии манфиати онҳо оид ба интиқол дар фазо (бор ва ё шахсон)-ро дар бар мегирад. Қайд гардидааст, ки танзими ҳуқуқии ҳамлу нақл дар ду самт амалӣ мегардад – меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва шартномавӣ.

Шартнома замина, асоси пайдоиши муносибатҳои ҳуқуқии нақлиётӣ, мазмун ва шакли таҷассуми онҳо, инчунин ифодаи принсипи озодии фаъолияти соҳибкорӣ мебошад. Шартнома ҳангоми танзими муносибатҳо оид ба ҳамлу нақл истифодаи таъсири усулҳои императивиро аз тарафи давлат ва мувофиқан маҳдудиятҳоро ҳангоми амалигардонии ҳамлу нақл имкон медиҳад. Шартномаи ҳамлу нақл барои ҳамаи намудҳои нақлиёт ягона мебошад, вале ин хусусиятҳои ҳамлу нақлро тавассути намудҳои гуногуни ҳавопаймо истисно намекунад. Хусусияти муносибатҳои ҳуқуқии шартномавӣ маҳз дар он аст, ки дар тафовут аз дигар намуди қарордодҳо танзими умумиҳуқуқии муносибатҳои шартномавӣ вобаста ба ҳамлу нақлро Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КГ ҶТ) анҷом медиҳад, ки танҳо меъёрҳои бунёдиро дар бар гирифта, ҳамзамон нақши меъёрии асосиро ба санадҳои махсуси танзимкунанда мегузорад – ба оинномаҳои ҳамлу нақл ва кодексҳои нақлиётӣ, ки дар онҳо меъёрҳо оид ба ҳамлу нақл, талабот нисбат ба ҳуқуқ ва уҳдадориҳои иштирокчиёни ҳамлу нақл муқаррар шудааст.

Азбаски алоқамандии мутақобила ҳангоми амалигардонии интиқоли мол, ҳамлу нақли мусофир тавасссути воситаҳои фардии нақлиётӣ хусусиятҳои хос доранд, аз ҷумла вобаста ба хосияти технологии раванди интиқол бо ёрии ин ё он воситаи ҳаракат, танзими шартномавӣ дар сатҳи КГ ҶТ танҳо шартҳои умумии танзими ҳамлу нақлро муайян мекунад.[1] Шартҳои намуди танзим (вобаста ба намуди ҳамлу нақл) дар сатҳи дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мустаҳкам шудаанд.

Баъдан бо дарназардошти ин тасниф объекти ин шартномаро баррасӣ менамоем.

Объекти иҷрои уҳдадориҳо оид ба бастани шартномаи ҳамлу нақли ҳавоии мусофир ва бағоҷ амалҳои дар шартнома пешбинишудаи интиқолдиҳандаи ҳавоӣ оид ба ҳамлу нақли мусофир ва бағоҷи бақайдгирифтаи ӯ ба маҳалли таъинот ва уҳдадориҳои мусофир оид ба пардохти хароҷоти интиқолдиҳандаи ҳавоӣ барои ҳамлу нақл мувофиқи ҳуҷҷати хатсайр ва ҳуҷҷатҳои бағоҷнома мебошанд. Ҳангоми амалигардонии ҳуқуқ ба ҳамлу нақли бағоҷ мусофир ба интиқолдиҳандаи ҳавоӣ бағоҷро медиҳад, барои ҳамлу нақл пардохт мекунад ва аз интиқолдиҳанда квитансияи нақлиётӣ ё ҳуҷҷати дахлдоре, ки онро иваз мекунад, мегирад.

Инчунин масъалаҳои мубрами моҳияти ҳамлу нақли ҳавоии мусофир ва бағоҷро баррасӣ намуда ,мувофиқи моҳияти ҳуқуқӣ шартномаи ҳамлу нақли мусофир ва бағоҷ хислати ҷамъиятӣ, дутарафа, музднок, мувофиқашуда, бетаъхир ва муҳлатнок мебошад. Аз рӯи таъриф ин созишномаро ба гурӯҳи шартномаҳо бо истеъмолкунандагон дохил кардан мумкин аст. Тафсири дақиқшудаи ҳуқуқӣ низ ҷой дорад, ки мувофиқи он тибқи шартҳои қарордод барои амалигардонии ҳамлу нақли мусофир бо созиши тарафҳо як тараф (интиқолдиҳанда) ба зиммаи худ уҳдадории анҷом додани интиқоли мусофирро дар фосилаи вақти муқарраршуда мегирад, инчунин дар сурати ҳамлу нақли бағоҷи

мусофир интиқоли онро то маҳалли таъинот, расонидани он ва барасмиятдарорӣ ба шахсе, ки ваколати қабули бағоҷро дорад, анҷом дода, ҳамзамон ба мусофир таъмин намудани сатҳи сифати бо қонунгузорӣ ва ё қарордод муқарраршудаи ҳамлу нақлро кафолат медиҳад, тарафи дигар (шахсе, ки интиқолро анҷом медиҳад ё шаҳрванде, ки ҳамлу нақлро амалӣ менамояд) ба зиммаи худ уҳдадории пардохти тарифи муқарраршуда барои ҳамлу нақл ва ҳангоми бақайдгирии бағоҷ пардохт барои бағоҷро низ мегирад. Зимнан дар адабиёти ҳуқуқӣ мавқеи ягона оид ба масъалаи моҳияти ҳуқуқии шартномаи ҳамлу нақли мусофир ва бағоҷ ҷой надорад, ҳарчанд он муносибати ҳуқуқии алоҳида мебошад. Бо дарназардошти маънидоди муқаррароти меъёрҳои қонунгузории феълӣ муаллифи диссертатсия хулоса намуд, ки созишнома ҳам ҳамлу нақли мусофир ва ҳам бағоҷро дар назар дорад. Маводи тадқиқоти гузаронидаи муаллиф нишон медиҳад, ки чи қадаре он мураккаб ва калонҳаҷм нанамояд ҳам, маҳз муносибати комплексӣ оид ба муайян намудани ин шартнома нисбатан мутобиқ ва пурра ба талаботи танзими ҳуқуқӣ ва таҷрибаи ҳуқуқтатбиққунӣ мувофиқ меояд.

«Мафҳум ва табиати ҳуқуқии шартномаи ҳамлу нақли ҳавоии мусофир ва бағоҷ», консепсия ва табиати ҳуқуқии шартномаи ҳамлу нақли ҳавоии мусофир ва бағоҷро дар асоси муқаррароти қонунгузорӣ тадқиқ намуда, онҳоро мавриди таҳлили амиқ қарор додааст.

Тадқиқи консепсия ва табиати ҳуқуқии шартномаи ҳамлу нақли ҳавоии мусофир ва бағоҷро хулосабарорӣ намудем, ки ҳамлу нақл тавассути нақлиёти ҳавоӣ ҳамлу нақли махсус мебошад ва бо ҳамлу нақл тавассути дигар нақлиёт ба таври принсипиалӣ монанд намебошад. Хусусияти он, воҳидии он дар навъи махсус ва мушаххаси воситаи нақлиёт (ҳавопаймои гражданӣ), ки оператори авиатсионӣ бояд бо он сарукор гирад ва дар шакли муайяни иҷрои он зоҳир мегардад. Чунин муносибати махсус ва ғайримуқаррарӣ нисбат ба ҳамлу нақл зарурати мустаҳкамсозии ҳуқуқии интиқоли ҳавоиро аз ҳама нуқтаи назар пешбинӣ менамояд. Маҳз ин ҳолат кори ҳавопайморо дар шароити мувофиқ ва боэътимод таъмин карда, инчунин барои иҷрои ҳамлу нақли ҳавоӣ мутобиқ ба муқаррароти шартномаи ҳамлу нақли ҳавоии шаҳрвандон имкон медиҳад.

Таҳти шартномаи ҳамлу нақли ҳавоии мусофирон шартномаи консенсуалӣ, оммавӣ ва дутарафа фаҳмида мешавад, ки як намуди созишномаи интиқоли ҳавоӣ буда, тибқи он ширкати ҳавопаймоӣ ба худ уҳдадории анҷом додани ҳамлу нақли мусофири ҳавопайморо ба маҳалли таъинот бо таъмини ҷойи нишаст дар борти ҳавопаймое, ки хатсайри ҳавоиро иҷро карда, дар фармоиш нишон дода шудааст, ба зимма мегирад ва агар мусофири ҳавопаймо бағоҷи худро супорад, пас ба худ уҳдадории то маҳалли таъинот расонидан ва ба мусофири ҳавопаймо ё шахси дигаре, ки ҳуқуқ ба гирифтани бағоҷ дорад, расонидани бағоҷро ба зимма мегирад. [6].

Созишнома оид ба ҳамлу нақли мусофирон тавассути нақлиёти авиатсионӣ анҷомдода ҳисобида мешавад, агар мусофир пурра пардохтро барои парвози ҳавоӣ тибқи чиптаи амалкунанда мувофиқи тарифи тасдиқшуда амалӣ намояд, инчунин агар мусофир зиёда аз меъёри интиқоли ройгони бори дастии аз ҷониби интиқолдиҳандаи ҳавоӣ дошта бошад, инчунин интиқоли ӯ, бор ва ё бағоҷи номбурда анҷом дода шуда бошад.

Таркиби созишнома ё шартнома оид ба ҳамлу нақл тавассути нақлиёти ҳавоӣ ин комплекси ҳамаи муқаррароти он мебошад. Чун қоида, дар муқаррароти қарордод намудҳои алоҳидаи ҳуқуқ ва уҳдадориҳои базиммагирифтаи иштирокчиёни он пешбинӣ гардида, инчунин қисми дигар дар меъёрҳои ҳуқуқӣ мустаҳкам карда мешаванд.

Ба сифати объект дар шартномаи ҳамлу нақли ҳавоӣ амалҳои интиқолдиҳандаи ҳавоӣ оид ба интиқоли шаҳрвандон дар ҳавопаймо ва ҳамлу нақли онҳо ба нуқтаи охирони таъинот баромад мекунанд. Табиати дутарафаи ин шартнома пешбинӣ менамояд, ки байни ҳар як тарафи иштирокчии он – шаҳрвандон ва ширкати ҳавопаймоӣ ҳуқуқ ва уҳдадориҳои махсус пайдо мешаванд.

Иштирокчиёни ин ҳуҷҷат оид ба ҳамлу нақли мусофирон шаҳрвандон ва ширкатҳои ҳавопаймоӣ мебошанд. Интиқолдиҳандаи ҳавоӣ ташкилоти хусусӣ ё тиҷоратии тибқи қонунгузорӣ фаъолияткунанда ва дорои иҷозатномаю сертификати истифодабаранда мебошад, ки тибқи шартномаи ҳамлу нақли мусофирон бо роҳи ҳавоӣ, ки муқаррароти он бо Қоидаҳои ҳамлу нақли ҳавоӣ муқаррар

карда мешавад, уҳдадории пешниҳоди хизматрасонӣ оид ба ҳамлу нақли ҳавоӣ тавассути ҳавопаймои истифодаи ҷамъиятӣ аз маҳалли парвоз то нуқтаи таъинот барои ҳар як шахси муроҷиаткунандаро, ки муқаррароти маълумот ва меъёрҳои мазкурро қабул мекунад, ба зимма мегирад.

Ширкати ҳавопаймоӣ ташкил, таъмин ва гузаронидани хатсайрҳои доимиро мувофиқи хатсайри ҳамлу нақли мусофирон ва бағоҷ, ки тибқи шартҳо ва реҷаи мутобиқ ба талаботи шартномаи ҳамлу нақли ҳавоии мусофирон бо нақлиёти ҳавоӣ муқаррар шудааст, амалӣ менамояд. Пардохт барои ҳамлу нақл аз ҳисоби воситаҳои ҷудонамудаи мусофир амалӣ карда мешавад. Дар натиҷаи фарорасии чунин намуди ҳолати ҳуқуқӣ он дар нисбати интиқолдиҳандаи ҳавоӣ ба кредитори амалкунанда табдил меёбад. Ин имкон медиҳад, ки аз ширкати ҳавопаймоӣ иҷрои хизматрасониҳо ва намудҳои гуногуни амалҳои дар созишномаи ҳамлу нақл пешбинишуда талаб карда шавад. [4].

Созишнома оид ба ҳамлу нақли ҳавоии мусофир бо як қатор хусусиятҳои хос вобаста ба ҳуқуқу уҳдадориҳои дахлдори иштирокчиён, ки ҳангоми тартибдиҳӣ ва амалигардонӣ бояд ба онҳо таваҷҷуҳ зоҳир карда шавад, фарқ мекунад. Аз ҷумла дар доираи ин созишнома воситаи мустақили ҳуқуқӣ уҳдадории ширкати ҳавопаймоӣ нисбат ба мусофир баромад мекунад, ки барои кафолати ҳимояи ҳуқуқии баланди махсуси шахсияти мусофир равона шудааст ва ҳамаи доираи воситаҳои гуногуни махсуси қонунгузориро вобаста ба ҳимояи манфиатҳои мусофир бевосита дар соҳаи муносибати мутақобила бо интиқолдиҳандагони ҳавоӣ дар бар мегирад.

Намудҳои шартномаи ҳамлу нақли ҳавоии мусофир ва бағоҷ муаллиф қайд мекунад, ки мувофиқи қонунгузории айни замон амалкунанда ду намуди шартнома барои ҳамлу нақли мусофир ва бағоҷ тавассути ҳаво ҷой дорад: ҳамлу нақли ҳавоии маҳаллӣ – ҳамлу нақли ҳавоие, ки дар доираи он ҷойи парвоз, ҷойи таъинот ва ҷойи фуруд дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир мебошанд ва ҳамлу нақли ҳавоӣ дар доираи нақлиёти ҳавоии байналмилалии ҳамлу нақли мусофир ва бағоҷ.

Ҳамлу нақли байналмилалии ҳавоӣ ин чунин намуди ҳамлу нақли ҳавоӣ мебошад, ки дар доираи он хатсайри парвоз ва хатсайри фуруд дар фазои ду кишвар ва ё фазои як кишвар ҷойгир мебошанд, агар нуқтаи фуруд дар фазои дигар кишвар пешбинӣ шуда бошад.

Моҳияти шартнома оид ба амалигардонии ҳамлу нақли байналмилалии ҳавоии шаҳрвандон ва бағоҷ дар уҳдадории интиқолдиҳандаи ҳавоии ваколатдор оид ба амалӣ намудани таҳвили бағоҷ ба шаҳрванд аз фурудгоҳи кишвари худ дар фурудгоҳи дигар кишвар ифода меёбад.

Амалигардонии ҳамлу нақли байналмилалии ҳавоӣ аз рӯи қоидаи умумӣ бо шартномаҳо (созишномаҳо)-и байналмилалӣ танзим мегардад, зимнан заминаи умумӣ барои амалигардонии ҳамлу нақли ҳавоии маҳаллӣ ва беруна созишномаҳои махсус басташуда мебошанд. Хусусияти фарқкунандаи танзими меъёрии ҳуқуқии низоми ҳамлу нақли ҳавоии байналмилалӣ маҳз дар ҳамин ифода меёбад, ки онҳо асосан бо муқаррароти созишномаҳои байналмилалӣ, ки дар коркардашон Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирок дорад, танзим шудаанд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон на ба Конвенсияи Варшава ва на ба Конвенсияи Монреал ҳамроҳ нашуда, яке аз ду давлатҳои ҷаҳон бо низоми рушдкардаи авиатсияи гражданӣ ва хатсайрҳои зиёди байналмилалӣ (дар баробари Таиланд) мебошад, ки аъзои ягонто аз ин конвенсияҳои заминавӣ оид ба ягонасозии қоидаҳои ҳамлу нақли байналмилалии ҳавоӣ намебошад. ИҶШС иштирокчии Конвенсияи Варшава буд, мисли вориси ҳуқуқии он – Федератсияи Россия. Охирин ба қарибӣ ба Конвенсияи Монреал ҳамроҳ гардид. [1].

Чунин менамояд, ки даст кашидан аз иштирок дар низоми конвенсионии Варшава-Монреалӣ ҳолати ҳуқуқӣ оид ба бастани созишномаҳо дар бораи ҳамлу нақли ҳавоии байналмилалии шаҳрвандон тавассути нақлиёти ҳавоӣ ба манфиатҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон мухолифат менамояд, бинобар ин сабаб тавсия дода мешавад, ки боз ба муҳокимаи васеи воридшавии Тоҷикистон ба низоми конвенсионии Варшава-Монреалӣ танзими ҳуқуқии шартҳои бастани муносибатҳои шартномавӣ оид ба амалигардонии ҳамлу нақли байналмилалии ҳавоии мусофирон баргашта, аз ҷумла ба он таваҷҷуҳ зоҳир гардад, ки меъёрҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ бо меъёрҳои қонунҳои миллӣ дар муносибати мутақобила қарор гирифта,

барои коркард ва ягонасозии заминаҳои қонунгузорӣ ва ҳуқуқии кишварҳои иштирокчӣ, ки ҳамлу нақли ҳавоиро дар сатҳи байналмилалӣ иҷро мекунанд, мусоидат карда мешавад.

Оқибатҳои ҳуқуқии граждании ҳангоми садамаи нақлиёти ҳавоӣ, ки ҳамлу нақли ҳавоӣ бо таваккали баланд барои ҳаёт ва саломатии мусофирон алоқаманд буда, масъалаи ҷуброни зарари шахсони ҷабрдидаро мубрам мегардонад. Дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон консепсияи садамаи нақлиёти ҳавоӣ мавҷуд нест ва он ҳамчун камбудӣ баррасӣ карда мешавад. Интиқолдиҳандаи ҳавоӣ нисбат ба мусофири ҳавопаймо мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, қоидаҳои созишномаҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин мувофиқи шартҳои шартнома дар бораи ҳамлу нақли ҳавоии мусофирон, мол ё почта уҳдадориҳо дорад. Сарҳади ҷавобгарии ҳуқуқии граждании интиқолдиҳандаи ҳавоӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқи Кодекси фазои ҳавоии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КФҲ ҶТ) пешбинӣ шудааст.

Яке аз камбудиҳои муайяни қоидаҳои авиатсияи гражданӣ оид ба ҷуброни зараре, ки ба саломатӣ ё марги мусофир расонида шудааст, он мебошад, ки муайянкунии маблағҳои дахлдор дар асоси ҷамъоварии ҳуҷҷатҳои зиёд, гузаронидани экспертизаҳо ва ғайра анҷом дода мешавад, ки якум метавонад ба тафовути беасоси маблағи ҷуброни мусофирон вобаста ба вазъи иҷтимоӣ ва кашолкорӣ зимни муайянкунӣ ва ҳисобкунии маблағҳо оварда расонад.

Ҳарчанд меъёрҳои махсус оид ба ҷавобгарӣ дар ҳолати садамаи нақлиёти ҳавоӣ дар КФҲ ҶТ мавҷуд намебошад, ин ҳуҷҷат қоидаеро пешбинӣ мекунад, ки сарҳади уҳдадориҳои интиқолдиҳандаи ҳавоиро барои зараре, ки дар натиҷаи бархӯрди ҳавопаймоҳо расонида шудааст, муқаррар менамояд (моддаи 122 КФҲ ҶТ). [3].

На ҳама зараре, ки дар натиҷаи ҳодисаи авиатсионӣ (садамаи нақлиёти ҳавоӣ) бинобар мудохилаи ғайриқонунӣ ба авиатсия ё шароити номусоиди боду ҳаво расонида шудааст, дар натиҷаи ҳолати қувваҳои рафънопазир шумоуридан ҷоиз аст. Дар ин ҳолат ба назар гирифтани кофигии амалҳои интиқолдиҳанда ва ҳайати он барои пешбинӣ ва пешгирии оқибатҳои дахлдор, яъне ногузирии зуҳуроти номбурда муҳим буда, ҳам бо номумкинии пешбинӣ кардан ва ҳам бинобар сабабҳои объективӣ пешгирӣ кардан ғайриимкон будан ташреҳ меёбад.

Ҳамчун воситае, ки барои таъмини иҷрои уҳдадориҳои деликтӣ дар соҳаи ҳамлу нақли ҳавоӣ равона шудааст, қонунгузории фазои ҳавоӣ суғуртаи ҳатмии ҷавобгариро пешбинӣ менамояд. Институти суғурати ҳатмии ҷавобгарии ҳуқуқи гражданӣ дар авиатсия аз рӯи матлаб барои таъмини қонеъгардонии манфиатҳои ҳамаи тарафҳои муносибатҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла фаъолияти ширкатҳои ҳавопаймоӣ (ки метавонад бо сабаби зарурати пардохти маблағҳои калон дар намуди ҷаримаҳо ва ҷубронҳо халалдор гардад), инчунин ҷуброни зараре, ки дар натиҷаи ҳодисаи авиатсионӣ расонида шудааст, дар ҳаҷми пурра ва аз ҳама муҳимаш ба андозаи оқилона ва одилона равона гардидааст.

Ҷуброни зарари маънавӣ, ки дар натиҷаи садамаи нақлиёти ҳавоӣ расонида шудааст, хусусиятҳои хосро доро мебошад, ки яке аз унсурҳои калидии онҳо таносуби ҳуқуқи гражданӣ ва фазои ҳавоӣ, инчунин таносуби ҳуқуқи миллӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ мебошад. Зимнан муқаррароти Конвенсияи Монреал афзалияти баръало нисбат ба муқаррароти Конвенсияи Варшаваро дорад, бинобар ин, шубҳае нест, ки расмияти маъқулдонии тасдиқи ин санади меъёрӣ зарур мебошад. Муаллиф муносибатҳои ҳуқуқии навро дар ин соҳа тадқиқ намуда, навгониҳои муайянро пешниҳод намудааст. «Ҷавобгарии ҳуқуқии гражданӣ барои иҷро накардан ва барои ба таври дахлдор иҷро накардани уҳдадориҳои шартномавӣ» [7].

Мувофиқи КГ ҶТ санадҳои меъёрии қонунгузории соҳаи нақлиёт муқаррароти роҳбарикунандаи ҳуқуқӣ барои амалҳо мебошанд, аз ҷумла сабабҳои пайдоиши уҳдадориҳои интиқолдиҳанда вобаста ба ҳамлу нақли мусофирон ва бағоҷ тавассути нақлиёти ҳавоӣ КФҲ ҶТ пурратар муқаррар менамояд. Зимнан унсури асосии ҷавобгарии интиқолдиҳанда гуноҳи он мебошад: ӯ бояд ҳатман чунин риоя накардани қоидаҳоро тибқи шартномаи ҳамлу нақл роҳ диҳад, ки гунаҳкорона ва ҷинояткорона эътироф карда шавад.

Интиқолдиҳандаи ҳавоӣ барои вайрон кардани томият ҳангоми ҳамлу нақли бор ё бори

дастӣ, ки дар натиҷаи қабули онҳо барои ҳамлу нақл ва то супоридан ба қабулкунанда, шахси ваколатдоркардаи ӯ ё шахсоне, ки барои қабули бағоҷ ҳуқуқ доранд, ба истиснои ҳолатҳое, ки ӯ исбот намояд, ки гум шудан, камомад ё гум шудан, инчунин осеб (зарар дидан)-и бор ё бори дастӣ дар натиҷаи он ҳолатҳое рух додаанд, ки онҳоро интиқолдиҳандаи ҳавоӣ пешбинӣ карда наметавонист ва бартарафкунии онҳо аз ӯ вобаста набуд, ҷавобгар мебошад. Шарти мазкури фарорасии ӯҳдадорӣ аз ӯҳдадории интиқолдиҳандаи ҳавоӣ оид ба таъмини кафолати томияти бағоҷ дар хатсайри ҳаракати бағоҷи мусофир вобастагии бевосита дорад. Дар натиҷаи гум шудан ё осеб дидани бағоҷ мусофир баъзе зарар ва хароҷоти моддӣ мебинад, ки аз тарафи интиқолдиҳанда ҷуброн карда мешавад, агар ин амалҳо бевосита бо ташаббуси ӯ пайдо шуда бошанд ва ягон шарти аз ҷавобгарии моддӣ озод кардани ӯ ҷой надошта бошад. [8].

Барои бо таъхир ба нуқтаи таъиншуда расонидани мусофир, бағоҷ ё бор ҳамлу нақлдиҳанда ба андозаи 50% нишондиҳанда барои ҳисобҳо муқаррарнамудаи қонунгузории ҶТ барои ҳар соати ба таъхир афтодан, аммо на зиёда аз 50% музди ҳамлу нақл ҷарима месупорад, ба шарте ки агар ҳамлу нақлдиҳанда исбот накунад, ки ба таъхир афтодан бо сабаби қувваи бартарафнашаванда, рафъи вайронии ҳавопаймо, ки ба ҳаёт ва саломатии мусофир таҳдид мекунад ё дигар ҳолатҳои аз ҳамлу нақлдиҳанда вобастанабуда рӯй додааст.

Тадқиқот нишон дод, ки муқаррароти мазкур хеле қафомонда буда, амалан ба таҷрибаи байналмилалӣ мувофиқат намекунад.

Еще одним примером может быть ситуация, когда монополист владеет определенной технологией, которая является ключевой для создания конкурирующих продуктов. В этом случае монополист может ограничивать доступ к этой технологии или устанавливать завышенную цену на ее использование, что делает создание конкурирующих продуктов невыгодным.

Потребители, по смыслу Закона о защите конкуренции, бывают двух видов: потребители – хозяйствующие субъекты и потребители – не хозяйствующие субъекты. При этом последние представляют собой физических и юридических лиц, приобретающих товар и одновременно не ведущих профессиональной деятельности, приносящей доход. Именно

потребители – хозяйствующие субъекты являются адресатами правового запрета, а, значит, только они являются участниками конкурентных отношений в «классическом» смысле.

Представляется, таким образом, что нельзя использовать категорию «потребитель» в контексте исследования вопроса об участии последних в конкурентных отношениях. Если речь идет о рыночной власти покупателя, то должен использоваться термин «хозяйствующий субъект» сообразно языку Закона о защите конкуренции.

С этой точки зрения, не можем согласиться с мнением М.А. Егоровой, которая считает, что «важным нововведением четвертого антимонопольного пакета является легитимация потребителя в качестве субъекта конкурентных отношений» [5]. Что касается закрепления в Законе о защите конкуренции понятия «потребитель», то, по нашему мнению, это связано с необходимостью разграничения категории «потребитель», используемой в рамках антимонопольного права, с иными пониманиями фигуры потребителя, в частности с определением «потребителя» в Законе о защите прав потребителей.

Наиболее верной по определению конкурентных отношений на сегодняшний момент представляется позиция В.А. Белова. Он пишет, что предметом конкурентного права являются отношения государства с хозяйствующими субъектами, возникающие вследствие совершения последними антиконкурентных действий [3]. С одной стороны, ученый упоминает о монополии покупателя в контексте значения конкуренции для рынков, с другой – в определение конкурентных отношений он включает только отношения с хозяйствующими субъектами, что является правильным пониманием сути вопроса и его лаконичным изложением.

Полагаем, в настоящее время представляется верным не рассматривать потребителя в качестве субъекта конкурентного права. Использование данной категории вносит путаницу в рассмотрение вопроса о границах предмета антимонопольного права. Представляется, что при условии включения в предмет антимонопольного права имеющих довлеющую связь с защитой конкуренции отношений различного характера, как вертикальных, так и горизонтальных, потребитель может получить роль участника конкурентных отношений.

Следует заметить, что в случае, если действия (бездействие) доминирующего субъекта ущемляют интересы хозяйствующего субъекта - предпринимателя, выступающего в качестве приобретателя, и в то же время интересы неопределенного круга иных лиц - приобретателей (в том числе потенциальных приобретателей), то данные действия (бездействие) образуют состав злоупотребления доминирующим положением в форме ущемления интересов неопределенного круга потребителей. Потребитель - юридическое лицо или физическое лицо, приобретающие товар.

Основным квалифицирующим признаком неопределенного круга лиц является невозможность индивидуализировать (определить) лиц, чьи права и интересы затронуты или могут быть затронуты рассматриваемыми действиями в определенный момент. При этом невозможность индивидуализации лиц характеризуется отсутствием общих для данных лиц критериев, позволяющих ограничить (определить) закрытость круга лиц, и вероятностью изменения состава данных лиц во времени и пространстве.

Таким образом, злоупотребление доминирующим положением выражается в ущемлении интересов неопределенного круга потребителей в случае нарушения прав и интересов круга таких юридических или физических лиц, которых невозможно индивидуализировать/ограничить, в том числе по причине вероятности изменения во времени и пространстве состава круга лиц, затронутых действиями доминирующего субъекта.

**Список литературы:**

1. Алиева И. Д. Защита гражданских прав прокурором и иными уполномоченными органами. М.: Волтерс Клувер, 2006. С. 36.

2. Белых В.С., Звездина Т.М. Понятие субъектов малого и среднего предпринимательства в науке предпринимательского права // Предпринимательское право. 2018. № 2. С. 4–10.
3. Белов В.А. Так что же такое конкурентное право? // Закон. 2020. N 2. С. 44 – 64 // СПС Консультант Плюс.
4. Гукасян Р. Е. Правовые и охраняемые законом интересы // Советское государство и право. 1973. № 7. С. 116.
5. Егорова М.А. Развитие норм о доминирующем положении в четвертом антимонопольном пакете // Юрист. 2016. N 7. С. 10 – 14.
6. Егорова М.А. Категория «контроль юридического лица» как основной критерий формирования группы лиц // Конкурентное право. 2014. N 1. С. 8 - 13.
7. Коркунов В.М. Конституционные основы положения личности в уголовном судопроизводстве. Саратов, 1987. С. 83.
8. Машкин Н.А. Хозяйственное право в механизме управления рыночной экономикой. М.: Ид-во РЭУ им. Г.В. Плеханова, 2016.
9. Нерсесянц В. С. Философия права: учеб. для вузов. М.: Норма, 2005. С. 23.
10. 10.Петров Д.А. Антимонопольное законодательство: Теория и практика применения. СПб.: Нестор-История, 2012. С. 29.
11. Скакун О. Ф. Теория государства и права (энциклопедический курс: учебник. Харьков: Эспада, 2005. С. 233.
12. Спиридонова А.В. Объединения хозяйствующих субъектов: гражданско-правовое и антимонопольное регулирование: Автореф. дис. ... канд. юрид. наук. Челябинск, 2007. С. 19.
13. Фролова Н.В. Современные проблемы правового обеспечения статуса хозяйствующих субъектов нефтедобывающего комплекса // Законодательство и экономика. 2005. № 10. С. 22–29.
14. Шмелева Ю.В. Понятие группы лиц в антимонопольном законодательстве Российской Федерации // Акционерное общество: Вопросы корпоративного управления. 2008. N 2.

**Аннотатсия**

**Субъектҳо ва объектҳои фаъолияти инҳисорӣ дар соҳибкорӣ**

Ҳамаи кишварҳои мутамаддин, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба бунёди иқтисоди бозори иҷтимоӣ манфиатдоранд, ки фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди муҳити рақобатпазир, баробарии иштирокчиёни муносибатҳои иқтисодӣ, озодии қабули қарорҳо дар масъалаҳои рафтор дар бозор, роҳ надодан ба дахолати худсаронаи касе ба корҳои онҳо, имконияти бемамониат ворид шудан (баромадан) ба бозорро дар назар дорад. Яке аз унсурҳои муҳим барои ноил шудан ба чунин ҳолати иқтисоди бозорӣ мавҷудияти рақобати озод, заминаи ҳуқуқии кафолати мавҷудияти рақобат, қонунгузории зиддиинҳисорӣ мебошад.

**Аннотация**

**Субъекты и объекты монополистической деятельности в предпринимательстве**

Все цивилизованные страны, включая Республику Таджикистан, заинтересованы в построении социально ориентированной рыночной экономики, которая предполагает создание благоприятных условий для развития конкурентной среды, равенство участников экономических отношений, свободу в принятии ими решений в вопросах поведения на рынке, недопустимость произвольного вмешательства кого бы то ни было в их дела, беспрепятственную возможность входа (выхода) на рынок. Один из важных элементов для достижения такого состояния рыночной экономики − наличие свободной конкуренции, правовая основа, создающая гарантии для существования конкуренции, − антимонопольное законодательство.

**Annotation**

**Subjects and objects of monopolistic activity in business**

All civilized countries, including the Republic of Tajikistan, are interested in building a socially oriented market economy, which implies the creation of favorable conditions for the development of a

competitive environment, equality of participants in economic relations, freedom in their decision-making in matters of market behavior, the inadmissibility of arbitrary interference by anyone in their affairs, an unhindered opportunity to enter (exit) to the market. One of the important elements for achieving such a state of a market economy is the existence of free competition, the legal basis that creates guarantees for the existence of competition − antimonopoly legislation.



**УДК: 340.111**

**Сафарбекзода Беҳруз Сафарбек,**
*унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.*
*E-mail: behruz-tj85@mail.ru*
*Тел.: (+992) 907-75-85-85.*

# ТАНОСУБИ МЕЪЁРҲОИ ХУСУСӢ-ҲУҚУҚӢ ВА ОММАВӢ-ҲУҚУҚӢ ДАР ТАНЗИМИ ҲУҚУҚИИ МУНОСИБАТҲОИ ҶАМЪИЯТӢ: ДАР МИСОЛИ МЕЪЁРҲОИ ҶИНОЯТӢ-ҲУҚУҚӢ ВА ГРАЖДАНӢ-ҲУҚУҚӢ

***Калидвожаҳо:*** *танзими муносибат; қонунгузорӣ; оммавӣ; гражданӣ; ҷиноятӣ; танзими ҳуқуқӣ; мақомоти ваколатдори давлатӣ; низом; илми ҳуқуқшиносӣ; мафҳум; муқаррарот; таносуби меъёрҳо.*

***Ключевые слова:*** *регулирование отношений; законодательство; общественное; гражданское; уголовное; правовое регулирование; уполномоченные государственные органы; система; судебная практика; понятие; положения; соотношение норм.*

***Keywords****: regulation of relations; legislation; public; civil; criminal; legal regulation; authorized state bodies; system; judicial practice; concept; provisions; correlation of norms.*

Дар фазои илми назарияи давлат ва ҳуқуқ яке аз масоили баррасишавандаро, ки боиси бавуҷудоии ғояҳои муосири илмӣ мегардад тансосуби байни меъёрҳои хусусӣ ва оммавӣ ташкил менамояд. Албатта барои мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор додани масоили мазкур ба ғояҳои муосири илмӣ ва қонунгузории амалкардаистода рӯ оварданамон амри воқеист.

Барои ба таври густурда ба риштаи таҳлил кашидани масоили таносуби меъёрҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ ва оммавӣ-ҳуқуқӣ дар танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ аз ҷониби муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ ба монанди Р.Ш. Шарофзода[1], Э.С. Насриддинзода[2], С. Ҳасанов[3], В.Ф. Яковлев[4], В.А. Дозорсев[5], Ю.Г. Жариков[6], И.И. Краснов[7], Н.П. Кабитов, Г.И. Хмелева[8], Е.А. Суханов[9], В.Б. Козлов[10], М.А. Занина[11] ва дигарон, таҳқиқотҳои мушаххас ва ҷудогона анҷом дода шудааст.

Бо ин назардошт бояд зикр намуд, ки унсури асосии дилхоҳ низоми ҳуқукро меъёрҳои ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд. Дар илми назарияи ҳуқуқ ҳамаи меъёрҳои ҳуқуқиро ба ду гурӯҳи калон - меъёрҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ ва оммавӣ-ҳуқуқӣ ҷудо кардаанд, ки ин бесабаб нест. Воқеан, механизми ҳуқуқӣ, таъсири танзимкунии меъёрҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ ва оммавӣ-ҳуқуқӣ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ аз ҳамдигар ба куллӣ фарқ доранд, аммо новобаста ба ҷой доштани чунин фарқият мақсади умумии онҳо ин танзими дахлдори муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад.

Бо овардани мисолҳои мушаххас метавон фарқият, алоқамандӣ ва таносуби меъёрҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ ва оммавӣ-ҳуқуқиро муайян кард. Масалан, барои танзими муносибатҳои шартномавӣ, корпоративӣ, меросӣ ва ғайра татбиқи меъёрҳои оммавӣ, аз ҷумла меъёрҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ имконнопазир аст, чунки табиати ҳуқуқии муносибатҳои зикргардида хусусияти хусусӣ-ҳуқуқӣ дошта, бо баробарӣ ва мухторияти иродаи иштирокчиёни он асос меёбад. Баръакс, барои танзими муносибатҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ, аз ҷумла муносибатҳои аз дуздӣ, қаллобӣ ва ғайра бавуҷудоянда, татбиқи меъёрҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ, аз ҷумла меъёрҳои гражданӣ-ҳуқуқӣ имконнопазир аст, чунки табиати ҳуқуқии чунин муносибатҳо бо баробарӣ ва мухторияти иродаи иштирокчиёни он асос наёфта, дар онҳо усули ҳокимияту тобеъият (императивӣ) мавриди истифода қарор дода мешавад.

Новобаста ба фарқиятҳои зикргардида дар байни меъёрҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ ва оммавӣ-ҳуқуқӣ дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ таносуб ва алоқамандии ногусастанӣ мушоҳида мегардад, чунки яке якдигарро пурра месозад. Масалан, моликият падидаи бевоситаи ҳуқуқи гражданӣ ба ҳисоб меравад, аммо ин маънои онро надорад, ки чунин ҳуқуқи субъективӣ

танҳо аз ҷониби меъёрҳои граждани-ҳуқуқӣ мавриди ҳифз қарор дода мешавад, вай метавонад тавассути меъёрҳои оммавӣ-ҳуқуқӣ, аз ҷумла меъёрҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ, маъмурӣ-ҳуқуқӣ ва ғайра ҳифз гардад. Масалан, тибқи санади судӣ ба ҷабрдида баргардонидани молу мулки дуздидашуда ё бо роҳи қаллобӣ бегонашуда. Дар мисоли мазкур тавассути меъёрҳои оммавӣ-ҳуқуқӣ манфиатҳои омма, яъне адолати иҷтимоӣ дар назди ҷамъият ва манфиати субъекти инфиродӣ ҳифз ва барқарор карда мешавад. Маҳз чунин ҳампайвастагӣ ва алоқамандӣ ҷой дорад, ки дар натиҷа саҳаҳои ҳуқуқи ҷудогона ва дар маҷмӯъ низоми ҳуқуқи том ташкил мегардад.

Мақсад аз навиштани мақолаи мазкур ин посух додан ба саволи – оё имкон дорад, ки тавассути такмил додани механизмҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ ба коҳишёбии сатҳи ба вуҷуд омадани баъзе гурӯҳи ҷиноятҳо таъсир гузошт? Ба андешаи мо ҷавоб бояд мусбӣ бошад, чунки аллакай қайд гардид, ки низоми ҳуқуқ аз соҳаҳои гуногуни хусусӣ ва оммавӣ иборат буда, дар маҷмӯъ низоми мукаммалу ягонаро ташкил медиҳад.

Мутобиқи муқаррароти моддаи 12 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон[12] асоси иқтисодиёти Тоҷикистонро шаклҳои гуногуни моликият ташкил медиҳад. Давлат фаъолияти озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ, баробарҳуқуқӣ ва ҳифзи ҳуқуқии ҳамаи шаклҳои моликият, аз ҷумла моликияти хусусиро кафолат медиҳад. Гарчанде яке аз тарзҳои вазнинтарини ҷазо ҳангоми поймол шудани ҳуқуқҳои молу мулкии шаҳрвандон ҷавобгарии ҷиноятӣ ба ҳисоб равад ҳам, аммо таҳлилҳо собит сохтаанд, ки на дар ҳама мавридҳо ҳангоми содир гардидани ҷиноят зарари дар натиҷаи ҷиноят расонидашуда барқарор карда мешаванд. Аз ин рӯ, омӯзиши масъалаҳои танзими гражданӣ - ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятии ба содиршавии ҷиноят алоқаманд дар шароити муосири рушду нумӯи шаклҳои гуногуни моликият ва густаришёбии муносибатҳои иқтисодӣ яке аз масълаҳои муҳим ва рӯзмара ба ҳисоб меравад.

Таҳлилҳо собит сохтанд, ки дар аксаран маврид ҳангоми содир гардидани ҷиноятҳои категорияҳои мухталиф гарчанде шахси ҷинояткор ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида шавад ҳам, вале зарари моддӣ ва маънавии дар натиҷаи ҷиноят расонидашуда ҷуброн карда намешавад, ки чунин ҳолатҳо боиси халалдор гардидани ҳуқуқҳои молу мулкӣ ва шахсии ғайри молу мулкии субъектони муносибатҳои гражданӣ мегардад. Ҳамзамон, қайд кардан зарур аст, ки дар аксар маврид шахсони содирнамудаи ҷиноят баъди татбиқи ҷазо вобаста ба ҷинояти содирнамудаашон аз уҳдадориҳои товони ҷуброни зарари молу мулкӣ ва шахсии ғайри молу мулкии дар натиҷаи содир намудани ҷиноят ба субъектони алоҳида расонидашуда, саркашӣ намуда, андеша менамоянд, ки барои ҷинояти содирнамудаашон ҷазои дахлдорро гирифтаанд ва ин ҳолат аз ҷуброни зарари молу мулкӣ онҳоро озод менамояд.

Масаланд, шахс ҳамчун саҳмгузор дар сохтмони бинои баландошёна ширкат варзида, уҳдадориҳои худро пурра ва ё қисман оид ба пардохти маблағи саҳм иҷро намудааст, вале масъулини шикрати сохтмонӣ, манзили истиқоматии сохташавандаро бинобар сабаби ниҳоят кам будани сармояи оинномавӣ (ҷой доштани мушкилот дар дороиҳои корхона) ва ё дигар сабабҳои молиявӣ, ба чандин нафарони дигар мефурӯшад, ки дар натиҷа дар муносибати мазкур ба вуҷуд омадани унсурҳои ҷиноят ба назар мерасад.

Ба андешаи мо барои то дараҷаи муайян пешгирӣ намудани ҳолати зикргардида шарт нест, ки ҷавобгарии ҷиноятиро боз вазнинтар кард. Дар мисоли мазкур вазнин кардани ҷазои ҷиноятӣ боиси ҳалли масъала намегардад, чунки дар аксари мавридҳо на ангезаи бевосита, балки ҳолати пасти молиявии ширкати сохтмонӣ замина мегузорад, ки масъулини он ба чунин кирдор даст зананд. Барои коҳиш додани сатҳи чунин ҳолатҳо метавон аз дигар механизми ҳуқуқӣ истифода кард, аз ҷумла такмили қонунгузорӣ дар самти шарикии ҳиссагӣ дар сохтмони манзили истиқоматӣ.

Таҷрибаи муносибатҳои молумулкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти мазкур нишон медиҳад, ки ширкатҳои сохтмонӣ аслан дар шакли ташкилӣ-ҳуқуқии ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ таъсис дода мешаванд. Аз ҷониби ширкатҳои сохтмонӣ интихоби шакли ташкилӣ-ҳуқуқии ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ бесабаб нест, чунки тибқи қонунгузории амалкунанда (қонунгузории маданӣ[13])

ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ масъулияти маҳдуди молумулкӣ доранд. Масъулияти маҳдуди молумулкӣ доштани ҷамъиятҳои хоҷагидорӣ дар он зоҳир мегардад, ки онҳо ҳангоми барҳамдиҳӣ, муфлисшавӣ ва дигар ҳолатҳо масъулияти молумулкиро танҳо дар доираи сармояи оинномавӣ ва молу мулки ба ҷамъият тааллуқдошта ба ӯҳда доранд. Тибқи қонунгузории амалкунанда барои таъсис додани ҶДММ[14] сармояи оинномавӣ дар ҳаҷми 500 сомонӣ ва барои ҶС [15] бошад ҳамагӣ 5000 сомонӣ талаб карда мешавад, ки чунин молу мулк ҳангоми қонеъгардонии манфиати кредиторон (ҳиссагузорон) умуман қонеъкунанда набуда, аз хусусияти ҷавобгарии маҳдуди молумулкӣ доштани онҳо шаҳодат медиҳад.

Дар алоқамандӣ бо муқаррароти дарҷгардида тибқи қонунгузории амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ширкатҳои сохтмонӣ низ метавонанд бо чунин маблағ, яъне барои ҶДММ сармояи оинномавӣ дар ҳаҷми 500 сомонӣ ва барои ҶС бошад 5000 сомонӣ шахси ҳуқуқиро таъсис дода, фаъолияти хоҷагирории худро пеш баранд. Тибқи қонунгузории амалкунанда онҳо бо чунин сармоя ҳуқуқ доранд, ки шартномаҳои ҳиссагӣ дар сохтмони манзили истиқоматиро дар дилхоҳ ҳаҷм ба имзо расонида, аз ҳиссагузорон дар ҳаҷмҳои гуногун маблағ ҷамъ намоянд. Мушкилот на дар ҷамъоварии маблағ ва ҳаҷми он, балки дар ҳадафнок истифода кардани чунин маблағҳо ва қонеъ гардонидани манфиати кредиторон (ҳиссагузорон) дида мешавад.

Аз ин лиҳоз, таҷрибаи ҳуқуқтатбиқкунӣ дар масъалаи мазкур нишон медиҳад, ки маблағҳои ҷамъовардашуда аз ҳиссагузорон аз ҷониби ширкатҳои сохтмонӣ на ҳама вақт мақсаднок истифода мегарданд. Аз лиҳози қонунгузорӣ бошад истифодаи маблағҳои ҷамъовардашуда аз ҷониби ширкатҳои сохтмонӣ ба таври умумӣ танзим гардида, ба ваколати худи онҳо вогузор карда шудааст.

Ҳарчанд масъалаи мазкур, яъне мақсаднок истифода кардани маблағи саҳм, давраҳои иҷрои ӯҳдадорӣ, пешниҳод кардани ҳисобот оид ба сари вақт иҷро гардидани ӯҳдадориҳо ва ғайра метавонад тибқи шартҳои шартномаи тарафҳо ҳал гардад, аммо танҳо тавассути шартнома ба танзим даровардани муносибатҳои мазкур натиҷабахш намебошад. Дар ин масъала нақши калонро ҷиҳати танзими ҳуқуқӣ ва тартиби истифодаи чунин маблағҳо меъёрҳои императивӣ (махсус) ишғол менамоянд. Ба таври умумӣ танзим намудани масъалаи мазкур боиси ба вуҷуд омадани мушкилотҳо бобати ғайрисамаранок истифода кардани маблағҳо шуда метавонад.

Дар алоқамандӣ ба ин масъала дар қонунҳои соҳавии баъзе давлатҳо, ки танзимкунандаи муносибатҳои баррасишаванда мебошанд, тартиби истифодаи мақсадноки маблағҳои ҷамъовардашуда муқаррар гардидааст, ки чунин ҳолат боиси қонеъ гардидани манфиатҳои тарафҳои шартнома, хусусан ҳиссагузорон мебошад. Зери мафҳуми ҷой доштани тартиби муайяни истифода кардани маблағҳо дар қонунҳои соҳавӣ ин коркард ва пешниҳод кардани механизми муайян ҷиҳати мақсаднок истифода кардани чунин маблағҳо мебошад. Масалан, дар қонуни соҳавӣ муқаррар гардидани талаботи ҳатмӣ ҷиҳати кушодани суратҳисоби махсус дар бонк ва интиқол додани маблағҳои шартномаи сохтмони манзили истиқоматӣ дар он. Аз ҷониби ширкати сохтмонӣ ҷудо кардан ва ё гирифтани маблағ аз суратҳисоби зикргардида танҳо бо пешниҳод кардани маълумоти дақиқ ҷиҳати мутаносибан анҷом додани кор дар сохтмони бинои баландошёна имконпазир аст.

Ҳамин тариқ ҳолатҳои болозикр гувоҳи аз он медиҳад, ки масоили таносуби меъёрҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ ва оммавӣ-ҳуқуқӣ дар танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ яке аз масъалаҳои муҳими илмӣ назарияи давлат ва ҳуқуқ маҳсуб гардида, ба таври комплексӣ ва мукаммал таҳқиқ намудани масоили мазкур метавонад барои ҳалли бештаре аз таснифотҳои нави илмӣ оид ба рушди ғояҳои назарияи илми ҳуқуқшиносӣ мусоид бошад.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Сотиволдиев Р.Ш. Назарияи давлат ва ҳуқуқ. Китоби дарсӣ барои муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҶТ. Нашри 2. – Душанбе: Матбааи ДМТ: «Сино», 2018. 786 с.

2. Насриддинзода Э.С. Назарияи давлат ва ҳуқуқ (воситаи таълимӣ). – Душанбе: «Меҳрона-2017», 2019. – 204 с.

3. Ҳасанов С., Ҳасанов М. Назарияи давлат ва ҳуқуқ: китоби дарсӣ. – Душанбе: «Илм», 2017. – 496 с.

4. Яковлев В.Ф. Гражданское право в системе права // Избранные труды. Г. 2: Гражданское право: история и современность. Кн. 1. М.: Статут, 2012. 976 с.

5. Дозорцев В.А. Проблемы совершенствования гражданского права Российской Федерации при переходе к рыночной экономике // Государство и право. 1994. № 1. С. 26-36.

6. Жариков Ю.Г. Разграничение сферы действия земельного и гражданского законодательства при регулировании земельных отношений // Государство и право. 1996. № 2. С. 44-54.

7. Краснов И.И. О соотношении земельного и гражданского права при переходе к рыночной экономике // Государство и право. 1994. № 7. С. 53-60.

8. Кабытов Н.П., Хмелева Г.И. Гражданско-правовые коллизии: выкуп земельного участка. Самара: Самарский Университет, 2005. 140 с.

9. Суханов Е.А. Кодификация законодательства о вещном праве // Кодификация российского частного права / под ред. Д.А. Медведева. М.: Статут, 2008. 438 с.

10. Козлов В.Б., Фалилеев П.А. Соотношение общих и специальных норм на примере гражданского и морского права (критика современного законодательства) // Государство и право. 1997. № 11. С. 82-94.

11. Занина М.А. Коллизии норм права равной юридической силы (понятие, причины, виды) : монография. 2-е изд., перераб. и доп. М.: Изд-во РАП; Волтере Клувер, 2010. 144 с

12. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 136 с.

13. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тартиби гузаронидаи экпертизаи давлатии экологӣ» аз 24 декабри соли 2022, 1918. (аз 1 июли соли 2023 амал менамояд). // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 01.05.2023).

14. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуд» аз 10 майи соли 2002, 53. // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 01.05.2023).

15. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳомӣ» аз 5 марти соли 2007, 237. // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 01.05.2023).

**Аннотатсия**

**Таносуби меъёрҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ ва оммавӣ-ҳуқуқӣ дар танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ: дар мисоли меъёрҳои ҷиноятӣ-ҳуқуқӣ ва гражданӣ-ҳуқуқӣ**

Дар мақолаи мазкур масоили таносуби меъёрҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ ва оммавӣ-ҳуқуқӣ дар танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ дар асоси адабиёти муосири илмӣ ва қонунгузории амалкунанда, мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор дода шудааст.

**Аннотация**

**Соотношение частноправовых и публично-правовых норм в правовом регулировании общественных отношений: на примере уголовно-правовых и гражданско-правовых норм**

В данной статье анализируются и исследуются вопросы соотношения частноправовых и публично-правовых норм в правовом регулировании общественных отношений на основе современной научной литературы и действующего законодательства.

**Annotation**

**Correlation of private law and public law norms in the legal regulation of public relations: on the example of criminal law and civil law norms**

This article analyzes and explores the issues of correlation of private law and public law norms in the legal regulation of social relations on the basis of modern scientific literature and current legislation.



**УДК: 347.2/.3**

**Исмоилӣ Ифтихор Исроил,**
*сармутахассиси шуъбаи ҳуқуқи байналмилалии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.*
*E-mail: soliev_1998@list.ru*
*Тел.:(+992) 888-81-29-66.*

# ЭЪТИРОФИ ҲУҚУҚИ МОЛИКИЯТ БА СОХТМОНИ ХУДСАРОНА ТИБҚИ ҚОНУНГУЗОРИИ МАДАНИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Калидвожаҳо:*** *ҳуқуқи моликият; сохтмони худсарона; оқибатҳои ҳуқуқии сохтмони худсарона; эътирофи ҳуқуқи моликият ба сохтмони худсарона; иҷозатнома; қитъаи замин; таъиноти мақсадноки истифодабарии қитъаи замин; тартиби эътирофи ҳуқуқи моликият ба сохтмони худсарона.*

***Ключевые слова:*** *право собственности; самовольная постройка; правовые последствия самовольной постройки; признание права собственности на самовольную постройку; лицензия; земельный участок; целевое использование земли; порядок признания права собственности на самовольную постройку.*

***Keywords:*** *ownership; unauthorized construction; legal consequences of unauthorized construction; recognition of ownership of unauthorized construction; license; land plot; intended use of land; procedure for recognizing ownership of unauthorized construction.*

Сохтмони худсарона (хонаи истиқоматӣ, биною иншоот ё дигар молу мулки ғайриманкул, таҷдиди онҳо) мебошад, ки дар қитъаи замини бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ барои чунин мақсад ҷудонашуда ё бе гирифтани иҷозати зарурӣ ё ба таври назаррас вайрон кардани меъёру қоидаҳои шаҳрсозӣ бунёд шудааст.

Аз рӯйи қоидаҳои умумӣ, сохтмони худсарона бояд вайрон карда шавад, аммо қонунгузорӣ ҳолатҳоеро муқаррар намудааст, ки имкон медиҳад ҳуқуқи моликият ба он эътироф карда шаванд. Ба даст овардани ҳуқуқи моликият ба сохтмони худсарона ба асосҳои ибтидоӣ дахл дорад, новобаста аз он ки ин ҳуқуқ барои кӣ эътироф шудааст - ба шахсе, ки сохтмонро анҷом додааст ё ба шахсе, ки қитаъи замин дар ҳуқуқи истифодабарии он қарор дорад.

Қонунгузорӣ «гузашт кардани» баъзе ҳуқуқвайронкуниҳоеро, ки дар раванди сохтмон роҳ дода шудаанд, дар асоси муносибати оқилона нисбат ба молумулки сохташуда, ки маблағҳои калон ҷамъ кардаанд, ба мақсад мувофиқ мешуморад [3, с. 95].

Дар Кодекси мадании Ҷуҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КМ ҶТ) аз 24 декабри соли 2022, №1918 [1] сохтмони худсарона дар боби 22 - ба даст овардани ҳуқуқи моликият танзим гардидааст, яъне қонунгузории маданӣ онро ҳамчун воситаи ба даст овардани ҳуқуқи моликият эътироф кардааст. Аз ин лиҳоз, зарур аст, ки ҳолатҳои эътироф намудани ҳуқуқи моликият ба сохтмони худсаронаро муайян намоем [4, с. 37].

Шахсоне, ки фаъолияти сохтмониро ба роҳ мемонанд, пеш аз оғози фаъолият бояд як қатор шартҳои заруриро риоя кунанд, аз ҷумла: ба даст овардани ҳуқуқи истифодабарии қитъаи замин, гирифтани иҷозати зарурӣ барои бунёди сохтмон, мутобиқи таъиноти мақсаднок истифодабарии қитъаи замин, бунёди сохтмон тибқи меъёру қоидаҳои шаҳрсозӣ ва ба истифода додани он, дар сурати баръакс бошад, қонунгузорӣ оқибатҳои ҳуқуқии номатлубро пешбинӣ намудааст.

Риоя накардани яке аз шартҳои болозикр хатари эътирофи сохтмон ҳамчун сохтмони худсаронаро ба миён меоварад, ки дар натиҷа ширкати сохтмонӣ бо оқибатҳои ногузири сохтмони худсарона дучор хоҳад шуд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки сохтмони худсарона ҳамчун падидаи ҳуқуқӣ ду хусусият дорад, аз як тараф сохтмони худсарона ин ҳуқуқвайронкунӣ буда ва аз тарафи дигар

бошад, ин усули ба даст овардани ҳуқуқи моликият ба объекти сохтмони ғайриқонунӣ.

Муқаррароти моддаи 293 КМ ҶТ оқибаҳои ҳуқуқии зерини сохтмони худсаронаро пешбинӣ намудааст:

– шахсе, ки сохтмони худсаронаро анҷом додааст, ба он ҳуқуқи моликият пайдо намекунад;

– имконнопазирии ихтиёрдории сохтмони худсарона бунёдшуда;

– вайрон кардани сохтмони худсарона;

– эътироф ҳуқуқи моликият ба сохтмони худсарона.

Дар мақолаи мазкур масъалаи танзими ҳуқуқии эътирофи сохтмони худсарона, тартиб ва шартҳои эътирофи он ҳамчун оқибатҳои ҳуқуқии сохтмони худсаронаро баррасӣ хоҳем кард.

Тибқи моддаи 279 КМ ҶТ ҳуқуқи моликият ҳуқуқи бо қонунгузорӣ эътирофгардида ва ҳифзшавандаи субъект ҷиҳати ба салоҳдиди худ соҳибӣ, истифода ва ихтиёрдорӣ намудани ашёе мебошад, ки ба он мансубанд.

Ҳуқуқи соҳибӣ имконияти бо ҳуқуқ таъминшудаи амалигардонии воқеии доштани ашё мебошад. Ҳуқуқи истифодаи ашё имконияти бо ҳуқуқ таъминшудаи аз ашё ба даст овардани хосиятҳои табиии фоиданоки он ва ҳамчунин аз он фоида гирифтан аст. Ҳуқуқи ихтиёрдорӣ имконияти бо ҳуқуқ таъминшудаи муайян намудани тақдири ҳуқуқии ашё мебошад.

Ба андешаи П.А. Шишканов эътирофи ҳуқуқи моликият ба сохтмони худсарона бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузорӣ пурра қонунӣ гардонидани объекти сохтмони худсарона ва ба муомилоти маданӣ баровардани он мебошад. Аммо агар шахси сохтмони худсаронаро бунёднамуда тартиби эътирофи ҳуқуқи моликият ба сохтмони худсаронаро нагузашта бошад ё ӯ аз ин имконият истифода набурда бошад, пас оқибати дуюми сохтмони худсарона, яъне вайрон кардани он ба миён меояд [2, с. 157].

Ба андешаи А.В. Савина эътирофи ҳуқуқи моликият ба сохтмони худсарона усули истисноии эътирофи ҳуқуқи моликият мебошад. Сохтмони худсарона ҳамчун воситаи эътирофи ҳуқуқи моликият механизми изҳори иродаи шахси ҳуқуқи моликиятро ба дастоваранда мебошад, ки барои ба даст овардани доираи ваколатҳои муқаррарнамудаи қонун нисбат ба ашёи муайян, яъне ба даст овардани ҳуқуқи моликият нигаронида шудааст [3, с. 92].

Ба андешаи А.Я. Беленкая ба даст овардани ҳуқуқи моликият ба сохтмони худсарона ба усулҳои ибтидоӣ (авалиндараҷа) дахл дорад, новобаста аз он, ки ин ҳуқуқ барои кӣ эътироф шудааст - барои шикати сохтмонии худсарона ё барои соҳиби қитъаи замин [5, с. 164].

Қайд кардан ба маврид аст, ки эътирофи ҳуқуқи моликият ба сохтмони худсарона дар КМ ҶТ муқаррар гардидааст. Мутобиқи қисми 5 моддаи 293 КМ ҶТ ҳуқуқи моликияти шахси сохтмони худсаронаро анҷомдода бо талаби он аз ҷониби суд ба шарте эътироф карда мешавад, агар қитъаи замин бо тартиби пешбининамудаи қонунгузорӣ ба ин шахс барои сохтмон дода шуда бошад.

Аз муқаррароти мазкур хулоса баровардан мумкин аст, ки сохтмони худсарона яке аз усулҳои ба даст овардани ҳуқуқи моликият ба ҳисоб меравад. Аммо, дар қисми 2 моддаи болозикр муайян гардидааст, ки шахсе, ки сохтмони худсаронаро анҷом додааст, ба он ҳуқуқи моликият пайдо намекунад, ҳоло он, ки дар қисми 5 ва 6 моддаи мазкур ҳолатҳое, ки ҳуқуқи моликият ба сохтмони худсарона эътироф карда мешавад, муқаррар гардидааст.

Таҳлили болозикр собит менамояд, ки қисми 2, 5 ва 6 моддаи 293 КМ ҶТ ҳангоми татбиқ нофаҳмоиро ба миён оварад, хилофи боби 10 Қонуни ҶТ «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 30 майи соли 2017, №1414 мебошад.

Аз ин лиҳоз, муқаррароти қисми 2 моддаи 293 КМ ҶТ дар таҳрири зерин мувофиқи мақсад мебошад: «шахсе, ки сохтмони худсаронаро анҷом додааст, ба он ҳуқуқи моликият пайдо намекунад, ба иститисни ҳолатҳои пешбининамудаи қисми 5 ва 6 моддаи мазкур».

Ба андешаи А.В. Савина муқаррароти модаи 293 КМ (эътирофи ҳуқуқи моликият ба сохтмони худсарона) маънои онро надорад, ки ҳамаи молу мулки ғайриманқул, ки ғайриқонунӣ сохташудаанд қонунӣ гардонида шаванд, балки ба шахсони чунин сохтмонро анҷомдода имконият дода шавад, ки

камбудиҳоро бартараф намуда, сохтмони ғайриқонунӣ бунёдшударо қонунӣ гардонанд. Дар сурати набудани чунин тарзи эътирофи ҳуқуқи моликият ба молу мулки ғайриманқул, яъне давлатро зарур аст, барои вайрон кардани чунин биноҳо хароҷоти зиёд намояд [3, с. 93].

Дар қонунгузорӣ механизме пешбинӣ нагардидааст, ки то раванди вайрон кардани сохтмони худсарона барои ситонидани маблағҳои зарурӣ барои ин раванд имкон диҳад (илова бар ин, имкон дорад ширкати сохтмонӣ чунин маблағ надошта бошад), аз ин рӯ, давлатро зарур аст, ки аз ҳисоби маблағҳои худ тартиби гаронбаҳои вайрон кардани сохтмонҳои худсаронаро анҷом дода, баъдан хароҷоти сарфшударо тариқи судӣ ҷуброн намояд.

Ҳамин тариқ, тамоми раванди барҳам додани сохтмони худсарона метавонад зиёда аз як сол тӯл кашад, бинобар ин мавҷудияти сохтмони худсарона ҳамчун усули ба даст овардани ҳуқуқи моликият ҳам барои давлат ва ҳам барои ҷомеа зарур аст.

Ба андешаи мо табдил додани ҳуқуқвайронкунӣ (сохтмони худсарона) ба усули ба даст овардани ҳуқуқи моликият, яъне қонунӣ гардонидани он танҳо дар сурати:

– мутобиқ намудани он ба таъиноти мақсадноки истифодабарии қитъаи замин;

– мутобиқ намудани он ба низоми иҷозатдиҳӣ;

– мутобиқ намудани он ба меъёру қоидаҳои шаҳрсозӣ, экологӣ, санитарию гигиенӣ, бехатарии сӯхтор ва дигар қоидаҳою стандартҳо;

– мавҷуд набудани таҳдид ба ҳуқуқ ва манфиатҳои бо қонун ҳифзшавандаи шахсони дигар ё ба ҳаёт ва саломатии онҳо;

– бехатарии объектҳои дар атрофи ин сохтмон ҷойгиршуда;

– ба муҳити зист зарар нарасонад.

Тавре, ки мо дар боло қайд намудем, яке аз шартҳои асосии эътирофи ҳуқуқи моликият ба сохтмони худсарона ин мебошад, ки агар чунин сохтмон дар қитъаи замин бо тартиби пешбининамудаи қонунгузорӣ барои сохтмон ҷудошуда, бунёд гардида бошад.

Муқаррароти мазкур маънои онро дорад, ки ба шахс қитъаи замин ҷудо карда шудааст, аммо ӯ таъиноти мақсадноки заминро вайрон намуда, дар он сохтмон бунёд менамояд. Мутобиқи моддаи 1 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 13 декабри соли 1996 [8] таъиноти мақсадноки замин ин истифодабарии қитъаҳои замин бо мақсадҳои дар ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи ҳуқуқ ба қитъаи замин нишондодашуда мебошад.

Илова ба ин, моддаи 3 КЗ ҶТ тамоми заминҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки фонди ягонаи давлатии заминро ташкил медиҳанд, вобаста ба таъиноти мақсаднок ба гурӯҳҳои зерин тақсим намудааст: 1) заминҳои таъиноти кишоварзӣ; 2) заминҳои маҳалҳои аҳолинишин (шаҳрҳо, шаҳракҳо ва маҳалҳои аҳолинишини деҳот); 3) заминҳои саноат, нақлиёт, алоқа, мудофиа ва таъиноти дигар; 4) заминҳои таъиноти ҳифзи табиат, солимгардонӣ, рекреатсионӣ ва таърихию маданӣ; 5) заминҳои фонди давлатии ҷангал; 6) заминҳои фонди давлатии об; 7) заминҳои захираи давлатӣ.

Дар маънии васеъ аз рӯи мақсад истифода бурдани қитъаи замин аз нақши он дар муносибатҳои ҷамъиятӣ вобаста мебошад. Зеро замин на танҳо воситаи истеҳсолот, балки замин барои рушди саноат, кишоварзӣ, ҷойи зисти одамон ва ҷойгир намудани ҳама объектҳои мавҷудаи табиат мебошад. Агар ба замин ҳамчун воситаи истифодабарӣ назар кунем, мебинем, ки андозаи истифодабарии қитъаи замин, мисол, заминҳои таъиноти кишоварзӣ ва заминҳои маҳалҳои аҳолинишин, тафовут доранд [10, с. 39].

Яъне, агар қитъаи замин барои дигар мақсадҳо (кишоварзӣ, заминҳои захираи давлатӣ ва ғ.) ҷудо шуда бошад, сохтмони анҷомёфта дар он худсарона эътироф карда мешавад. Ҷудо намудан ва истифодаи минбаъдаи қитъаҳои замин бояд дорои хусусияти мақсаднок бошад. Масалан, агар қитъаи замин барои кишоварзӣ, бидуни ҳуқуқи дар он бунёд намудани ин ё он сохтмони асосӣ ҷудо шуда бошад, пас сохтмон дар он ҳамчун худсарона эътироф карда мешавад. Инчунин сохтмони бинои маъмурӣ дар қитъаи замине, ки барои сохтмони дигар объекти ғайриманқул - манзили истиқоматӣ ҷудо шудааст, метавонад ҳамчун сохтмони худсарона этироф гардад [11, с. 580].

Қонунгузории замин дар баъзе мавридҳо анҷом додани сохтмонро дар дигар қитъаҳои замин низ иҷозат медиҳад. Масалан, тибқи моддаи 30 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар

бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)” аз 15 марти соли 2016, №1289 [12] хоҷагии деқонӣ (фермерӣ) ҳуқуқ дорад дар сурати зиёда аз 3 гектар будани қитъаи замини хоҷагии деҳқонӣ дар ҳудуди то 0,01 гектар, дар ҳолати зиёда аз 10 гектар будани қитъаи замини хоҷагии деҳқонӣ то 0,03 гектар ва ҳолати зиёда аз 20 гектар будани қитъаи замини хоҷагии деҳқонӣ то 0,05 гектар бинои ёрирасон (бошишгоҳи саҳроӣ) ифтитоҳ кунад. Чунин ҳолатҳо низ ҳамчун ба мақсадҳои сохтмонӣ додани қитъаи заминро дар назар дорад (албатта дар доираи меъёр ва тартиби муқарраршуда).

Тавре, ки дар боло қайд намудем, шарти дигари эътирофи ҳуқуқи моликият ба сохтмони худсарона ин, мутобиқ намудани он ба низоми иҷозатдиҳӣ ба ҳисоб меравад.

Қисми 1 моддаи 293 КМ ҶТ муқаррар накардааст, ки ин кадом иҷозатҳо мебошанд. Вале, иҷозате, ки дар моддаи болозикр дар назар дошта шудааст, мазмунан хеле васеъ буда, тамоми иҷозатҳои муқарраршудаеро дар назар дорад, ки барои анҷоми сохтмон (аз иҷозати оғози корҳои сохтмонӣ то ба истифода додани он) зарур мебошанд, аз ҷумла иҷозатҳое, ки Қонуни ҶТ “Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ” аз 2 августи соли 2011, №751 [13] пешбинӣ кардааст.

Хусусияти иҷозатгирӣ барои сохтмон дар он аст, ки ҷараёни мазкур пайваста буда, бидуни риояи амали қаблӣ гирифтани иҷозати минбаъда имконнопазир аст. Масалан, агар иҷозат барои оғоз намудани корҳои сохтмонӣ аз мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи меъморӣ ва сохтмон гирифта нашуда бошад, санад оид ба қабули иншоот барои истифодабарӣ аз ҷониби мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ тасдиқ карда намешавад. Дигар ин, киислоҳи иҷро накардани амали мазкур дар марҳилаи дахлдор одатан имконнопазир аст. Мисол, шахси манфиатдор баъди анҷоми сохтмон дигар наметавонад, ки иҷозат барои оғоз намудани корҳои сохтмониро аз мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи меъморӣ ва сохтмон гирад.

Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи меъморӣ ва шаҳрсозӣ Кумитаи меъморӣ ва сохтмони назди Ҳукумати ҶТ мебошад. Мақоми ваколатдори давлатии маҳаллӣ, мақомоти маҳаллии меъморӣ ва шаҳрсозӣ мебошад.

Мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи меъморӣ ва шаҳрсозӣ:

- супориши меъморию банақшагирии объектҳои дорои аҳамияти ҷумҳуриявӣ ва стратегӣ, ки номгӯи онҳоро Ҳукумати ҶТ тасдиқ намудааст;
- иҷозат барои оғоз намудани корҳои сохтмонӣ дар объектҳои дорои аҳамияти ҷумҳуриявӣ ва стратегӣ, ки номгӯи онҳоро Ҳукумати ҶТ тасдиқ намудааст, ба амал мерасонад.

Мақоми ваколатдори давлатии маҳаллӣ дар соҳаи меъморӣ ва шаҳрсозӣ:

- супориши меъморию банақшагирӣ;
- иҷозат барои оғоз намудани корҳои сохтмониро ба роҳ мемонад [20].

Қайд кардан зарур аст, ки тибқи қисми 5 моддаи 293 КМ ҶТ дар сурати вафоти шахсе, ки сохтмони худсаронаро анҷом додааст, бо талаби меросгирони ӯ ҳуқуқи моликияти шахси вафоткарда эътироф шуда метавонад.

Мутобиқи талаботи банди 10-и қарори Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 ноябри соли 2012 таҳти №14 (бо тағйиру иловаҳо аз 12 июни соли 2014, №4) «Дар бораи татбиқи қонунгузорӣ оид ба баъзе масъалаҳое, ки дар таҷрибаи судӣ ҳангоми баррасӣ ва ҳалли парвандаҳо марбут ба эътирофи ҳуқуқи моликият ба сохтмони худсарона ба миён меоянд» агар муайян гардад, ки шахси фавтида дар давраи қайди ҳаёт буданаш дар қитъаи замини ба ӯ мутобиқи тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои чунин мақсад додашуда сохтмони худсарона бунёд намудааст, он гоҳ масъала ҷиҳати эътироф намудани ҳуқуқи моликият ба чунин сохтмон аз тарафи суд дар асоси аризаи (аризаи даъвогии) шахсони манфиатдор бо тартиби муайяннамудаи боби 28 КМГ, ки муқаррар намудани ҳолатҳои дорои аҳамияти ҳуқуқиро ба танзим медарорад, баррасӣ ва ҳал карда мешавад [9].

Қайд кардан ба маври аст, ки ҳуқуқи моликияти шахси вафоткарда ба сохтмони худсарона бо талаби (аризаи даъвогии) меросгирони ӯ эътироф шуда метавонад, агар муайян гардад, ки шахси фавтида дар давраи қайди ҳаёт буданаш дар қитъаи замини ба ӯ мутобиқи тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барои

чунин мақсад (бунёди сохтмон) ҷудошуда сохтмони худсарона бунёд намудааст.

Бо ҳалномаи суди шаҳри П. аз 10 майи соли 2018 аризаи намояндаи ваколатдори К.З. – Ё.Ҳ.Т. оиди эътирофи ҳуқуқи моликият ба сохтмони худсарона сохташуда ба марҳум К.Н.Н. эътироф карда шудааст. Вале бархилофи талаботи қарори Пленуми мазкур парванда бо тартиби муайяннамудаи боби 28 КМГ, ки муқаррар намудани ҳолатҳои дорои аҳамияти ҳуқуқиро ба танзим медарорад, баррасӣ ва ҳал карда нашудааст, яъне ҳолати (далели) эътироф намудани соҳибмулкӣ ба хонаи истиқоматии худсарона сохташуда эътироф карда нашуда, балки ҳуқуқи марҳум К.Н.Н. ба хонаи истиқоматии худсарона сохташуда эътироф шудааст.

Чунин камбудӣ бо парвандаи граждании №3-51/19 марбут бо аризаи Ҳ.А.С. дар бораи эътирофи ҳуқуқи моликият ба биноҳои худсарона сохташуда ба шахси вафотёфта, аз ҷониби суди шаҳри П. роҳ дода шудааст [7].

Ҳамзамон, дар қисми 6 моддаи 293 КМ муқаррар гардидааст, ки ҳуқуқи моликият ба сохтмони худсаронаи аз ҷониби шахси дигар анҷомдодашуда аз тарафи суд бо талаби шахсе, ки қитъаи замин ба он барои сохтмон дода шудааст, эътироф шуда метавонад. Дар ин ҳолат шахсе, ки ҳуқуқи моликияташ ба сохтмони худсарона эътироф шудааст, ба шахси сохтмонро анҷомдода арзиши хароҷоташро, ки андозаи онро суд муайян менамояд, пардохт мекунад, агар дар шартнома тартиби дигар пешбинӣ нашуда бошад.

Аз муқаррароти болозикр пайхас намудан мумкин аст, ки қонунгузорӣ эътирофи ҳуқуқи моликияти сохмони худсаронаи аз ҷониби шахси дигар анҷомдодашударо бо талаби шахсе, ки қитъаи замин ба он барои сохтмон дода шудааст, пешбинӣ менамояд.

Вале, дар ин сурат шахсе, ки ҳуқуқи моликияташ ба сохтмони худсарона эътироф шудааст, ба шахси сохтмонро анҷомдода арзиши хароҷоташро, ки дар рафти бунёди сохтмони худсарона сарф намудааст, пардохт намояд.

Тибқи қисми 5 моддаи 293 КМ ҶТ ҳуқуқи моликият ба сохтмони худсарона аз ҷониби суд эътироф карда мешавад.

Ба андешаи П.А. Шишканов парвандаҳо дар бораи эътирофи ҳуқуқи моликият ба сохтмони худсарона бояд бо тартиби мурофиаи даъвогӣ баррасӣ карда шаванд [13, с. 14].

Ба андешаи А.И. Оганов ду тартиби эътироф намудани ҳуқуқи моликият ба сохтмони худсарона вуҷуд дорад: судӣ ва маъмурӣ [6, с. 147].

Ба андешаи А.В. Савина ба мақсад мувофиқ мебуд, ки тартиби маъмурии ба истифода додани сохтмони худсарона ва муомилоти маданӣ барои он субъектҳои сохтмони худсарона, ки сарфи назар аз шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ, ин ё он объектро худсарона сохтаанд, зеро мақомоти судӣ, ки дар соҳаи сохтмон ваколати зарурӣ надоранд, дар ҳар сурат маҷбуранд, ки аз шахсони манфиатдор оид ба мувофиқати бино ба меъёру қоидаҳои шаҳрсозӣ, сохтмонӣ, сӯхтор, экологӣ ва дигар меъёру қоидаҳо хулосаи экспертиро талаб намоянд [3, с. 96-97].

Ба андешаи мо парвандаҳои оид ба эътирофи ҳуқуқи моликият ба сохтмони худсарона бо тартиби мурофиаи даъвогӣ баррасӣ карда мешаванд. Муқаррароти мазкур бо хусусияти баҳснок доштани муносибатҳои ҳуқуқии масъалаи мазкур асоснок карда мешавад, ки дар он масъалаи асосӣ тасдиқ ё рад кардани ҳуқуқи моликият аз ҷониби суд мебошад.

Ҳамзамон, тибқи Нашрияи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон №2, апрел – июн 2020, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо истифода аз талаботи меъёрҳоии Конститутсия (моддаи 19 - кафолати ҳифзи судии шаҳрвандон, моддаи 36 - ҳуқуқ ба манзил) моддаи 4-и КМГ Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қисми 5 моддаи 293 КМ Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 47 КЗ Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди эътироф намудани ҳуқуқи моликият ба сохтмони худсарона бунёдшуда ба суд бо ариза, аризаи даъвогӣ муроҷиат менамоянд [7, с. 29].

Ҳамин тариқ, сохтмони худсарона ҳамчун усули эътирофи ҳуқуқи моликият - ин механизмест, ки қонун бо мақсади ифода намудани иродаи шахси бадастоваранда муқаррар кардааст, ки барои ба даст овардани доираи ваколатҳои дар қонун муқарраршуда нисбат ба ашёи муайян, яъне усули ба даст овардани моликият нигаронида шудааст.

Сохтмони худсарона ҳамчун усули ба даст овардани ҳуқуқи моликият хусусияти истисноӣ дошта, танҳо ба он категорияҳои

сохтмонҳои худсарона дахл дорад, ки вайронкунии меъёру қоидаҳои сохтмонӣ ва шаҳрсозии онҳо бартараф карда шуда, танҳо ҳуқуқвайронкунии ба расмиятдарорӣ барои эътирофи моликият ба онҳо монеа гардидааст.

Аз ин рӯ, асоси ҳуқуқии эътирофи моликият ба сохтмонҳои худсарона, қарори мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар бораи ҷудо кардани қитъаи замин барои сохтмони манзилҳои шахсӣ, бинои иншоот ё дигар молу мулки ғайриманқул ба шумор меравад.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. КМ ҶТаз 24 декабри соли 2022, №1918 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj. (санаи муроҷиат: 15.05.2023).
2. Шишканов П.А. Самовольное строительство и его правовые последствия: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.03 / Петр Андреевич Шишканов. – Москва, 2012. – С. 216.
3. Савина А.В. Правовой режим самовольной постройки: дис. … канд. юрид. наук. – Самара, 2010. – 195 с.
4. Солиев И.И., Шерзода Б.С. Некоторые вопросы о понятии и особенности самовольной постройки // Вестник науки и образования. – 2021, – №3(106). – С. 36–39.
5. Беленькая А.Я. Проблемы квалификации права на объект строительства: дис. ... канд. юрид. наук. – Краснодар, 2004. – 219 с.
6. Оганов А.И. Роль гражданско-правовых норм в регулировании градостроительных отношений: дис. … канд. юрид. наук: 12.00.03 / Артур Иванович Оганов. – Краснодар, 2009. – С. 182.
7. Нашрияи Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Ҷамъбасти таҷрибаи судӣ вобаста парвандаҳои граждании оид ба эътирофи соҳибмулкӣ ба сохтмонҳои худсарона). – 2020 (апрел - июн), – №2 – 74 с. / Маҳзани электронӣ. Реҷаи дастрасӣ: khar.pleni.sudi.oli.pdf (baqaydgiri.tj) (санаи муроҷиат: 10.06.2023).
8. Кодекси замини ҶТ аз 13 декабри соли 1996, №326 // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ. – 1996. – №23. – Мод. 351; 1997. – №23-24. – Мод. 333. 1999. – №5. – Мод. 59; 2001. – №4. – Мод.176; 2004. – №2. – Мод. 55. – №3. – Мод. 190; 2006. – Мод. 347; 2008. – №1. – қ. 2. – Мод. 22. – №6. – Мод. 463; 2011. – №3. – Мод. 171; 2012. – №4. – Мод. 269; №8. – Мод. 828; 2006. – №199; 2008. – №357; 2008. – №405; 2011. – №704; 2012. – №819; 2012. – №891; 2016. – №1363; 2021. – №1823. – №1824. – №1825; 2022. – №1902. // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj. (санаи муроҷиат: 11.06.2023).
9. Қарори Пленуми Суди Олии ҶТ “Дар бораи татбиқи қонунгузорӣ оид ба баъзе масъалаҳое, ки дар таҷрибаи судӣ ҳангоми баррасӣ ва ҳалли парвандаҳо марбут ба эътирофи ҳуқуқи моликият ба сохтмони худсарона ба миён меоянд (бо тағйиру иловаҳои бо қарори Пленуми Суди Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 12 июни соли 2014, №4 воридгардида)” аз 23 ноябри соли 2012. // Маҳзани электронӣ. Реҷаи дастрасӣ: khar.pleni.sudi.oli.pdf (baqaydgiri.tj) (санаи муроҷиат: 11.06.2023).
10. Раҳимзода М.З., Каримов А.Қ., Фархудинов Ҷ.И. Тафсири Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе: «Андалеб-Р», 2015. – 360 с.
11. Маҳмудов М.А., Тағойназаров Ш.Т., Бобоҷонов И.Х., Бадалов Ш.К. Тафсири Кодекси граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2010. – 1000 с.
12. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хоҷагии деҳқонӣ (фермерӣ)” аз 15 марти соли 2016, №1289. // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj. (санаи муроҷиат: 12.06.2023).
13. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ” аз 2 августи соли 2011, №751// Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj. (санаи муроҷиат: 13.06.2023).

**Аннотатсия**

**Эътирофи ҳуқуқи моликият ба сохтмони худсарона тибқи қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дар мақолаи мазкур муаллиф асосҳои ҳуқуқӣ, шартҳо ва тартиби эътироф намудани ҳуқуқи моликият ба сохтмони худсаронаро мавриди баррасӣ ва таҳлил қарор додааст. Сохтмони худсарона ҳамчун усули ба даст овардани ҳуқуқи моликият хусусияти истисноӣ дошта, танҳо ба он категорияҳои сохтмонҳои худсарона дахл дорад, ки вайронкунии меъёру қоидаҳои сохтмонӣ ва шаҳрсозии онҳо бартараф карда шуда, танҳо ҳуқуқвайронкунии ба расмиятдарорӣ барои эътирофи моликият ба онҳо монеа гардидааст.

**Аннотация**

**Признание права собственности на самовольную постройку в соответствии с гражданским законодательством Республики Таджикистан**

В данной статье автор рассматривает и проанализирует правовые основы, условия и порядок признания права собственности на самовольную постройку. Самовольная постройка как способ приобретения права собственности носит исключительный характер и распространяется только на те категории самовольных построек, которые устранены от нарушений строительных и градостроительных норм и правил, и только нарушения формальностей помешали им признать право собственности.

**Annotation**

**Recognition of ownership of unauthorized construction in accordance with the civil legislation of the Republic of Tajikistan**

In this article, the author examines and analyzes the legal framework, conditions and procedure for recognizing the right of ownership of an unauthorized construction.

Unauthorized construction as a way of acquiring property rights is of an exceptional nature and applies only to those categories of unauthorized buildings that have been eliminated from violations of building and town planning norms and rules, and only violations of formalities prevented them from recognizing the right of ownership.

## 12.00.04 – ҲУҚУҚИ МОЛИЯ; ҲУҚУҚИ АНДОЗ; ҲУҚУҚИ БУҶЕТӢ
## 12.00.04 – ФИНАНСОВОЕ ПРАВО; НАЛОГОВОЕ ПРАВО; БЮДЖЕТНОЕ ПРАВО



**УДК: 336.221.4**
**Буриева Дилафруз Толибовна,**
*унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи маъмурӣ ва хизмати давлатии факултети идоракунии давлатии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.*
*E-mail: burieva.dilafruz1111@gmail.com*
*Тел.: (+992) 934-11-11-61.*

# ТАҲЛИЛИ ҶАВОБГАРИИ МАЪМУРӢ-ҲУҚУҚИИ МОДДАИ 146 КОДЕКСИ ҲУҚУҚВАЙРОНКУНИИ МАЪМУРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА НАПАРДОХТАНИ АНДОЗИ ЗАМИН

***Калидвожаҳо:*** *Конститутсия; андоз; андозсупорандаи бемасъулият; ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ; саркашӣ аз пардохти андоз; ҷавобгарӣ; ҷавобгарии маъмурӣ; напардохтани андози замин.*

***Ключевые слова:*** *Конституция; налог; безответственный налогоплательщик; административное правонарушение; уклонение от уплаты налогов; ответственность; административная ответственность; неуплата земельного налога.*

***Keywords:*** *Constitution; tax; irresponsible taxpayer; administrative violation; tax evasion; responsibility; administrative responsibility; non-payment of land tax.*

Сари вақт ва ба пурагӣ иҷро намудани уҳдадории андоз яке аз уҳдадориҳои конститутсионии ҳар як шахс башумор меравад. Мувофиқи моддаи 45 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, супоридани андоз ва пардохтҳо, ки қонун муайян кардааст, ҳатмист ва вазифаи ҳар як андозсупоранда ба ҳисоб мераванд [1].

Истифодаи пулакии замин, инчунин дар қонунгузории замини Ҷумҳурии Тоҷикистон низ муқаррар гардидааст. Мутобиқи моддаи 32 Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КЗ ҶТ) аз 13 декабри соли 1996, №326 [5] истифодаи замин дар ҶТ пулакӣ мебошад. Пули замин ҳар сол дар шакли андози замин, дар мӯҳлатҳои муқарраргардида ситонида мешавад.

Ҳамзамон, хусусияти ҳатмӣ доштани андоз дар моддаи 23 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КА ҶТ) аз 23 декабри соли 2021, №1844 [2] низ муайян гардидааст, ки тибқи андоз пардохти ҳатмии муқаррарнамудаи Кодекси мазкур ба буҷет мебошад, ки ба андозаи муайян амалӣ гардида, хусусияти ҳатмии бебозгашт ва беподош дорад.

Аз муқаррароти болозикр пайхас намудан мумкин аст, ки аз пардохт намудани андоз, буҷети давлатӣ вобастагӣ дорад. Бинобар ин, саркашӣ намудан аз пардохти андоз боиси иҷро нашудани буҷети давлатӣ ва содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ дар бахши пардохти андоз мегардад.

Вале, бо сабабҳои гуногун баъзе аз андозсупорандагон дидаву дониста аз иҷрои уҳдадории супоридани андоз саркашӣ мекунанд. Бинобар ин, давлат маҷбур мешавад баҳри таъмини иҷрои дахлдори уҳдадории супоридани андоз аз воситаҳои муқаррарнамудаи қонунгузории андоз ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ истифода намояд [3, с. 279].

Ҳуқуқвайронкунӣ дар бахши андозбандӣ гуфта, ҳаракат ё беҳаракатии зиддиҳуқуқии гунаҳкоронаеро меноманд, ки дар натиҷаи он уҳдадориҳо оид ба пардохт иҷро нашуда ё ба таври дахлдор иҷро нашуда ҳуқуқу манфиатҳои қонунии дигар иштирокчиёни ин муносибатҳо вайрон карда мешаванд.

Якчанд гурӯҳи ҳуқуқвайронкунӣ дар бахши андозбандиро ҷудо намудан мумкин аст:

1) ҳуқуқвайронкунӣ зидди низоми андоз;

2) ҳуқуқвайронкунӣ зидди ҳуқуқ ва озодиҳо ҷиҳати пардохтани андоз;

3) ҳуқуқвайронкунӣ зидди уҳдадориҳо оид ба пардохти андоз ва ғайра [7, с. 270].

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар байни ҳуқуқвайронкуниҳои ишорашуда, ҷои асосиро саркашӣ аз пардохти андоз ташкил медиҳад, ки он нисбатан маъмул буда, гурӯҳи хавфноктарини ҳуқуқвайронкунии бахши андозбандӣ мебошад.

Мувофиқи моддаи 34 КА ҶТ андозсупоранда уҳдадор аст, ки уҳдадориҳои андозии худро дар муҳлатҳои муқаррарнамудаи Кодекси мазкур иҷро намояд. Аммо амалия собит менамояд, ки баъзе аз андозсупорандагон уҳдадориҳои андозии худро иҷро намекунад.

Ҳамзамон, уҳдадории замин-истифодабаранда оид ба пардохти андоз дар КЗ ҶТ муайян гардидааст. Тибқи моддаи 21 КЗ ҶТ заминистифодабарандагон уҳдадоранд сари вақт андози заминро супоранд.

Вобаста ба масъалаи мазкур дар қонунгузории андоз истилоҳи андозсупорандаи бемасъулият истифода карда мешавад.

Тибқи банди 48 моддаи 2 КА ҶТ андозсупорандаи бемасъулият - андозсупорандае, ки уҳдадориҳои андозии худро тибқи талаботи қонунгузории андоз иҷро наменамояд.

Мутобиқи қисми 5 моддаи 35 КА ҶТ андозсупорандаи андози замин дар ҳолатҳои дар давоми зиёда аз 3 моҳи пайдарпай пешниҳоди ҳисоботи андоз ва (ё) пардохти маблағи андоз ва (ё) қарзи эътирофшудаи андозиро таъмин нанамояд, бемасъулият эътироф карда мешавад.

Хавфнокии ҷамъиятии саркашӣ аз пардохти андоз на танҳо дар ҷодаи ба буҷет дохил нагардидани маблағҳои зарурӣ ва афзоиши камомади буҷет, балки дар вайрон гардидани асоси иқтисодиёти рақобатнок ифода меёбад.

Қонунгузории андоз саркашӣ аз пардохти андозро муқаррар намудааст. Мутобиқи моддаи 37 КА ҶТ саркашӣ аз пардохти андоз аз ҷониби шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ғайриқонунӣ ва қасдан иҷро нагардидани уҳдадориҳои андозӣ мебошад.

Дар асоси таҳлилҳои болозикр мафҳуми зерини саркашӣ аз пардохти андози замин пешниҳод карда мешавад:

Саркашӣ аз пардохти андози замин аз ҷониби заминистифодабарандагон ғайри-қонунӣ ва қасдан иҷро нагардидани уҳдадориҳои андозӣ мебошад.

Бояд гуфт, ки сабабҳои гуногуни саркашӣ аз пардохти андоз вуҷуд дорад, аз ҷумла сабабҳои маънавӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва техникӣ [3, с. 329-330 ].

Тибқи қисми 2 моддаи 37 КА ҶТ амалҳои зерин саркашӣ аз пардохти андоз ҳисобида мешаванд, агар андозсупоранда:

- баҳисобгирии муҳосибиро (андозиро) анҷом надиҳад ва (ё) талаботи онро таъмин накунад;

- ҳуҷҷатҳои баҳисобгирии муҳосибиро, ки барои муайян намудани уҳдадориҳои андоз заруранд, нобуд карда бошад;

- дар давраи се моҳи ҳисоботӣ ҳисоботҳои андозиро пешниҳод накарда бошад;

- дар ҳисоботҳои андозӣ маблағҳои пардохтшавандаи андозиро (бо назардошти эъломияи тасҳеҳӣ) кам нишон дода бошад;

- дар муҳлатҳои дар Кодекси мазкур муқарраршуда ба мақомоти андоз маълумот ва ҳуҷҷатҳоеро, ки барои муайян намудани уҳдадориҳои андозӣ заруранд, пешниҳод накарда бошад;

- бе амалан анҷом додани амалиёт ҳисобнома-фактураи андоз аз арзиши иловашудаdefault пешниҳод намояд.

Қисми 3 моддаи моддаи 37 КА ҶТ муқаррар намудааст, ки ҳангоми саркашӣ намудани андозсупоранда аз пардохти андоз мақомоти андоз ҳаҷми уҳдадории андозии ӯро барои давраи то 10 сол аз рӯзи охирини соли андозие, ки дар он саркашӣ аз пардохти андозӣ содир шудааст, муайян менамояд.

Мутобиқи қисми 3 моддаи 37 КА ҶТ нисбат ба андозсупорандае, ки саркашӣ аз пардохти андозро содир намудааст, уҳдадории андозии бо қисми 3 ҳамин модда барои саркашӣ аз пардохти андоз муайяншуда ба андозаи дукарата татбиқ карда мешавад.

Агар дар ҷараёни санҷиши андоз мавҷуд набудани баҳисобгирии объектҳои андоз ошкор карда шавад ё аз ҷониби андозсупоранда доир ба онҳо маълумот пешниҳод карда

нашавад, мақомоти андоз дар асоси маълумоти дар ихтиёр доштааш барои мақсадҳои қисми 3 ҳамин модда вобаста ба ҳолатҳои дахлдор бо истифода аз арзёбӣ кардани арзиши фурӯши мол (кор, хизматрасонӣ), арзиши молу мулк, сатҳи миёнаи музди меҳнат ва сатҳи даромаднокӣ дар ҳаҷми 10 фоиз маблағи эҳтимолии андозро ҳисоб менамояд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки бо мақсади пешгирии саркашӣ аз андозсупорӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Тартиби татбиқи чораҳои мубориза зидди саркашӣ аз андозсупорӣ ва усулҳои алтернативии андозбандӣ аз 2 июли соли 2009, №390 [17] қабул гардидааст.

Тибқи банди 20 Тартиби болозикр ҳангоми муайян кардани маблағҳое, ки бояд ба буҷет пардохта шаванд, чунин услубҳо истифода бурда мешаванд (чи дар алоҳидагӣ ва чи дар маҷмӯъ), ба монанди:

– услуби ғайримустақим муайян намудани объектҳои андозбандӣ;

– услуби мустақиман муайян намудани объектҳои андозбандӣ.

Бо истифода аз услуби мустақиман муайян намудани объектҳои андозбандӣ хусусиятҳои объектҳои андозбандӣ маълум карда мешаванд, аз ҷумла:

а) фонди музди меҳнат;

б) арзиши воситаҳои асосӣ;

в) масоҳати қитъаи замин;

г) ҳаҷми истихроҷи захираҳои табиӣ.

Мутобиқи банди 29 бо истифода бурдани усули мустақиман муайян намудани объектҳои андозбандӣ объектҳои зерини андозбандӣ ошкор карда мешаванд, аз ҷумла:

Ҳаҷми қитъаи замин дар асоси маълумоти мақоми иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар бораи қабул кардани қарор оид ба додани қитъаи замин ё додани санади давлатӣ доир ба қитъаи замин (шаҳодатнома оид ба ҳуқуқи истифодаи муваққатии қитъаи замин) ва (ё) чен кардани он бо ҷалб намудани мутахассисони хадамоти давлатии заминсозӣ ва (ё) қитъаҳои замини дар вақташ баргардониданашуда муайян карда мешавад.

Дар муносибатҳои ҳуқуқи андоз аҳамияти махсусро танзими ҳуқуқии масъалаҳои ҷавобгарӣ барои вайрон кардани қонунгузории андоз, аз ҷумла напардохтани андоз ишғол менамояд.

Ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои вайрон намудани қонунгузории андоз гуфта, тахти маҷбурияти давлат аз ҷониби ҳуқуқвайронкунанда иҷро намудани ухдадориҳо дар бахши андозбандиро меноманд. Ҷавобгарӣ барои вайрон кардани қонунгузории андоз дар соҳаи истифодаи замин (напардохтани андози замин) дар доираи танзими махсуси муносибатҳои молумулкӣ ҳангоми андозбандӣ ташаккул меёбад [7, с. 271].

Ҷавобгарӣ дар соҳаи истифодаи замин (напардохтани андози замин), инчунин бо як қатор хусусиятҳои мушаххас тавсиф мешавад, ки ба онҳо метавон инҳоро мансуб донист:

– асоси ҷавобгарӣ дар соҳаи истифодаи замин (напардохтани андози замин) ҳуқуқвайронкунӣ, яъне напардохтани андози замин ба ҳисоб меравад;

– фаро расидани ҷавобгарӣ бо меъёрҳои ҳуқуқи андоз муқаррар карда шудааст;

– ҷавобгарӣ аз татбиқи таҳримҳои махсуси молиявӣ (ҷарима, фоизҳо) нисбати ҳуқуқвайронкунанда иборат аст;

– тартиби махсуси ба ҷавобгарӣ кашидан дар КА ҶТ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешбинӣ шудааст;

– субъектони ҷаобгарии мазкур заминистифодабарандагон мебошанд.

Қонунгузорӣ ду намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои вайрон намудани қонунгузории андозро муқаррар намудааст: ҷавобгарии маъмурӣ ва ҳуқуқӣ.

Тибқи моддаи 22 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КҲМ ҶТ) аз 31 декабри соли 2008, №455 [4] ҷавобгарии маъмурӣ як намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ буда, барои содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ нисбати шахси воқеӣ, соҳибкори инфиродӣ, шахсони мансабдор ва ҳуқуқӣ аз ҷониби судя, мақомоти ваколатдори давлатӣ (шахси мансабдор) татбиқ карда мешавад.

Ин мафҳумҳо дар як вақт барои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар соҳаи истифодаи замин, аз ҷумла напардохтани андози замин низ амалӣ мегарданд [6, с. 313].

Мутобиқи моддаи 24 КҲМ ҶТ ба ҷавобгарии маъмурӣ шахси воқеие кашида мешавад, ки ҳангоми содир намудани

ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ синни ӯ ба шонздаҳ расида бошад.

Намудҳои гуногуни ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ боиси татбиқи намудҳои гуногуни ҷазоҳои маъмурӣ мегарданд. Ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар сурате мунтазам содиршуда эътироф мегардад, ки аз ҷониби шахси воқеӣ ё ҳуқуқ дар давоми як сол ду маротиба ё бештар аз он содир шуда бошад.

Агар ҳуқуқвайронкунӣ дар бахши андоз нисбати андозсупорандаи навтаъсис, ки супорандаи андоз буда, бо низоми соддакардашуда андоз месупорад, дар рафти аввалин санҷиши маҷмӯӣ ё мавзуии андоз, ки пас аз 30 моҳи пурраи тақвимӣ аз рӯзи бақайдгирии давлатии он гузаронида шудааст, ошкор шуда бошад, нисбати чунин андозсупоранда танҳо огоҳии маъмурӣ татбиқ карда мешавад .

Ҳамзамон, андозсупоранда уҳдадор аст, бо дарназардошти ҳуқуқвайронкуниҳои ошкоргардидаи дар бахши андоз, дар давоми 5 рӯзи корӣ аз лаҳзаи қабули қарор дар бораи огоҳии маъмурӣ ба мақоми андоз ҳисоботи андози ислоҳшударо пешниҳод намояд ва дар давоми 30 рӯзи тақвимӣ ҳуқуқвайронкуниҳои ошкоргардидаи дар бахши андозро бартараф намояд, аз ҷумла андозҳо, ҷаримаҳо ва фоизҳои аз рӯйи онҳо насупоридаро, пардохт намояд [3, с. 331-332].

Мутобиқи қисми 2 моддаи 33 КҲМ ҶТ агар аз рӯзи содир шудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар соҳаи истифодаи замин шаш моҳ гузашта бошад, шахс ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида намешавад.

Дар сурати давомнок будани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар соҳаи истифодаи замин ҳисоби муҳлати ба ҷавобгарии маъмурӣ кашидан аз рӯзи ошкор шудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ оғоз мегардад.

Тибқи моддаи 34 КҲМ ҶТ ҷазои маъмурӣ чораи маҷбуркунии давлатӣ буда, тибқи Кодекси мазкур аз ҷониби судя, мақомоти ваколатдори давлатӣ (шахси мансабдор) нисбат ба шахси воқеӣ, соҳибкори инфиродӣ, шахсони мансабдор ва ҳуқуқӣ барои содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ татбиқ карда мешавад.

Ҷазои маъмурӣ бо мақсади дар рӯҳияи риояи бечунучарои қонунҳо тарбия кардани шахси содиркунандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, инчунин пешгирӣ намудани ҳуқуқвайронкунии нави маъмурӣ ҳам аз ҷониби худи ҳуқуқвайронкунанда ва ҳам аз тарафи шахсони дигар татбиқ карда мешавад. Ҷазои маъмурӣ наметавонад ба мақсади таҳқири шаъну эътибори шахси содиркунандаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, расонидани ранҷу озори ҷисмонӣ ё рӯҳӣ, тарсонидан, ҳама гуна табъиз ё таҳқири шаъну эътибори инсонии шахси воқеӣ ва ё расонидани зарар ба шӯҳрату эътибори кории шахси ҳуқуқии содирнамудаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ истифода гардад.

Моддаи 34 КҲМ ҶТ намудҳои гуногуни ҷазои маъмуриро барои содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ пешбинӣ намудааст. Аз ҷумла, огоҳӣ; ҷаримаи маъмурӣ; боздошти ва маҳрум кардан аз иҷозатнома барои машғул шудан ба намудҳои муайяни фаъолият; маҳрум кардани шахси воқеӣ аз ҳуқуқи махсус; боздошти маъмурии намуди муайяни фаъолият ва инчунин ҳабси маъмурӣ.

Мавриди зикр аст, ки барои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар соҳаи истифодаи замин, аз ҷумла, напардохтани маблағи андози замин ҳамаи ҷазоҳои маъмурӣ амалӣ карда намешавад.

Барои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар соҳаи истифодаи замин (напардохтани андози замин) аксаран ҷазои маъмурӣ дар шакли ҷаримаи маъмурӣ татбиқ карда мешавад.

Мувофиқи моддаи 39 КҲМ ҶТ ҷаримаи маъмурӣ намуди ҷазои маъмурӣ буда, ба тарзи ситонидани пул ба фоидаи давлат сурат мегирад ва аз тарафи судя, мақомоти ваколатдори давлатӣ (шахси мансабдор) нисбат ба шахси содиркардаи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Кодекси мазкур таъйин карда мешавад.

Мутобиқи қисми 2 моддаи мазкур андозаи ҷаримаи маъмурӣ ба ҳисоби фоиз ва ё карат вобаста ба инҳо муқаррар карда мешавад:

– нишондиҳанда барои ҳисобҳо, ки дар рӯзи хотима ёфтан ё пешгирии ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, барои ҳуқуқвайронкунии маъмурии давомнок аз рӯзи ошкор карда шудани он муқаррар гардидааст;

– аз арзиши ашёи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, ки дар вақти хотима ёфтан ё пешгирии ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ

муқаррар гардидааст, барои ҳуқуқвайронкунии маъмурии давомнок аз рӯзи ошкор шудани он;

– аз маблағи пардохтнашудаи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ё амалиёти асъории ғайриқонунӣ, ки бояд пардохта шаванд, дар рӯзи хотима ёфтан ё пешгирии ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, барои ҳуқуқвайронкунии маъмурии давомнок дар рӯзи ошкор шудани он муқаррар гардидаанд;

– аз арзиши корҳои иҷрошуда.

Аз муқаррароти болозикр пайхас намудан мумкин аст, ки андозаи ҷаримаи маъмурӣ барои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар соҳаи истифодаи замин, аз ҷумла, напардохтани андози замин вобаста аз маблағи пардохтнашудаи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ, ки бояд пардохта шаванд, дар рӯзи хотима ёфтан ё пешгирии ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, барои ҳуқуқвайронкунии маъмурии давомнок дар рӯзи ошкор шудани он муқаррар карда мешавад.

Барои напардохтани маблағи андози замин ва саркашӣ аз пардохти андоз қонунгузорӣ ҷавобгарӣ муқаррар намудааст. Масъалаи мазкур ҳалли худро дар ду моддаи КҲМ ҶТ пайдо намудааст.

Тибқи моддаи 599 КҲМ ҶТ барои саркашӣ аз пардохтани андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ, ки дар пинҳон кардани объектҳои андозбандӣ ифода ёфтаанд, ҳангоми набудани аломати ҷиноят, ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз ҳашт то даҳ, ба шахсони мансабдор аз чил то панҷоҳ, ба соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси шаҳодатнома фаъолият менамоянд ва шахсони ҳуқуқӣ аз яксаду панҷоҳ то дусад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

Барои мавҷуд набудани баҳисобгирии муҳосиботӣ ё пешбурди он бидуни риояи тартиби муқаррargардида, тарифи баҳисобгирии муҳосиботӣ ё ҳисоботи андоз, пешниҳод накардани ҳисобот ва тавозуни муҳосиботӣ, ҳисобҳо, эъломияҳо, дигар ҳуҷҷатҳои вобаста ба ҳисобкунӣ ва пардохти андоз ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет, ҳангоми набудани аломати ҷиноят, ба шахсони мансабдор ба андозаи аз чил то панҷоҳ, ба соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси шаҳодатнома фаъолият менамоянд ва шахсони ҳуқуқӣ аз яксаду панҷоҳ то дусад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

Вале, муқаррароти мазкур нисбати заминистифодабарандагон, яъне андозсупорандагони андози замин татбиқ намегардад. Хусусияти ҷавобгарии маъмурӣ барои напардохтани маблағи андози замин дар он аст, ки он дар моддаи алоҳидаи КҲМ ҶТ муқаррар гардидааст.

Мутобиқи моддаи 146 КҲМ ҶТ барои напардохтани маблағи андози замин, ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз се то ҳафт, ба шахсони мансабдор аз бист то сӣ ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз ҳафтод то сад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

Бо мақсади дуруст дарк намудани масъалаи меъёри андоз омӯзиш ва таҳлили қонунгузории давлатҳои хориҷаро мутобиқи мақсад мешуморем.

Дар натиҷаи таҳлили қонунгузории Федератсияи Россия маълум гардид, ки ҷавобгарӣ барои напардохтани андоз на дар қонунгузории маъмурӣ, балки дар Кодекси андози Федератсияи Россия аз 31 июли соли 1998, №146-ФЗ [8] муқаррар гардидааст.

Мутобиқи моддаи 122 Кодекси андози Федератсияи Россия напардохтан ё пурра напардохтани андоз (пардохтҳо, саҳми суғуртавӣ) дар натиҷаи кам нишон додани манбаи андоз (манба барои ҳисоб кардани саҳмҳои суғуртавӣ), дигар нодуруст ҳисоб кардани андоз (парддохтҳо, саҳмҳои суғуртавӣ) ё дигар амали (беамалии) ғайриқонунӣ, ба андозаи 20 фоизи андози пардохтнашуда (пардохтҳо, саҳми суғуртавӣ) ҷарима таъин карда мешавад.

Агар амали болозикр қасдан содир карда шуда бошад ба 40 фоизи андози пардохтнашуда (пардохтҳо, саҳми суғуртавӣ) ҷарима таъин карда мешавад.

Ҳамзамон, дар қонунгузории Федератсияи Россия ҷавобгарӣ барои напардохтани андози замин дар моддаи алоҳида муқаррар нагардидааст, балки ба таври умумӣ муайян шудааст.

Дар қонунгузории маъмурии Ҷумҳурии Беларус барои напардохтани андози замин ҷавобгарии маъмурӣ пешбинӣ гардиидааст.

Тибқи моддаи 14.4 Кодекс дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии

Беларус аз 6 январи соли 2021, №91-З [9] аз ҷониби шахси воқеие, ки шахси мансабдори шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ ба ҳисоб намеравад, - андозсупоранда, шахси уҳдадори дигар напардохтан ё нопурра пардохтани маблағи андоз аз беэҳтиётӣ содиргардида, агар маблағи андоз, пардохтҳои (боҷҳо) пардохтнашуда ё нопурра пардохт шуда, ки аз арзиши манбавӣ зиёд бошад, ба андозаи понздаҳ фоизи маблағи пардохтнашудаи андоз, пардохтҳо (боҷ) ҷарима таъйин карда мешавад, вале на камтар аз панҷ як ҳиссаи маблағи манбавӣ.

Мутобиқи моддаи 460 Кодекс дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Озорбойҷон аз 29 декабри соли 2015, №916-VQ [10] барои саркашӣ аз пардохти андозҳо ё саҳмҳо ба суғуртаи ҳатмии давлатии иҷтимоӣ ба андозаи кам ба андозаи аз си то ҳафтод фоизи маблағи пардохтнашудаи андоз ҷарима таъйин карда мешавад.

Тибқи моддаи 301 Кодекс дар бораи ҳуқуқвайронкунии Ҷумҳурии Молдова аз 24 октябри соли 2008, №218 [11] саркашӣ аз пардохти андоз аз ҷониби шахсони воқеие, ки фаъолияти соҳибкориро амалӣ намекунанд, бо роҳи саркашӣ аз пешниҳоди эъломияи андоз аз даромад ё ба эъломия дохил кардани маълумоти таҳрифшуда, агар маблағи пардохтшавандаи андоз аз даромад аз 2500 воҳиди шартӣ зиёд набошад, ба андозаи аз сад то 150 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад. Агар маблағи пардохтшаванда аз андоз аз даромад камтар аз 100 воҳиди шартӣ бошад, ҷарима таъин карда намешавад.

Мувофиқи моддаи 170 Кодекс дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Арманистон аз 1 июни соли 1986 [12] дар мухлати муқарраргардида напардохтани андозҳо, боҷҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ, ки қонун муқаррар кардааст, ба андозаи аз даҳ то бист ҳадди ақали музди меҳнат ҷарима таъйин карда мешавад.

Тавре ки дар боло қайд намудем, барои напардохтани маблағи андози замин, ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз се то ҳафт, ба шахсони мансабдор аз бист то сӣ ва ба шахсони ҳуқуқӣ аз ҳафтод то сад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

Мувофиқи моддаи 17 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, №1918 [13] таҳти мафҳуми шахси воқеӣ шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрванди хориҷӣ, инчунин шахси бешаҳрванд фаҳмида мешавад. Тибқи моддаи 48 Кодекси болозикр ташкилоте шахси ҳуқуқӣ дониста мешавад, ки дар моликият, пешбурди хоҷагӣ ё идоракунии оперативӣ молу мулки алоҳида дошта, аз рӯи уҳдадориҳои худ бо ин молу мулк ҷавобгар бошад, тавонад аз номи худ ҳуқуқҳои молумулкӣ ва шахсии ғайримолумулкиро ба даст оварда, амалӣ намояд, уҳдадорӣ гирад, дар суд даъвогар ва ҷавобгар бошад.

Тибқи моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизмати давлатӣ” аз 5 марти соли 2007, №233 [14] шахси мансабдори давлатӣ шахси таъин ё интихобшуда, ки ба таври доимӣ, муваққатӣ ё бо ваколати махсус вазифаи намояндаи ҳокимияти давлатиро амалӣ менамояд, яъне бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дорои ваколатҳои амрдиҳӣ нисбати шахсоне мебошад, ки дар тобеияти хизматии ӯ қарор надоранд, инчунин шахсе, ки вазифаҳои ташкилию амрдиҳӣ, маъмурию хоҷагидориро дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ, муассисаҳои давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ҳамчунин дар субъектҳои хоҷагидори давлатӣ ва дигар субъектҳои хоҷагидоре, ки дар онҳо ҳиссаи давлат на кам аз нисфро ташкил медиҳад, ба таври музднок ё бемузд иҷро менамояд ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда, мебошад.

Қайд намудан зарур аст, ки андозаи ҷаримаҳои маъмурӣ бо нишондиҳанда барои ҳисобҳо муайян карда мешавад.

Мутобиқи моддаи 23 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023» аз 7 декабри соли 2022, №1916 [19] аз 1 январи соли 2023 нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷиҳати ҳисобкунии андоз, боҷ, дигар пардохтҳои ҳатмӣ, муҷозоти ҷаримавӣ, пардохтҳои иҷтимоӣ, инчунин барои ҳисобкунии ин ё он бузургиҳои арзишии ҳадди ниҳоӣ (поёнӣ ё болоӣ), ки мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон татбиқ карда мешаванд, ба андозаи 68 сомонӣ муқаррар карда шавад.

Тавре ки дар боло қайд намудем, тибқи қисми 2 моддаи 37 КА ҶТ агар андозсупоранда дар давраи се моҳи ҳисоботӣ ҳисоботҳои андозиро пешниҳод накарда бошад, дар ҳисоботҳои андозӣ маблағҳои пардохтшавандаи андозиро (бо назардошти эъломияи тасҳеҳӣ) кам нишон дода бошад ва дар мӯҳлатҳои дар Кодекси мазкур муқарраршуда ба мақомоти андоз маълумот ва ҳуҷҷатҳоеро, ки барои муайян намудани уҳдадориҳои андозӣ заруранд, пешниҳод накарда бошад саркашӣ аз пардохти андоз ҳисобида мешаванд,

Дар ин замина, тибқи банди 22 Дастурамали Вазорати молияи ҶТ «Дар бораи ҳисоб ва пардохт намудани андози ягонаи кишоварзӣ» аз 01 феврали соли 2022, №20 [15] давраи соли тақвимӣ буда, андозсупорандагони андози ягонаи кишоварзӣ уҳдадоранд, ки ҳар сол то санаи 1-уми марти соли тақвимӣ ба мақомоти андози маҳалли ҷойгиршавии заминҳои худ эъломияи андози ягонаи кишоварзиро барои соли ҷории тақвимӣ пешниҳод намоянд. Барои сари вақт пешниҳод накардани эъломияи мазкур, инчунин саркашӣ аз пардохти андоз бо роҳи дар эъломия дохил кардани маълумоти таҳрифшуда субъекти соҳибкорӣ тибқи талаботи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.

Ҳамзамон, мутобиқи моддаи 605 КҲМ ҶТ барои аз тарафи андозсупоранда ё агенти андоз кам нишон додани маблағи андоз ё дигар пардохти ҳатмӣ дар эъломияҳо ё ҳисобҳо, дар қиёс бо маблағе, ки бояд дар эъломияҳо ё ҳисобҳо нишон дода шавад, ба андозаи бисту панҷ фоизи маблағи кам нишондодашуда ҷарима таъйин карда мешавад.

Барои дар давоми як соли баъди таъйини ҷазои маъмурӣ такроран содир намудани кирдори пешбининамудаи қисми якуми ҳамин модда, ба андозаи чил фоизи маблағи кам нишондодашуда ҷарима таъин карда мешавад.

Инчунин, мутобиқи моддаи 616 КҲМ ҶТ барои ба мақомоти андоз пешниҳод накардани ҳуҷҷатҳо ва (ё) маълумоти дар моддаҳои 19, 27, 54, 56 ва 57 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинишуда, аз ҷумла тибқи дархости он мақомоти андоз, ки санҷиши андозро мегузаронад, ҳамчунин дигар гуна саркашӣ аз пешниҳоди чунин ҳуҷҷатҳо ё дидаю дониста пешниҳод намудани ҳуҷҷатҳои дорои маълумоти нодуруст, ба шахсони воқеӣ ба андозаи аз ҳашт то даҳ, ба шахсони мансабдор аз чил то панҷоҳ, ба соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси шаҳодатнома фаъолият менамоянд ва шахсони ҳуқуқӣ аз ҳаштод то сад нишондиҳанда барои ҳисобҳо ҷарима таъйин карда мешавад.

Тибқи банди 2.2. Низомномаи назорати давлатии истифода ва ҳифзи замин аз 15 июли соли 1997, №294 [18] Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти он дар маҳалҳо назорати давлатиро аз болои саривақт пардохтани андози замин аз тарафи заминистифодабарандагонро назорат мекунад.

Дар ин замина, мутобиқи моддаи 100 Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июли соли 2013, №975 [16] мақомоти заминсозӣ ва геодезӣ дар доираи ваколатҳои худ парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмуриеро, ки дар моддаи 146 (напардохтани андози замин) Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидаанд, баррасӣ менамоянд.

Барои баррасии парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва таъини ҷазои маъмурӣ аз номи мақомоти заминсозӣ ва геодезӣ инҳо ҳуқуқ доранд:

– сардори сарраёсати назорати давлатии замин, сардорони шуъбаҳои ҳамин сарраёсат, роҳбарон ва муовинони роҳбарони сохторҳои мақомоти давлатии заминсозӣ ва геодезӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурие, ки дар моддаҳои 141-146, 148, 149, 151, 152, 155-164 КҲМ ҶТ пешбинӣ шудаанд.

Ҳамин тавр, саркашӣ аз пардохти андози замин аз ҷониби заминистифодабарандагон ғайриқонунӣ ва қасдан иҷро нагардидани уҳдадориҳои андозӣ мебошад. Барои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар соҳаи истифодаи замин (напардохтани андози замин) аксаран ҷазои маъмурӣ дар шакли ҷаримаи маъмурӣ татбиқ карда мешавад.

Андозаи ҷаримаи маъмурӣ барои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар соҳаи истифодаи замин, аз ҷумла, напардохтани

андози замин вобаста аз маблағи пардохтнашудаи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ, ки бояд пардохта шаванд, дар рӯзи хотима ёфтан ё пешгирии ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ, барои ҳуқуқвайронкунии маъмурии давомнок дар рӯзи ошкор шудани он муқаррар карда мешавад.

Ҳамин тариқ, ҷавобгарии маъмурӣ барои иҷро накардани ӯҳдадории андози замин як намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ буда, барои дар давраи ҳисоботӣ пешниҳод накардани ҳисоботҳои андозӣ, кам нишон додани маблағҳои пардохтшавандаи андозӣ (бо назардошти эъломияи тасҳеҳӣ) дар ҳисоботҳои андозӣ ва пешниҳод накардан ба мақомоти андоз маълумот ва ҳуҷҷатҳоеро, ки барои муайян намудани ӯҳдадориҳои андози замин заруранд, татбиқ карда мешавад.

**Рӯйхати адабиёт:**


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри 1994, // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj. (санаи муроҷиат: 05.05.2023).
2. Кодекси андози ҶТ аз 23 декабри соли 2021, №1844 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj. (санаи муроҷиат: 07.05.2023).
3. Ҳуқуқи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон: воситаи таълимӣ // Зери назари номзади илмҳои ҳуқуқ, дотсент Шонасридинов Н.Ш. – Душанбе: “ЭР-граф”, 2012, – 352 с.
4. Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с.2008, №12, қ.1, мод.989, мод.990; с.2009, №5, мод.321, №9-10, мод.543; с.2010, №1, мод.2, мод.5, №3, мод.153, №7, мод.547, №12, қ. 1, мод.812; с.2011, №6, мод.430, мод.431, №7-8, мод.610, №12, мод.838; с.2012, №4, мод.256, №7, мод.685, мод.693, №8, мод.814, №12, қ.1, мод.1004; с.2013, №3, мод.181, №7, мод.508; с.2014, №3, мод.143, мод.144, №7, қ.1, мод.389, мод.390; с.2015, №3, мод.201, №7-9, мод.707, мод.708, №11, мод.955, №12, қ.1, мод.1108; с.2016, №3, мод.130, мод.131, мод.132, №5, мод.359, мод.361, №7, мод.613, мод.614, №11, мод.877; с.2017, №1-2, мод.5, мод.6, №5, қ.1, мод.275, №7-9, мод.568, мод.585; с.2018, №1, мод.9, №5, мод.268, мод.269; с.2019, №1, мод.8, №6, мод.312, мод.313, №7, мод.464; с.2020, №1, мод.6, №7-9, мод.604, мод.606, мод.621, №12, мод. 900, мод.901) // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj. (санаи муроҷиат: 11.05.2023).
5. Кодекси замини ҶТ аз 13 декабри соли 1996, №326 // Ахбори Маҷлиси Олии ҶТ. – 1996. – №23. – Мод. 351; 1997. – №23-24. – Мод. 333. 1999. – №5. – Мод. 59; 2001. – №4. – Мод.176; 2004. – №2. – Мод. 55. – №3. – Мод. 190; 2006. – Мод. 347; 2008. – №1. – қ. 2. – Мод. 22. – №6. – Мод. 463; 2011. – №3. – Мод. 171; 2012. – №4. – Мод. 269; №8. – Мод. 828; 2006. – №199; 2008. – №357; 2008. – №405; 2011. – №704; 2012. – №819; 2012. – №891; 2016. – №1363; 2021. – №1823. – №1824. – №1825; 2022. – №1902. // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj. (санаи муроҷиат: 15.05.2023).
6. Соҳибов М.М. Ҳуқуқи замини Тоҷикистон. – Душанбе: «Андалеб Р», 2015. – 396 с.
7. Ҳуқуқи андоз: китоби дарсӣ: нашри сеюм // Муҳаррири масъул доктори илмҳои ҳуқуқ, профессор Ш.М. Исмоилов. – Душанбе: “Полиграф-групп”, 2022. – 536 с.
8. Налоговый кодекс Российской Федерации (часть первая) от 31.07.1998, №146-ФЗ (ред. от 28.06.2022) (с изм. и доп., вступ. в силу с 23.09.2022).
9. Кодекс Республики Беларусь об административных правонарушениях от 06.01.2021 г., №91-З. Манбаи дастрасӣ: https://kodeksy-by.com/koap_rb.htm. (санаи муроҷиат: 22.05.2023).
10. Кодекс Азербайджанской Республики об административных проступках от 29.12.2015 г., №916-VQ. Манбаи дастрасӣ: file:///C:/Users/zeyneb.abbasova/AppData /Roaming/34724. (санаи муроҷиат: 22.05.2023).

11. Кодекс Республики Молдова о правонарушениях от 24 октября 2008 г., №218. Манбаи дастрасӣ: https://www.legis.md/cautare/getResults?doc_id=6764&lang=ru. (санаи муроҷиат: 25.05.2023).

12. Кодекс Республики Армения об административных правонарушениях от 01.06.1986 г., Манбаи дастрасӣ: https://www.arlis.am/documentView.aspx?docid=138078. (санаи муроҷиат: 23.05.2023).

13. Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, №1918 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj. (санаи муроҷиат: 15.05.2023).

14. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи хизмати давлатӣ” аз 5 марти соли 2007, №233. // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj. (санаи муроҷиат: 25.05.2023).

15. Дастурамали Вазорати молияи ҶТ «Дар бораи ҳисоб ва пардохт намудани андози ягонаи кишоварзӣ» аз 01 феврали соли 2022, №20 // Манбаи дастрасӣ: https://www.andoz.tj/Law/Qarorho?culture=tg-TG (санаи муроҷиат: 26.05.2023).

16. Кодекси мурофиаи ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22 июли соли 2013, №975 // Манбаи дастрасӣ: https://www.andoz.tj/Law/Qarorho?culture=tg-TG (санаи муроҷиат: 26.05.2023).

17. Тартиби татбиқи чораҳои мубориза зидди саркашӣ аз андозсупорӣ ва усулҳои алтернативии андозбандӣ аз 2 июли соли 2009, №390 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj. (санаи муроҷиат: 27.05.2023).

18. Низомномаи назорати давлатии истифода ва ҳифзи замин аз 15 июли соли 1997, №294 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj. (санаи муроҷиат: 30.05.2023).

19. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2023» аз 7 декабри соли 2022, №1916 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии ҶТ «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj. (санаи муроҷиат: 28.05.2023).

**Аннотатсия**

**Таҳлили ҷавобгарии маъмурӣ-ҳуқуқии моддаи 146 Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои напардохтани андози замин**

Дар мақолаи мазкур муаллиф ҷавобагирии маъмурӣ барои напардохтани андози замин ва асосҳои ҳуқуқии онро мавриди таҳлил қарор додааст. Ҳамин тариқ, ҷавобгарии маъмурӣ барои иҷро накардани уҳдадории андози замин як намуди ҷавобгарии ҳуқуқӣ буда, барои дар давраи ҳисоботӣ пешниҳод накардани ҳисоботҳои андозӣ, кам нишон додани маблағҳои пардохтшавандаи андозӣ (бо назардошти эъломияи тасҳеҳӣ) дар ҳисоботҳои андозӣ ва пешниҳод накардан ба мақомоти андоз маълумот ва ҳуҷҷатҳоеро, ки барои муайян намудани уҳдадориҳои андози замин заруранд, татбиқ карда мешавад.

**Аннотация**

**Анализ административно-правовой ответственности по статье 146 Кодекса Республики Таджикистан об административных правонарушениях за неуплату земельного налога**

В данной статье автор проанализирует административную ответственность за неуплату земельного налога и ее правовые основы. Таким образом, административная ответственность за неисполнение обязательств по земельному налогу является видом юридической ответственности за непредставление налоговой отчетности в отчетном периоде, занижение сумм подлежащих уплате налога (с учетом корректировочной декларации) в налоговой отчетности и

непредставление в налоговые органы сведений и документов, необходимых для определения обязательств по земельному налогу.

**Annotation**

**Analysis of administrative and legal responsibility under article 146 of the Code of the Republic of Tajikistan on administrative offenses for non-payment of land tax**

In this article, the author analyzed the administrative responsibility for non-payment of land tax and its legal basis. Thus, administrative liability for non-fulfillment of land tax obligations is a type of legal liability for failure to submit tax returns in the reporting period, underestimation of the amount of tax payable (taking into account the corrective declaration) in tax returns and failure to submit to the tax authorities information and documents necessary to determine obligations on land tax.

## 12.00.05 – ҲУҚУҚИ МЕҲНАТӢ; ҲУҚУҚИ ТАЪМИНОТИ ИҶТИМОӢ
## 12.00.05 – ТРУДОВОЕ ПРАВО; ПРАВО СОЦИАЛЬНОГО ОБЕСПЕЧЕНИЯ





**УДК: 349.23/24**

**Бобокалон Ғоиб Мерган,**
*сардори шуъбаи қонунгузорӣ оид ба меҳнат, муҳоҷират ва иҷтимоии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон н.и.ҳ., дотсенти кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷорати факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.*
*E-mail: bgoib@mail.ru*
*Тел.: (+992) 907-94-87-73.*

**Ҳошимзода Мамадҷон Диловар,**
*сармутахассиси шуъбаи қонунгузории нақлиёт ва алоқаи сарраёсати қонунгузории Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.*
*E-mail: hoshimzoda99@mail.ru*
*Тел.: (+992) 938-04-00-99.*

# ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР СОҲАИ МУҲОҶИРАТИ МЕҲНАТӢ

***Калидвожаҳо:*** *муҳоҷирати меҳнатӣ; коргарони муҳоҷир; асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ; санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ.*

***Ключевые слова:*** *трудовая миграция; рабочие мигранты; правовые, экономические и социальные основы; нормативные правовые акты.*

***Keywords:*** *work migration; migrant workers; legal, economic and social basics; normative legal acts.*

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханрониашон дар маҷлиси Кумитаи иҷроияи Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон аз 07 феврали соли 2019 таъкид намуданд: «Мо дар замоне зиндагӣ мекунем, ки муҳоҷирати меҳнатӣ хусусияти ҷаҳонӣ касб намудааст ва Тоҷикистон низ аз ин раванд истисно нест.

Муҳоҷирони меҳнатӣ ҳамватанони мо ҳастанд. Бинобар ин, робитаро бо онҳо бояд мустаҳкам кунем ва ба назди онҳо гурӯҳҳои таблиғотиро сафарбар намоем.

Ин амал барои тақвияти худшиносиву таҳкими ваҳдати миллӣ хеле муҳим аст» [1].

Дар мураккаб ва пурихтилоф гаштани вазъияти сиёсии Тоҷикистони солҳои 90-ум, равандҳои муҳоҷирати аҳолӣ пуршиддат гардиданд ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон зарур донист, ки заминаи қонунгузории миллиро дар соҳаи муҳоҷират пурзӯр намояд.

Чи тавре, Н.Р. Маҳмадуллозода қайд менамоянд, бо сар задани ҷанги шаҳрвандӣ дар ибтидои Истиқлолияти давлатӣ (аввали солҳои 90 асри XX) Тоҷикистон ба аввалин мавҷи муҳоҷират рӯ ба рӯ шуд. Дар натиҷаи ин ҷанги шаҳрвандии бародаркӯш зиёда аз 1 млн. шаҳрвандони ҷумҳурӣ гуреза шуданд. Қисми зиёде аз онҳо ба хориҷи кишвар (аксарият ба Ҷумҳурии Исломии Афғонистон) ва қисме ба дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ паноҳ бурданд. Бо ба эътидол омадани вазъи сиёсӣ тадриҷан масъалаҳои бозгардонии онҳо ба ҷойи зисти доимӣ ва дар ин замина танзими ҳуқуқии ин раванд ба миён омаданд. Бо ин мақсад Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 июли соли 1994, № 993 “Дар бораи муҳоҷирони иҷборӣ” қабул гардид [2].

Бояд тазаккур дод, ки иҷрои муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷирони иҷборӣ» қабл аз ҳама дар бобати ба Ватан баргардондани гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷборӣ нақши муҳим ва ҳалкунанда мебозид.

Инчунин, меъёри муқаррарнамудаи моддаи 5 Қонуни мазкур ин на дертар аз шаш моҳ мусоидат намудан ба дарёфти шуғл дар ҷойи истиқомати муваққатӣ, ки ба зиммаи Вазорати меҳнат ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор гардида буд, пешбинӣ менамуд.

Баъдан барои амалисозии сиёсати созандаю самаранок дар соҳаи муҳоҷирати аҳолӣ 8 октябри соли 1998, №411 Консепсияи сиёсати давлатии муҳоҷирати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуд, ки дар он принсипҳои сиёсати давлатии муҳоҷират, ҳадаф ва вазифаҳои сиёсати давлатии муҳоҷират ва афзалиятҳои он муайян карда шуданд. Идораи раванди муҳоҷирати аҳолӣ то сатҳи давлатӣ баланд бардошта шуда, роҳҳои ҳалли мушкилот дар ин самт бо татбиқи бевоситаи сиёсати давлатии муҳоҷират пайдо гардиданд.

11 декабри соли 1999, №881 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳоҷират» қабул карда шуд, ки дар он танзими муносибатҳо дар соҳаи муҳоҷирати аҳолӣ, асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисоди ва иҷтимоии равандҳои муҳоҷират, инчунин муҳайё сохтани шароити зарурии зист дар маҳалли нав барои шахсон ва оилаҳое, ки ба Ватани аҷдодии худ бармегарданд, пешбинӣ шудаанд.

Бо сабаби он, ки Қонуни қабулшуда масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатиро дар бар намегирифт, соли 2002 ба он якчанд моддаҳои нав ворид карда шуданд [3].

Бо мақсади идораи раванди муҳоҷират, ҳимояи ҳуқуқҳои қонунӣ ва манфиатҳои муҳоҷирони меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва берун аз он, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 июни соли 2001, №242 «Дар бораи Консепсияи муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа» қабул карда шуд. Қарои мазкур санади меъёрии ҳуқуқии асосӣ дар самти муҳоҷирати меҳнатӣ ба ҳисоб рафта, дар он зарурати сиёсати муҳоҳоҷирати меҳнатӣ ба ҳориҷа, мақсадҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва стратегии давлатии Тоҷикистон марбут ба масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ муайян карда шудаанд [4].

Консепсияи муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвадони Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хориҷа ҳуҷҷати асосии танзимкунанда дар ин самт мебошад ва ҳукумати мамлакат баҳри иҷрои он тадбирҳои зарурӣ меандешад. Яке аз мақсадҳои нисбатан муҳими иқтисодии сиёсати муҳоҷирати меҳнатӣ ба хориҷа аз зиёд гардидани ҳаҷми амонатҳои пулии муҳоҷирон иборат мебошад, ки он ба афзоиши захираҳои сармоягузории ҷумҳурӣ мусоидат менамояд. Сиёсати конструктивии иқтисодӣ дар ин қисмат бояд ҳавасмандгардонии муҳоҷиронро барои ҳимояи даромадҳояшон пешбини намояд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади дар сатҳи байналмилалӣ ҳал намудани масъалаҳои муҳоҷирати меҳнатӣ, ба Конвенсияҳои байналмилалӣ “Дар бораи коргарони муҳоҷир”, “Дар бораи сӯистифода дар соҳаи муҳоҷират ва таъмин намудани шароити баробар ҳангоми мурочиати коргарони муҳоҷир” ва “Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи ҳамаи коргарони муҳоҷир ва аъзоёни оилаи онҳо” шомил гардидааст. Аъзогӣ дар Конвенсияҳои байналмилалӣ имконият медиҳад, ки ҳамкориҳои судманд бо дигар кишварҳои дуру наздик дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ ба роҳ монда шуда, дар оянда рушд дода шавад. Дар ин робита бояд қайд кард, ки муҳоҷирати меҳнатӣ ба рушди иқтисодию иҷтимоии мамлакат таъсири бевосита дорад, зеро маблағҳои ҳарсола гузаронидашудаи муҳоҷирон ба хонаводаҳои худ чандин миллиард доллари амрикоиро ташкил медиҳад ва маҳз маблағҳои муҳоҷирон вазъияти молиявии оилаҳо ва бонкҳои ҷумҳуриявиро хеле беҳтар гардонидааст.

Танзими масъалаҳои вобаста ба муҳоҷирати меҳнатӣ яке аз вазифаҳои асосии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва роҳбарони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоятҳо ва шаҳру ноҳияхо мебошад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон соли 2015 дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ ҷиҳати коҳиш додани муҳоҷират қайд намуда буданд, ки муҳайё намудани ҷойҳои нави кориро дар дохили кишвар ҳар чи бештар тавсеа дода,

доир ба масъалаҳои танзими муҳочирати меҳнатӣ, аз ҷумла ҳифзи ҳуқуқи шаҳрвандони мо ҳамкорӣ бо мақомоти марбутаи кишварҳои қабулкунандаи нерӯи корӣ беш аз пеш тақвият бахшида шавад. Таъкиди чунин нуктаҳо бесабаб нест, зеро ҳақиқатан ҳам рӯз то рӯз масъалаи муҳоҷирати меҳнатӣ печидатар шуда истодааст. Аз ҷониби сарвари кишвар даъват намудани соҳибкорону ҳамватанони бурунмарзӣ барои фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ дар дохили кишвар низ барои бартараф намудани ҳамин мушкилиҳо равона шудааст [5].

Бо мақсади рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ ва таъмини ҳифзу ҳуқуқу манфиатҳои муҳоҷирон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 28 ноябри соли 2001 «Конвенсияи байналмилалӣ дар бораи ҳимояи ҳуқуқии ҳамаи коргарони муҳоҷир ва аъзоёни оилаи онҳо»-ро эътироф кард ва мутобиқи талаботи санади мазкур Тоҷикистон ӯҳдадориҳои байналмилалии худро мисли дигар давлатҳои хориҷӣ иҷро карда истодааст.

Инчунин, ҷиҳати устувор намудани ҳамкориҳои дутарафа бо як қатор давлатҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон Созишномаҳои байни ҳукуматиро дар самти муҳоҷирати меҳнатӣ бо Федератсияи Россия (соли 2004), Ҷумҳурии Қазоқистон (соли 2005), Ҷумҳурии Қирғизистон (соли 1998) ва Ҷумҳурии Белорус (соли 2011) ба имзо расонид.

Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки барои ноил гардидан ба натиҷаҳои дилхоҳ ва амалисозии сиёсати давлатии муҳоҷират, пеш аз ҳама қабул намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии замонавӣ ва такмили доимии онҳо дар асоси дигаргун гардидани сиёсати байналмилалии муҳоҷират ва вазъи дохилию хориҷӣ дар ин самт, зарур ва мутобиқ ба талаботи ҷомеаи шаҳрвандӣ ба ҳисоб меравад. Ғайр аз ин иҷрои бевоситаи талаботи қонунгузорӣ тавассути фаъолияти шаффофона ва мақсадноку самараноки мақомоти дахлдори давлатӣ дар соҳаи муҳоҷират, калиди муваффақият ва рушди он мебошад.

Яке аз мақсадҳои асосии дигари сиёсати давлатӣ дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ дар хориҷа, аз ҳифзи иҷтимоию ҳуқуқии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки муваққатан дар хориҷа кор мекунанд, танзими рафтуомади муҳоҷиратӣ, пешгирии муҳоҷирони ғайриқонунӣ ва пойдор намудани қонуният дар ҷараёни муҳоҷират иборат мебошад. Пас, мо бояд ин гуна иқдомҳои неки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамаҷониба мавриди иҷрои бечунучаро қарор дода, нагузорем, ки вазъи муҳоҷират дар кишварамон ва будубоши муҳоҷирон дар хориҷа номуътадил гардад.

Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ, пеш аз ҳама ба зарурияти паст кардани ташаннуҷи иҷтимоӣ, ки аз бекор мондани аҳолии аз нигоҳи иқтисодӣ фаъол ба миён омадааст, иборат мебошад.

Омӯзиши таҷрибаи байналхалқӣ нишон медиҳад, ки давлатҳои муваффақ дар соҳаи муҳоҷират 3 масъалаи асосиро ҳал кардаанд, ва натиҷаҳои хуб низ ба даст овардаанд, ки онҳо чунинанд:

- интихоби сиёсати самаранок дар соҳаи муҳоҷират;

- ҷорӣ намудани қонунгузории муосир ва рушди ҳамкориҳои байнидавлатию байниидоравӣ.

- идоракунии давлатӣ тавассути таъсис додани сохтори калидӣ оид ба ҳалли масъалаҳои муҳоҷират.

Дар гуфтаҳои боло метавон чунин натиҷагирӣ намуд, ки дар ҷумҳурӣ масъалаи бо ҷойи кори муносиб таъмин намудани аҳолии қобили меҳнат тавассути барномаҳои давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ ҷойҳои нави корӣ таъсис дода шуда, имрӯз вазъият дар бозори меҳнат рӯ ба беҳбудӣ ниҳодааст.

Дар Тоҷикистон танзими муҳоҷирати меҳнат тавассути амалӣ гардонидани чорабиниҳои зерин таъмин карда шавад:

- такмил додани омор, аз ҷумла ташкили фонди иттилоотӣ ва маълумотҳои зарурӣ оид ба ҷои кор, шароити зисту зиндагии муҳоҷирон;

- пешгӯйии самтҳои муҳоҷират ва оқибатҳои он;

- инкишофи робитаҳои тарафайн бо давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмиллалӣ, расонидани кумаки ҳуқуқӣ ба муҳоҷирони баргашта тавассути барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолӣ, инчунин барномаҳои ташкилотҳои байналмилалӣ;

- такмили сиёсати муҳоҷирати ҷумҳурӣ оид ба ҳифзи ҳуқуқи муҳоҷирони меҳнатӣ ва аъзои оилаи онҳо;

- пурзӯр намудани иқтидори мақомоти давлатии марбут ба масъалаҳои муҳоҷират ва ташкилотҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ оид ба пешниҳод намудани маълумот доир ба муҳоҷирати бехатар, мураттаб ва қонунӣ дар ҳамаи марҳилаҳои муҳоҷират, инчунин расонидани кумаки реинтегратсионӣ ба муҳоҷирони баргашта.

Дар асоси қонунгузории қабулшудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, заминаҳои муҳоҷирати меҳнатии беруна, асосҳои муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони кишвар дар хориҷа, зарурат ва ҳадафҳои асосии сиёсати муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ, ҳадафҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва стратегии давлат, мундариҷа ва роҳҳои амалисозии сиёсати муҳоҷирати меҳнатии беруна, инчунин масъалаҳои ҳавасмандгардонии муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ тавассути ташкили системаи ҳавасмандгардонии қувваи корӣ ба шуғли беруна муайян карда шуданд.

Ҳамин тариқ, таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқии дорои хусусиятҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ нишон медиҳанд, ки дар солҳои истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои зарурӣ ва доираҳои ҳуқуқӣ барои батанзимдарории муҳоҷирати меҳнатӣ ва амалисозии сиёсати муҳоҷирати кишвар фароҳам оварда шудаанд. Бинобар ин, муҳоҷирати меҳнатӣ дар таърихи башарият нақши барҷаста дораду он аз равандҳои сокиншавӣ, мавриди истифода қарор додани заминҳо, рушди қувваҳои истеҳсолӣ, ҳамгироии қавму миллатҳо ва ғайра вобаста аст.

**Рӯйхати адабиёт:**


1.Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, Раиси Ҳизби халқии демократии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар анҷумани XIII ҲХДТ. [Захираи электронӣ] Манбаи дастрасӣ: http://hamsafon.tj/7165-suhanronii-prezidenti-1206um1202urii-to1206ikiston-peshvoi-millat-raisi-1202izbi-hal1178ii-demokratii-to1206ikiston-mu1202taram-emomal1250-ra1202mon-dar-an1206umani-xiii-1202hdt.html

2.Маҳмадуллозода Н.Р. Ташаккули ҳуқуқи муҳоҷирати Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои назариявӣ ва амалӣ. Монография. – ушанбе: ҶДММ “Контраст”. 2022. – 296 с.

3.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муҳоҷират" аз 10 майи соли 2002, №31 // Маҳзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0 / Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2022. –1 электрон. опт. диск (CD - ROM).

4.Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 июни соли 2001, №242 «Дар бораи Консепсияи муҳоҷирати меҳнатии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хориҷа» // Маҳзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0 / Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе, 2022. –1 электрон. опт. диск (CD - ROM).

5.Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 26 апрели соли 2015. -Душанбе: - “Шарқи озод”- 2015. – С. 9.



**Аннотатсия**

**Оид ба рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ**

Дар мақола масоили рушди қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи муҳоҷирати меҳнатӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Муаллифон дар натиҷаи омӯзиш хусусиятҳои танзими муносибатҳои меҳнатии муҳоҷирони меҳнатиро ва хусусан тадбирҳои рушди қонунгузорӣ марбут ба татбиқи он дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва адабиётҳои ватаниро истифода намуда, таклифу пешниҳодҳоро баён намудаанд.



**Аннотация**

**О развитии законодательства Республики Таджикистан в сфере трудовой миграции**

В статье исследуются вопросы развития законодательства Республики Таджикистан в сфере трудовой миграции. В результате исследования авторы использовали особенности

регулирования трудовых отношений трудовых мигрантов, а особенности меры по развитию законодательства, связанные с его реализацией в законодательстве Республики Таджикистан, а также отечественную литературу и высказали о предложении.

**Annotation**

**On the development of the legislation of the Republic of Tajikistan in the field of labor migration**

The article examines the development of the legislation of the Republic of Tajikistan in the field of labor migration. As a result of the study, the authors used the features of regulating the labor relations of labor migrants, and the features of measures for the development of legislation related to its implementation in the legislation of the Republic of Tajikistan, as well as domestic literature, and spoke about the proposal.

## 12.00.06 – ҲУҚУҚИ ЗАМИН; ҲУҚУҚИ САРВАТҲОИ ТАБИӢ; ҲУҚУҚИ ЭКОЛОГӢ; ҲУҚУҚИ КИШОВАРЗӢ
## 12.00.06 – ЗЕМЕЛЬНОЕ ПРАВО; ПРИРОДОРЕСУРСНОЕ ПРАВО; ЭКОЛОГИЧЕСКОЕ ПРАВО; АГРАРНОЕ ПРАВО



**УДК: 349.41**

**Ғаюрзода Шукурулло Караматулло,**
*доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, мудири кафедраи ҳуқуқи граждании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.*
*E-mail: shukrullo67@mail.ru*
*Тел.: (+992) 935-10-38-62.*



**Соҳибзода Муҳаммадҷон Маҳмадалӣ,**
*муовини якуми директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент.*
*E-mail: sohibov_m.1990@mail.ru*
*Тел.: (+992) 904-41-50-50.*

# ТАБИАТИ ҲУҚУҚИИ МАФҲУМ ВА ХУСУСИЯТҲОИ «ЗАМИН» ДАР ТАНЗИМИ МУНОСИБАТҲОИ ҲУҚУҚИ МАДАНӢ ВА ҲУҚУҚИ ЗАМИН

***Калидвожаҳо:*** *замин; қитъаи замин; ҳуқуқи маданӣ; ҳуқуқи замин; ҳуқуқи экологӣ; хусусиятҳои замин; функсияҳои замин; молу мулки ғайриманқул; сарвати табиӣ; захираи муҳими табиӣ; қисми муҳити зист; воситаи асосии истеҳсолот.*

***Ключевые слова:*** *земля; земельный участок; гражданская права; земельные права; экологические права; особенности земли; функции земли; недвижимость; природные ресурсы; важные природные ресурсы; часть окружающей среды; основные средства производства.*

***Keywords:*** *land; land plot; civil rights; land rights; environmental rights; features of the land, functions of the land; real estate; natural resources; important natural resources; part of the environment; basic means of production.*

Дар ҳаёти ҳар як инсон ва ҷомеа замин нақши муҳими экологӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқӣ дорад. Замин қаламрави давлат аст. Вай ҳамчун объекти фаъолияти иқтисодии инсон бе ягон ёрии ӯ ҳамчун субъекти умумии меҳнати инсон, ҳамчун воситаи асосии истеҳсолот дар фаъолияти хоҷагидорӣ вуҷуд дорад. Замин ҳамчун таҳкурсӣ, ҳамчун базаи амалиётии фазоӣ тараққиёти ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ низ истифода мешавад.

Муҳити зист аз унсурҳои гуногуни алоқаманд ва вобастаи ҳамдигар иборат аст, ки асоситарини онҳо замин мебошад ва метавон гуфт, ки он сарчашмаи объектҳои табиии дигар аст. Замин асоси ҳаёт ва фаъолияти инсон маҳсуб меёбад. Замин дар соҳаи иқтисодии ҳар як давлат аҳаммияти басо муҳимро доро мебошад ва бинобар ин, ҳама гуна муносибатҳое, ки вобаста ба замин ба миён меоянд, мақсаднок ва самараноку оқилона истифодабарии онро талаб менамоянд.

Замин дорои хусусиятҳои хосаи худ аст, ба монанди он маҳсули дасти инсоният нест, қисми болоии замин маҳдуд аст ва инсон вобаста ба завқу хоҳишаш онро зиёд карда наметавонад, аз як ҷо ба ҷои дигар интиқолнаёбанда аст, воситаи асосии истеҳсолот (аз ҷумла, истеҳсолоти кишоварзӣ) буда, бо дигар объектҳои табиӣ баробарарзиш намебошад, дар сурати мувофиқи мақсад истифода бурдани замин он кам намешавад, баръакс ҳосилнокии он зиёд мешавад ва ниҳоят ҷой ва муҳити зиндагиву истеъмоли инсоният ба шумор рафта, ҳамчун объект ва захираи табиӣ баромад мекунад [26, с. 35].

Замин ҳамчун объекти табиӣ низоми табиии экологӣ ва манзараҳои табиат мебошад,

ҳамчун захираи табиӣ бошад, ин ҳамон ҷузъҳои объекти табиист, ки ҳангоми амалисозии фаъолияти хоҷагидорӣ истифода мегардад ва ё истифода шуда метавонад. Ин аломатҳои замин дар навбати аввал бо танзими истифодаи онҳо ҳамчун воситаи истеҳсолот алоқамананданд.

«Замин» ҳамчун категорияи ҳуқуқӣ чист? Дар қонунгузории амалкунанда мазмуну моҳияти мафҳуми ҳуқуқии «замин» муқаррар нагардидааст. Аммо, бо дарназардошти он ки замин функсияҳои воситаи истеҳсолотро дар фаъолияти кишоварзӣ ва базиси фазои ҳудудиро иҷро мекунад, тавсифҳои аҳаммияти ҳуқуқӣ доштани мафҳуми мазкурро муайян кардан мумкин аст.

Одатан мазмуну мундариҷаи мафҳуми «замин» аз нуқтаи назари тавсифҳои миқдорӣ, сифатӣ, ҳудудӣ ё фазоии ин захираи табиӣ муайян карда мешаванд [29, с. 15]. Дар адабиёти илмӣ мафҳуми «замин» ҳамчун қабати болоии қишри замини дар болои сарватҳои зеризаминӣ қарордошта ва бо қабати хок пушонидашуда маънидод карда мешавад, ки он ҳудуд номида мешавад ва тариқи он соҳибихтиёрии давлат амалӣ мегардад [10, с. 25-26].

Бояд гуфт, ки дар қонунгузорӣ мафҳуми ҳуқуқии замин мавҷуд нест, ки ин, албатта, аз норавшании ин истилоҳ дарак медиҳад. Масалан, дар мафҳуми иқтисодӣ замин ҳамчун «захирае, ки барои истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қишлоқ, барои сохтмони хонаҳои истиқоматӣ, шаҳрҳо, роҳҳо истифода мешавад; яке аз ҷузъҳои асосии омилҳои истеҳсолот (дар баробари дигар ҷузъҳо: меҳнат, сармоя, захираҳои табиӣ) мебошад» [25, с. 101].

Замин дар фаъолияти хоҷагидорӣ воситаи асосии истеҳсолот мебошад, ки худи табиат додааст. Хусусияти асосии он ки арзиши истифодабарии заминро ташкил медиҳад ва фаъолияти онро ҳамчун восита ва ҳам объекти меҳнат муайян мекунад, ҳосилхезӣ, яъне қобилияти бо моддаҳои ғизоӣ таъмин намудани растаниҳо барои нашъунамои онҳо мебошад [21, с. 344].

Албатта, ҳангоми тавсифи категорияи ҳуқуқии «замин» ҳамчун объекти ҳифзи ҳуқуқӣ аз таъсири зараровар мазмуни он бояд унсурҳои дигареро, ки пеш аз ҳама ба ҳолати сифатии замин дахл доранд, дар бар гирад. Дар бобати аз ифлосшавӣ ва дигар омилҳои вайроншавӣ муҳофизат намудани замин бештар дар бораи муҳофизати хок сухан меравад.

«Хок» қабати ҳосилхези рӯйи замин буда, дар натиҷаи таъсири дарозмуддати омилҳои табиии органикӣ ва ғайриорганикӣ ба вуҷуд омадааст. Вобаста ба ин, бояд таъкид кард, ки мақсад аз ҳифзи ҳуқуқии замин нигоҳ доштани масоҳати умумии он (асосан бетағйир мемонад) набуда, нигоҳ доштан, барқарор намудан ва беҳтар намудани сифати замин мебошад.

Хусусияти муҳими ҳуқуқии замин дар он аст, ки бар хилофи «хок» заминро аз сатҳи кураи замин ҷудо кардан мумкин нест. Бесабаб нест, ки аз замони ҳуқуқи Рим замин молу мулки ғайриманқул ҳисоб мешуд ва ҳангоми баҳсҳои замин дар мурофиаҳои судӣ як каф хок оварда мешуд. Ҳангоми тавсифи мафҳуми «замин», масалан, ҳамчун объекти ҳуқуқи моликият ба сарҳади фазоии замин ё замин диққати асосӣ дода мешавад.

Барои маҳдуд кардани доираи соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ нисбат ба мафҳумҳои ба назар якхела меъёрҳои қонунгузории амалкунанда ва андешаҳои илмиро дар бораи «замин» муфассалтар дида мебароем.

Д.В. Козлов зимни таҳқиқи мафҳуми ҳуқуқии «замин» ва «қитъаи замин» қайд менамояд, ки замин ҳамчун асоси ҳаёт ва фаъолияти инсон дорои тавсифоти зерин мебошад:

1) объекти табиӣ - ҷузъи муҳимтарини табиат;

2) сарвати табиӣ - воситаи истеҳсолот дар соҳаи кишоварзӣ ва ҷангал, инчунин асос барои амалӣ намудани фаъолияти хоҷагидорӣ ва дигар навъи фаъолият;

3) молу мулки ғайриманқул - объекти моликият ва дигар ҳуқуқҳо ба замин [15, с. 129].

Р.К. Гусев функсияҳои асосии заминро чунин ҷудо мекунад:

– *функсияи сиёсӣ* - яъне замини ҳудудҳои маҳдуди мустақилияти ҳудудию давлатиро муайян мекунад;

– *замин ба сифати базиси фазоӣ – ҳудудӣ* баромад мекунад. Яъне ҳамчун ҷойи (макони) ҷойгиршавии биноҳо, иншоотҳо ва дигар объектҳо;

– *функсияи иҷтимоӣ* - замин чун захираҳои табиӣ ҳамчун соҳаи ҳаёту

фаъолияти инсонҳо, ки дар ҳудудҳои мазкур сукунат доранд, баромад мекунад;

– *функсияи экологӣ* - замин қисми таркиби ҷудонашавандаи системаи табиист. Ҳуқуқи замин ҳамчун соҳаи ҳуқуқи муҳити зист, дар маҷмӯъ дар нигоҳ доштани баробарвазнӣ (тавозун) дар табиат нақши бузург дорад.

– *функсияи иқтисодӣ* – замин ба сифати воситаи асосии қувваи истеҳсолӣ дар фаъолияти кишоварзӣ баромад мекунад.

Г.Л. Землякова бошад, ба маврид қайд менамояд, ки объектҳои муносибатҳои заминӣ замин ҳамчун объекти табиӣ ва сарвати табиӣ, қитъаҳои замин ва қисмҳои қитъаҳои замин мебошанд. Барои ба шахсони алоҳида додани қисмҳои замин объектҳои инфиродӣ – қитъаҳои замин ташкил карда мешаванд. Бо вуҷуди ин, қонунгузории амалкунанда аксаран ба иштибоҳ байни мафҳумҳои «замин» ва «қитъаи замин» роҳ медиҳад [13, с. 55].

Тағйиротҳои нави КЗ ҶТ (м. $2^1$) [11] ба сифати объектҳои муносибатҳои вобаста ба замин инҳоро номбар менамояд:

- ✓ замин чун объекти табиӣ ва захираи табиӣ;
- ✓ ҳуқуқи гирифтани қитъаи замин ва саҳми замин;
- ✓ қитъаҳои замин.

Замин ҳамчун объекти табиӣ ва захираи табиӣ мебошад. Замин ҳамчун захираи табиӣ дорои боигариҳои табиӣ мебошад, ки онҳоро муҳаққиқони соҳаи табиатшиносӣ ба се гурӯҳи асосӣ ҷудо намудаанд:

– захираи ашёи хом, ки барои истеҳсолот лозиманд;

– захираҳои энергетикӣ, ки барои нақлиёт ва талаботи маишӣ заруранд;

– ашёи хоми ғизоӣ [9, с. 62].

Яке аз қисми асосии табиат ин замин мебошад. Қисми зиёди объектҳои муҳити зист (ин объектҳо дар м. 6 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» аз 2 августи соли 2011, №760 [18] номбар шудааст), ки табиатро иҳота кардаанд, инкишофи онҳо ба замин алоқамандии зич дорад. Мувофиқи м. 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» аз 2 августи соли 2011, №760 объекти табиӣ – системаи экологии табиӣ, ландшафти табиӣ ва ҷузъҳои таркибии онҳо, ки хусусиятҳои табиии худро нигоҳ доштаанд. Объекти табиӣ ин ёдгориҳои табиӣ, кӯҳҳо, ҷангалҳо ва об мебошанд.

Захираҳои табиӣ – ҷузъиёти табиии муҳити зист, объектҳои табиӣ ва табиии антропогение, ки инсон истифода мебарад (энергияи офтоб, гармии дохилизаминӣ, ҳавои атмосфера, захираҳои замин, об, ҷангал ва маъдан, маводи радиоактивӣ, олами набототу ҳайвонот ва маҳсули онҳо, дигар неъматҳои табиӣ). Истифодаи захираҳои табиат – фаъолияти хоҷагидорӣ ва дигар фаъолият (аз ҷумла, низомӣ) бо истифодаи намудҳои алоҳидаи захираҳои табиӣ, инчунин таъсири ин фаъолият ба муҳити зист. Истифодабарандаи табиат – шахси воқеӣ ё ҳуқуқие, ки ҳамчун ташаббускор ё фармоишгари фаъолияти хоҷагидорӣ ва дигар фаъолият амал намуда, бо муҳити зист ва захираҳои табиӣ созгор аст (м. 1 Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи муҳити зист»).

Замин, дар маҷмӯъ чун объекти табиӣ ва захираи табиӣ аз сабаби номуайянии ин категория наметавонад объекти ҳуқуқҳои маданӣ бошад. Номуайянӣ дар ин маврид ҳамчун набудани фардикунонии лозимаву мувофиқ фаҳмида мешавад. Чи тавре В.А. Лапач ба маврид қайд менамояд: «нишонаи умумӣ ва зоҳирии бештар хоси тамоми объектҳои ҳуқуқи маданӣ ин тағйирёбии фосилавии онҳо мебошад, яъне муайянии сифатӣ, инчунин ҷисмонӣ ва ё баҳисобгирӣ ва хусусияти ҷудо будан аз ҳамаи дигар объектҳо» [20, с. 140].

Маҳз ба ҳамин хусусият чунин зуҳурот, ба монанди замин ҷавобгӯ нест ва маҳз барои ҳамин он наметавонад объекти ҳуқуқҳои маданӣ шавад. Шояд барои ҳамин Р. Галиева қайд мекунад, ки «дар захираҳои табиӣ ашёҳое буда метавонанд, ки қобилияти объекти муносибатҳои моликиятӣ доранд, вале на баръакс» [6, с. 28].

Г.Л. Землякова ҷойи дигар зикр менамояд, ки дар адабиёти илмӣ бештар аз даҳ сол боз муҳокима дар бораи он ки объекти муносибатҳои замин, ҳуқуқи маданӣ, муносибатҳои дорои хусусияти ҳуқуқи оммавӣ ё муносибатҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ ҷудо мебошад, давом дорад [12, с. 58-62]. Аммо тағйир додани қонунгузорӣ боиси саволу муҳокимаҳои нав дар ин самт мегардад.

Ҳамин тавр, ба андешаи Д.В. Козлов, танҳо қитъаҳои замин объекти ҳуқуқҳои маданӣ шуда метавонанд. Замин, дар маҷмуъ ҳамчун фонди замин объекти ҳуқуқи оммавӣ ва қисми ҷудонашавандаи қаламрави давлат мебошад [15, с. 127-139].

А.А. Иванов мазмуни муқарраротимеъёрҳои пешбинишудаи қонунгузории маданӣ ва заминро муҳокима намуда, қайд мекунад, ки дар онҳо луғатҳои куҳнаи қонунгузории замини давраи шӯравиро истифода мебаранд, яъне аз истилоҳи «замин», на «қитъаҳои замин». Санадҳои қонунгузории муосир, ки муносибатҳои объектҳои ҳуқуқи моликиятро танзим мекунанд, тақрибан ҳамеша қитъаҳои заминро ифода мекунанд [14, с. 35-41].

Д.А. Тоточенко чунин мешуморад, ки мафҳуми «замин» дар Кодекси замин дар ду маъно: ҳамчун муродифи (синоними) қитъаи замин ва ҳамчун маҷмӯи қитъаҳои замин фаҳмида мешавад [30, с. 152-159]. Дар баъзе мавридҳо дар қонунгузорӣ, адабиёти ҳуқуқӣ, инчунин таҷрибаи судӣ мафҳумҳои «замин» ва «қитъаҳои замин» ҳамчун синоним истифода мешаванд, яъне ҳамчун объектҳои мустақил ҷудо нашудаанд [24, с. 29].

Ба ақидаи Н.Ю. Чаплин, замин объекти ҳуқуқи оммавӣ буда, дар моликияти хусусӣ буда наметавонад, бинобар ин вай режими ҳуқуқии хусусӣ дошта наметавонад. Истилоҳи «замин» дар қонунгузорӣ ба ду маъно истифода мешавад. Якум, ҳамчун мафҳуми умумии коллективии замин, ки заминро бевосита ҳамчун объекти табиӣ ва сарвати табиӣ, инчунин қитъаҳои замин ва қисмҳои онҳо дар назар дорад. Сониян, ба маънои маҳдуд истилоҳи «замин» ба маънои объекти табиӣ ва сарвати табиӣ истифода мешавад.

А.Г. Нетсветаев қайд менамояд, ки дар мавридҳои зиёд бар ивази мафҳуми «замин» истилоҳи «хок»-ро истифода мебаранд, ки қабати болоии ҳосилхези замин буда, дар натиҷаи таъсири байниҳамдигарии наботот, ҳайвонот, микроорганизмҳо, ҷисмҳои кӯҳӣ таркиб ёфта, инкишоф меёбад [22, с. 15-17]. Ба андешаи М.М. Бринчук «тибқи қонунгузорӣ мафҳуми «замин» қисми болоии кураи заминро, ки дар ҳудуди давлат қарор дорад, ифода менамояд. Бо ин мазмун замин бо метри мукааб, километр, гектар чен карда мешавад» [4, с. 392].

Ҳамзамон, дар қонунгузорӣ истилоҳи хок истифода бурда мешавад. Ба мазмуни он тавсифҳои сифатии замин ҳамчун объекти табиат дохил мешавад. Бесабаб дар Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи хок» аз 16 октябри соли 2009, №555 [19] чунин мафҳумҳо ҷой дода нашудааст: хок – қабати болоии табиӣ ё дар натиҷаи фаъолияти хоҷагидорӣ ва намудҳои дигари фаъолият тағйирёфтаи замин, ки аз моддаҳои маъданӣ ва органикӣ, об, ҳаво, организмҳои хокӣ ва самараи фаъолияти ҳаётии онҳо иборат буда, хосияти ҳосилхезӣ, сохт ва хусусиятҳои дигари барои мавҷудияти набототу ҳайвонот ва ҳаёту фаъолияти инсон зарурро дорост.

Тавсифи хок хусусиятҳои сифатии заминро ҳамчун захираи табиӣ дар бар мегирад, ки онҳо дар навбати аввал, бо танзими истифодаи замин ҳамчун воситаи истеҳсолот алоқаманд мебошад.

Дар низоми объектҳои ҳифзи муҳити зист замин дорои хусусиятҳои хос аст. Маҳз замин (қисмати болоии он – хок) аз моддаҳои гуногун (моддаҳои органикӣ, маъданӣ, об, ҳаво ва дигар) бой буда, имконияти таъмини ҳаёт ва фаъолияти дигар объектҳои табиӣ, ба монанди олами набототу ҳайвонотро дорад [28, с. 16].

Объекти ҳуқуқи маданӣ на замин чун объекти табиат ва ё захира, балки ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин – қисми болоии замин (қабати хокӣ), ки бо тартиби муқарраргардида фардӣ кунонида шудааст, буда метавонад.

Замин объекти муносибатҳои ҳуқуқии замин ва экологӣ шуда метавонад, вале бо шартҳои муайян. Вақте сухан дар бораи замин ҳамчун объекти муносибатҳои ҳуқуқӣ меравад, на ҳолати табиии ӯ дар назар дошта мешавад, балки замине фаҳмида мешавад, ки нисбати он режими ҳуқуқии муайян ҷорӣ карда шудааст ва маҳз бар ин асос он объекти ҳуқуқ, объекти муносибатҳои ҳуқуқии замин ва экологӣ мегардад [2, с. 137].

Мафҳуми «замин» ба ақидаи А.П. Анисимов ва А.Е. Черноморетс мафҳуми «басо абстрактӣ буда, танҳо робитаи онро бо табиат тавсиф медиҳанд. … дар илм, таҷрибаи қонунгузорӣ ва ё ҳуқуқтатбиқнамоӣ мафҳуми «қитъаи замин»-ро бо калимаи «замин», ки кӯтоҳшуда ва муайянкунандаи калимаи қитъаи замин мебошад, мубодила менамоянд… ҳамааш фаҳмо аст» [3, с. 32-33].

Ба ин мазмун, бо нуқтаи назари О.П. Скребкова розӣ шудан мумкин аст, ки огоҳ месозад: «моҳиятан, беҳтар мешуд агар, ки худи истилоҳи «замин» дар соҳаи муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ тамоман истифода бурда нашавад». Дар баробари ин, ӯ қайд менамояд, ки замин ҳамчун «ёдгории миллӣ» ва ё «асоси ҳаёт ва фаъолияти

одамон» ҳеҷ предмети муомилоти ҳуқуқи маданӣ маҳсуб намеёбад [27, с. 57].

Ҳамзамон, А.Ш. Азимзода ва Х. Ойев ишора мекунанд, ки мафҳуми «замин» ва «қитъаи замин» якхела эътироф карда намешавад, яъне онҳо баробармаъно ва ё монанд нестанд. Аломати асосии қитъаи замин ин фардикунонии он (дорои сарҳади муайян, масоҳат, мавзеи ҷойгиршавӣ, ҳолати ҳуқуқӣ) мебошад [1, с. 46], ки тибқи қарори Ҳукумати ҶТ «Дар бораи қоидаҳои амалӣ кардани кадастри давлатии замин» аз 3 октябри соли 2006, №447 ба роҳ монда мешавад. Аммо муаллифон мафҳуми заминро шарҳ намедиҳанд.

Дар ҳаёти рӯзмарра, инчунин ҳангоми таблиғ дар васоити ахбори омма истилоҳи «замин» дар робита ба молу мулки ғайриманқул истифода мешавад, ҳарчанд аз нигоҳи ҳуқуқӣ чунин тарзи корбурд дуруст нест. Вазъи ҳуқуқии «замин», «қитъаҳои замин» аз ҷониби соҳаҳои гуногуни ҳуқуқ аз ҷумла ҳуқуқи маданӣ, замин ва экологӣ вобаста ба хусусиятҳои муносибатҳо танзим карда мешавад [16, с. 41].

Дар қонунгузории маданӣ, ҳамчунин истифодашавии истилоҳи «замин»-ро мушоҳида кардан мумкин аст, ҳарчанд таҳти он дар воқеъ «қитъаи замин» ё «ҳуқуқи истифодаи қитъаи замин» дар назар дошта мешавад (қ. 1, м. 241, қ. 3, м. 246, м. 263 КГ ҶТ). Аз ин лиҳоз, мавқеи Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он» аз 20 марти соли 2008, №375 [17] аз ҳама мувофиқ ва дуруст ба назар мерасад, ки дар қатори дигар объектҳои молу мулки ғайриманқул мафҳуми «қитъаи замин»-ро истифода менамояд.

Омӯзиши таърифи мафҳуми «замин» дар сатҳи байналмилалӣ сурат гирифт. Ҳамин тариқ, Комиссияи иқтисодии Аврупо (Женева, 1996) муайян кардааст, ки «замин аз маркази Замин то осмон паҳн шуда, ҳама чизҳои табиӣ ва сунъиро дар бар мегирад, ки дар сатҳ ё зери он ба замин пайваст шудаанд, инчунин ҳуқуқҳое ба монанди ҳуқуқи моликият ва ҳуқуқи истифодаи қитъаи заминро дар бар мегирад» [5, с. 21].

Замин пеш аз ҳама ҳамчун сарвати табиии дорои хосиятҳои беназир: воситаи истеҳсолот, заминаи рушди инфрасохтори бозорӣ, молу мулки ғайриманқул, объекти ҳуқуқи моликият ва дигар ҳуқуқҳои воқеӣ ба замин ҳисобида мешавад [31, с. 3].

Қонунгузории экологӣ заминро ба сифати унсури муҳити зист муайян менамояд, ки он дар якҷоягӣ бо дигар унсурҳои муҳити зист таъминкунандаи шарти мавҷудияти ҳаёт дар Замин мебошанд. Вобаста ба ин, он ҳам захираи табиӣ мебошад, ки ҳангоми фаъолияти хоҷагидорӣ ва дигар намуди фаъолият истифода бурда мешавад ва ҳам дорои арзиши истеъмолкунандагӣ дорад [33, с. 219].

Мутахассисони ҳуқуқи экологӣ «замин»-ро аз ҷузъҳои гуногуни он, ки аҳамияти бузурги иҷтимоӣ ва иқтисодӣ доранд, тавсиф мекунанд. Аз ҷумла, А.К. Голиченков заминро на танҳо ҷузъи муҳити табиӣ, объекти табиӣ, балки воситаи табиии истеҳсолот ва таҳкурсии фазои табиӣ тавсиф мекунад, ки он ҳам объекти муносибатҳои ҷамъиятии замин ва ҳам муносибатҳои дахлдори ҳуқуқие мебошад, ки дар доираи он ҳамчун молу мулки ғайриманқул, объекти ҳуқуқи моликият ва дигар ҳуқуқҳо ба замин амал мекунад [7, с. 138].

Ҷойи дигар А.С. Боголюбов мафҳуми «замин»-ро, ки барои соҳаи ҳуқуқи экологӣ ба таври анъанавӣ хос аст, ҳамчун «сатҳе, ки қабатҳои ҳосилхези хокро фаро мегирад» пешниҳод кардааст, ки хусусиятҳои табиии онро комилан инъикос мекунад.

Мафҳуми заминро дар стандарти давлатии ГОСТ 26640-85 «Заминҳо. Истилоҳот ва мафҳумҳо» дарёфтан мумкин аст. Мувофиқи он «замин муҳимтарин қисми муҳити табиӣ буда, бо фазо, релеф, иқлим, пӯшиши хок, наботот, об, сарватҳои зеризаминӣ хос буда, воситаи асосии истеҳсолоти кишоварзӣ ва ҷангал мебошад, инчунин ҳамчун таҳкурсии фазоӣ барои ҷойгир кардани корхонаю ташкилотҳои ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқ» фаҳмида мешавад [8, с. 29].

Ҳамин тавр, хусусияти замин ба омӯзиши усулҳои хусусӣ-ҳуқуқӣ ва оммавӣ-ҳуқуқии танзим вобаста аст ва аз ин рӯ, доираи амали ҳуқуқи маданӣ, замин ва экологиро фарқ кардан лозим аст.

Замин ҳамчун объекти табиӣ, ҳифз ва истифодаи оқилонаи он, заминсозӣ предмети танзими ҳуқуқи замин мебошад. Ҳамаи муносибатҳои молумулкии вобаста ба замин

ҳамчун объекти ҳуқуқи ашёӣ (пеш аз ҳама ҳуқуқи моликияти хусусӣ), инчунин аҳдҳо бо замин бояд бо ҳуқуқи маданӣ танзим карда шаванд [32, с. 25-26].

Заминро ҳамчун сарвати табиӣ, ҳамчун объекти ҳуқуқи моликият ҳисоб кардан мумкин нест, инчунин мафҳуми «захираҳои табиӣ»-ро, ки дар Конститутсия ифода ёфтааст, бо объектҳои моликият баробар кардан нодуруст аст, зеро таъиноти захираҳои табиӣ хеле васеъ ва пурмазмунтар аст [23, с. 60-61].

Хусусиятҳои табиии замин ҳангоми ба муомилоти маданӣ дохил шудани қитъаҳои замин ё ҳуқуқи истифодаи қатъаи замин ташкилшаванда аҳаммияти калон доранд, зеро дар аксари мавридҳо ҳам объектҳои табиӣ ва ҳам молу мулки ғайриманқул дар онҳо ҷойгиранд, ки ин ба худи қитъа режими омехтаи ҳуқуқӣ медиҳад.

Истифодаи як мафҳуми ҳуқуқӣ аз ҷониби қонунгузор барои нишон додани ҳодисаҳои воқеие, ки аз рӯйи хусусият гуногунанд, дар амалияи татбиқи меъёрҳои моддӣ мушкилоти зиёдеро ба миён меорад.

Пас аз баррасии мафҳуми ҳуқуқи мадании «замин» мо ба хулосае омадем, ки замин то дар он (ё он) ҳамчун қитъаи замин ё ҳуқуқи истифодаи қатъаи замин муайян карда шуданаш молу мулки ғайриманқул набуда, ҳамчун сарвати табиӣ ба ҳисоб меравад. Мо чунин мешуморем, ки истифодаи ин истилоҳ дар мазмуни як қатор моддаҳои Кодекси мадании ҶТ (134, 137, 178 ва 285) аз сабаби он ки замин ҳамчун сарвати табиӣ дорои аломатҳое нест, ки аз рӯйи он молу мулки ғайриманқулро тавсиф мекунанд, инчунин онро ҳамчун объекти ҳуқуқи маданӣ меҳисобанд, мувофиқи мақсад нест.

Бо дарназардошти таҳлили мафҳуми замин, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ то кунун дода нашудааст, чунин таърифи онро пешкаш намудан ба мақсад мувофиқ аст: «Замин - қисми муҳити табиӣ ва сарвати табиӣ, бо фазо, релеф, иқлим, қабати хок, наботот, об, сарватҳои зеризаминӣ хос буда, воситаи асосии истеҳсолоти кишоварзӣ ва хоҷагидорӣ мебошад, ки ҳамчун таҳкурсии фазоӣ барои ҷойгир кардани бино ва иншот ба ҳамаи соҳаҳои фаъолияти хоҷагидорӣ истифода мешавад».

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Азимзода А.Ш., Ойев Х. Тафсири Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2016. – 424 с.
2. Аксененок Г.А. Земельные правоотношения в СССР. – М., 1958. – 424 с.
3. Анисимов А.П., Черноморец А.Е. Некоторые вопросы теории земельного права в свете новой о Земельного кодекса РФ // Новая правовая мысль. – 2002. – №1. – С. 27-35.
4. Бринчук М.М. Экологическое право: учебник. - 2-е изд., перераб. и доп. – М.: Юрист, 2003. – 670 с.
5. Будяков Е.О. Совершенствование регламентации права собственности на земельные участки: дис. ... канд. юрид. наук. – М., 2008. – 203 с.
6. Галиева Р. Субъекты и объекты земельных прав // Российская юстиция. – 2002. – №10. – С. 27-29.
7. Голиченков А.К. Экологическое право России: словарь юридических терминов: учебное пособие для вузов. – М.: Издательский Дом «Городец», 2008. – 448 с.
8. Государственные стандарты. Охрана природы. Земли. – М.: ИПК Издательство стандартов, 1998.
9. Давлатов А., Дарвозиев М. Ҳифзи табиат. – Душанбе: «Ирфон», 1997. – С. 62.
10. Ерофеев Б.В. Земельное право России: учебник. – М.: Юрайт-Издат, 2007. – 655 с.
11. Закон РТ «О внесении изменений и дополнений в земельный кодекс Республики Таджикистан» от августа 2012 года № 891 / Проект USAID по Земельной реформе в Таджикистан. – Душанбе, 2012. – С. 42-43.
12. Землякова Г.Л. Ведение государственного кадастра недвижимости как функция управления в сфере использования и охраны земель: монография. – М.: РИОР; Инфра-М, 2013. – 357 с.

13. Землякова Г.Л. Земля и земельный участок как объекты земельных правоотношений: проблемы терминологии // Вестник университета МГЮА. – 2019. – №1. – С. 54-63.

14. Иванов А.А. О презумпции права государственной собственности на землю в России // Закон. – 2016. – №6. – С. 35-41.

15. Козлов Д.В. Соотношение понятий «земля» и «земельный участок» в современном российском праве // Matters of Russian and International Law. – 2016. – №2. – С. 127-139.

16. Крапан Г.С. Конституционно-правовое регулирование судебной защиты прав на землю //«Черные дыры» в Российском законодательстве. – 2008. – №2. – С. 41-42.

17. Қонуни ҶТ «Дар бораи бақайдгирии давлатии молу мулки ғайриманқул ва ҳуқуқҳо ба он» аз 20 марти соли 2008, №375 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи мурочиат: 15.03.2023).

18. Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2011. – №7-8. – Мод. 614. – 2014. – №11. – Мод. 669.

19. Қонуни ҶТ «Дар бораи ҳифзи хок» // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2009. – №555.

20. Лапач В.А. Система объектов гражданских прав: теория и судебная практика. – СПб.: Издательство «Юридический центр Пресс», 2002. – 544 с.

21. Месяц В.К. Сельскохозяйственный энциклопедический словарь. – М.: Советская энциклопедия, 1989. – 656 с.

22. Нецветаев А.Г. Земельное право: учебно-методический комплекс. – М.: Изд. центр ЕАОИ, 2008. – 386 с.

23. Полынкова Е.Г. Признание права частной собственности на земельные участки: проблемы теории и практики : диссертация ... кандидата юридических наук : 12.00.03, 12.00.06 / Полынкова Елена Геннадьевна. – Москва, 2008. – 233 с.

24. Попов М.В. Комментарий к ФЗ «О разграничении государственной собственности на землю». – М., 2002. – 158 с.

25. Райзберг Б.А., Лозовский Л.Ш., Стародубцева Е.Б. Современный экономический словарь. 2-е изд., испр. – М.: ИНФРА-М, 1999. – 480 с.

26. Раҳимзода М.З., Каримов А.Қ., Фархудинов Ҷ.И. Тафсири Кодекси замини Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: «Андалеб-Р», 2015. – 360 с.

27. Скребкова О.П. Договор аренды земельных участков: дис. … канд. юрид. наука. – Самара, 2003. – 225 с.

28. Соҳибзода М.М. Ҳуқуқи экологии Ҷумҳурии Тоҷикистон: китоби дарсӣ: қисми махсус: нашри аввал // Зери таҳрири Саидзода Иззатулло Ҳабибулло - директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсент. – Душанбе: «ЭР-граф», 2022. – 400 с.

29. Соҳибов М.М. Ҳуқуқи замини Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе: «Андалеб-Р», 2015. – 396 с.

30. Тоточенко Д.А. Понятие «земельный участок» и его соотношение со схожими терминами // Журнал российского права. – 2016. – №11. – С. 152-159.

31. Трифонов А.С. Гражданско-правовой режим земель промышленности: дис. … канд. юрид. наук. – Волгоград, 2006. – 213 с.

32. Тужилова-Орданская Е.М. Теоретические проблемы защиты прав на недвижимость в гражданском праве России: автореф. дис. ... д-ра юрид. наук. – М., 2007. – 46 с.

33. Экологическое право: учебник для академического бакалавриата / Под ред. С.А. Боголюбова. – 5-е изд., прераб. и доп. – М.: Издательство Юрайт, 2016. – 382 с.

**Аннотатсия**

**Табиати ҳуқуқии мафҳум ва хусусиятҳои «замин» дар танзими муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ ва ҳуқуқи замин**

Дар мақолаи мазкур аз ҷониби муаллиф мафҳум ва хусусиятҳои ҳуқуқии «замин» дар танзими муносибатҳои ҳуқуқи маданӣ, замин ва ҳуқуқи экологӣ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Тавре ки маълум аст, дар аксари санадҳои қонунгузорӣ аз ҷумла КМ ҶТ, КЗ ҶТ ва дигар қонунҳои танзимкунандаи соҳавӣ аз истилоҳҳои «замин», «қитъаи замин» ва «ҳуқуқи истифодаи замин» истифода бурда мешавад, ки гоҳҳо ба таври иштибоҳ ба ҷойи якдигар омада, фаҳмиши ягонаи онҳоро аз лиҳози мантиқӣ халалдор месозад.

Аз ин рӯ, муаллиф аз диди назарияи ҳуқуқи маданӣ, замин ва ҳуқуқи экологӣ мафҳум ва хусусиятҳои худи «замин»-ро мавриди таҳқиқ қарор дода, дар натиҷа хулосаҳои заруриро пешкаш месозад.

**Аннотация**

**Правовая природа понятия и особенности «земли» регулирование гражданско-правовых и земельных правоотношений**

В данной статье автор рассматривает понятие и правовые особенности «земли» в регулировании отношений между культурным правом, земельным и экологическим правом. Как известно, в большинстве законодательных актов, в том числе в ГК РТ, ЗК РТ и других нормативных правовых актах отрасли, термины «земля», «участок земля» и «право пользования землей», которые иногда ошибочно заменяют друг друга, нарушает их понимание с логической точки зрения.

Поэтому с позиций теории культурного права, земельного и экологического права автор рассматривает само понятие и признаки «земли», в результате чего делает необходимые выводы.

**Annotation**

**Legal nature of the concept and features of «land» regulation of civil legal, land and environmental relations**

In this article, the author considers the concept and legal features of «land» in regulating relations between cultural law, land and environmental law. As you know, in most legislative acts, including the Civil Code of the Republic of Tajikistan, the Land Code of the Republic of Tajikistan and other regulatory legal acts of the industry, the terms «land», «plot of land» and «right to use land», which sometimes erroneously replace each other, violate their understanding from a logical point of view.

Therefore, from the standpoint of the theory of cultural law, land and environmental law, the author considers the very concept and signs of "land", as a result of which he draws the necessary conclusions.

## 12.00.08 – ҲУҚУҚИ ҶИНОЯТӢ ВА КРИМИНОЛОГИЯ; ҲУҚУҚИ ИҶРОИ ҶАЗО
## 12.00.08 – УГОЛОВНОЕ ПРАВО И КРИМИНОЛОГИЯ; УГОЛОВНО-ИСПОЛНИТЕЛЬНОЕ ПРАВО



**УДК: 343.615.1**

**Муқимов Сафарбек Давлатбекович,**
*унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.*
*E-mail: safarbek.mukimov.91@mail.ru*
*Тел.: (+992) 931-90-30-90.*

# СУБЪЕКТИ ҚАСДАН РАСОНИДАНИ ЗАРАРИ МИЁНА БА САЛОМАТӢ

***Калидвожаҳо:*** *субъекти ҷиноят; гунаҳгор; номукаллаф; маҳкумшуда; таркиби ҷиноят; экпертиза.*

***Ключевые слова:*** *субъект преступления; обвиняемый; осужденный; состав преступления; экспертиза.*

***Keywords:*** *the subject of the crime; the accused; the convict; the corpus delicti; expertise.*

Баъди пош хӯрдани ИҶШС ва соҳибистиқлол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд - ҶТ) дар ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоии давлат тағйиротҳои муҳим ба амал омадаанд, ки ба сиёсати ҳуқуқии ҷиноятӣ, аз ҷумлаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ҷиноятҳо ба муқобили саломатӣ таъсир гузошт. Конститутсияи навини ҶТ саломатиро, ки яке аз муҳимтарин ҳуқуқҳои фитрии инсон ба ҳисоб меравад, дар моддаи 38 муқаррар намуд. Ин ҳуқуқи конститутсионии инсон мутобиқи моддаи 2 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КҶ ҶТ) ба ҳайси объекти ҳифзи Кодекс дохил шуда, дар моддаҳои 110-129 КҶ ҶТ барои зарар расонидан ба саломатӣ ҷавобгарии ҷиноятӣ пешбинӣ гардидааст.

Дар замони муосир қонунгузории ҷиноятӣ ба сифати яке аз воситаҳои муҳими танзимсозандаи муносибатҳои ҷамъиятӣ бароммад намуда, манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлатро аз таҷовузҳои ҷиноятковона ҳифз менамояд. Маврид ба зикр аст, ки новобаста аз ин муқаррарот қонунгузорӣ оид ба ҳифзи саломатӣ, махсусан ҷавобгарии ҷиноятӣ барои зарар расонидан ба саломатӣ аз камбудиҳо орӣ нест. Бинобар ин, таҳқиқоти диссертатсионӣ оид ба масъалаи мазкур дорои аҳаммияти калони назарию амалӣ мебошад.

Бояд тазаккур дод, ки қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ яке аз ҷиноятҳои хатарнок ба муқобили саломатӣ мебошад, ки дар КҶ ҶТ ҷавобгарӣ барои он м. 111 муқаррар шудааст. Хавфи он пеш аз ҳама дар он аст, ки барои ҷамъият оқибати хавфнок дошта, ба солимии бардавоми инсон халал мерасонад. Ҳамзамон ба ҷабрдида зарари маънавӣ низ расонида мешавад, ки метавонад ба зиндагии минбаъдаи инсон таъсири манфӣ дошта бошад. Саломатӣ гуфта, ҳолати беҳбудии пурраи ҷисмонӣ, рӯҳӣ ва иҷтимоӣ, набудани беморӣ ва нуқсонҳои ҷисмониро меноманд.

Дар ҳолати зарар дидани саломатии инсон, аз як тараф, ҷисми ӯ дучори ҷароҳат мешавад ва, аз тарафи дигар, хатари марг ва ё аз даст додани қисме аз саломатии худ ба ӯ таҳдид мекунад. Инсон танҳо дар сурати пурра солим будан метавонад аз ҳуқуқу озодиҳои худ истифода бурда, ҳамчун инсони комил дар муносибатҳои ҷамъиятӣ ширкат варзад. Бинобар ин, саломатӣ барои инсон неъмати бебаҳо маҳсуб шуда, зарар расонидан ба он на танҳо ба саломатии як шахс, балки ба саломатии аҳолӣ низ хатар дорад. Аз ин рӯ, омӯзиши ҷинояти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ (111 КҶ ҶТ) ва паҳлуҳои дигари он барои амалия ва назария мубрам ба ҳисоб меравад.

Масъалаи эътироф, арзишмандӣ ва ҳифзи ҳуқуқи саломатии инсон дар маркази таваҷҷуҳи ҳамешагии Президент ва Ҳукумати ҶТ қарор дорад. Бо дарки зарурат ва аҳаммияти

масъала Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии ҶТ аз санаи 21.12.2021 изҳор намудаанд, ки «Рушди соҳаи тандурустӣ ва ҳифзи солимии аҳолӣ, ки яке аз бахшҳои муҳим мебошад, минбаъд низ ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон боқӣ мемонад». Дар ҷои дигар иброз намудаанд, ки «Барои ҳар як давлат солимии аҳли ҷомеа зарур мебошад. Аз ин рӯ, мо бояд халқамонро солим нигоҳ дорем ва барои тандурустии он тамоми шароитро фароҳам оварем».

Ҳукумати кишвар ҳанӯз аз солҳои аввали ба даст овардани Истиқлоли давлатӣ ба масъалаи ҳифзи саломатӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир менамуд. Эътироф ва ҳифзи ҳуқуқ ба саломатӣ ҳамчун арзиши олӣ дар сатҳи қонунгузорӣ, пеш аз ҳама, Конститутсияи ҶТ, Кодекси граждании ҶТ, Кодекси тандурустии ҶТ ва муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои зарар расонидан ба саломатии инсон дар сатҳи қонунгузорӣ, пеш аз ҳама, Кодекси ҷиноятии ҶТ дастоварди даврони соҳибистиқлол оид ба ҳифзи саломатӣ ба ҳисоб меравад.

Аммо, дар баробари дастовардҳои зиёди назариявию амалӣ дар баъзе аз қисматҳои қонунгузории амалкунандаи ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарар ба саломатӣ ҳанӯз нуқсонҳо мавҷуданд, ки таҳқиқоти алоҳидаро тақозо менамоянд. Ҳолати имрӯза ва дурнамои рушди минбаъдаи қонунгузории ҷиноятӣ оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои расонидани зарар ба саломатӣ аз мубрамияти бештари мавзуи таҳқиқшаванда дарак медиҳад.

Субъекти ҷиноят яке аз унсури асосии таркиби ҷиноят мебошад. Қайд намудан зарур аст, ки дар қонунгузории ҷиноятӣ истилоҳи субъекти ҷиноят истифода бурда намешавад. Барои ифода кардани субъекти ҷиноят дар моддаҳои Қисми махсуси Кодекси ҷиноятӣ, калимаҳои «гунаҳкор», ё ки «шахсе, ки ҷиноят содир кардааст», ё ки «шахси гунаҳкор дар содир кардани ҷиноят» ва «маҳкумшуда» ба кор бурда мешавад [4, с. 101]. Аломатҳои субъективии таркиби ҷиноятро субъекти ҷиноят ва тарафи субъективии ҷиноят ташкил медиҳанд, ки дар натиҷа ҳолати дохилии руҳии шахси ҷинояткор ва хусусиятҳои хоси худи ӯ мавриди омӯзиш ва баҳодиҳии илмӣ қарор мегиранд [3, с. 53]. Объекти ҷиноят маҳсули илми ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошад, зеро таърифу муайянсозии анъанавии он ба таври амалӣ инъикоси худро дар қонунгузории ҷиноятӣ пайдо накардааст [1, с. 218]. Объекти ҷиноят унсури ҳатмии таркиби ҷиноят мебошад. Ин маънои онро дорад, ки ҷиноят бе объект вуҷуд надорад. Объекти ҷиноят муносибати ҷамъиятие дониста мешавад, ки қонуни ҷиноятӣ онро ҳифз менамояд ва дар натиҷаи таҷовуз, ба он зарар расонида мешавад [10, с. 51].

Ҳар шахси воқеии мукаллафи ба синни чаҳордаҳ расида метавонад субъекти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатии шахс ба ҳисоб равад. Дар қонунгузории ҷиноятӣ мафҳуми мукаллафӣ ба таври алоҳида шарҳ дода нашудааст, барои ҳамин аз рӯи мафҳуми номукаллафӣ, ки дар м. 24 КҶ ҶТ пешбинӣ шудааст, маънои онро ба таври зерин муайян кардан мумкин аст. [8, с. 216; 9, с.116]. Шахсе, ки дар вақти содир кардани ҷиноят қобилияти фаҳмидан ва саришта кардани кирдори ба ҷамъият хавфнок ва оқибатҳои онро дарк намуда, идора карда метавонад, шахси мукаллаф мебошад [7, с. 112].

Дар диспозитсияи м. 111 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунгузор бинобар сабабҳои комилан муайян ва фаҳмо ҳеҷ гуна аломатҳои иловагии субъектро зикр накардааст. Дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ, ки субъект фақат бо аломатҳои дар моддаҳои 22, 23, 24, 25 ва 26 муқарраршуда муайян шудааст, бо номи субъекти умумии ҷиноят ёдовар мешавад. Аломатҳои мазкур ба таври муфассал дар адабиёти илмӣ ва дарсӣ [5; 11; 12]. мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд ва ба ин далел ҳам дар бештари мавридҳо дар таҷрибаи амалии соҳавии пешомада мушкилу нофаҳмӣ эҷод наменамоянд. Аз ин рӯ, мо дар ин ҷо, ба тавсифу шарҳи умумии онҳо иктифо мекунем.

Бо дарназар гирифтани хусусияти ҳатмии аломатҳои баррасишуда, метавон ба чунин хулоса ва натиҷа биоем,ки зарару зиёне,ки ба ҳайвонот тавассути шахси ғайримукаллаф ва ё хурдсол расонида мешавад, ҷиноят ҳисобида намешавад. Аз ин қоида берун ва истисно мебошанд ҳолатҳое,ки ҳангоми вуҷуд доштани

онҳо шахси дорои тамоми аломатҳои субъекти ҷиноят барои расонидани зарар ба саломатии дигарон аз шахсони номукаллаф ва ё шахсони хурдсол истифода мебарад. Дар чунин мавридҳо шахси мавриди назар худ иҷрокунандаи амал ҳисобида мешавад, зеро вай дар чунин ҳолат дар иҷро ва содир намудани амал ба таври мустақим ширкат хоҳад дошт.

Масъалаи мукаллаф ва ё номукаллаф будани шахси гумонбар тавассути суд дар асоси хулосаи баровардаи экспертизаи судӣ-психиатрӣ муайян карда мешавад. Номукаллаф эътироф гардидани шахс ба маънои вуҷуд надоштани таркиби ҷиноят маънидоду тафсир мешавад. Вале он тавре, ки Н.Г. Кадников барҳақ қайд менамояд, номукаллаф эътироф гардидани шахс ба маънои вуҷуд надоштани амалу кирдори ҷамъиятии хавфнок аз сӯи шахси мавриди назар нест [2, с. 35]. Зимни ба ҷавобгарии ҷиноятӣ накашидани шахсони дахлдор, давлат ҳуқуқи татбиқ ва амалӣ намудани чораҳои маҷбурсозии дорои хусусияти тиббиро нисбат ба онҳо барои худ маҳфуз нигоҳ медорад.

Ба таври дуруст муайян ва муқаррар намудани синну соли ҳар шахсе, ки ҷиноят содир менамояд, дар ин кор накши муҳиму калидӣ мебозад. Тавре ки мо дар боло ишора карда гузаштем, мувофиқи қ. 2 м. 23 КҶ ҶТ ҷавобгарӣ барои қасдан расонидани зарари миёна ба саломатии шахс аз синни чаҳордаҳсолагӣ фаро мерасад. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои шахс на дар он рӯзе фаро мерасад, ки рӯзи таваллуди шахс ҳисобида мешавад, балки он пас аз гузаштани як шабонарӯз баъд аз фаро расидани рӯзи таваллуд ба ҳисоб гирифта мешавад. Яъне, он бо гузаштани як шабонарӯз пас аз фаро расидани рӯзи таваллуди субъекти ҷиноят ба ҳисоб гирифта мешавад.

Асосан дар аксари ҳолатҳо муайян кардани синну соли қонунӣ дар асоси ҳуҷҷатҳои расмӣ гузаронида мешавад ва ин боиси пеш омадани ҳеҷ гуна мушкилу нофаҳмӣ намегардад. Вале бо вуҷуди ин, ҳолатҳое пеш меоянд, ки барои муайян намудани синни шахси ҷиноятсодирнамуда лозим меояд ба таври алоҳида экспертизаи судиву тиббӣ таъйин карда шавад. Аз рӯи натиҷаҳои экспертизаи судиву тиббии гузаронидашуда рӯзи таваллуди шахси субъекти ҷиноят охирин рӯзи соле эътироф мегардад, ки он аз сӯи мутахассисони салоҳиятдори экспертизаи судиву тиббӣ муайян карда мешавад. Агар эскперт ба марҳалаи муайяни замонӣ ишора намояд, дар ин сурат, мақомоти тафтишотӣ-судии дахлдор бояд синну соли минималии субъекти амалро асос қарор бидиҳанд, ки он дар натиҷаи гузаронидани экспертиза мушаххас мегардад.

**Рӯйхати адабиёт:**


1. Зокирзода З.Х., Муқимов С.Д. Баъзе масъалаҳои объекти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон / Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – № 9. – С. 218–225.
2. Кадников Н.Г. Квалификация преступлений и вопросы судебноготолкования: теория и практика: Учеб. Пособие / Н.Г. Кадников. – М., Норма, 2003. – 144 с.
3. Муродзода Ф.Р. Тавсифи ҳуқуқии ҷиноятӣ ва криминологии муомилоти ғайриқонунии прекурсорҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. дис. ... ном. илм. ҳуқуқ. – Душанбе, 2022. – С. 53.
4. Одиназода Н.С. Ҳифзи ҳуқуқӣ-ҷиноятии гардиши металҳои қиматбаҳо ва сангҳои қиматбаҳои табиӣ дар Ҷумҳурии тоҷикистон: дис. ... ном. илм. ҳуқуқ: 12.00.08 / Н.С. Одиназода. –Душанбе, 2022. – 192 с.
5. Орлов В.С. Субъект преступления по советскому уголовному праву. – М.: Госюриздат, 1958. – 260 с.
6. Павлов В.Г. Субъект преступления. – СПб.: Юрид. центр Пресс, 2001. – 318 с.
7. Раҳмонзода М.Ҷ. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. ...ном. илм. ҳуқуқ: 12.00.08 – Душанбе, 2020. – 182 с.
8. Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. Зери таҳрири доктори илми ҳуқуқ Р.Ҳ. Раҳимзода ва доктори илми ҳуқуқ И. Бобоҷонзода. – С. 216.

9. Ҳуқуқи ҷиноятӣ. Китоби дарсӣ. Зери таҳрири номзади илми ҳуқуқ, дотсент Ғаффорова ва номзади илми ҳуқуқ, дотсент Ҳ.С. Салимов Н.А.. – С. 116.

10. Шарипов М.М. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои ришвадиҳии тиҷоратӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: дис. ... ном. илм. ҳуқуқ: 12.00.08– Душанбе, 2022. – 188 с.

11. Шарипов Т.Ш., Сафарзода А.И., Камолов З.А. Холиқзода Ш.Л., Зокиров З.Х., Зиёбоева, М.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ: қисми умумӣ: курси мухтассари лексияҳо– Душанбе, 2019. – 224 с.

12. Шарипов Т.Ш., Сафарзода А.И., Камолов З.А. Холиқзода Ш.Л., Зокирзода З.Х., Зиёбоева М.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ: қисми умумӣ: курси мухтасари лексияҳо – Душанбе, 2020. – 223 с.

**Аннотатсия**

**Субъекти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ**

Дар мақолаи мазкур сухан дар бораи субъекти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ меравад. Субъекти қасдан расонидани зарари миёна ба саломатӣ аввалин пажӯҳише мебошад, ки дар асоси таҳқиқоти олимони ватанӣ ва хориҷӣ ва дастовардҳои илми ҳуқуқшиносии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳқиқу баррасӣ гардида, дар робита ба он фикрҳои муаллиф иброз гардидааст.

**Аннотация**

**Субъект умышленного причинения средней тяжести вреда здоровью**

В данной статье речь идет о субъекте умышленного причинения средней тяжести вреда здоровью. Тема умышленного причинения средней тяжести вреда здоровью является первым исследованием, которое исследовано и обсуждено на основе исследований отечественных и зарубежных ученых и достижений юридической науки Республики Таджикистан, а мысли автора выражены в в этом отношении.

**Annotation**

**The subject of intentional infliction of moderate harm to health**

In this article we are talking about the subject of intentional infliction of moderate harm to health. The topic of deliberate infliction of moderate harm to health is the first study that has been researched and discussed on the basis of research by domestic and foreign scientists and the achievements of the legal science of the Republic of Tajikistan, and the author's thoughts are expressed in this regard.



**УДК: 343.241.2**
**Назарзода Азиз Абдураҳим,**
*унвонҷӯйи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи академик А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.*
*E-mail: nazarzoda@mail.ru*
*Тел.: (+992) 918-58-31-25.*

# МАСОИЛИ МУАЙЯН НАМУДАНИ МАФҲУМИ АСОСҲОИ УМУМИИ ТАЪИНИ ҶАЗО

***Калидвожаҳо:*** *таъини ҷазо; кодекси ҷиноятӣ; шахсияти гунаҳгор; асосҳои умумӣ; ҷазои сахттар; дараҷаи хавфнокии ҷиноят; ҳолатҳои сабуккунандаи ҷазо; ислоҳи маҳкумшуда; ҳукми суд; қоидаҳои таъини ҷазо; маҳакҳои таъини ҷазо.*

***Ключевые слова:*** *назначение наказания; уголовный кодекс; личность виновного; степень общественной опасности преступления; обстоятельства смягчающие наказания; исправление осужденного; приговор суда; правила назначения наказания; критерии назначения наказания.*

***Keywords:*** *sentencing; criminal code; identity of the perpetrator; degree of public danger of the crime; mitigating circumstances; correction of the convict; court verdict; sentencing rules; sentencing criteria.*

Мувофиқи моддаи 20 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон «Ҳеҷ кас то эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми суд дар содир кардани ҷиноят гунаҳгор дониста намешавад». Инчунин, аз м. 84 Конститутсия бармеояд, ки адолати судӣ танҳо аз тарафи суд ба амал бароварда мешавад. Ин меъёрҳои конститутсионӣ онро ифода мекунанд, ки танҳо суд оиди гунаҳгории шахс дар содир намудани ҷиноят хулосаи ниҳоӣ бароварда, нисбати ӯ ҷазо таъин менамояд. Суд оиди гунаҳгории шахс дар содир намудани ҷинояти мушаххас ба хулоса омада, онро дар хулосаи айбдоркунӣ ифода менамояд ва агар асосҳои қонунӣ барои озод намудани гунаҳгор аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо ҷой надошта бошанд, нисбати шахси гунаҳгор ҷазо таъин мекунад.

Дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КҶ ҶТ) боби алоҳида (боби 10), ки «Таъини ҷазо» номгузорӣ шудааст, бевосита ба масъалаҳои таъини ҷазо бахшида мешавад. Дар боби мазкур модда дар бораи асосҳои умумии таъини ҷазо дар мавқеи аввал ҷойгир шудааст (м.60 КҶ ҶТ), ки ин аз он шаҳодат медиҳад, ки муқаррароти ин модда ҳангоми таъини ҷазо нақши аввалиндараҷаро ишғол менамояд. Вале дар м.60 КҶ ҶТ танҳо муқарраротҳое номбар шудаанд, ки қонунгузор онҳоро асосҳои умумии таъини ҷазо меҳисобад.

Бинобар ин, дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ худи муайян намудани мафҳуми асосҳои умумии таъини ҷазо боиси баҳсҳои зиёд қарор гирифтааст.

Яке аз аввалин олиме, ки дар ҳуқуқи ҷиноятии замони шуравӣ таърифи асосҳои умумии таъини ҷазоро дода буд Л.А. Прохоров ба ҳисоб мерафт. Асосҳои умумии таъини ҷазоро ӯ ҳамчун қоидаҳои алоҳида тавсиф менамуд, ки дар моддаи 32 Асосҳои қонунгузории ҷиноятии Иттифоқ ва ҷумҳуриҳои иттифоқӣ мустаҳкам шудаанд. Дар баробари ин ҳар яке аз қоидаҳои муқарраршударо муаллифи мазкур ҳамчун “қоидаҳои умумии ба таври аниқ дар қонуни ҷиноятӣ мустаҳакамшудаи муайян намудани чораи ҷазо, ки ба аломатҳои объективӣ ва субъективии ҷиноят, инчунин шахсияти гунаҳгор ҷавобгуй мебошанд”, муайян менамуд [17, с. 7].

Дар асари дигари худ Л.А. Прохоров чунин аломаҳои асосҳои умумии таъини ҷазоро ҷудо менамуд: ҳар як асоси умумӣ дар нақши қоида, яъне роҳбарикунандаи мушаххаси амалӣ баромад менамоянд; асосҳои умумӣ дар фарқият аз принсипҳо хусусияти алоҳида доранд, яъне танҳо ин ё он самти таъин намудани ҷазоро муайян менамоянд; ҳама

асосҳои умумӣ нақши ягонаи таъмин намудани таъини ҷазоро вобаста ба принсипҳо доранд [16, с. 11].

Дар охир Л.А. Прохоров ба хулоса омада баён менамояд, ки "асосҳои умумӣ ин қоидаҳои аниқ дар қонун зикршудаи муайян намудани чораи ҷазо мебошанд, ки ба аломатҳои объективӣ ва субъективии ҷиноятӣ ҷавобгӯй ҳастанд" [16, с. 11].

Аммо на ҳама олимон минбаъд ба чунин таърифи розӣ буданд. Масалан, ба андешаи М.И. Бажанов таърифи зикршудаи асосҳои умумии таъини ҷазо аҳамияти амалӣ, асосии онро кушода намедиҳад, бинобари ин пешниҳод менамояд, ки асосҳои умумии таъини ҷазо ҳамчун "маҳакҳои бо қонун муқарраршудае, ки суд ҳангоми таъин намудани ҷазо аз рӯйи ҳар як парвандаи мушаххас бояд онҳоро ба роҳбарӣ гирад", муайян карда шавад [2, с. 23].

Моҳияти меъёрҳои ба асосҳои умумии таъини ҷазо бахшидашударо ошкор намуда истода И.И. Горелик низ менависад, ки "қонун ва илми ҳуқуқ маҳакҳои муайянро коркард намудаанд, ки суд онҳоро ба роҳбарӣ гирифта ҳама вақт метавонад ҷазои одилона таъин намояд [5, с. 36].

В.П. Малков чунин мешуморад, ки асосҳои умумии таъини ҷазо - ин «муқаррароти асосии дар қонунгузории амалкунандаи ҷиноятӣ ташаккулёфта, ки суд уҳдадор аст ҳангоми таъини ҷазо барои ҳар як ҷинояти содиршуда бояд онҳоро ба роҳбарӣ гирад» [10, с. 222-223; 9, с.10].

Г.С. Гаверов асосҳои умумии таъини ҷазоро "ҳамчун талаботи муқарраркардаи қонуни ҷиноятӣ, ки онҳоро суд ҳангоми таъини ҷазо бояд ба роҳбарӣ гирад" [3, с. 7], муайян кардааст.

Ба андешаи М.А. Скрябин, «асосҳои умумии таъини ҷазоро метавон ҳамчун талаботи ибтидоии қонуни ҷиноятӣ оид ба тартиб ва ҳадди таъини ҷазо муайян кард, ки суд бояд дар ҳар як ҳолати мушаххас онҳоро ба роҳбарӣ гирад» [18, с. 7]. Дар баробари ин, М.А. Скрябин таъкид мекунад, ки «ҳолатҳои мушаххаси таъини ҷазо бо хусусиятҳои хоси худ тавсиф мешаванд, ки онҳоро аз рӯи намуд ва андозаи ҷазои татбиқшуда, хусусият ва дараҷаи хавфи ҷамъиятии ҷинояти содиршуда, шахсияти гунаҳгор, ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунандаи ҷазо муайян кардан мумкин аст. Аз ин рӯй, ҳолатҳои мушаххаси таъини ҷазо ҳамчун ҷараёни ягона қабул карда мешаванд. Аммо аломатҳои такроршавандаи ягона имкон медиҳанд, ки хусусиятҳои умумие, ки барои ҳамаи ҳолатҳои таъини ҷазо хосанд, ҷудо карда шаванд.

Ба чунин сифат асосҳои умумии таъини ҷазо баромад мекунанд» [18, с. 7]. Татбиқи асосҳои умумии таъини ҷазо дар амалияи судӣ тарзи ягонаро ҷорӣ мекунад. Онҳоро метавон маъмулӣ номид, зеро онҳо ҷанбаҳои назарраси бештар такроршавандаро дар бар мегиранд, ки раванди таъини ҷазоро муайян мекунанд. Аз ин рӯй, аз нуқтаи назари мазмуни ҳуқуқӣ, асосҳои умумии таъини ҷазо ҳамчун қолаби абстрактӣ, татбиқи санксияи моддаи Қисми махсуси КҶ, баромад мекунанд [18, с. 8].

Л.С. Тосакова ҳамчунин асосҳои умумии таъини ҷазоро ҳамчун низоми талабот баррасӣ мекунад: 1) суд уҳдадор аст ба шахси гунаҳгор дар доираи пешбининамудаи моддаи дахлдори Қисми махсуси КҶ, ҷазои одилона таъин кунад; 2) суд уҳдадор аст бо назардошти муқаррароти Қисми умумии КҶ ҷазо таъин намояд; 3) дар мавриди санксияи алтернативӣ доштани моддаи Қисми махсуси КҶ, суд ҷазои намуди нисбатан вазнинтарро, аз ҷумлаи ҷазоҳои пешбинишуда танҳо дар сурате таъин менамояд, ки агар намуди ҷазои нисбатан сабуктар ноил шудан ба мақсадҳои ҷазоро таъмин карда натавонад; 4) ҳангоми таъини ҷазо суд уҳдадор аст хусусият ва дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷинояти содиршударо ба назар гирад; 5) ҳангоми таъини ҷазо суд вазифадор аст шахсияти гунаҳгорро ба назар гирад; 6) ҳангоми таъини ҷазо суд уҳдадор аст ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунандаи ҷазоро ба назар гирад; 7) суд ҳангоми таъини ҷазо бояд таъсири эҳтимолии ҷазои таъиншударо ба ислоҳи маҳкумшуда ва шароити зиндагии оилаи вай, ба назар гирад; 8) суд ҳангоми таъини ҷазо метавонад ҷазои вазнинтарро назар ба санксияи моддаи Қисми махсуси КҶ ҶТ пешбининамуда танҳо дар мавриди ҷой доштани маҷмӯи ҷиноятҳо ва маҷмӯи ҳукмҳо таъин намояд; 9) ҷазои нисбатан сабуктар назар ба ҷазои дар санксияи моддаи КҶ ҶТ муқарраршударо суд метавонад ҳангоми мавҷуд будани асосҳои дар м.64 КҶ ФР (м.63 КҶ ҶТ) муайяншуда таъин намояд [21, с. 12-13].

Андешаҳои баёншуда мазмун ва аҳамияти муайян доранд, аммо онҳоро аз нуқтаи назари назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва амалияи судӣ, бечунучаро қабул кардан мумкин нест. Масалан, ба талаботи мушаххас тақсим намудани қоидаҳои таъини ҷазоро асоснок эътироф кардан ғайриимкон аст, зеро дар ин ҳолат онҳо мазмуни консептуалии худро гум карда, ба дастурҳои ибтидоии барои амал табдил меёбанд. Гузашта аз ин, мо бо боварӣ гуфта метавонем, ки номгӯйи зиёди қоидаҳо татбиқи амалии онҳоро хеле душвор хоҳад кард.

Ба гуфтаи И.Я. Козаченко, «асосҳои умумӣ - ин ҳангоми беистисно ба ҳамаи парвандаҳои ҷиноятӣ татбиқ намудани ҷазо, сарфи назар аз он ки шахс барои кадом ҷиноят маҳкум карда шудааст, ба кӣ ва чӣ гуна ҷазо таъин мегардад ва ғайра, аҳамият доранд» [22, с. 71]. Бо ҷолибияти беруна ин таърифи абстрактӣ имкон намедиҳад, ки хусусияти ҳуқуқии категорияи таҳлилшавандаро ошкор кард, зеро дар татбиқи ҷазо омилҳои гуногун, аз ҷумла омилҳое, ки аз доираи қонуни ҷиноятӣ берунанд, муҳиманд.

В.Н. Андреева асосҳои умумии таъини ҷазоро ҳамчун маҷмӯи қоидаҳои зерин муайян мекунад: а) риояи ҳадди санксия, ки моддаи Қисми махсуси КҶ муқаррар кардааст; б) бо назардошти муқаррароти Қисми умумии КҶ; в) арзёбии хусусият ва дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷинояти содиршуда, шахсияти гунаҳгор, инчунин ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунандаи ҷазо [1, с. 15].

О.В. Кривенков пешниҳод мекунад, ки қоидаҳои асосҳои умумии таъини ҷазоро аз рӯи дараҷаи аҳамият ва нақши онҳо дар таъини ҷазо ба гурӯҳҳои зерин тасниф карда шаванд: а) қоидаҳое, ки судро вазифадор мекунанд ҳолатҳоеро муайян намояд, ки бе мавҷудияти онҳо ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ва таъини дилхоҳ ҷазо умуман имконнопазир аст - инҳо асосҳои базавӣ, методологӣ ва умумии таъини ҷазо ба ҳисоб меравaнд; б) қоидаҳое, ки судро вазифадор мекунад ҳолатҳоеро, ки моҳияти кирдори содиршударо тавсиф мекунанд (хусусият ва дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии он), шахсияти гунаҳгор, ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунандаи ҷазоро муайян намояд, яъне чунин қоидаҳое, ки тибқи онҳо фардикунонии кирдори содиршуда амалӣ карда мешавад ва он бояд ба ҳамаи парвандаҳои ҷиноятӣ татбиқ карда шавад; в) қоидаҳое, ки судро уҳдадор мекунад ҳолатҳоеро ошкор кунад, ки мавҷудияти онҳо аз суд талаб менамояд, ки ҳангоми таъини ҷазо аз доираи муайян берун набарояд ё, баръакс, ҳадди санксияи моддаи дахлдори қисми махсуси КҶ-ро зиёд намояд [7, с. 40-42].

Равшан аст, ки ин қоидаҳо бояд пеш аз расмиёти таъини ҷазо истифода шаванд, зеро бе муқаррар намудани ҳолатҳои дар боло зикршуда на танҳо таъини ҷазо, балки инчунин гунаҳкор донистани шахс дар содир намудани ҷинояти мушаххас, низ имконнопазир аст.

Т.В. Непомняшая дуруст қайд мекунад: «Яке аз асосҳои умумии таъини ҷазо дар доираи санксияи моддаи қисми махсуси КҶ ФР таъин кардани он ба ҳисоб меравад.Ва маҳакҳои таъини ҷазо бояд ба суд имкон диҳанд, то ки он дар доираи васеъи санксияи меъёрҳо ба шахси мушаххас, ҷазои одилона таъин кунад” [12, с. 42].

Ҳамин тариқ, мо муайян кардем, ки дар назарияи ҳуқуқи ҷиноятӣ таърифҳои асосҳои умумии таъини ҷазо хеле зиёданд ва нуқтаи назари гуногуни олимони ҳуқуқшинос, ки корҳои илмии худро ба омӯзиши ҷанбаҳои муайяни таъини ҷазо бахшидаанд, метавон ба гурӯҳҳои асосии зерин ҷудо намуд.

Тибқи таснифоти пешниҳодкардаи Т.В. Непомняшая, зери асосҳои умумии таъини ҷазо, пеш аз ҳама, принсипҳои таъини ҷазо фаҳмида мешаванд [13, с. 14]. Чунин андешаро В.Г. Татарников [20, с. 42], А.С. Горелик [4, с. 10] ҷонибдорӣ менамуданд. Дуюм, асосҳои умумӣ – ин маҳакҳои таъини ҷазо ба ҳисоб меравaнд [2, с. 23; 5, с.36; 8, с.60 ]. Сеюм, асосҳои умумӣ – ин талаботи қонун мебошанд [3, с. 7; 9, с.10; 18, с.7]. Чорум, олимони зиёде асосҳои умумиро ҳамчун қоидаҳои таъини ҷазо шарҳ медиҳанд [6, с. 12; 11, с.8; 16, с.11].

Мо аз тарафи худ ба чунин хулоса омадем, ки ҳамаи мафҳумҳои асосҳои умумии таъини ҷазо, ки дар адабиёт ифода ёфтаанд, сарфи назар аз баъзе ихтилофҳо, онҳо амалан аз ҳамдигар фарқе надоранд. Қайд кардан зарур аст, ки ин таърифҳои номбаршуда ба ҳамдигар мухолиф нестанд, балки ба ҳатмӣ будани асосҳои умумии таъини ҷазо барои суд, ҳангоми интихоби намуд, муҳлат ё андозаи

ҷазо барои ҷинояти содиршудаи мушаххас, ишора мекунанд.

Ба андешаи мо, ифодаи мафҳуми асосҳои умумии таъини ҷазо ҳамчун низоми қоидаҳои ҳатмии асосии ҳаматарафа, ки дар Кодекси ҷиноятии ҶТ муқаррар шуда онҳоро суд бояд ҳангоми таъини ҷазо ба шахси дар содир намудани ҷиноят гунаҳгор ба роҳбарӣ гирад, бештар амиқтар ва аз лиҳози назариявӣ ва амалӣ асосноктар ба назар мерасад.

Ҳамин тариқ, асосҳои умумии таъини ҷазо аз аломатҳои зерин иборатанд:

1. меъёрӣ, ки маънои он далелеро дорад, ки асосҳои умумии таъини ҷазо як падидаи ҳуқуқи ҷиноятӣ мебошанд, ки асоси моддию ҳуқуқии он меъёрҳои Кодекси ҷиноятии ҶТ ба ҳисоб меравад;

2) низомнокӣ, дар он зуҳур мешавад, ки ҳамаи унсурҳои низоми асосҳои умумии таъини ҷазо дар ҳамкории мутақобилаи ҳуқуқӣ қарор доранд;

3) ҳатмӣ, ки волоияти ин меъёрҳои ҳуқуқиро ифода мекунад, ки ҳамчун қоидаҳои умумиҳатмии таъини ҷазо, муқаррар шудаанд;

4) ҳаматарафа, ки дар муқаррар намудани асосҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ барои ҳамаи ҳолатҳои таъини ҷазо бидуни истисно, ифода мегардад;

5) категориявӣ, ба он ишора менамояд, ки асосҳои умумии таъини ҷазо моҳиятан маҷмӯи қоидаҳо, категорияҳо, маҳакҳое мебошанд, ки суд ҳангоми баровардани ҳукм бояд онҳоро ба роҳбарӣ гирад.

Дар фалсафа қоида ҳамчун «мавқеи ибтидоӣ, муқарраротe, ки ба асоси чизе гузошта мешавад; меъёри рафтор, тарзи тафаккур ва рафтори қабулкардаи касе» фаҳмида мешавад [23, с. 317]. Қоида ҳамчун «фармон, дастуре, ки тартиби чизеро муқаррар мекунад; меъёри рафтор» низ муайян карда шудааст[15, с. 566]. Чунин нуқтаи назар низ вуҷуд дорад: қоида – ин «мавқеъест, ки дар он қонуният инъикос меёбад, таносуби доимии ҳама гуна зуҳурот» [19, с. 275].

Ба андешаи мо, муқаррароти қ. 3 м. 60 КҶ ҶТ-ро метавон ба маҳакҳои таъини ҷазо мансуб кард, аммо набояд тамоми маҷмӯи муқаррароти ҳуқуқии дар м. 60 КҶ муқарраршударо ҳамчун маҳакҳои асосҳои умумии таъини ҷазо қабул кард.

Маҳак дар луғатҳо ҳамчун “аломат, ки дар асоси он баҳогузорӣ, муайян намудан ва таснифи ин ё он чи анҷом дода мешавад” [15, с. 329], муайян мешавад, дар фалсафа бошад ҳамчун “аломате, ки дар асоси он баҳогузорӣ, воситаи санҷиш, ченаки баҳодиҳӣ; дар назарияи маърифат- аломати ҳақиқӣ ё бардурӯғ будани муқаррарот” [23, с. 191] фаҳмида мешавад.

Бо чунин фаҳмиш мантиқан бояд тахмин кард, ки аломат ва хусусиятҳои маҳакҳои таъини ҷазоро аз асосҳои умумии таъини ҷазо, ҷудо кард.

Вобаста ба гуфтаҳои боло метавон ба хулосае омад, ки - қоидаҳо муайян мекунанд, ки чӣ тавр бояд ҷазо таъин карда шавад, маҳакҳо нишон медиҳанд, ки ин раванд дар кадом асос ва бо назардошти кадом талаботи қонун, татбиқ карда мешавад. Дар ҳолати мо ҳангоми таъини ҷазо, бо назардошти риояи маҷмӯи қоидаҳо дар асосҳои умумӣ ҳамчун талаботи ҳатмӣ бояд маҳакҳое истифода шаванд, ки дар ҳама ҳолатҳо бидуни истисно ҳангоми таъини ҷазо ва танзимкунандаи ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунандаи ҷазо (м. м. 61 ва 63 КҶ ҶТ), бояд ба назар гирифта шаванд.

Қонунгузор дар м. 60-и КҶ ҶТ "Асосҳои умумии таъини ҷазо"-ро ба таври зерин муайян мекунад:

1.Ба шахсе, ки дар содир намудани ҷиноят гунаҳгор дониста шудааст, дар доираи муқаррарнамудаи моддаи Қисми махсус боназардошти муқаррароти Қисми умумии ҳамин Кодекс ҷазои сазовор таъин карда мешавад.

2. Намуди ҷазои нисбатан сахттар аз ҷумлаи ҷазоҳое, ки барои ҷинояти содиршуда пешбинӣ гардидааст, танҳо дар ҳолате таъин карда мешавад, ки намуди ҷазои нисбатан сабуктар ноил шудан ба мақсади ҷазоро таъмин карда натавонад.

3. Ҳангоми таъини ҷазо суд принсипи фардикунондани ҷазоро ба асос гирифта, хусусияту дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷинояти содиршуда, яъне арзиши объектҳои бо қонун муҳофизатшаванда, сабабҳои содир намудани ҷиноят, тарзи амал, шахсияти гунаҳгор, хусусият ва андозаи зарари расонидашуда, ҳолатҳое, ки ҷазоро сабук ва вазнин мекунанд, фикру ақидаи ҷабрдидаро аз

рӯи парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ ба назар мегирад.

Мо чунин мешуморем, ки мазмуни асосҳои умумии таъини ҷазо умуман ба риояи талаботи зерин нисбат дода мешавад:

• ҷазо бояд ба шахсе таъин карда шавад, ки дар содир намудани ҷиноят гунаҳкор дониста шудааст;

• ҷазо бояд одилона бошад;

• ҷазо бояд дар доираи пешбининамудаи моддаи дахлдори қисми махсуси КҶ ҶТ таъин карда шавад;

• суд бояд ҷазоро бо назардошти муқаррароти қисми умумии КҶ ҶТ таъин намояд;

• ҳангоми таъини ҷазо суд бояд ба назар гирад, ки намуди нисбатан сахттари ҷазо аз шумораи ҷазоҳое, ки барои ҷинояти содиршуда пешбинӣ шудаанд, танҳо дар ҳолатҳои истисноӣ таъин карда мешавад, вақте ки намуди ҷазои сабуктар ноил шудан ба мақсадҳои ҷазоро таъмин карда натавонад;

• ҳангоми таъини ҷазо суд бояд инҳоро ба назар гирад:

- хусусият ва дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷиноят;

- дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии шахсияти гунаҳгор;

- ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунандаи ҷазо;

- фикру ақидаи ҷабрдида аз рӯи парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ.

Дар ҳамин асос мо пешниҳод мекунем, ки қоидаҳои умумӣ ва маҳакҳои умумӣ, ки ҷузъҳои асосҳои умумии таъини ҷазо мебошанд, ҷудо карда шаванд.

Ба қоидаҳои умумӣ мо дохил мекунем:

1) суд бояд танҳо ба шахсе, ки дар содир намудани ҷиноят гунаҳкор дониста шудааст, ҷазо таъин кунад;

2) суд бояд танҳо ҷазои одилонаро таъин кунад;

3) суд бояд ҷазоро танҳо дар доираи пешбининамудаи моддаи дахлдори Қисми махсуси КҶ ҶТ таъин намояд;

4) суд бояд ба таври қатъӣ мутобиқи муқаррароти қисми умумии КҶ ҶТ ҷазоро таъин кунад;

5) суд бояд ба назар гирад, ки намуди ҷазои сахттар аз ҷумлаи ҷазоҳое, ки барои ҷинояти содиршуда пешбинӣ шудаанд, танҳо дар ҳолатҳои истисноӣ таъин карда мешавад, вақте ки намуди ҷазои сабуктар ноил шудан ба мақсадҳои ҷазоро таъмин карда наметавонад.

Ба маҳакҳои умумӣ, ба андешаи мо, дохил мешаванд:

1) хусусият ва дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии ҷиноят;

2) дараҷаи хавфнокии ҷамъиятии шахсияти гунаҳгор;

3) ҳолатҳои сабуккунанда ва вазнинкунандаи ҷазо.

Талаботи ба назар гирифтани фикру ақидаи ҷабрдида аз рӯи парвандаҳои айбдоркунии хусусиро мо ба қоидаҳои умумӣ ё маҳакҳои умумии таъини ҷазо дохил наменамоем. Чунки ба назар гирифтани ин талабот ҳама вақт шарт нест, яъне чунин асоси умумӣ танҳо ҳангоми таъини ҷазо аз рӯйи баъзе парвандаҳо на ин ки вобаста ба ҳама парвандаҳо шарт аст. Бинобар ин зарар мешуморем, ки қоидаи ба назар гирифтани фикру ақидаи ҷабрдида аз рӯйи парвандаҳои айбдоркунии хусусӣ аз м.60 КҶ ҶТ хориҷ карда шавад.

Аз ин пештар мо панҷ аломати зерини асосҳои умумии таъини ҷазоро муайян карда будем: а) меъёрнокӣ; б) низомнокӣ; в) ҳатмӣ; г) ҳаматарфа ва д) категориявӣ.

Ҳамин тариқ, таҳлили асосҳои умумии таъини ҷазо ҳамчун як падидаи мустақили ҳуқуқи ҷиноятӣ, ки аз қоидаҳои умумӣ ва маҳакҳои таъини ҷазо иборат аст, моро ба хулоса овард, ки зери асосҳои умумии таъини ҷазо низоми қоидаҳои ҳатмии асосии ҳаматарафа фаҳмида мешаванд, ки бо КҶ ҶТ муқаррар гардида, суд ҳангоми таъини ҷазо ба шахси дар содир намудани ҷиноят ба гунаҳгор, бояд онҳоро ба роҳбарӣ гирад.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Андреева В.Н. Назначение наказания. Учебное пособие. Краснодар, 2002. - 158 с.

2. Бажанов М. И. Назначение наказания по советскому уголовному праву. Киев, 1980. – 216 с.

3. Гаверов Г.С. Общие начала назначения наказания по советскому уголовному праву. Иркутск. 1976.-99 с.
4. Горелик А.С. Назначение наказания по совокупности преступлений. Красноярск, 1975. - 272 с.
5. Горелик И. И. Наказание и его назначение. Минск, 1978. – 94 с.
6. Дударь Н.Н. Общие начала назначения наказания: автореф. дис. ...канд. юрид. наук. М., 2004. – 23 с.
7. Кривенков О.В. Общие начала назначения наказания по российскому уголовному праву: дис. ...канд. юрид. наук. М., 2001. - 173 с.
8. Кругликов Л.Л. О критериях назначения уголовного наказания // Советское государство и право. 1988. № 8. – С.60-62.
9. Малков В. Применение общих начал назначения наказания // Советская юстиция. 1986. № 14. – С.10-13.
10. Малков В.П. Совокупность преступлений. Казань, 1974. – 307 с.
11. Мясников О.А. Смягчающие и отягчающие наказание обстоятельства в теории, законодательстве и судебной практике. М., 2002. – 233 с.
12. Непомнящая Т.В. Мера наказания: понятие и критерии ее определения судом // Уголовное право. 2003.№1. – С.41-42.
13. Непомнящая Т.В. Назначение уголовного наказания: теория, практика, перспективы. СПб., 2006. – 781 с.
14. Новоселов Г.П. Критерии определения судом меры уголовного наказания: автореф. дис. ...канд. юрид. наук. Свердловск, 1981. – 195 с.
15. Ожегов СИ., Шведова Н.Ю. Толковый словарь русского языка. М., 1995. - 907 с.
16. Прохоров Л.А. Общие начала назначения наказания и предупреждение рецидивной преступности: Учебное пособие. Омск, 1980. – 77 с.
17. Прохоров Л.А. Общие начала назначения наказания по советскому уголовному праву: автореф. дис. ...канд. юрид. наук. М., 1972. – 24 с.
18. Скрябин М.А. Общие начала назначения наказания и их применение к несовершеннолетним. Казань, 1988. – 123 с.
19. Словарь по этике. М., 1983. – 445 с.
20. Татарников В.Г. Понятие общих начал назначения наказания и их содержание // Проблемы совершенствования борьбы с преступностью. Иркутск, 1985. – С.38-52.
21. Тосакова Л.С. Назначение наказания при рецидиве преступлений по действующему уголовному законодательству: автореф. дис. ...канд. юрид. наук. Казань, 1997. – 17 с.
22. Уголовное наказание: понятие, виды, назначение. Т. 3 / Под ред. И.Я.Козаченко. Екатеринбург, 1994. -107 с.
23. Философский словарь. / Под ред. М. М. Розенталя. М., 1975. – 496 с.

**Аннотатсия**

**Масоили муайян намудани мафҳуми асосҳои умумии таъини ҷазо**

Мақолаи мазкур ба проблемаҳои муайян намудани моҳияти асосҳои умумии таъини ҷазо бахшида шудааст. Дар асоси таҳлили мавқеи дар адабиётҳои ҳуқуқӣ ҷойдоштаи олимон муаллиф асосҳои умумии таъини ҷазоро ҳамчун низоми қоидаҳои ҳатмии асосии ҳаматарафа муайян менамояд, ки бо КҶ ҶТ муқаррар гардида, суд ҳангоми таъини ҷазо ба шахси дар содир намудани ҷиноят гунаҳгор, бояд онҳоро ба роҳбарӣ гирад.Муаллиф пешниҳод месозад, ки мазмуни м.60 КҶ ҶТ бояд мукаммал гардонида шавад.

**Аннотация**

**Проблемы определения понятия общих начал назначения наказания**

Данная статья посвящена проблеме определения сущности общих начал назначения наказания. На основе анализа существующих в литературе позиций автор определяет общие

начала назначения наказания как установленный Уголовным кодексом Республики Таджикистан системы обязательных основных универсальных правил, которыми должен руководствоваться суд при назначении наказания лицу, виновному в совершении преступления. Автор предлагает усовершенствовать содержание статьи 60 Уголовного кодекса Республики Таджикистан.

**Annotation**

**Problems of defining the concept of general principles of sentencing**

This article is devoted to the problem of determining the essence of the general principles of sentencing. Based on the analysis of the positions existing in the literature, the author defines the general principles of sentencing as the system of mandatory basic universal rules established by the Criminal Code of the Republic of Tajikistan, which the court should be guided by when sentencing a person guilty of a crime. The author proposes to improve the content of Article 60 of the Criminal Code of the Republic of Tajikistan.

**12.00.09 – МУРОФИАИ ҶИНОЯТӢ**
**12.00.09 – УГОЛОВНЫЙ ПРОЦЕСС**

**УДК: 343.139**



**Мирзамонзода Хайрулло Мирзамон,**
*доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессори кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.*
*E-mail: mirzamonzoda@mail.ru*
*Тел.: (+992) 110-62-66-66.*



**Негматов Баҳодур Сафарович,**
*ассистенти кафедраи ҳуқуқи судӣ ва назорати прокурории факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.*
*E-mail: negmatov.bc87@mail.ru*
*Тел.: (+992) 933-00-70-03.*

# ТАҲЛИЛИ МУҚОИСАВИИ ҲУҚУҚИИ ТАРТИБИ СОДАКАРДАШУДАИ ТАФТИШИ СУДӢ БО МУРОФИАҲОИ СОДАКАРДАШУДАИ СУДӢ ДАР БАЪЗЕ КИШВАРҲОИ ХОРИҶӢ

***Калидвожаҳо:*** *мурофиаи ҷиноятӣ; тафриқанамоии шаклҳои мурофиавии ҷиноятӣ; пешбурди судии соддакардашуда; шакли мурофиаи ҷиноятӣ; аҳд оид ба иқрори гуноҳ; фармон оид ба ҷазо; пешбурди суръатнок; моделҳои мурофиаи судии ҷиноятӣ; розигӣ бо айбдоркунӣ; таҷрибаи хориҷӣ.*

***Ключевые слова:*** *уголовный процесс; дифференциация уголовно-процессуальной формы; упрощенное судебное производство; уголовно-процессуальная форма; сделка о признании вины; приказ о наказании; ускоренное производство; модели уголовного судопроизводства; согласие с обвинением; зарубежный опыт.*

***Keywords:*** *criminal procedure; criminal procedure differentiation form; simplified judicial procedure; criminal procedural form; plea bargain; punishment order; fast-track procedure; models of criminal trial; consent with a prosecution; foreign experience.*

Мутобиқгардонии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон дар рушди падидаҳои мурофиавии ҷиноятӣ нақши бориз доранд. Дар баробари воридшавии меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ба низоми ҳуқуқи миллӣ таносуб ва бо ҳам мутобиқ намудани онҳо яке аз масъалаҳои муҳим ба шумор меравад. Ҳалли дурусти онҳо бо таваҷҷуҳ ба робитаҳои воқеии байниҳамдигарии чораёни татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва миллӣ муайян мегардад.

Ҳаёт водор месозад, ки оид ба баъзе хусусиятҳои асосӣ ва принсипҳои низоми ҳуқуқии англосаксонӣ, континенталӣ, мусулмонӣ ва Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, ки аз ҳамдигар фарқ мекунанд, дар фаъолияти қонунэҷодкунии кишвар эътибор дода шавад. Ҳамзамон, бе таҳлили ҳаматарафа ба тасвиб расонидани санадҳои байналмилалӣ метавонад боиси мухолифат, номутобиқатӣ ва камбудии қонунгузорӣ гардида, дар натиҷа ба сифати қонунҳо таъсири манфӣ расонад. Зеро қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун низоми ҳуқуқии миллӣ дар алоқамандӣ ва зери таъсири дигар низомҳои ҳуқуқӣ қарор дорад. Чунин раванд зарурати баҳамназдикшавии онҳо, аз ҷумла ҳамоҳангсозӣ, якҷояшавӣ ва воридшавии меъёрҳои як низоми ҳуқуқиро ба меъёрҳои низомҳои ҳуқуқии дигар тақозо менамояд [2].

Аз муқаррароти Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои

2018-2028 бар меояд, ки тафриқанамоии адолати судии ҷиноятӣ, аз ҷумла содагардонии он бо мақсади мутобиқ гардонидани қонунгузории миллӣ ба меъёрҳои байналмилалӣ, баланд бардоштани дастрасӣ ба адолати судӣ яке аз мақсадҳои он ба шумор меравад. Дар Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КМҶ ҶТ) муқаррар гардидани тартиби содакардашудаи тафтиши судӣ яке аз роҳҳои мутобиқгардонии қонунгузории миллӣ ба санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ эътироф мегардад. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон асосҳо ва шартҳои тартиби содакардашудаи тафтиши судиро муқаррар намуда, аксар муносибатҳои мурофиавии ҷиноятиро, ки дар ин самт ба вуҷуд меоянд, танзим намудааст.

Қонунгузории ҳар як давлат дар тамоми марҳилаҳои рушди худ роҳи ислоҳотро тай мекунад ва қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ низ истисно нест [11, с. 112]. Яке аз самтҳои мубрами такмили қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ содагардонӣ ва суръатнокии мурофиаи судӣ мебошад.

Ислоҳоти қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ бо дарназардошти таҷрибаи рушди падидаҳои мурофиавии ҷиноятӣ дар давлатҳои хориҷӣ самараноктар эътироф мегардад. Тартиби содакардашуда аксар вақт бо «аҳд оид ба иқрори гуноҳ» – и амрикоӣ муқоиса карда мешавад, ки дар мурофиаи ҷиноятии Иёлоти Муттаҳидаи Амрико (ИМА) ва чанд кишвари Аврупо [3] васеъ истифода мешавад. Бо ин тартиб, бо истифода аз «аҳд оид ба иқрори гуноҳ» адолати судӣ дар ИМА тӯли зиёда аз 150 [14, с. 17] сол амалӣ карда мешавад, ки дар ин муддат навъҳои сершумори «аҳд оид ба иқрори гуноҳ» дар амалияи судӣ маълум гардиданд: аз нав банду баст кардан ба ҷинояти начандон вазнин; тағйирдиҳандаи шаклҳои шарикӣ; истиснокунандаи истинод ба ҳолатҳои вазнинкунанда ва ғайра [22, с. 118]. Ин таҷриба ҳамчун «аҳд оид ба иқрори гуноҳ» ё «эътирофонамоь аз рӯи созишнома» ё «иқрорӣ шартномавӣ» ё «созишнома оид ба иқрори гуноҳ» [13, с. 168-169], номида мешавад.

Пеш аз бастани аҳд дар низоми Амрико музокироти байни прокурор, ҳимоятгар ва айбдоршаванда сурат мегирад, ки дар рафти он прокурор ҳуқуқ дорад бар ивази иқрор шудани айбдоршаванда ба гуноҳи худ дар содир кардани ҳама гуна ҷиноятҳо аз айбдоркунӣ даст кашад. Ин ба як навъ хариду фурӯш монанд аст, ки дар он ҷазои судшаванда муайян карда мешавад.

Иқрори гуноҳ на ҳама вақт ҳатмӣ ва натиҷаи «аҳд оид ба иқрори гуноҳ» мебошад, балки онро берун аз созишнома низ метавон баён кард, ки монанди ариза дар бораи гунаҳгории худ «бо ҳисси шарм, ноумедӣ, пушаймонӣ» мебошад [25, с. 140], аммо дар ҳама ҳолатҳо иқрори гуноҳ дар мурофиаи ҷиноятии ИМА ҳамчун яке аз далелҳои парвандаи ҷиноятӣ ҳисобида мешавад; баъдан тафтишоти судӣ гузаронида намешавад, далелҳои дигар санҷида намешаванд, ки дар ниҳояти кор тартиби судиро сода карда, боиси аз ҷониби судя шахсан баровардани ҳукми айбдоркунӣ мегардад [13, с. 168].

Илова бар ин, ду намуди аҳдҳо вуҷуд дорад: пурра (sentencing pleabargaining) ва қисман (charging pleabargaining). Аҳди пурра вақте сурат мегирад, ки тарафҳо, яъне прокурор ва ҳимоягар оид ба расмӣ гардонидани айбдоркунӣ ва таъйини ҷазо ба мувофиқа мерасанд, қисман бошад - дар ҳолате, ки тарафҳо танҳо бо расмӣ гардонидани айбдоркунӣ ба созиш меоянд ва масъалаи татбиқи ҷазо ба ихтиёри суд гузошта мешавад [10, с. 205-212].

Дар заминаи татбиқи принсипи диспозитивӣ, ки бевосита аз мубоҳисавӣ будани мурофиа бармеояд прокурор, ки айбдоркунандаи давлатӣ мебошад, дорои ваколатҳои васеъ оид ба муайян намудани ҳаҷми айбдоркунӣ ва айбдоршаванда бошад ҳуқуқи дахлдори диспозитивӣ барои эътироф кардан ё накардани гуноҳро дорад. Агар айбдоршаванда ба иқрори гуноҳи худ розигӣ диҳад, тарафҳо, чун қоида, созишнома мебанданд, ки мазмуни он вобаста ба хусусият ва вазнинии ҷиноят, намуди аҳди басташаванда ва хусусияти он, метавонад гуногун бошад.

Мутобиқи қоидаи 11 (банди е) Қоидаҳои федералии мурофиаи ҷиноятии ИМА [18], шартҳои созишномаи басташуда байни айбдоршаванда ва прокурор, аз як тараф, иқрори гуноҳи айбдоршаванда, аз тарафи дигар, амали прокурор, ки метавонад аз кам кардани хаҷм ё вазнинии айбдоркунӣ ё сабук кардани ҷазо иборат бошад. Одатан, шарти аҳд на танҳо аз ҷониби айбдоршаванда иқрор

гардидан ба гуноҳ дар содир намудани ҷиноят, балки ҷуброни зарари ба ҷабрдида расонидашуда иборат мебошад. Ташаббуси бастани аҳд метавонад ҳам аз ҷониби прокурор ва ҳам ҳимоятгар пешниҳод гардад, ки дар рафти ин гуфтушунид суд одатан иштирок намекунад.

Чуноне, ки С.А. Роговая қайд менамояд, пеш аз эътибори қонунӣ пайдо кардани созишнома судя бояд боварӣ ҳосил намояд, ки судшаванда моҳияти айби ба ӯ эълоншударо дарк менамояд, ҷазои кирдорашро, аз ҷумла имконияти шартан, пеш аз мӯҳлат озод карданро дарк менамояд, имкони ҷуброни зарари тарафи ҷабрдидаро дорад, дидаю дониста гуноҳашро эътироф мекунад, на аз рӯи таҳдид ва ваъда. Натиҷаи амалишавии ин тартиб санади судӣ мебошад [19, с. 22-23].

Дар Иёлоти Муттаҳидаи Амрико боз як шакли соддагардонидашудаи баррасии парвандаи ҷиноятӣ мавҷуд аст, ки онро «пешбурди сумарӣ» меноманд. Ин шакли соддакардашуда нисбати ҷиноятҳои начандон вазнин [7, с. 13] ва кирдорҳои ҷиноятии камаҳамият татбиқ мегардад ва шаҳодати он аст, ки дар ИМА тафриқасозии муфассал ҷониби содагардонӣ равона гардидааст.

Бо вуҷуди ин, фарқияти байни тартиби содакардашудаи тафтиши судие, ки дар КМҶ ҶТ муқаррар шудааст ва "аҳд оид ба иқрори гуноҳ"- и амрикоӣ хеле бисёр аст. Инро хусусиятҳои зерини фарққунандаи тартиби содакардашудаи тафтиши судӣ тасдиқ мекунанд.

1. Дархост дар бораи тартиби содакардашудаи тафтиши судӣ метавонад аз як ё ҳар ду тарафи муҳокимаи судӣ пешниҳод карда шавад, вале қарори ниҳоӣ оид ба гузаронидани он ба суд тааллуқ дорад. Дар «аҳд» дархост метавонад аз айбдоршаванда, химоятгари ӯ ё прокурор низ ворид шавад, аммо, чун қоида, созишномаи байни тарафҳо дар натиҷаи гуфтушунид басташуда барои суд ҳатмист, ки бояд бо пешниҳоди бандубасти айбдоркунии тарафҳо розӣ шавад. Ягона ҳуқуқи суд дар тасдиқи «аҳд», ки аз он кам истифода мебарад, муайян кардани андозаи ҷазост. Изҳороти айбдоршаванда дар бораи эътирофи гуноҳи худ, чун қоида, аз ҷониби айбдоршаванда мустақилона не, балки таҳти таъсири ҳам прокурор ва ҳам ҳимоятгари ӯ дода мешавад. Дар ҶТ дархости судшаванда дар марҳилаи тафтиши судӣ мустақилона пешниҳод мегардард ва агар судя нисбати дархост ё иқрори гуноҳи судшаванда шубҳа намояд, метавонад дархостро қабул накарда, парвандаро бо тартиби умумӣ мавриди баррасӣ қарор диҳад.

2. Одатан, "аҳд" дар марҳилаи судии мурофиаи ҷиноятӣ баста мешавад, ки ҳамчун «arraignment» маъруф аст. Ин тартиб пешниҳоди айб ба судшаванда ва пурсиши ӯ дар бораи эътироф кардани гуноҳро дар бар мегирад. Он дар пайи "ҳузури аввалин"-и айбдоршаванда ба суд ва муҳокимаи пешакӣ сурат мегирад. Дар баробари ин, барои ба мувофиқа расидани прокурор ва айбдоршаванда на танҳо то суд, балки ҳатто пеш аз пешниҳоди айби расмӣ ягон монеа вуҷуд надорад. Аҳди байни онҳо басташуда (ба истиснои чораи тавсияшудаи ҷазо) барои суд ҳатмист. Дар ҶТ масъалаи имконпазирии гузаронидани тафтиши содакардашудаи судӣ оид ба парвандаи ҷиноятӣ танҳо дар марҳилаи тафтиши судӣ сурат мегирад ва дар марҳилаҳои тосудӣ иҷозат дода намешавад. Мувофиқи КМҶ ҶТ масъалаи татбиқи ТСТС танҳо пас аз анҷоми қисми омодагии муҳокимаи судӣ, кушодашавии тафтиши судӣ ва пурсиши судшаванда расман ба вуҷуд меояд.

3. Дар мурофиаи ҷиноятии ИМА ягон қоидае вуҷуд надорад, ки мувофиқи он кадом категорияҳои ҷиноятҳо ва инчунин ба кадом айбдоршавандагон иҷозати татбиқи "аҳдҳо"-ро диҳад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби содакардашудаи тафтиши судӣ танҳо нисбати шахсоне татбиқ карда мешавад, ки дар содир намудани ҷинояти категорияҳои начандон вазнин ва дараҷаи миёна ба ҷавобгарӣ кашида шудаанд. Ин тартиб нисбат ба парвандаҳо оид ба ҷиноятҳои ноболиғон, ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин, инчунин дар ҳолатҳое, ки ақалан як нафар аз судшавандаҳо ба гуноҳи худ иқрор набошад ва парвандаро дар ҳаққи ӯ барои пешбурди алоҳида ҷудо кардан имконнопазир аст, татбиқ намегардад.

Аммо, дар фарқият аз модели амрикоии аҳд, дар кишварҳои аврупоӣ континенталӣ, тартиби суръатнок, ки дар асоси созишнома амалӣ карда мешаванд, сарфи назар аз монандии онҳо, чун қоида, бо масъалаҳои

асосии парвандаи ҷиноятӣ – гунаҳгорӣ алоқаманд нест. Шартҳои шартнома аксар вақт аз натиҷаи розигии айбдоршаванда бо айби эълоншуда иборат мебошанд. Моҳияти навъи классикии континенталии пешбурди суръатноки мурофиаи ҷиноятӣ созиш оид ба вариантҳои гуногуни тартиби мурофиавии баррасии парванда мебошад, ки ба хусусиятҳои ҳуқуқии ҷиноятии айбдоркунӣ дахл надорад. Ҳудуди созиш бошад, танҳо бо масъалаҳои мурофиавӣ маҳдуд мегардад.

Сарфи назар аз махсусияти миллӣ ва фарқияти пешбурди содакардашуда дар ин давлатҳо, тартибҳои монанди пешбурди парванда дида мешавад. Ба ақидаи олими рус Качалова О.В. аз рӯи якчанд маҳак пешбурди суръатнокро дар давлатҳои хориҷӣ мавриди таснифот қарор додан мумкин аст:

1. Пешбурди содакардашуда оид ба парвандаҳои ҷиноятии содда, ошкор ва начандон вазнин дар як қатор кишварҳо аз тартиби суръатнок оид ба ҷиноятҳои вазнинтар фарқ мекунад ва мурофиаи мустақилро ташкил медиҳад.

2. Навъи махсуси пешбурди содакардашуда шаклҳои гуногуни созишномаҳоро ифода мекунад, ки ба ҳамкории айбдоршаванда бо тафтишот асос ёфтаанд.

3. Навъҳои классикии континенталии пешбурди содакардашуда, ки ба пешбурди сумарӣ (як навъи пешбурди содакардашуда) алоқаманд нестанд ва навъҳои худро доранд [8, с. 118-121].

Х.У. Рустамов қайд мекунад, ки хусусияти хоси мурофиаи судӣ дар шакли суръатнок нисбат ба тартиби муқаррарии баррасии парвандаҳо дар аксари давлатҳои Аврупо он аст, ки прокурор дар бораи тартиби суръатноки муҳокимаи судӣ дархост пешниҳод менамояд; пешбурди муҳокимаи судӣ дар ғоибии айбдоршаванда ва бе иштироки прокурор имконпазир аст; ҳимоягар иштирок намекунад; пурсиши шоҳидон рад карда мешавад; тафтиши далелҳои дар парванда мавҷудбуда талаб карда намешавад. Хусусиятҳои зикргардидаи мурофиаи содакардашуда дар муҳокимаи судии кишварҳои гуногуни Аврупо бо назардошти хусусиятҳои миллии қонунгузории мурофиавӣ, бидуни хусусияти намунавӣ фарқ карда мешавад [20, с. 218].

Тавре, ки С.Тейман қайд менамояд, бисёре аз тартибҳои суръатнок, ки дар Аврупо ва Амрикои Лотинӣ [23] истифода мешаванд, имкон медиҳанд, ки аз марҳилаи тафтишоти пешакӣ нагузашта ва дар як муддати кӯтоҳ маҷлиси судӣ таъин карда шавад, агар гумонбаршуда дар марҳилаи тосудӣ ба полис ё муфаттиш иқрори эътимодбахш дода бошад.

Дар мурофиаи ҷиноятии Олмон ду шакли содакардашудаи мурофиаи судии ҷиноятӣ вуҷуд дорад, яъне пешбурди суръатнок (das beschleunigte Verfahren) ва фармони судӣ (ё мурофиаи фармонӣ) (das Strafbefehlsverfahren) [27]. Масъалаи интихоб намудани ин ё он намуди пешбурд дар шакли содакардашуда мувофиқи принсипи аз сода ба мураккаб гузаштан: яъне, аз фармон оид ба ҷазо, ки он гузаронидани маҷлиси судиро талаб намекунад, тавассути пешбурди суръатнок, ки дар он маҷлиси судӣ зарур мебошад, аммо он сода карда шудааст, ба пешбурди муқаррарӣ гузаштан [26].

Пешбурд дар бораи қабули фармон оид ба ҷазо (das Strafbefehlsverfahren), ё танҳо фармон оид ба ҷазо (der Strafbefehl), ки дар §407 Кодекси мурофиаи ҷиноятии Ҷумҳурии Федеративии Олмон [24] муқаррар шуда аст, шакли оддитарини пешбурд оид ба парвандаҳои ҷиноятӣ дар Олмон мебошад.

Фармон оид ба ҷазо бидуни маҷлиси судӣ бароварда мешавад. Мувофиқи §407 I 2 Кодекси мурофиавии ҷиноятии ҶФО [24], агар прокурор баъди ба охир расидани тафтишоти пешакӣ ба хулосаеояд, ки зарурати ба гузаронидани муҳокимаи судӣ вуҷуд надорад, вай дар бораи фармон оид ба ҷазо ба судяи ваколатдор дархост пешниҳод мекунад. Зарурият ба муҳокимаи судӣ вуҷуд надорад, агар барои баррасии парванда гирифтани маълумот аз шоҳидон ё талаботи дигар зарур набошад.

Агар судя ба хулосае ояд, ки танҳо дархости прокурор, яъне бидуни гузаронидани маҷлиси судӣ бо иштироки судшаванда, прокурор ва шоҳидон қобили қабул аст, маводҳои парвандаро, ки дар натиҷаи тафтишоти пешакӣ гирифта шудааст, мавриди омӯзиш қарор дода, фармон оид ба ҷазоро

қабул менамояд ва онро тавассути почта ба судшаванда мефиристонад [8, с. 164].

Қобили зикр аст, ки дар тартиби фармон оид ба ҷазо расмиёти содагардонӣ нисбат ба тартиби суръатнок бисёр ҷиддӣ мебошад, новобаста аз он ки онҳо бо ҳамдигар монанданд.

Муҳимтарин фарқияти байни ин шаклҳо дар он аст, ки ҳангоми пешбурди суръатнок давраи моҳиятан баррасӣ намудани парванда, ҳамчун муҳокимаи судӣ вуҷуд дорад.

Дар асоси § 417 КМҶ ҶФО пешбурди суръатнок дар асоси дархости хаттӣ ё шифоҳии прокурор оид ба қабули ҳукм бо пешбурди суръатнок оғоз мегардад. Мувофиқи § 419 КМҶ ҶФО нисбат ба дархост оид ба пешбурди суръатнок аз ҷониби прокурор суд метавонад, яке аз қарорҳои зеринро кабул намояд: қонеъ гардонидани дархост ва гузаштан ба пешбурди суръатнок; рад намудани дархост ва гузаштан ба тартиби умумӣ; қатъ намудани таъқиби ҷиноят.

Хусусияти муҳими пешбурди суръатнок ин таҳқиқи содакардашудаи далелҳо мебошад, ки бо розигии иштирокчиёни мурофиа иҷозат дода мешавад (§ 420 III КМҶ ҶФО), масалан имконияти пешниҳоди маводҳои парванда васеъ мегардад. Дар мурофиаи муқаррарӣ низ имкони пешниҳод ва хондани протоколҳои пурсиш ё дигар тавзеҳоти хаттии шоҳидон, коршиносон ё айбдоршавандагон мавҷуд аст, аммо ин тартиб танҳо, ҳамчун илова ба таҳқиқи бевоситаи далелҳо аз тарафи суд, амал менамояд.

Хусусияти пешбурдҳои содакардашудаи ҶФО дар он аст, ки онҳо чун қоида нисбат ба ҷиноятҳои вазнин истифода намешаванд ва танҳо дар марҳилаи муҳокимаи судӣ татбиқ мегарданд. Дар баррасии павандаҳои ҷиноятӣ бо тартиби содакардашуда судя нақши муҳимро мебозад. Дар баробари ин, прокурор дар чунин ҳолатҳо мавқеи маҳдудро соҳиб аст. Нақши ҳалкунандаи суд дар он зоҳир мегардад, ки дар натиҷаи пешниҳод намудани дархост оид ба пешбурди содакардашуда нуқтаи ниҳоиро мегузорад, яъне ё бо тартиби содакардашуда ва ё бо тартиби муқаррарӣ баррасӣ намудани парванда аз салоҳдиди судя вобастагӣ дорад.

Бо вуҷуди ин, таҳлили хусусиятҳои татбиқи ин падида дар Олмон ба мо имкон медиҳад, ки наздикии тартиби содакардашудаи тафтиши судии Тоҷикистонро ба ин навъи пешбурди содакардашудаи судӣ тасдиқ намоем.

А.А. Смирнов қайд менамояд, ки дар мурофиаи ҷиноятии Испания ва Италия объекти чунин мурофиа ризоияти расмии айбдоршаванда бо фикри айбдоркунӣ (конформидад) ё «таъйиноти ҷазо» (паттеджаменто) мебошад. Айбдоршавандае, ки аҳд бастааст, вазифадор нест, ки гуноҳашро эътироф кунад, бар ивази ин, қонун дар Испания чораи маҳдуди ҷазо, яъне шаш сол маҳрум намудан аз озодӣ ё дар Италия кам кардани андозаи ҷазои маҳрум сохтан аз озодӣ - аз се як ҳисса муқаррар гардидааст. Тафтиши судӣ дар ин ҳолат гузаронида намешавад [21, с. 205]. Навъи дигари аҳд аҳди соддагардонии тартиби дар Италия истифодашаванда – celerantes, мебошанд. Баъди ба охир расидани тафтиши пешакӣ айбдоршаванда бо розигии прокурор барои бо тартиби соддакардашуда баррасӣ намудани парванда дар суд, дар асоси маводҳои тафтиши пешакӣ дар марҳилаи шиносоӣ ба маводи парвандаи ҷиноятӣ, дархост пешниҳод менамояд. Дар сурати баровардани ҳукми айбдоркунанда аз рӯи парванда, муҳлати ҷазо аз се як ҳиссаи муҳлати муқарраршудаи аз озодӣ маҳрум кардан кам карда мешавад [21, с. 225].

Дар Италия ин як навъи алоҳидаи навъи умумии созишномаҳо (pattejamento) шартномаҳои ҳамкорӣ бо аъзои ташкилотҳои ҷиноятӣ мебошад, ки розигии худро барои нишондод додан бар зидди пешвоёни ҷомеаи ҷиноятӣ, бар ивази кам кардани ҷазо [16, с. 143] иброз медорад. Ин аҳдҳоро шартан аҳдҳо бо "пентито" - "аъзоёни тавбакардаи ҷамоаҳои муташаккили ҷиноятӣ ("мафия"), ки "омерта" - кодекси хомӯширо вайрон кардаанд ва бар зидди роҳбарони созмон бар ивази кам кардани ҷазо нишондод додаанд" номида мешаванд. Чунин созишномаҳо аз миёнаҳои солҳои 1980-ум, пеш аз ҳама дар парвандаҳои ҷиноятие, ки аз ҷониби ҷомеаҳои ҷиноятӣ содир карда шудаанд, баста мешаванд.

Хусусияти ин аҳдҳо дар он буд, ки агар онҳо ба мақомоти тафтишотӣ ва судяҳо маълумотеро пешниҳод намоянд, ки роҳбарон ва аъзои гурӯҳҳои ҷиноятиро ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида тавонанд. Дар ин сурат ҷазо

метавонад панҷ баробар кам карда шавад [16, с. 144].

Баъзе намудҳои пешбурди соддакардашуда созишнома дар бораи ҷазо ё кам намудани онро дар бар мегиранд. Ба инҳо нусхаи итолиёвии созишнома - (pattejamento) – “таъини ҷазо бо дархости тарафҳо” (моддаҳои 444-448 Кодекси мурофиавии ҷиноятии Италия) дохил мешавад.

Дар қонунгузории давлатҳои дар боло зикршуда сухан дар бораи созиш, ки боиси иқрори гуноҳ мегардад, намеравад, балки розӣ шудан ба айбдоркунӣ равона гардидааст. Айбдоршаванда, эҳтимолан, ба таври субъективӣ гуноҳи худро эътироф намекунад, аммо бо роҳи созиш розигии худро бо формулаи айбдоркунӣ баён мекунад, ки барои он ӯ аз давлат подош дар шакли коҳиш додани ҷазо нисбат ба ҷинояти содиркардааш мегирад (дар Испания он наметавонад аз шаш соли маҳрум сохтан аз озодӣ зиёд бошад, дар Италия муҳлати ҳабс аз се як ҳисса кам карда мешавад).

Паттеджаменто ба парвандаҳои ҷиноятие дахл дорад, ки хатари калони ҷамъиятӣ надоранд; тарафҳо метавонанд дар бораи андозаи ҷазо дар намуди ҷарима ё маҳрум кардан аз озодӣ, ки на бештар аз панҷ сол мебошад (бо имкони кам кардани ҷазо дар чунин ҳолатҳо то се ду хисса) созиш банданд. Шарти ҳатмӣ барои бастани ин созишнома розигии ҷабрдида мебошад. Агар охирин бо талаби худ ба мурофиа ворид шавад, ин созишнома баста намешавад. Созишномае, ки тибқи тартиби паттеджаменто баста шудааст, аз ҷониби судяе, ки ба тафтиши пешакӣ назорат мекунад ё аз ҷониби судяе, ки парвандаро барои муҳокимаи пешакӣ қабул кардааст, тасдиқ карда мешавад.

Айбдоршаванда ҳангоми бастани чунин созишнома наметавонад ба гуноҳаш иқрор шавад. Шартнома танҳо ба ҷазо дахл дорад, на дар бораи қисман даст кашидан аз айбнома ё тағйир додани моҳияти айбнома. Дар ин ҳолат тафтиши судии далелҳо гузаронида намешавад. Судя набояд ба гуноҳи айбдоршаванда шубҳа дошта бошад, созишномаи аз ҷониби ӯ тасдиқшуда оид ба андозаи ҷазо бояд ба кирдор мувофиқ бошад [6, с. 194]. Илова бар ин, судя бояд ба риояи тартиби бастани созишнома боварӣ ҳосил намояд, зеро созишномаи тасдиқшуда эътибори айбдоркунӣ дорад. Дар тартиби паттеджаменто сеяк кам кардани ҷазо пешбинӣ шудааст, хароҷоти мурофиавӣ аз айбдоршаванда ситонида намешавад, намудҳои иловагии ҷазо татбиқ намегарданд, ба истиснои кам намудани муҳлати бардоштани доғи судӣ. Яке аз камбудиҳои ин тартиб тағйир додани мавқеи суд дар тасдиқи паттеджаменто ба ҳисоб мерафт. Дар аввал суд метавонист ин аҳдро рад кунад, аммо аз соли 1999 суд ба мавқеи прокурор вобаста шудааст ва ҳуқуқ надорад, ки созишномаро тасдиқ нанамояд.

Ҳамин тариқ, тартиби содакардашуда дар мурофиаи ҷиноятии ИМА, ки бо номи «аҳд оид ба иқрори гуноҳ» машҳур аст, ба тартибҳои содакардашудаи аврупои континенталӣ таъсир расонида бошад ҳам, аммо ин давлатҳо онро ба мурофиаи ҷиноятии худ мувофиқ гардониданд. Дар ҳамин замина метавон якчанд фарқияти онҳоро ҷудо намуд:

1. Аҳд оид ба иқрори гуноҳ падидаи умумимурофиавӣ мебошад, яъне бидуни истисно нисбати тамоми категорияҳои парвандаҳои ҷиноятӣ татбиқ мегардад. Дар аврупои континенталӣ бошад нисбати катерияҳои муайян, ки ҷиноятҳои начандон вазнин ва ҷазои сабук доранд, татбиқ мегардад.

2. Дар мурофиаи ҷиноятии аврупои континенталӣ нисбати ҳама намуди аҳдҳо тафтишоти пешакӣ гузаронида мешавад, ки шахсони ваколатдор пурра, ҳамаҷониба ва холисона ҳолатҳои корро таҳқиқ менамаянд. Ин ба суд имконият медиҳад, ки дархости мувофиқи тарафҳоро бо маводи парванда якҷоя намояд, яъне иқрори гуноҳ дар инҷо бо дигар далелҳо ҳамроҳ мегардад. Дар ИМА бошад, ҳангоми бастани аҳд айбдоркунанда ягон маводи дагар пешниҳод намекунад [9, с. 1032].

Дар натиҷа падидаҳои нави аврупои континенталӣ аз исботнамоии пурра даст накашидаанд, балки аз таҳқиқи бевоситаи далелҳо дар суд, яъне аз тафтиши пурраи судӣ худдорӣ намудаанд [9, с. 1033].

Тартиби содакардашудаи тафтиши судӣ дар ҶТ аз "аҳд оид ба иқрори гуноҳ"-и англосаксонӣ ба таври назаррас фарқ мекунад. Дар баробари ин, азбаски харду падида шаклҳои содакардашудаи (ихтисоршудаи) муҳокимаи судӣ мебошанд, чунин аломатхои умумии онҳоро ҷудо кардан мумкин аст: 1) мақсади умумӣ — содагардонӣ ва суръатнокии

муҳокимаи судӣ; 2) як асос – иқрори гуноҳи худ аз ҷониби судшаванда (айбдоршаванда); 3) барои татбиқи ҳар ду тартиб розигии тарафҳо ва суд зарур аст; 4) дар рафти муҳокимаи судӣ таҳқиқи далелҳо сурат намегирад (тафтиши судӣ нест). Дар ин ҳолат бо тартиби содакардашудаи тафтиши судӣ танҳо ҳамон далелҳоеро таҳқиқ намудан мумкин аст, ки тарафҳо онро нишон медиҳанд; 5) Яке аз оқибатҳои муҳим барои айбдоршаванда ҳангоми бастани "аҳд" кафолати ҷазои сабуктар, аз ҷазое, ки дар сурати мавҷуд набудани иқрори гуноҳ таъин карда мешавад, мебошад. Тибқи тафтиши содакардашудаи судӣ, судяҳои ҶТ ҳақ доранд ба судшавандае, ки ба гуноҳаш иқрор гардидааст аз 3/2 ҳиссаи ҷазои умумии дар қонун муқарраршударо таъин намоянд; 6) рад кардани тасдиқи «аҳд» аз ҷониби суд, инчунин норозигии суд ба татбиқи тартиби содакардашудаи тафтиши судӣ боиси бо тартиби умумӣ баррасӣ намудани парвандаи ҷиноятӣ мегардад.

Бо назардошти гуфтаҳои боло оид ба таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории мурофиавии ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ – ИМА, Олмон, Италия, Испания, Фаронса ва баъзе давлатҳои ИДМ (Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Белорус, Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон ва Туркманистон) оид ба тартибҳои содакардашуда ба чунин хулоса омадем:

1. Ҳама намудҳои тартиби содакардашуда мақсади ягона – содагардонӣ ва суръатнокии мурофиаро доранд, ки ба камхарҷ намудани мурофиа, ихтисор намудани муҳлати баррасии парвандаҳо дар суд, инчунин кам намудани сарбории судяҳо равона гардидаанд.

2. Тартиби содакардашудаи тафтиши судӣ дар мурофиаи ҷиноятии ҶТ яке аз шаклҳои пешбурди содакардашудаи судӣ ба ҳисоб рафта, аз таҷрибаи мусбии қонунгузории мурофиавии ҷиноятии давлатҳои хориҷа сарчашма мегирад. Ҳама шаклҳои пешбурди соддакардашуда дар давлатҳои хориҷа яке аз намудҳои аҳд оид ба иқрори гуноҳ ба ҳисоб мераванд. Тартиби баррасишуда, ки унсурҳои муайяни аҳди классикиро гирифтааст, давлатҳо баъзе муқарраротИ мусбии онро, ки мувофиқ барои қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ мебошанд, мустаҳкам менамоянд.

3. Дар асоси таҳлили қонунгузории давлатҳои гуногун ҷанбаҳои мусбӣ ва манфии тартиби содакардашударо муайян кардан мумкин аст. Мо чунин мешуморем, ки бо дарназардошти таҷрибаи мусбии "давлатҳои пешрафта" мушкилотҳо ва камбудиҳои мавҷуда дар қонунгузорӣ бояд ба назар гирифта шаванд, то онҳо ҳангоми баррасии парвандаҳои ҷиноятӣ бо тартиби содакардашуда дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешгирӣ карда шаванд.

Ҳамчунин, таҳлили мухтасари қиёсӣ-ҳуқуқии тартиби содакардашудаи тафтиши судӣ дар давлатҳои хориҷӣ ва ҶТ ба мо имкон медиҳад, ки навъи тоҷикии тартиби содакардашудаи тафтиши судиро беҳамто ва яке аз беҳтаринҳо эътироф намоем. Бо вуҷуди ин, монандии хусусиятҳои алоҳидаи он бо падидаҳои дахлдори Аврупо ва Амрико аз имкониятҳои воқеии такмил додани тартиби миллии мурофиаи судӣ, бо назардошти таҷрибаи тӯлонии истифодаи шаклҳои содакрдашудаи муҳокимаи судӣ дар бисёр давлатҳои низоми ҳуқуқии англосаксонӣ ва олмонӣ, шаҳодат медиҳанд.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-юми декабри соли 2009, таҳти № 564 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз соли 2009, № 12, мод. 815, мод. 816.

2. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028. Аз 6 феврали соли 2018, №1005. [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.mmk.tj/node/843 (санаи муроҷиат 29.07. 2022).

3. «Аҳд оид ба иқрори гуноҳ» аз ҷониби муҳаққиқони зерин таҳқиқ гардидаанд, ба монанди: Боботов С.В., Жигачев И.Ю. Введение в правовую систему США. М., 1997. – С. 320; Лазарева В. Легализация сделок о признании вины // Российская юстиция. 1999. №5. – С. 41; Махов В., Пешков М. Сделка о признании вины // Российская юстиция. 1998. № 7. – С. 17—18;

Петрухин И. Сделки о признании вины чужды российскому менталитету // Российская юстиция. 2001. № 5. – С. 35—37.

4. Боботов С. В., Жигачев И. Ю. Введение в правовую систему США / С.В. Боботов, И.Ю. Жигачев. - Москва: НОРМА, 1997. - 332 с.

5. Брестер А.А., Быковская А.С. Сравнительно-правовой анализ упрощенного производства в уголовном процессе России и Германии. Актуальные проблемы российского права. 2015. № 12 (61) декабрь. – С. 162-170

6. Головко, Л.В. Альтернативы уголовному преследованию в современном праве / Л.В. Головко. – М.: Юридический центр Пресс, 2002. – 544 с.

7. Дудина Н.А. Упрощенные судебные производства в зарубежном уголовно-процессуальном законодательстве // Современная наука. № 4 (7). 2011. – С. 12-17.

8. Качалова О.В. Ускоренное производство в российском уголовном процессе. дис. … д-р. юрид. наук: 12.00.09 / Качалова Оксана Валентиновна. Москва 2016. – 482 с.

9. Курс уголовного процесса / Под ред. д.ю.н., проф. Л.В.Головко. – М.: Статут, 2016. – 1278 с.

10. Кувалдина Ю.В. Сделка о признании вины: опыт уголовного судопроизводства США // Актуальные проблемы современного уголовного процесса России. Сборник научных статей. - Самара: Самарский университет, 2005. - С. 198-214

11. Лазарева В. Легализация сделок о признании вины // Российская юстиция. 1999. №5. https://base.garant.ru/3540927/ (санаи муроҷиат. 27.06.2022).

12. Мажренов Биржан Балтабаевич. Сравнительный анализ института сделки о признании вины по УПК Казахстана и особого порядка судебного разбирательства по УПК России // Вестник Краснодарского университета МВД России. 2016. № 3 (33). – С. 112-114.

13. Махов В. Н., Пешков М. А. Уголовный процесс США (досудебные стадии). М.,1998. – 207 с.

14. Махов В., Пешков М. Сделка о признании вины // Российская юстиция. 1998. № 7. – С. 17—19;

15. Петрухин И. Сделки о признании вины чужды российскому менталитету // Российская юстиция. 2001. № 5. – С. 35—37.

16. Пиюк А. В. Проблемы применения упрощенных форм разрешения уголовных дел в судопроизводстве Российской Федерации в свете типологии современного уголовного процесса. – Томск: Изд-во Том. Ун-та, 2011. – 208 с.

17. Пиюк А.В. Теоретические основы упрощения форм разрешения уголовных дел судом в Российской Федерации: типологический аспект: дис. … д-р. юрид. наук: 12.00.09 / Пиюк Алексей Валерьевич. – Томск, 2017. – 469 с.

18. Federal Rules of Criminal Procedure (as amended to December 1, 2019) URL:https://www.uscourts.gov/sites/default/files/federal_rules_of_criminal_procedure_-_dec_1_2019_0.pdf (Санаи муроҷиат 04. 05. 2023).

19. Роговая С. А. Проблемы оценки доказательств и принятия решений при особом порядке уголовного судопроизводства: дис. ... к.ю.н. Новгород, 2006. – 177 с.

20. Рустамов Х. У. Уголовный процесс: Формы: [Учеб. пособие для студентов юрид. фак. вузов] / Х. У. Рустамов. - М.: Закон и право, 1998. – 303 с.

21. Смирнов А. В. Типология уголовного судопроизводства: дис. ... д. ю. н. - М., 2001. – 345 с.

22. Стойко Н. Г., Семухина О. Б. Уголовный процесс в США: Учебное пособие. Красноярск, 2000. – 315 с.

23. Тейман С. Упрощенное производство или согласованное заявление о виновности? [Электронный ресурс]: https://lprc.kz/wp-content/uploads/2020/01/Uproshhennoe-proizvodstvo-ili-soglasovannoe-zayavlenie-o-vinovnosti.pdf (дата обращения: 05.05.2023).

24. Уголовно-процессуальный кодекс Федеративной Республики Германия - Strafprozessordnung (StPO)- Научно-практический комментарий и перевод текста закона

[Электронный ресурс]. – Режим доступа: https: //publishup.uni-potsdam.de/opus4-ubp/frontdoor/deliver/index/docId/6039/file/sdrs02.pdf (дата обращения: 04.05.2023).
25. Фридмэн Л. Введение в американское право. М., 1993. – 284 с.
26. Heghmanns M. Strafverfahren: Strafrecht für alle Semester. Grund- und Examenswissen — kritisch vertieft. Springer-Verlag, 2014. Rn. 623.
27. Hellmann U. Strafprozessrecht. Springer-Verlag, 2006. Rn. 996.

**Аннотатсия**

**Таҳлили муқоисавии ҳуқуқии тартиби содакардашудаи тафтиши судӣ бо мурофиаҳои содакардашудаи судӣ дар баъзе кишварҳои хориҷӣ**

Дар мақолаи мазкур таҳлили муқоисавӣ-ҳуқуқии яке аз падидаҳои мурофиаи ҷиноятӣ – тартиби соддакардашудаи судӣ дар баъзе аз давлатҳои хориҷӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифта, монандӣ ва фарқияти ин падида муайян карда шудааст. Ҳангоми омӯзиши падидаи мазкур аз ҷониби муаллиф дар давлатҳои хориҷӣ як қатор мушкилотҳои назариявӣ ва амалии онҳо ошкор карда шуда, баҳри бартараф намудани онҳо як қатор таклифҳо манзур гардидааст.

**Аннотация**

**Сравнительно-правовой анализ упрощенного порядка судебного следствия с упрощенным судопроизводством в некоторых зарубежных странах**

В данной статье изучен сравнительно-правовой анализ одного из институтов уголовного судопроизводства - упрощенного судопроизводства в некоторых зарубежных странах, а также определены сходства и различия этих институтов. В ходе изучения данного института автором в зарубежных странах был выявлен ряд теоретических и практических проблем, а также внесен ряд предложений по их преодолению.

**Annotation**

**Comparative legal analysis of a simplified procedure for judicial investigation with simplified judicial procedure in some foreign countries**

This article examines a comparative legal analysis of one of the institutions of criminal justice - simplified judicial procedure in some foreign countries, and also identifies the similarities and differences between these institutions. In the course of studying this institute, the author in foreign countries identified a number of theoretical and practical problems, and also made a number of proposals for overcoming them.

## 12.00.12 – КРИМИНАЛИСТИКА; ФАЪОЛИЯТИ ЭКСПЕРТИЗАИ СУДӢ; ФАЪОЛИЯТИ ОПЕРАТИВӢ-ҶУСТУҶӮӢ
## 12.00.12 – КРИМИНАЛИСТИКА; СУДЕБНО-ЭКСПЕРТНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ; ОПЕРАТИВНО-РОЗЫСКНАЯ ДЕЯТЕЛЬНОСТЬ

**УДК: 343.98.06**



**Зоир Ҷурахон Маҷидзода,**
*доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор, сарходими илмии шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовадинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, корманди шоистаи Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерал-майори милитсия.*
*Email: Zoirov2009@mail.ru*
*Тел.: 221-65-85.*



**Мирзозода Мавлудахон Зайнӣ,**
*унвонҷуи шуъбаи таърихи давлат ва ҳуқуқи Институти фалсафа, сиёсатшиносӣ ва ҳуқуқи ба номи А. Баҳовадинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон.*
*Email: m.mirzozoda@yandex.ru*
*Тел.: 221-13-36.*

# ЧОРАБИНИҲОИ МАХСУС ДАР ФАЪОЛИЯТИ ОПЕРАТИВӢ-ҶӮСТУҶӮӢ

***Калидвожаҳо:*** *Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ»; чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ; чорабиниҳои махсус.*

***Ключевые слова***: *Конституция Республики Таджикистан; Закон Республики Таджикистан «Об оперативно-розыскной деятельности»; оперативно-розыскные мероприятия, специальные мероприятия.*

***Key words:*** *The Constitution of the Republic of Tajikistan; the Law of the Republic of Tajikistan "On operational-search activities"; operational-search activities; special events.*

Баъди ба даст овардани истиқлолият ва қабули Конститутсияи соли 1994, Ҷумҳурии Тоҷикистон афзалияти давлатӣ-ҳуқуқӣ пайдо намуда, дар Конститутсия ҳуқуқи инсон, ҳамчун хусусияти муҳим ва фарқкунанда мустаҳкам карда шуд, ки дар он ҳуқуқ ва сиёсати ҳуқуқӣ ба мафҳуми давлат ба таври қатъӣ вобаста нест, ки дар баъзе назарияҳо ва санадҳои меъёри ҳуқуқӣ чунин ба назар мерасад.

Бо кӯшиши ҳамарӯза ва қобилияти ташкилотчигии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, ки вазъи ногувор, ҷанги шаҳрвандӣ идома дошт, таҳти роҳбарии ӯ Комиссияи конститутсионӣ (1993-1994) дар сатҳи баланд санадҳои меъёрии байналмилалӣ-ҳуқуқиро кор карда баромада, дар асоси он ба таври амиқ ҳуқуқи инсон, ки дар конститутсия мустаҳкам гардида буд ва ҳамчун ҳуқуқи табиии инсон мавриди амал қарор гирифт.

Ба асосҳои Конститутсия, ки ба ҳуқуқи табиӣ дахл дошт, муҳаққиқони тамоми ҷаҳон ҳамчун ифодакунандаи таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон назар мекарданд, ки пештар дар Конститутсияи баъдишӯравӣ чунин маънидодкунии ҳуқуқу озодиҳои инсон мавҷуд набуд. Дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар моддаи 14 асоси меъёрҳои ҳуқуқии конститутсионӣ мустаҳкам гардид, ки

имконоти маҳдуд намудани ҳамаи ҳуқуқҳои табииро дошт.

Ҳамин тавр, боби 2 Конститутсия, ки асосҳои ҳуқуқии шахсиятро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мекушояд, «Ҳуқуқ, озодӣ ва вазифаҳои асосии инсон ва шаҳрванд» ном дорад. Дар он ҷое, ки дар Конститутсия ҳуқуқи инсон дарҷ гардидааст, қонунгузор чунин мафҳумро истифода бурдааст: «Ҳар як кас ҳуқуқ дорад», «ҳар як кас метавонад», «ба ҳар як кас кафолат» дода мешавад ва м.и.[1].

Истифодаи чунин мафҳумҳо ҳуқуқ ва озодиҳои ҳар як инсони сокини Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар назар дорад, новобаста аз он, ки ӯ шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаст ё не? Дар баробари ин дар Конститутсия як қатор ҳуқуқу озодиҳое инъикос ёфтаанд, ки марбути танҳо шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Ба ин ҳуқуқҳо: ҳуқуқи сиёсӣ барои гузаронидани ҷамъомадҳо, гирдиҳамоӣ ва намоишҳо ва м.и. дохил мешуданд.

Мавҷудияти ҳуқуқу озодиҳо, ухдадориҳои инсон ва шаҳрванд, ки дар Конститутсия мустаҳкам гардидаанд, ин аз ҳад гузаштан, мухторияти мутлақи шаҳрвандро надорад, чунки ҳар як ҳуқуқ сарҳади муайянро дорад, ки гузаштан аз доираи он сӯистеъмолӣ дар ҳуқуқ маҳсуб меёбад. Инсон дар ҷомеае мунтазам бо ҷомеае дар муносибат қарор дорад ва наметавонад, ки дар назди ҷомеа, давлат ва шаҳрвандон бетараф бошад. Ҳуқуқ ва ухдадорӣ бевосита пайвастбуда, аз якдигар ҷудо буда наметавонанд, дар ҳамин асос хислати ахлоқии муносибати байни одамон муқаррар карда мешавад.

Дар моддаи 1 Эъломияи ҳуқуқи инсон гуфта шудааст: «Ҳамаи одамон баробар таваллуд мешавад ва ҳуқуқҳои баробарро соҳибанд. Онҳо соҳиби ақл, виҷдон буда, бо якдигар бояд дар асоси руҳияи бародарӣ муносибат намоянд» [27, с. 12]. Аз ин рӯ, истифодаи ҳуқуқ ба масъулияти одамон вобаста аст, ки аз рӯи сарҳади озодии ӯ, принсипи инсондӯстӣ, ҳамраъйӣ, одоб бо ҳуқуқ муқаррар мегарданд [18, с. 41].

Санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда дар бораи ҳуқуқи инсон як қатор муқадамоти худро дорад, ки ҳуқуқу озодиҳои инсонро маҳдуд месозад. Дар моддаи 29 Эъломияи умумии ҳуқуқи башар омадааст: «Ҳангоми амалисозии ҳуқуқҳои худ ҳар як инсон бояд ба маҳдудиятҳое дучор ояд, ки онҳоро қонун муайян намуда бошад ва ба мақсади эътироф ва эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои дигарон дар асоси қонеъгардонии талаботи ахлоқ, тартиботи ҷамъиятӣ, некӯаҳволии умумӣ дар ҷомеаи демократӣ» равона гардад [27, с.17].

Чунин асосҳои монанд дар санади байналмилалии ҳуқуқҳои гражданӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ дарҷ гардидаанд. Дар банди 3 моддаи 12 санади байналмилалии мазкур омадааст: «наметавонанд, ки ягон маҳдудкунӣ бошанд, ба ғайр аз оне, ки дар қонун барои амнияти давлат, тартиботи ҷамъиятӣ, саломатӣ ва одоби аҳолӣ, ҳуқуқи озодиҳои дигарон бо санади мазкур мувофиқ ва дигар ҳуқуқҳо эътироф гаштаанд».

Дар санади байналмилалӣ дар бораи ҳуқуқҳои гражданӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ, ки маҳдудкуниро дарбар мегирад, агар он бо мақсади ҳифз ва муҳофизати объектҳои дар боло зикргардида равона шуда бошад. Моддаи 4 ин санад зикр менамояд, ки даъват бо қонунгузорӣ маҳдудиятҳо танҳо ба мақсади некуаҳволӣ, дар ҷомеаи демократӣ гузаронида мешавад [27, с. 18-19].

Соли 1999 дар Маҷлиси Олӣ Конвенсия «Дар бораи ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон», ки дар Страсбург 6-майи сои 1963 қабул гардидааст, ҳамчунин протоколҳои он тасдиқ гардид. Дар ин ҳуҷҷатҳо меъёрҳои маҳдудкунандаи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионӣ зикр гардидаанд.

Банди 2 моддаи 8-и Конвенсияи мазкур дахолати мақомоти давлатиро оид ба эҳтироми ҳаёти шахсӣ, оилавӣ, дахлнопазирии манзил, махфияти муросилотро танҳо дар ҳолати пешбинӣ намудаи қонун ва зарурат дар ҷомеаи демократӣ ба манфиати амнияти давлатӣ, оромии ҷомеа, некӯаҳволии иқтисодӣ барои барҳам задани бетартибиҳои оммавӣ, ҷинояткорӣ, барои ҳифзи саломатӣ, ахлоқ ва ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои дигарон муқаррар намудааст. Лекин дар моддаи 18 Конвенсия ҳифзи ҳуқуқи инсон ва озодиҳои асосии ӯ маҳдудгардонии ҳуқуқ ва озодиҳо ба ғайр аз он, ки дар Конвенсия пешбинӣ шудааст, дар дигар ҳолат пешбинӣ нагардидааст.

Риояи ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд аз ҷониби ҷомеаи башарӣ эътироф гардидааст, ки он дар моддаи 21 Эъломияи ҳуқуқи башар инъикоси худро ёфта, тибқи он иродаи халқ асоси қудрати ҳукумат буда, тавассути интихоботи умумӣ овоздиҳии озод амалӣ карда мешавад. Ҳамчун доктринаи соҳибихтиёрии халқӣ дар ҳуқуқи халқҳо чун қисми таркибии соҳибихтиёрӣ ба бойгариҳои табиӣ дар шаклҳои гуногун зикр гардидааст [22, с. 83].

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи принсипҳои умумиэътирофгашта санадҳои ҳуқуқии байналмиллалӣ, инчунин маҳдудкунии ҳуқуқҳоро нисбати мақоми шахсият дар қисми 3 моддаи 14 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин мустаҳкам намудааст: маҳдудгардонии ҳуқуқу озодиҳои дигар шаҳрвандон, тартиботи ҷамъиятӣ, ҳифзи асосҳои сохтори конститутсионӣ, амнияти давлат, мудофиаи кишвар, ахлоқи ҷамъиятӣ, саломатии аҳолӣ ва тамомияти арзии ҷумҳурӣ ба роҳ монда мешавад.

Аз ин рӯ, мувофиқи санадҳои байналмилалӣ, моддаи 14-и Конститутсия маҳдудгардонии ҳуқуқҳои конститутсиониро аз рӯи қонунгузории ҳифзи ҳуқуқ, озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳифзи асосҳои сохтори конститутсионӣ, ахлоқи ҷамъиятӣ, саломатӣ, ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шахсони дигар ё таъмини мудофиаи кишвар ва амнияти давлат баррасӣ менамояд.

Давлатро на одамон тибқи ҳуқуқ, балки ҳокимии ҳуқуқ, аз ҷумла муносибат ба ҳокимият, идоракунии давлатро ба роҳ мемонад [2, с. 3]. Худи ҳуқуқ на аз боло, «балки бо роҳи табиӣ ба миён меояд, раванди зиндагии якҷояи одамон ва ҳуқуқи онҳоро дар бар мегирад ва ҳуқуқу озодиҳои одамон тавассути танзими ҳуқуқу озодиҳои дигар шаҳрвандон амалӣ мегарданд; дар ҷомеаи шаҳрвандӣ аз поён» меъёри умумии озодӣ ба таври меъёрӣ аз тарафи мақомоти даватӣ ба шакли ҳуқуқи расмӣ мураттаб ва мустаҳкам мешавад.

Ҳуқуқи инсон, пайдоиш, решаҳои иҷтимоӣ ва таъйиноти он проблемаи доимии таърихӣ, иҷтимоӣ-фарҳангии инкишофи ҷомеа буда, дар тӯли ҳазорсолаҳо дар маркази таваҷҷуҳи афкори сиёсӣ, ҳуқуқӣ, этникӣ, этникии динӣ ва фалсафӣ қарор гирифтааст. Дар давлатҳои гуногун проблемаи ҳуқуқи инсон аз фаъолияти иҷтимоии одамон дур набуда, ҳамчун муносибати ҷамъиятӣ тарзи ҳастии фард ба шумор меравад. Онҳо шакли меъёрии таъсири байниҳамдигарии одамон, робита ва ҳамоҳангсозии онҳо, зиддият ва роҳҳои барҳам задани низоъҳо мебошанд, Аз рӯи моҳияти онҳо ба таври меъёрӣ шароитҳои тарзи ҳаёти одамонро, барои фард, ҷомеа ва давлат ба вуҷуд меоваранд.

Масъалаи таъмини ҳуқуқӣ, тавозуни иҷрои ҳуқуқ ва қарори субъектҳо барои одамонро барои фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ то ҳол ҳалношуда мемонад. Дар илми ҳуқуқ ва фаъолияти амалияи ҳуқуқӣ намудҳои гуногуни андешаҳо ҷой доранд аз манъи амалигардонии ФОҶ то дигар нуктаҳои пинҳонӣ: иҷозати хадамоти махсус ва мақоми ҳифзи ҳуқуқ, ки барои махфикунонии он аз замони шӯравӣ то ба имрӯз тадқиқ нагардидааст. Дар навиштаҳои худ доктори илмҳои ҳуқуқ, дотсент Раҳимзода Р.Ҳ. қайд менамояд, ки ба ФОҶ на танҳо аз доираи қонунгузорӣ, балки амалияи ҳуқуқӣ, аз лиҳози мазмуни сиёсӣ, иқтисодӣ, психологӣ ва фалсафӣ назар андохтан лозим аст.

Дар нашрияҳои илмӣ ва амалӣ мо ба ин масъала (проблема) борҳо дучор гардидаем ва дар ин мақола кӯшиш намудем, ки то андозае, баъзе масъалаҳои муҳими илмӣ, асосноккунӣ, қонунгузорӣ ва истифодаи амалии онро мавриди баррасӣ қарор диҳем. Ба проблемаи мазкур доктори илмҳои ҳуқуқ, дотсент Раҳимзода Р.Ҳ., назар афканда қайд менамоянд, ки чунин чорабинии оперативӣ-ҷустуҷӯӣ, мисли гӯш кардани гуфтугӯҳои телефонӣ ва сабти онҳо, гирифтани иттилоот аз каналҳои техникии алоқа танҳо бо роҳҳои техникӣ ба роҳ монда мешавад [23, с. 151] ва ин чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ қисман ва ё пурра ба маҳдуд гардонидани ҳуқуқи инсон ба роҳ монда мешавад.

Яке аз проблемаҳои муҳим ҳангоми танзими ЧОҶ, ки ба амнияти иттилоотӣ марбутанд бо риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд равона гаштаанд, масалан чорабинии оперативӣ-ҷустуҷӯӣ гирифтани иттилоот аз компютер. Дар амалия ҳамаи ЧОҶ (аз ҷумла чорабинии гирифтани иттилооти компютерӣ, назоратбарии оперативии

муросилоти почта, хабарҳои телеграфӣ ва хабарҳои дигар), ҳуқуқу озодиҳои инсонро, аз ҷумлаи дахлнопазирӣ ба ҳаёти шахсӣ, манзил, маҳрамияти гуфтугӯи телефонӣ, муросилоти почтаро маҳдуд менамояд.

Дар амалигардонии чорабиниҳои мазкур ҳаёти маҳрамонаи инсон ошкор мегардад, ки чун пробемаи ҳуқуқу озодиҳои инсон, эътиқод, виҷдон, шаъну шарафи шахсият маънидод мегардад. Профессор С.И. Захартсев ин масъалаҳоро баррасӣ карда менависад: «Оё адолатнок аст, ки давлат барои мубориза бо ҷинояткорӣ чунин рафтор менамояд? Чанде аз созмонҳои ҳифзи ҳуқуқ гарчанде даъво кунанд ҳам, аммо давлат барои ҳимояи худ, шаҳрвандони худ бо чунин маҳдудгардонии ҳуқуқ даст мезанад. Лекин ин муносибат саволи дигарро низ ба вуҷуд меорад: ки «баъзе ҳолатҳо» гуфта чиро мефаҳманд, ки ба маҳдудгардонии ҳуқуқу озодиҳои инсон равона гаштааст, кадом ҳуқуқҳо ва ба кадом андоза маҳдуд мегарданд?

Дар ин робита дида баромадани танзими ҳуқуқии гирифтани иттилооти компютерӣ ва дигар ЧОҶ бе тадқиқи масъалаи имконият ва доираи маҳдуднамоии ҳуқуқи инсон ғайриимкон аст. Барои он, ки вай тадқиқ шавад моҳияти ҳуқуқи инсонро кушодан лозим аст, ки табиати ҳуқуқии он, мафҳум ва таъиноти он дар низоми ҳуқуқ чи гуна аст» [7].

Ҳуқуқи инсон он ҳолатеро мефаҳмонад, ки инсон кадом мақомро ишғол менамояд ва ҷомеа чи гуна ба он муносибат менамояд. Институти ҳуқуқ ба озодии инсон яке аз унсурҳои муҳими низоми муосири ҳуқуқ ба шумор меравад. Масоили ҳуқуқи инсон ба масоили мавҷудияти инсон баробар ба бухрони экологӣ мебошад [6]. Муносибати табиӣ-ҳуқуқӣ фитрӣ-табиӣ буда, мавҷудияти он аз вобастагии давлат эътироф намегардад. Ҳуқуқи инсон ҳамчун маҳсули ақл пазируфта шуда, ҳамчун иродаи илоҳӣ табиати ботинии инсонро инъикос менамояд.

Тарафдорони ин муносибат инсонро ҳамчун фарди дар муҳосира қарордошта, дорои ақл ва ҳуқуқ маънидод менамоянд. Ҳуқуқи инсон аз рӯи ин назария аз давлат ва ҷомеа пеш меистанд, аз доираи давлат берун карда шуда пайдоиши тодавлатиро дар бар мегирад. Мақомоти олии намояндагӣ, ки соҳибихтиёриро таҷассум менамояд, аз рӯи ақидаи ин назария ба ҳуқуқи «болои давлатӣ» ва ё «то давлатӣ» шакл гирифтааст. Барои ҳамин қонун инъикоси моддии бемуҳлати идеяи (ғояи) адолатнокии мутлақ мебошад [18, с. 22].

Барои ин як ҷиҳатро қайд кардан лозим аст, ки эътирофи табиати ҳуқуқии инсон на баҳсу нақши давлатро маҳдуд созад, ки давлат дар навбати худ ҳуқуқ ва озодиҳои ӯро ҳифз менамояд ва инро бо роҳи қонунгузор роҳандозӣ менамояд. Чунин ҳуқуқҳо чун ҳуқуқ ба ҳаёт, шаъну шараф, дахлнопазирии шахсият ба инсон аз лаҳзаи таваллуд мансубанд ва ҳимояи онҳо дар намуди ҳуқуқӣ ва қонун шакл мегирад. Барои ҳамин ин ҳуқуқҳо ба давлат муқобил нестанд, ки онҳоро давлат ҳамчун функсияи худ таъмин намуда, дар қонунгузорӣ мураттаб менамояд.

Аз рӯи табиати ҳуқуқӣ ва афзалияти ҳуқуқӣ инсон гуногун мебошад. Ҳуқуқҳои табиӣ ҳамчун ҳуқуқи фитрӣ, ҳуқуқ ба ҳаёт, дахлнопазирии шахсӣ ва ҳуқуқ ба зиндагии сазовори ҳар як одам. Барои амалигардонии ин ҳуқуқҳо эътирофи қонунгузорӣ лозим нест, барои он, ки он ба инсон аз лаҳзаи таваллуд ва табиати он мансуб мебошад.

Чунин ҳуқуқҳои табиӣ мавҷуданд, ки дар ҳаёти инсон ва шаҳрванд зуҳуроти реалии худро дарёфтанд, ки бо ташаббуси фаъолияти қонунгузории давлатӣ маълуманд. Чунин зуҳуротҳо ҳар рӯз, масъалаи ҳуқуқи иштирок дар амаликунии сиёсати фарҳангӣ-ҳуқуқии давлат, ҳуқуқи гирифтани нафақа аз рӯи пиронсолӣ ва дигар ҳуқуқҳои рӯзмарра ба амал меоянд. Агар ба ин мавзуъ баргардем ба чунин ҳуқуқҳо гӯш кардани гуфтугуҳои телефонӣ, муросилоти почта, иттилооти шахсӣ ва оилавӣ, ҳамчун иттилооте, ки дар компютер мафҳуз аст.

Ин ҷо гуфта намешавад, ки давлат чӣ ҳуқуқҳоро эътироф ё рад мекунад, ҳар як шаҳрванд ба таври объективӣ ба эҳтиёҷоти иҷтимоӣ ҳуқуқ дорад, танҳо бо роҳи қонунӣ мураттаб гаштани онҳо амалӣ мегардад, ки аз тарафи давлат ба роҳ монда мешавад. Бо ин хулоса розӣ шудан лозим аст, ки дар илми ҳуқуқ ҳуқуқ ва озодии инсон ба он аз тарафи давлат дода намешаванд, онҳо бо санадҳои ҳуқуқӣ ба танзим даровarда шуда, давлат механизми амалигардонии онҳоро дар

қонунгузорӣ мустаҳкам менамояд. Аз ин гуфтаҳо хулоса баровардан лозим аст, ки ҳуқуқи инсон аз хоҳиши давлат вобастагӣ надорад, балки аз он вобастагӣ дорад, ки он ҳамчун ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд дар майдони ҳуқуқӣ мустаҳкам гардидааст ё не?

Ҳуқуқҳои шахсии табиӣ ҳамчун ҳуқуқи инсон ва шаҳрванд инфиродӣ карда мешаванд, ин ҷудонамоӣ аз мавқеи фарққунандаи ҷомеаи гражданӣ ва давлатӣ бармеояд, ки муносибати ҳақиқии мавқеи ҳуқуқии инсонро дар муносибат бо давлат инъикос менамояд. Давлат ба ҳар як инсон ва шаҳрванд ба таври мухтасар фазои ҳуқуқии фаъолият медиҳад, ки қувваи ҳаракаткунандаи он таваҷҷуҳи инфиродии он ба кор мебошад. Ба ҳамин ҷомеаи шаҳрвандӣ бо моликият, оила, масҷид, урфу одатҳои динӣ, имкониятҳои одамон ҳамчун қисми ҷудонашавандаи табиӣ ҳуқуқ дохил мешавад, ки вазифаи давлат ва канорагирии ин ҳуқуқҳо аз ҳуҷумҳо ба зидди хусусияти он мебошад.

Мазмун ва амалигардонии ин ҳуқуқҳо барои ҳамаи одамон новобаста аз мансубияти онҳо ба ин ё он давлат мебошанд. Дар навбати худ ҳар як давлат ин ҳуқуқҳоро бо қонунгузории миллии худ ба танзим медароранд. Масалан дар Ҷумҳуриии Тоҷикистон чанд сол боз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳои миллӣ» амал намуда, бисёр ҳуқуқҳои табиӣ ва анъанавии муносибати шаҳрванд ва давлатро ба танзим медарорад. Муносибатҳои табиии шаҳрванд ин бо қонеъ гардонидани талаботҳои хусусии инсон дар доираи муносибатҳо ба давлат равона гардидаанд, ҳамчун доираи ҳуқуқҳои оилавии ӯ, мақоми шаҳрванд аз робитаи он ба давлат-институти ҷомеаи шаҳрвандӣ бармеояд.

Фақат дар сурати иҷрои шароитҳои зикргардида (ҳуқуқ) маҳдудгардонии ҳуқуқу озодиҳо, аз ҷиҳати ҷамъиятӣ муфид мебошад, ки агар маҳдудкунӣ дар қисми 3 моддаи 14 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд, маҳдудкунии ҳуқуқ ғайриқонунӣ эътироф карда мешавад ва шахсони ба онҳо мусоидатнамуда масъулият доранд, дар ин ҳолат сухан дар бораи маҳдудкунии ҳуқуқ ва озодӣ, балки вайрон намудани он мегардад [1, с. 78]

Қайд кардан зарур аст, ки мафҳуми «вайрон кардан», «маҳдуд намудан» аз «рӯи маъно фарқ» менамоянд вайрон кардан ин иҷро накардан, аз ҷумла тартиб, қонун ва шартномаро дорад [25, с. 402] маҳдуд кардан бошад, ин чун қонун маҳдуд кардани ягон амал, ҳуқуқ шароит [25, с. 456] дорад, фарқ байни ин мафҳумҳо дар он аст, ки вайрон кардани амали зиддиҳуқуқӣ қонунӣ ва зарурӣ мебошад.

Ҳамин тариқ, ҳуқуқро вайрон кардани инсон иҷозат дода намешавад, лекин маҳдудкунӣ имкон дорад ва баъзан зарурияти маҳдудкунии ҳуқуқи инсон ин қарори идоравии мақомоти давлатӣ дар асоси қонунгузорӣ мебошад. Лекин маҳдудкунии ҳуқуқи инсон зарур аст, агар ба манфиати ҳимояи он равона гардад. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон самти ҳифзи ҳуқуқи инсонро афзалиятнок шуморида ҳамчун меъёрҳои ҳуқуқи конститутсионӣ барои сохти конститутсионӣ, ахлоқ, саломатӣ ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, барои мудофиа ва амнияти давлат зарур мешуморад.

Ба ҳамин асос Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ин самтҳоро эълон дошта, таъкид менамояд, ки маҳдудкунии ҳуқуқи инсон танҳо бо қонун ба танзим даровarda мешавад, ҳамин тавр қонунҳо муайян менамоянд, ки ҷиноятҳоро то содир шудан ё муайян намудани онҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ» ҳуқуқи инсон маҳдуд карда мешавад.

**Рӯйхати адабиёт:**


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2017.
2. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ». –Душанбе, 2017.
3. Алексанин А.С., Захарцев С.И. «Права человека и оперативно-розыскное мероприятие, связанное с получением компьютерной информации», Журнал: Мир политики и социологии», №12, СПб-2016, С. 117-131.
4. Артамонова Г.К. Человек и система государственного управления (теоретический

организационно-правовой аспект): Автореф. дис. докт. юрид. наук.–СПб., 2007.–46 с.

5. Бухаров Н.Н., Захарцев С.И., Рохлин Н.И., Федоров А.В., Шахматов А.В. Прослушивание телефонных переговоров в оперативно-розыскной деятельности: Учебное пособие / Под редакцией В.П. Сальникова. изд. 2-е.–СПб., 2005.–128с.

6. Винниченко Н.А., Захарцев С.И., Рохлин В.И Правовая регламентация использования оперативно-розыскной деятельности в уголовном судопроизводстве / Под редакцией В.П. Сальникова. – СПб., 2004. – 176 с.

7. Евстратиков Б.М., Захарцев С.И, Медведев В.Н., Сальников В.П. оперативно-розыскные мероприятия на каналах связи (Правовой анализ) / Под редакцией В.П. Сальникова. – СПб., 2005. – 256 с.

8. Захарцев С.И. Оперативно-розыскные мероприятия. Общие положения. –СПб.: Юридический центр Пресс, 2004. – 259 с.

9. Захарцев С.И. Понятие и виды оперативно-розыскных мероприятий // Известия высших учебных заведений. Правоведение. –2003. –№4 (249). –С. 135-139.

10. Захарцев С.И. Теория и правовая регламентация оперативно-розыскных мероприятий: дис…докт. юрид. наук. – СПб., 2004

11. Захарцев С.И., Игнащенков Ю.Ю. К вопросу о допустимости проведения и прослушивания телефонных переговоров по преступлениям небольшой и средней тяжести // известия высших учебных заведений. Правоведение. –2006. –№3. –С. 135-141.

12. Захарцев С.И., Медведев В.Н., Сальников В.П. Снятие информации с технических каналов связи: правовые вопросы: Монография. Санкт-Петербургский университет МВД России; Академия права, экономикии безопасности жизнедеятельности / Под общей редакцией В.П. Сальникова.–СПб.: Фонд «Университет», 2004. 256 с.

13. Захарцев С.И., Сальников В.П. Оперативно-розыскная экономика и оперативно-розыскная политика // Правовое поле современной экономики. – 2015. – № 12. – С. 11-15.

14. Захарцев С.И., Чабукиани О.А. Оперативно-розыскные мероприятия и следственные действия: понятия и соотношение. – СПб.: Санкт-Петербургский университет МВД России, 2010. 268 с.

15. Захарцев С.И., Игнащенков Ю.Ю., Сальников В.П. Оперативно-розыскная деятельность в XX1 веке: Монография. – М.: Норма, 2015. – 400 с.

16. Казак А.Е. Оперативно-розыскная деятельность органов внутренних дел и права человека: Монография. – СПб.: Санкт-Петербургский университет МВД России, 1998.

17. Комментарий к Федеральному Закону РФ «Об ОРД», С приложением решений Конституционного Суда РФ и обзоров практики Европейского Суда по правам человека (отв. редактор В.С.Овчинский-Москва, Норма: ИНФРА-М, 2018

18. Маҷидзода Ҷ.З. «Тафсир ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолиятӣ оперативӣ-ҷустуҷӯӣ». - Андалеб-Р-2015. -440 с.

19. Лукашевой Е.А.Общая теория прав человека / Под ее ред.– М.: норма, 1996. – 520 с.

20. Раҳимзода Р.Ҳ. «Фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ». Қисми умумӣ. Китоби дарсӣ. Нашри 2-ум. –Душанбе: «ЭР-граф», 2014. -682 с.

21. Раҳимов Р.Ҳ. Чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ. –Душанбе: «Ирфон»-2006.

22. Рахимзода Р.Х. Оперативно-розыскная деятельность: История и современность. Душанбе ЭР-граф -2016. -С. 151

23. Раҳимзода Р.Ҳ. Таҳвили назоратшавандаи байналмилалӣ: Монография: Душанбе: «ЭР-граф», 2017. -187 с.

24. Юсуфзода А.Х., Файзуллоев А.И. Ҳуқуқи Конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Китоби дарсӣ. Нашри 2-ум. –Душанбе: «ЭР-граф», 2014. -219 с.

25. Юсуфзода А.Х., Гафуров М.С., Бобоназарзода Ф.Ш., Ҳуқуқи конститутсионии давлатҳои аъзои ИДМ. Китоби дарсӣ. Нашри 2-ум. –Душанбе: «ЭР-граф», 2017. -570 с.

26. Ҳуқуқи инсон: Маҷмӯи ҳуҷҷатҳои байналмилалӣ. -М.1998

27. Шведова Н.Ю.; Толковый словарь русского языка.-М.:1992.

**Аннотатсия**

**Чорабиниҳои махсус дар фаъолияти оперативӣ-ҷӯстуҷӯӣ**

Дар мақола масоили инкишофи қонунгузорӣ дар таҳкими чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Муаллиф дар натиҷаи омӯзиш ва муқоисаи қонунгузорӣ оид ба фаъолияти оперативӣ-ҷустуҷӯӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хусусан тадбирҳои ташаккулу инкишофи қонунгузорӣ марбут ба тадбиқи чорабиниҳои оперативӣ-ҷустуҷӯиро муайян намуда, таклифу пешниҳодҳои судмандро баён намудаанд.

**Аннотация**

**Специальные мероприятия в оперативно-розыскной деятельности**

В статье рассматриваются правовые вопросы развития оперативно-розыскных мероприятий в Республике Таджикистан. В результате исследования автор при сравнительном анализе законодательства Республики Таджикистан об оперативно-розыскной деятельности в Республике Таджикистан и в частности мер по формированию и развитию законодательства, связанного с осуществлением оперативно-розыскных мероприятий.

**Annotation**

**Special measures in operational searching activities**

The article discusses the legal issues of the development of operational-searching activities in the Republic of Tajikistan. As a result of the study, the author, in a comparative analysis of the legislation of the Republic of Tajikistan on operational-searching activities in the Republic of Tajikistan, and in particular measures to form and develop legislation related to the implementation of operational-search activities.



**УДК: 343.985.3**
**Аҳмадзода Муҳаммадалӣ Сайхуҷа,**
*ассистенти кафедраи криминалистика ва фаъолияти экспертизаи судии факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.*
*E-mail: muhammad_62@mail.ru*
*Тел.: (+992) 931-00-90-99.*

# БАҚАЙДГИРИИ НАТИҶАҲОИ САНҶИШИ НИШОНДОД ДАР ҶОЙИ ҲОДИСА: ҶАНБАҲОИ МУРОФИАВӢ-ҶИНОЯТӢ ВА КРИМИНАЛИСТӢ

***Калидвожаҳо:*** *криминалистика; амали тафтишӣ; бақайдгирӣ; санҷиши нишондод; ҷои ҳодиса; натиҷа; протокол.*

***Ключевые слова:*** *криминалистика; следственное действие; фиксация; проверка показаний; место происшествия; протокол.*

***Keywords:*** *criminalistics; investigative action, fixation, verification of evidence, scene, result, protocol.*

Бақайдгирии натиҷаҳои санҷиши нишондод дар ҷои ҳодиса яке аз фаъолияти масъулиятноки муфаттиш ба шумор меравад, зеро он ҷараён ва натиҷаҳои амали тафтиширо инъикос менамояд.

Тарзи хаттӣ бақайдгирии натиҷаҳои санҷиши нишондодро дар ҷойи ҳодиса инъикос менамояд. Протоколи санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса сохтори ба таври дақиқ ифодаёфта дорад, ки ҳамчун анъана дар худ қисмҳои муқаддимавӣ, баёниявӣ ва хулосавиро фаро мегирад.

Қисми муқаддимавии протоколи ҳама гуна амалҳои тафтишӣ дар худ мушаххасоти зеринро фаро мегирад: сана ва маҳал (ҷой)-и тартиб додани протокол; вақти оғоз ва анҷоми амали тафтишӣ; маҳал (ҷой)-и пешбурди амали тафтишӣ (барои бино – ҳуҷра, хона, кӯча; барои қитъаи замин дар маҳалли аҳолинишин – кӯча; барои қитъаи замини берун аз маҳалли аҳолинишин – фосила то маҳалли аҳолинишин ё нақшаи ҳудуде, ки дар он амали тафтишӣ гузаронида мешавад); маълумоте, ки шахси анҷомдиҳандаи амали тафтиширо мушаххас менамояд (мансаб, насаб, ном ва номи падар); маълумоте, ки шахси санҷишшавандаро мушаххас менамояд (мансаб, насаб, ном ва номи падар); маълумоте, ки шахсони дар амали тафтишӣ иштироккунандаро мушаххас менамояд (мансаб, насаб, ном ва номи падар); насаб, ном, номи падар ва суроғаи шахсони холис; ҳолати истифодаи воситаҳои техникӣ ва номгӯйи онҳо (барои воситаҳои техникии номашхур – таъиноти онҳо); шароите, ки дар он амали тафтишӣ гузаронида мешавад; ҳолати фаҳмонда додани ҳуқуқҳои иштирокчиёни амали тафтишӣ, инчунин тасдиқи ин ҳолат бо имзои шахсони дахлдор.

Қисми баёнияи протоколи санҷиши нишондод ба ғайр аз маълумотҳои болозикр инҳоро дар бар мегирад:

–моддаҳои Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КМҶ ҶТ), ки дар асос ва бо риояи онҳо амали тафтишӣ гузаронида мешавад;

–мақсади санҷиши нишондод дар ҷой;

–ҳолати огоҳ кардани ҷабрдидагон ва шоҳидон оид ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои даст кашидан, саркашӣ намудан аз додани нишондод ва додани нишондоди бардурӯғ, ки бо имзои онҳо тасдиқ карда мешавад;

–қайд дар хусуси он, ки ба шахси санҷишшаванда мазмуни м.12 КМҶ ҶТ, ки тибқи он, ҳеҷ кас уҳдадор нест ба муқобили худ, хешовандони наздик, ки доираи онҳоро Кодекси мазкур муайян кардааст, нишондод диҳад, фаҳмонда дода шудааст;

–«ҷойи минбаъдаи гузаронидани амали тафтишӣ, ки аз суханони шахси санҷишшаванда зикр карда мешавад (масалан, «ҷойи қарор доштани молу мулки дуздидашуда» ё «маҳали буду боши шарикони ҷиноят» ва м.и.)» [1, с. 64];

–дар сурати ҳозир нашудани ҳимоякунанда, ҳолати ҳозир нашудани ӯ бо зикри сабабҳо, то ин ки шубҳаи суд дар хусуси

риоя гардидани ҳуқуқ ба ҳимоя истисно карда шавад [2, с. 213].

Қисми баёнияи протоколи ҳама гуна амали тафтишӣ дар худ маълумотро оид ба ҳаракатҳои иштирокчиёни амали тафтишӣ ва дигар ҳолатҳои аҳамиятнок фаро мегирад. Ин гуфтаҳо дар хусуси мақсаднок будани ворид намудани маълумоти зерин ба қисми баёниявӣ шаҳодат медиҳанд: тасвири муфассали (васеи) ҷойи гузаронидани амали тафтишӣ бо мақсади мушаххаскунии он; тасвири муфассали шароитҳо (боду ҳаво, инфрасохтор, иҷтимоӣ-фарҳангӣ); тасвири муфассали тағйиротҳои ба вазъият воридгардида, ки барои бештар шабоҳат доштани ин вазъият ба лаҳзаи ҳодисаи санҷидашаванда мусоидат менамояд; андешаи санҷишшаванда дар хусуси дараҷаи саҳеҳияти объектҳо ё шароити фаъолияти ба ӯ пешниҳодшуда; фикри санҷишшаванда дар хусуси он ки ӯ сабабҳои объективиеро, ки барои дар амали тафтишӣ иштирок кардани ӯ халал расонанд, намебинад; тасвири вазъи саломатии санҷишшаванда, ки аз рӯйи суханони ӯ муқаррар карда мешавад; ҳудуди маҳале, ки дар он амали тафтишӣ гузаронида шуд, ки дар робита ба андозаҳои он ва ҳама гуна объекти дигар дар протокол истифода бурдани ифодаҳои «дар паҳлу», «дар атроф», «наздик» ва «тахминан» ноҷоиз мебошад; ба таври пайдарҳам номбар кардани маҷмӯи амалҳое, ки аз тарафи иштирокчиёни амали тафтишӣ андешида шуданд.

Қисми баёнияи протоколи санҷиши нишондод ба ғайр аз маълумотҳои болозикр инҳоро дар бар мегирад:

–баёноти шахсе, ки нишондоди ӯ санҷида мешавад (аз номи шахси якум);

–нуқтаи ибтидоӣ ва ниҳоии ҳаракати иштирокчиёни амали тафтишӣ;

–тасвири тарз ва масири ҳаракат дар алоҳидагӣ аз санҷишшаванда ва дар алоҳидагӣ аз дигар иштирокчиён;

–тасвири амалҳое, ки дар тӯли тамоми масири ҳаракат содир мешаванд (аз номи шахси сеюм);

–тасвири аломатҳои умумӣ ва хусусии объектҳое, ки дар рафти санҷиши нишондод дар ҷой ёфта гирифта мешаванд бо ишораи ҷойи ошкор кардани онҳо;

–тавзеҳоти санҷишшаванда дар робита ба объектҳои гирифташуда;

–саволҳои муфаттиш ба санҷишшаванда дар хотимаи додани нишондоди асосӣ ва ҷавобҳо ба онҳо.

Ба назар мерасад, ки мақсаднокии тавсияи тактикӣ дар хусуси он, ки дар протокол қайд намудани нишондоди шифоии шахс ифодаи мухтасари мазмуни асосии онҳоро талаб мекунад, баҳснок мебошад [3, с. 40].

Аксарияти муҳаққиқон чунин мешуморанд, ки хулосаҳои хусусияти субъективии муфаттиш ё мулоҳизаҳои хусусияти нисбӣ набояд дар протокол қайду сабт карда шаванд [1, с. 65; 4, с. 61]. Мо бо чунин талабот, ки мустақиман аз мазмуни м. 172 КМҶ ҶТ маншаъ намегирад, розӣ шуда наметавонем.

Қисми хотимавии протоколи ҳама гуна амали тафтишӣ дар худ маълумоти зеринро фаро мегирад: оид ба воситаҳои техникии бақайдгирии амали тафтишӣ ва ҳомилони иттилоот, ки дар онҳо иттилооти бадастомада мавҷуд мебошад; оид ба пешакӣ огоҳ кардани иштирокчиёни амали тафтишӣ дар хусуси истифодаи воситаҳои техникии қайду сабт; оид ба замима кардани маводҳои дахлдор ба протокол (суратҷадвалҳо, сабтҳои видео, нақшаҳо, тарҳҳо ва расмҳо, инчунин объектҳои гирифташуда); оид ба аризаҳои аз ҷониби иштирокчиёни амали тафтишӣ дар ибтидо, дар рафт ва ё дар интиҳои амали тафтишӣ воридгардида ё ин ки дар бораи мавҷуд набудани чунин аризаҳо; оид ба ҳолати шинос шудани шахсони холис, мутахассисон ва дигар иштирокчиён бо протоколи амали тафтишӣ, ки бо имзои ин шахсон тасдиқ шудааст; оид ба шахсоне, ки амали тафтиширо роҳбарӣ намудаанд (мансаб, насаб, ном, номи падар).

Қисми муқаддимавии протоколи санҷиши нишондод ба ғайр аз маълумотҳои болозикр инчунин маълумоти зеринро фаро мегирад:

–номгӯйи ашёҳое, ки дар рафти санҷиши нишондод гирифта шудаанд;

–тасвири тарзи бандубасти ашёҳои гирифташуда;

–имзо гузоштани санҷишшаванда дар ҳар як саҳифаи протокол.

Ҷиҳатҳои дигари бақайдгирии натиҷаҳои санҷиши нишондод дар ҷой ва тарзҳои бақайдгирии натиҷаҳои амалҳои тафтишӣ шабеҳ мебошанд.

Тарзи визуалӣ-тасвирии инъикоси бақайдгирии натиҷаҳои санҷиши нишондод дар ҷой.

Сабти видеоӣ ҳамчун воситаи аз ҳама самарабахши тарзи визуалӣ-тасвирии бақайдгирии натиҷаҳои санҷиши нишондод дар ҷой баромад мекунад.

Ҳангоми баамалбарории сабти видеоӣ масъалаи мубрам проблемаи фосилаҳои техникӣ мебошад, агар дар ҷараёни додани нишондод зарурати онҳо ба миён ояд. Мутобиқи қ. 3 м. 207 КМҶ ҶТ муфаттиш рафти амали тафтиширо боз дошта наметавонад. Дар сурати боздоштан бошад, ё ҷараёни сабт бо далели минбаъд идома додани он муваққатан қатъ мегардад, ки ин албатта, то андозае амалҳои анҷомдиҳандаи санҷишро зери шубҳа қарор медиҳад ё аз анҷом додани сабти видеоӣ тамоман даст кашида мешавад.

Оғози ҷараёни сабти видеоӣ бояд ба лаҳзаи оғози амали тафтишӣ мувофиқ ояд. «Нақшаи сенарияи» сабти видео дар худ муайян кардани намуди мувофиқи наворбардорӣ ва муайян кардани мавқеи муносиби ҷойгиршавии коргардон (оператор)-ро фаро мегирад [5].

Ҳамчун анъана «нақшаи сенария» дар ибтидо навобардории наздики иштирокчиёни амали тафтишӣ ва дар пайи он сабти манзаравии вазъиятро дар бар мегирад. Минбаъд интихоби намуди наворбардорӣ аз объекти сабтшаванда вобастагӣ дорад. Чунончи, агар яке аз мақсадҳои тафтиш:

–муқаррар намудани масири ҷойивазнамоӣ ё дақиқ кардани унсурҳои вазъияти ҳодисаи ҷиноят бошад, пас мувофиқи мақсад мебошад, ки сабти видеоӣ ба таври тағйирёбанда бо роҳи наворбардории роҳнамоикунанда (ҷойи баамалбарории амали тафтишӣ дар ҳамбастагӣ бо муҳити атрофи он) ва мушоҳидавӣ (бевосита ҷойи баамалбарории амали тафтишӣ) анҷом дода шавад;

–ошкор намудани ашёҳои алоҳида бошад, пас мувофиқи мақсад мебошад, ки сабти видеоӣ ба таври тағйирёбанда бо ёрии наворбардории ҷузъӣ (қисмҳои алоҳидаи ҷойи баамалбарории амали тафтишӣ) ва муфассал гузаронида шавад;

–амали санҷишшаванда бошад, пас мувофиқи мақсад аст, ки сабти видеоӣ бо ёрии наворбардории мушоҳидавӣ ва ҷузъӣ анҷом дода шавад.

Аксбардорӣ ҳамчун тарзи қайду сабт ба андозаи наворбардорӣ бартарӣ надорад, чунки табиатан порча-порча ва бесилсила буда, имконияти фикр кардан ва тахминан муайян намудани чизҳои берун аз акс қарордоштаро талаб мекунад. Ба сифати объектҳои аксбардорӣ дар ҷараёни санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса инҳо баромад мекунанд:

–мавқеи ҷойгиршавии ҳамдигарии иштирокчиёни санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса дар муносибат ба санҷишшаванда дар лаҳзаҳои мухталифи гузаронидани санҷиш;

–ҷойи санҷиш ва нуқтаҳои асосие, ки дар он мавҷуданд;

–нуқтаҳои оғоз ва анҷоми ҳаракат;

–объектҳои дар рафти санҷиши нишондод ошкоршуда, ки барои тафтишот аҳамият доранд;

–амалҳое, ки аз ҷониби санҷишшаванда содир карда мешаванд (гарчанде, ки мо дар хусуси шубҳанок будани дурустии ба мазмуни санҷиши нишондод ворид намудани ин банд гуфта будем).

Дар ҷараёни санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса ҳамчун хусусиятҳои хоси аксбардорӣ тавсияҳои зерин баромад мекунанд:

–худдорӣ намудан аз аксбардории шахси санҷишшаванда якҷоя бо шахсоне, ки вазифаи посбониро анҷом медиҳанд, шахсони холис ва муфаттиш;

–дар сурати ба объекти мушаххас ишора намудани шахс, мувофиқи мақсад мебошад, ки дар акс ҳам ишоракунанда ва ҳам худи объект инъикос ёбанд.

Айни замон тавсияи дар акс роҳ надодан ба инъикосёбии санҷишшаванда, ки ба ягон чиз ишора мекунад, ҳамчун шаҳодати сохта будани саҳна, баҳснок ҳисобида намешавад [6, с. 76-77]. Чунин аксҳо таҷассумгари ноилшавӣ ба мақсадҳои санҷиш буда, ба маълумоти дар протокол инъикосёбанда мутобиқат мекунанд.

Интихоби намуди аксбардорӣ аз объекти аксбардорӣ вобастагӣ дорад. Чунончи, агар яке аз мақсадҳои санҷиш:

–муқаррар намудани масири ҷойивазкунӣ бошад, пас мувофиқи мақсад мебошад, ки аксбардорӣ тибқи қоидаҳои наворбардории роҳнамоикунанда (ҷойи баамалбарории амали

тафтишӣ дар ҳамбастагӣ бо муҳити атрофи он) ва мушоҳидавӣ (бевосита ҷойи баамалбарории амали тафтишӣ) гузаронида шавад;

–муайян намудани унсурҳои вазъияти ҳодисаи ҷиноят бошад, пас мувофиқи мақсад мебошад, ки аксбардорӣ тибқи қоидаҳои наворбардории мушоҳидавӣ анҷом дода шавад;

–ошкор намудани ашёҳои алоҳида бошад, пас мувофиқи мақсад мебошад, ки аксбардорӣ тибқи қоидаҳои наворбардории ҷузъӣ ва муфассал гузаронида шавад.

Мутахассисе, ки наворбардории аксӣ ва видеоиро анҷом медиҳад, дар ҷараёни ҷойивазкунии санҷишшаванда ҳангоми ҳаракат дар қафо аз тарафи рости ӯ ва дар лаҳзаи истодан наздик ба нуқтаи асосӣ (такягоҳ) қарор дорад.

Тарзҳои дигари аксбардорӣ, ки барои тамоми амалҳои тафтишӣ умумӣ мебошанд, дар ҷараёни санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса истифода шуда метавонанд.

Тарзи графикии бақайдгирии натиҷаҳои санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса. Тарзҳои тактикии тартиб додани нақшаҳо, тарҳҳо ва расмҳо то андозае барои ҳамаи амалҳои тафтишӣ умумӣ мебошанд. Хусусиятҳои хоси тарзи графикии бақайдгирии натиҷаҳои санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса инҳо мебошанд:

–таҷрибаи хеле кам истифода бурдани расмҳо бинобар сабаби зоҳир гардидани таваҷҷуҳ ба тартибдиҳии нақшаҳо дар майдони кушод ва тарҳҳо ҳангоми гузаронидани амали тафтишӣ дар дохили бино;

–ишора кардан ба нақшаҳо ва тарҳҳои аломатии нуқтаҳои асосӣ бо тасвири онҳо дар шарҳи нақшаҳо ва тарҳҳо;

–ишора кардан ба самти ҳаракат (мувофиқан ҳам ба тарафи рӯшноӣ ва ҳам ба ҷониби объектҳои ҳамчун аломати муайянкунандаи мавқеъ ифодаёфта);

–ишора намудани масири ҳаракат, ки аломати нуқтаи оғозёбӣ ва хотимаёбии ҳаракат, инчунин худи масир, ки бо қаторнуқта ифода ёфтааст, дар бар мегирад;

–тафсилоти ҷойҳо дар нақшаҳо ва харитаҳо, ки бо санҷиши нисбатан муфассал, дақиқ кардани нишондод ва ошкор намудани изҳо ва ашёҳои ҷиноят алоқаманд мебошад;

–ишора намудани нуқтаҳо, ки аз онҳо аксбардорӣ амалӣ шудааст ё наворбардорӣ анҷом ёфтааст ва аз рӯйи имконият инчунин бахшҳое, ки дар доираи онҳо наворбардорӣ ва аксгирӣ гузаронида шудааст.

Дар нақша ё тарҳ ҷойгир намудани ду шарҳ (тавзеҳи аломатҳои шартӣ) ба мақсад мувофиқ мебошад. Дар шарҳи якум бояд ҳамчун анъана тасвири (пиктограммаи) аломатҳои шартӣ бо тавзеҳоти онҳо пешбинӣ карда шавад. Дар шарҳи дуюм бояд нишондоди аз ҳама муҳим, ки аз тарафи шахс дар ин ё он нуқтаи масири ҳаракат дода шудаанд, инъикос карда шавад. Бешубҳа, ин кори заҳматталаб мебошад, вале ҳангоми шиносоӣ имконият медиҳад, ки манзараи воқеъшавии амали тафтишӣ ба таври дақиқ пеши назар оварда шавад.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. Драпкин Л.Я., Андреев А.А. Теория и практика проверки и уточнения показаний на месте: науч.-методич. пособие. Екатеринбург: Изд-во Уральского юридического института МВД России, 2003. 76 с.

2. Маевский С.С. Тактические рекомендации при проведении отдельных следственных действий, проводимых с участием адвоката // Вестник Брянского государственного университета. 2012. № 2. С. 23-25.

3. Шеховцова Л.С. Проверка показаний в ходе предварительного расследования грабежей и разбоев, совершенных в сельской местности // Психопедагогика в правоохранительных органах. 2013. № 2 (53). С. 32-34.

4. Гвилия Д.М. Криминалистическая тактика проверки показаний на месте при расследовании преступлений в сфере экономики: дис. ... канд. юрид. наук. Н.Новгород, 2007. 190с.

5. Пилявец С.В. Современные проблемы проведения проверки показаний на месте: уголовно-процессуальные и криминалистические аспекты: дис. ... канд. юрид. наук. Калининград, 2004. 183 с.

6. Соя-Серко Л.А. Проверка показаний на месте. М.: Наука, 1966. 94 с.

7. Степичев С.С. Еще раз о «выходе на место» / С. С. Степичев // Вопросы криминалистики. – № 12 (27). – С. 32–38.

8. Тактика проверки показаний на месте // Руководство для следователей / под ред. Н.А. Селиванова, В.А. Снеткова. – М., 1998.

9. Фирсов Е.П. Алгоритм взаимодействия следователя со специалистом-криминалистом в процессе подготовки и проведения проверки показаний / Е. П. Фирсов // Использование достижений науки и техники в предупреждении, раскрытии и расследовании преступлений / Саратов. ВШ МВД РФ. – Саратов, 1994. – С. 22–26.

10. Хамзин Р.Р. Проверка показаний на месте и ее отличие от следственных действий / Р. Р. Хамзин, О. Ю. Михайлов // Следователь. – 1998. – № 5. – С. 29.

11. Хоменко В.Ф. Вопросы проверки показаний на месте / В. Ф. Хоменко // Внедрение научных методов и криминалистической техники в практику расследования (по материалам Всесоюзного семинара прокуроров-криминалистов в Ленинграде). – М., 1973. – С. 164–167.

12. Хомепко Ф.В. Применение научно-технических средств при проверке показаний на месте / Ф.В. Хоменко // Криминалистика и судебная экспертиза: сб. науч. работ. – Киев, 1969. – № 6. – С. 112–115.

13. Центров Е.Е. Проверка показаний на месте как самостоятельное следственное действие / Е.Е. Центров // Российский следователь. – 1999. – № 1. – С. 36–40.

14. Цыпленкова Е.В. Некоторые проблемы проверки показаний обвиняемых на предварительном следствии / Е.В. Цыпленкова // Проблемы оптимизации первоначального этапа расследования преступлений: межвуз. сб. науч. трудов. – Свердловск, 1988. – С. 66–74.

15. Чаднова И.В. Тактический план производства проверки показаний на месте / И.В. Чаднова // Уголовная Юстиция. – 2013. – № 1. – С. 87–90.

16. Чебуренков А.А. Нестандартные ситуации предъявления для опознания / А.А. Чебуренков // Следователь. – 2002. – № 12 (56). – С. 34–36.



**Аннотатсия**

**Бақайдгирии натиҷаҳои санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса: ҷанбаҳои мурофиавӣ-ҷиноятӣ ва криминалистӣ**

Дар мақола маҷмӯи қоидаҳо ва тарзҳои тактикии мурофиавӣ-ҷиноятии бақайдгирии натиҷаҳои санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса баррасӣ карда мешаванд. Таваҷҷуҳи асосӣ ба тарзҳои бақайдгирии хаттӣ, визуалӣ-тасвирӣ ва графикии натиҷаҳои амали тафтишии баррасишаванда зоҳир карда мешавад. Таҳлили қоидаҳо ва тарзҳое, ки барои санҷиши нишондод дар ҷойи ҳодиса хос мебошанд, ҳамчунин кӯшишу талоши ворид намудани баъзе навгониҳоро ба қоидаҳо ва тавсияҳои анъанавӣ дар бар мегирад.



**Аннотация**

**Фиксация результатов проверки показаний на место происшествия: уголовно процессуальный и криминалистический аспект**

В статье рассматривается совокупность уголовно-процессуальных правил и тактических приемов фиксации результатов проверки показаний на месте. Акцент сделан на письменном, наглядно-образном и на графическом способах фиксации результатов рассматриваемого следственного действия. Анализ частных правил и приемов, характерных для проверки показаний на месте, включает попытку внести некоторые новации в ставшие традиционными правила и рекомендации.



**Annotation**

**Recording the results of checking indications at the incident scene: criminal procedural and criminalistic aspect**

The article deals with the totality of criminal procedure rules and tactics of fixing the results of verification of testimony on the spot. The emphasis is on written, visual-figurative and graphic ways of fixing the results of the considered investigative action. An analysis of the particular rules and techniques that are characteristic of verifying testimony on the spot includes an attempt to introduce some innovations into the rules and recommendations that have become traditional.

## 12.00.13 – ҲУҚУҚИ ИТТИЛООТ
## 12.00.13 – ИНФОРМАЦИОННОЕ ПРАВО



**УДК: 340.1**

**Шокиров Гайбулло Абдуллоевич,**
*кандидат юридических наук, доцент кафедры теории и истории государства и права юридического факультета Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики.*
*E-mail: shga1959@mail.ru*
*Тел.:(+992) 927-70-97-91.*

# ПУБЛИЧНЫЕ ЦЕНТРЫ ПРАВОВОЙ ИНФОРМАЦИИ: ПОНЯТИЕ И СУЩНОСТЬ

***Калидвожаҳо:*** *иттилоот; иттилоотонӣ; технологияҳои рақамӣ; технологияҳои иттилоотӣ-телекоммуникатсионӣ; ҷомеаи иттилоотӣ; марказҳои оммавии иттилооти ҳуқуқӣ; фаъолияти ҳуқуқӣ; фаъолияти иттилоотӣ.*

***Ключевые слова:*** *информация; информатизация; цифровые технологии; информационно-телекоммуникационные технологии; информационное общество; публичные центры правовой информации; правовая деятельность; информационная деятельность.*

***Keywords:*** *information; informing; digital technologies; information and telecommunication technologies; information society; public centers of legal information; legal activity; information activity.*

Если основной целью информационного процесса и создания информационного общества, с одной стороны, является формирование в нашей республике единого информационно-правового пространства, то, с другой стороны, с созданием такого общества все граждане общества должны быть обеспечены необходимой информацией. Реализация этих целей считается неотъемлемой частью информационной политики государства.

Следовательно, для реализации таких составных элементов информационной политики государства, то есть обеспечения граждан страны необходимой информацией, Публичные центры правовой информации играют значительную роль. Как мы подчеркивали, создание Публичных центров правовой информации в Республике Таджикистан также считается неотъемлемой частью процесса информатизации и создания информационного общества. Основной целью создания таких Центров является дальнейшее обеспечение правовой информацией субъектов информационно-правовых отношений. Следует отметить, что, в целом, в распространении правовой информации и внедрении государственной политики в сфере правовой информатизации значительна роль публичных Центров правовой информации.

Публичные центры правовой информации в Республике Таджикистан – это пункты свободного бесплатного доступа граждан к правовой информации в электронном виде.

Таким образом, в настоящее время в связи с развитием и внедрением цифровых технологий, то есть, информационно-телекоммуникационных технологий или компьютерных технологий, в библиотеках созданы архивы электронных документов, в том числе правовой информации, автоматизированы каталоги этих источников и подключены к глобальной сети Интернет.

Тем самым, создание таких Публичных центров имеют особое значение, и здесь речь идет о деятельности базы данных Интернет сайтов библиотек. Такие Интернет-сайты созданы в центральных и местных (областных, городских и районных) библиотеках, которыми могут воспользоваться граждане.

Кроме того, создание таких Публичных центров правовой информации представляет возможность доступа государственным органам, всем физическим и юридическим лицам к правовой информации, нормативным правовым актам и иным документам. Прежде всего, в этом процессе значительна роль Информационного правового интернет-портал Республики Таджикистан, который можно получить доступ на безвозмездной основе с режимом доступа: http://www.portali-huquqi.tj. Можно также найти правовую информацию в Интернет-сайте Парламента Республики Таджикистан, то есть его верхней палаты – Маджлиси милли Маджлиси Оли Республики Таджикистан с режимом доступа: http:www.tajmilli.tj и его нижней палаты – Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан с режимом доступа: http:www.parlament.tj, Интернет-сайте Президента Республики Таджикистан с режимом доступа: http: www.president.tj; Интернет-сайте Конституционного суда Республики Таджикистан с режимом доступа: http:www.constcourt.tj-ru/o-ks-rt/; Интернет-сайте Верховного Суда Республики Таджикистан с режимом доступа: http:www.sud.tj-ru; Интернет-сайте Высшего экономического суда Республики Таджикистан с режимом доступа: http: www.soi.tj/?page_id; Интернет-сайте Генеральной прокуратуры Республики Таджикистан е с режимом доступа: http:www.prokuratura.tj/ru/ и в сайтах некоторых министерств и государственных комитетов Республики Таджикистан.

Кроме того, для получения правовой информации, нормативных правовых актов и иных документов, можно войти и в другие Интернет-сайты, которые считаются средствами массовой информации, такие как: газета «Джумхурият» с режимом доступа: http:www.jumhuriyat.tj/ru/; газета «Голос народа» с режимом доступа: http:www.sadoimardum.tj/ru/; Национальное информационное агентство «Ховар» с режимом доступа: http:www.khovar.tj/ru/; Ассоциация национальных информационных агентств государств-участников Содружества Независимых Государств с режимом доступа: http: www.ania-news.info.tj/ru/ и ряд других.

Следует отметить, что Государственное учреждение «Национальная библиотека Таджикистана» с режимом доступа: http: www.kmt.tj/ru/ также подключено к глобальной сети Интернет, пользователи (субъекты) могут бесплатно использовать ее базу данных справочно-правовой системы.

Аналогичная система публичных Центров правовой информации также внедрена в областных региональных библиотеках. Например, в Согдийской области на базе областной библиотеки имени Тошходжа Асири действует база данных справочно-правовой системы Интернет-портала, целью которой является обеспечение граждан правовой информацией и повышение правовой грамотности граждан.

Кроме того, такие публичные Центры правовой информации могут быть созданы в библиотеках высших, средних специальных учебных заведениях, предприятий, учреждений и организаций. Например, в центральной научной библиотеке Таджикского национального университета в городе Душанбе на внутриуниверситетском сайте создан локальный Интернет-сайт электронной библиотеки с режимом доступа: www.tgu.tj/ и в библиотеке Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики в Согдийской области на внутриуниверситетском сайте создан такой же локальный интернет-сайт электронной библиотеки с режимом доступа: http://lib.tgu.tj/.

Сейчас хотелось бы проанализировать наличие и деятельность таких Публичных центров правовой информации в Российской Федерации и Республике Беларусь по сравнению с Республикой Таджикистан.

Публичные центры правовой информации организованы в Российской Федерации по определенному группированию.

В самой Российской Федерации такие Центры организованы в Южном, Центральном, Уральском, Сибирском, Северо-Кавказском, Северо-Западном, Приволжском и Дальневосточном федеральных округах.

В Российской Федерации Публичные центры правовой информации созданы на базе общедоступных сетей библиотек федерального, регионального (республиканского, областного, краевого и др.)

и муниципального (городского, районного, сельского) уровней. Речь здесь идет о деятельности базы данных Интернет-сайтов библиотек.

В Республике Беларусь данный процесс осуществляется на основании положений Указа Президента Республики Беларусь «О совершенствовании государственной системы правовой информации Республики Беларусь» и также согласно «Положению о публичном центре правовой информации» от 10 февраля 2011 г., №4 [1], утвержденной Министерством культуры Республики Беларусь.

В целом в Республике Беларусь координацию и методическое обеспечение функционирования Публичных центров правовой информации осуществляют Министерство культуры Республики Беларусь, государственное учреждение «Национальная библиотека Беларуси» и Национальный центр правовой информации Республики Беларусь.

Таким образом, в Республике Беларусь развитие системы Публичных центров правовой информации свидетельствует о том, что обеспечен доступ субъектов информационно-правовых отношений к достоверной и контролируемой правовой информации. Кроме того, данное обстоятельство свидетельствует также о развитии государственной системы правовой информации.

В целом, как и в Республике Таджикистан в других странах, сети электронных библиотек всех уровней организованы с единой целью, то есть данная система обеспечивает бесплатное распространение правовой информации всем субъектам информационных отношений, в том числе в Российской Федерации и Республике Беларусь.

Относительно данной проблемы в правовой научной литературе существует мнение специалистов отрасли, некоторые из которых следует рассмотреть.

Исследуя развитие Публичного центра правовой информации в Российской национальной библиотеке, авторы подчеркивают, что, Публичные центры правовой информации в российских библиотеках созданы начиная с 90-х годов XX века. Они также подчеркивают, что основной целью создания таких Публичных центров правовой информации является организация свободного бесплатного доступа граждан к правовой информации в электронном виде [2].

А в другом исследовании, авторы, поддерживая данную точку зрения, на примере Ханты-Мансийского автономного округа-Югра проанализировали создание «сети Центров общественного доступа». По их мнению, такие Общественные центры должны быть созданы при публичных библиотеках, культурно-развлекательных центрах и других учреждениях, которые регулярно посещают горожане. Они подчеркивают, чтобы эти общественные центры обеспечены компьютерной техникой, объединенной в локальные вычислительные сети с подключением к сети Интернет [3].

Относительно данной научной проблемы, такие точки зрения, также высказали И.Л. Бачило [4], М.А. Варенцев и И.А. Екимов [5], А.А. Волков, и И.Д. Хомяков [6], Э.А. Восканян [7], Е.П. Воронюк [8], Э.А. Гуринович, Л.В Дударь и В.Н. Герасимов [9], Т.Н. Диас [10], Ю.И. Кашинский и М.Н. Сатолина [11] и др.

**Список литературы**

1. Национальный правовой Интернет-портал Республики Беларусь [Электронный ресурс] ЭТАЛОН-ONLINE. Режим доступа: http://etalonline.by/?type=text®num=Pd0500012#load¬_text_none_2_3 (Дата обращения 09.08.2021 г.).

2. Диас Т.Н., Шишмолина Е.Н. Развитие Центра правовой информации российской национальной библиотеки в контексте правовой информатизации России // Информационные технологии и право (Правовая информатизация). Материалы V Международной научно-практической конференции (Минск, 28 мая 2015 г.). – Минск, 2015. – С. 109.

3. Кривошеева О.А., Бережная Е.А. Роль центров общественного доступа в предоставлении социально значимой информации в библиотеках Югры // Сборники Президентской библиотеки / Президент. б-ка им. Б.Н. Ельцина. – СПб.: президентская библиотека / Вып. 4: Право и

информация: вопросы теории и практики: сб. ст. междунар. науч.-практ. конф. / науч. ред. Н.А. Шевелева, д-р юрид. наук, проф. – 2014. – С. 132-133.

4. Бачило И.Л. Публичные библиотеки как центры общественного достояния правовой информации // Сборники Президентской библиотеки / Президент. б-ка им. Б.Н. Ельцина. – СПб.: Президентская библиотека / Вып. 1: Электронное законодательство: доступ к нормативно-правовой информации в электронной среде: сб. ст. междунар. науч.-практ. конф. / науч. ред. Н.А. Шевелева, д-р юрид. наук, проф. – 2011. – С. 24-36.

5. Варенцов М.А., Екимов И.А. Возможности образовательных порталов в сети Интернет и электронных библиотек в правовом информировании населения // Сборники Президентской библиотеки / Президент. б-ка им. Б.Н. Ельцина. – СПб.: Президентская библиотека / Вып. 1: Электронное законодательство: доступ к нормативно-правовой информации в электронной среде: сб. ст. междунар. науч.-практ. конф. / науч. ред. Н.А. Шевелева, д-р юрид. наук, проф. – 2011. – С. 162-166.

6. Волков Д.В., Хомяков И.Д. Роль электронных библиотек в правовом информированности граждан // Сборники Президентской библиотеки / Президент. б-ка им. Б.Н. Ельцина. – СПб.: Президентская библиотека / Вып. 1: Электронное законодательство: доступ к нормативно-правовой информации в электронной среде: сб. ст. междунар. науч.-практ. конф. / науч. ред. Н.А. Шевелева, д-р юрид. наук, проф. – 2011. – С. 167-170.

7. Восканян Э.А. Создание национального электронного архива правовой памяти: задача библиотек или государства // Сборники Президентской библиотеки / Президент. б-ка им. Б.Н. Ельцина. – СПб.: Президентская библиотека / Вып. 1: Электронное законодательство: доступ к нормативно-правовой информации в электронной среде: сб. ст. междунар. науч.-практ. конф. / науч. ред. Н.А. Шевелева, д-р юрид. наук, проф. – 2011. – С. 93-99.

8. Воронюк Е.П. Публичные услуги и цифровые технологии: правовое оформление в конституционном праве // Актуальные проблемы российского права. – 2019. – № 4 (101) апрель. – С. 27-33.

9. Гуринович Э.А., Дударь Л.В., Герасимов В.Н. Проекты по информационному обеспечению сферы государства и права в рамках формирования электронной библиотеки Президентской библиотеки Республики Беларусь // Информационные технологии и право (Правовая информатизация). Материалы V Международной научно-практической конференции (Минск, 28 мая 2015 г.). – Минск, 2015. – С. 106-108.

10. Диас Т.Н. Формирование Центра правовой информации Российской национальной библиотеки как многофункциональной площадки по распространению правовых знаний: проблемы и перспективы // Сборники Президентской библиотеки / Президент. б-ка им. Б.Н. Ельцина. – СПб.: Президентская библиотека / Вып. 3: Получение, хранение и использование информации в электронной среде: публично-правовое и частно-правовое регулирование: сб. ст. междунар. науч.-практ. конф. / науч. ред. Н.А. Шевелева, д-р юрид. наук, проф. – 2013. – С. 58-68.

11. Диас Т.Н., Шишмолина Е.Н. Развитие Центра правовой информации российской национальной библиотеки в контексте правовой информатизации России // Информационные технологии и право (Правовая информатизация). Материалы V Международной научно-практической конференции (Минск, 28 мая 2015 г.). – Минск, 2015. – С. 109-113.

12. Кашинский Ю.И., Сатолина М.Н. и др. Организация и деятельность в Республике Беларусь публичных центров правовой информации // Информационные технологии и право (Правовая информатизация - 2004). Минск, 28-29 октября 2004 г. Материалы II Международной научно-практической конференции. – Минск, 2004. – С. 177-184.

**Аннотатсия**

**Марказҳои оммавии иттилооти ҳуқуқӣ: мафҳум ва моҳият**

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои раванди иттилоотӣ дар ташкили ҷомеаи иттилоотӣ ва робитаи он бо таъсиси Марказҳои оммавии иттилооти ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд. Маълум аст, ки Марказҳои оммавии иттилооти ҳуқуқӣ қисми ҷудонашавандаи сиёсати давлатӣ дар самти иттилоот ба ҳисоб рафта, барои шаҳрвандон нуқтаи дастрасии озод ва бемузд ба шакли электронии иттилооти ҳуқуқӣ буда, инчунин дар паҳн намудани иттилооти ҳуқуқӣ, тарбияи ҳуқуқӣ ва баланд бардоштани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон мавқеи махсусро ишғол менамоянд. Дар мақола ин раванд мутаносибан дар Федератсияи Русия ва Ҷумҳурии Беларус низ мавриди муқоиса қарор дода шудааст. Моҳияти таъсиси Марказҳои оммавии иттилооти ҳуқуқӣ дар раванди иттилоотонӣ ва ташкили ҷомеаи иттилоотӣ аз нуқтаи назари андешаҳои коршиносони ин соҳа шарҳ дода шудааст. Мавқеи муаллиф дар робита ба ин фаъолияти ҳуқуқӣ асоснок аст.


**Аннотация**

**Публичные центры правовой информации: понятие и сущность**

В данной статье исследуются вопросы касаемо проблемы информационного процесса создания информационного общества и его взаимосвязи с созданием Публичных центров правовой информации в Республике Таджикистан. Известно, что Публичные центры правовой информации считаются неотъемлемой частью государственной информационной политики и являются точками свободного и бесплатного доступа граждан к электронной форме правовой информации, а также занимает особое место при распространении правовой информации, правовом просвещении и повышении правовой грамотности граждан. В статье, также, проведено сравнение данного процесса в Российской Федерации и Республике Беларусь соответственно. Разъяснен суть создания Публичных центров правовой информации в процессе информатизации и создания информационного общества с точки зрения идей, изложенных специалистами данной области. Позиция автора касаемо данной правовой деятельности обоснована.



**Annotation**

**Public centers of legal information: concept and essence**

This article explores questions regarding the problem of the information process of creating an information society and its relationship with the creation of Public Legal Information Centers in the Republic of Tajikistan. It is known that Public centers of legal information are considered an integral part of the state information policy and are points of free and free access of citizens to the electronic form of legal information, and also occupies a special place in the dissemination of legal information, legal education and raising the legal literacy of citizens. The article also compares this process in the Russian Federation and the Republic of Belarus, respectively. The essence of the creation of Public centers of legal information in the process of informatization and the creation of an information society is explained from the point of view of the ideas set forth by experts in this field. The position of the author regarding this legal activity is justified.

МИНБАРИ ОЛИМОНИ ҶАВОН ТРИБУНА МОЛОДЫХ УЧЁНЫХ



**УДК: 343.2/.7**
**Шерализода Самиаллоҳ,**
*унвонҷӯи кафедраи ҳуқуқи ҷиноятӣ ва муқовимат бо коррупсияи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон.*
*E-mail: sheralizod@bk.ru*
*Тел.: (+992) 901-04-19-04.*

# БАЪЗЕ МАСЪАЛАҲО ОИД БА ТАТБИҚИ ПРИНСИПИ ҚОНУНИЯТ ДАР МАТНИ ҚОНУНИ ҶИНОЯТИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

***Калидвожаҳо:*** *қонуни ҷиноятӣ; муносибатҳои ҷамъиятӣ; принсипҳои умумӣ; принсипҳои махсус; қонуният; мафҳум; хусусият; тафовут; асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ; адолат; ҷавобгарии ҷиноятӣ; ҷазо.*

***Ключевые слова:*** *уголовный закон; общественные отношения; общие принципы; специальные принципы; законность; понятие; особенность; разница; основание уголовной ответственности; справедливость; уголовная ответственность; наказание.*

***Keywords****: criminal law; public relations; general principles; special principles; legality; concept; peculiarity; difference; grounds for criminal liability; justice; criminal liability; punishment.*

Танзими ҳуқуқӣ-ҷиноятии принсипи қонуният, пеш аз ҳама, мазмуни муқарраротҳои дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон [1] мустаҳкамшударо инъикос менамояд. (м.м. 5, 10, 17, 19-21, 27).

Дар баробари мустаҳкам намудани он ба таври конститутсионӣ, ин принсип бо меъёрҳои дахлдори санадҳои ҳуқуқии байналмиллалӣ асос ёфтааст. Аз ҷумла, дар б. 1 м. 14 Паймони байналмиллалӣ оид ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ аз 26 декабри соли 1966 [2] ва б. 1 м. 7 Конвенсияи Шӯрои Аврупо «Дар бораи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои асосии инсон» аз 4 ноябри соли 1950 [3] таҷассум ёфтааст.

Вобаста ба ин, метавон иброз намуд, ки муқаррароти дар қ. 2 м. 1-и Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – КҶ ҶТ) ифода гардида, ки тибқи он “Кодекси мазкур ба Конститутсияи ҶТ ва принсипу меъёрҳои умуми эътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ асос ёфтааст” чунин ҳолатро пешбинӣ менамояд, ки тамоми муқаррарот ва меъёрҳои мустаҳкамнамудаи қонуни ҷиноятӣ ба Конститутсия ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ асос ёфтаанд.

Бояд қайд намуд, ки принсипи қонуният ҳамчун асос барои таҳияи КҶ ҶТ ва татбиқи он дар амал метавонад нақши созгор дошта бошад, инчунин дар ҳама ҳолат, аз ҷумла дар амалияи тафтишотӣ аз ҷониби командони босалоҳияти дахлдор ба сифати ухдадории асосӣ ба роҳбарӣ гирифта мешавад.

Н.А. Нирков қайд менамояд, ки “дар баробари принсипи адолат, ҳамчунин принсипи қонуният хусусияти муайяне дорад, ки аз қобилияти иқтидории на танҳо таъсир расонидан ба иҷрои вазифаҳои дар назди соҳа истода ва барои пешакӣ муайян кардани мазмуни ниҳодҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, балки ҳамчун пояи устувор, аз ҷумла, барои принсипҳои ибтидоии ҳуқуқи ҷиноятӣ хизмат менамояд. Яъне ин принсип барои амалӣ гардидани дигар принсипҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ, ба монандӣ принсипҳои баробарӣ дар назди қонун, ҷавобгарии фардӣ ва гунаҳгорӣ, ногузир будани ҷавобгарӣ, инсондӯстӣ ва демократизм ва дигар зуҳуротҳо заминаи асосӣ маҳсуб мегардад [4, с. 124].

Мазмуну моҳият ва механизми амалисозии принсипи қонуният дар м. 4 КҶ ҶТ пешбинӣ гардидааст, ки низоми ғояҳо ва асосҳои роҳбарикунандаи соҳаи ҳуқуқи ҷиноятиро дар доираи ҳадди муайянгардида, таҷассум менамояд. Унсурҳои асосии муайянсозандаи принсипи қонуният дар КҶ ҶТ аз инҳо иборатанд: 1. Ҷиноят будани кирдор, сазовори ҷазо ва оқибатҳои дигари ҳуқуқии ҷиноятӣ будани онро танҳо ҳамин Кодекс

муайян менамояд; 2. Ҳеҷ кас дар содир намудани ҷиноят гунаҳгор дониста намешавад ва ба ҷазои ҷиноятӣ кашида намешавад ба ҷуз бо ҳукми суд ва дар асоси қонун; 3. Татбиқи қонуни ҷиноятӣ аз рӯи қиёс манъ аст; 4. Мазмуни Кодекси ҷиноятӣ бояд дақиқан мутобиқи матни он фаҳмида шавад.

Ҳамин тариқ, принсипи мазкур аз як қатор хусусияҳо ва талаботҳои қонунӣ иборат аст. Талаботи асосӣ аз он иборат аст, ки танҳо ҳамон кирдор ҷиноят эътироф карда мешавад, ки онро қонун пеш аз содир шуданаш ҷазои ҷиноятӣ эълон кардааст. Ин маънои чунин ҳолатро ифода менамояд:

Аввалан, танҳо чунин кирдор ҷиноят эътироф карда мешавад, ки аломатҳои он бо қонуни ҷиноятӣ пешбинӣ шудааст ва дар забони лотинӣ чунин ифода гадидааст: «nullum crimen sine lege» (бе нишон додани қонун ҷиноят нест). Бояд қайд намуд, ки ҳанӯз дар асри XVIII намояндагони равшанфикрони Аврупо ин қоидаро эълон карда буданд. Ин ғоя дар асарҳои онҳо фаъолона истифода ва инкишоф ёфтааст. Ш. Монтеске, Ч. Беккарпя, Д. Дидро ва дигарон дар асарҳои худ таъкид мекарданд, ки доираи ҷиноятҳо бояд бо қонунҳои ба аҳолӣ маълум муайян карда шаванд, на ин ки бо хоҳиши шахсони мансабдор.

Т.Ш. Шарипов қайд менамояд, ки “ҳолатҳои роҳбарикунандаи КҶ аз принсипи қонуният оғоз мегардад. Принсипи қонуният моҳият ва мазмуни умумиҳуқуқӣ ва ҳам ҳуқуқи ҷиноятӣ дорад. Принсипи мазкур аз қ. 2. м. 10 Крнститутсияи ҶТ сарчашма мегирад, ки дар он гуфта мешавад: “давлат ва ҳамами мақомоти он, шахсони мансабдор, шаҳрвандон ва иттиҳодияи онҳо вазифадоранд, ки Конститутсия ва қонунҳои ҷумҳуриро риоя ва иҷро намоянд” [5, с. 28].

Мувофиқан ба мазмун ва моҳияти м. 4-и КҶ ҶТ дар айни замон пайдоиши намудҳои нави кирдорҳои ба ҷамъият хавфнок, барои ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ҳамчун асос шуда наметавонанд, то он вақте ки ин амалҳо тибқи тартиби меъёрҳои мавҷудаи қонуни ҷиноятӣ ҳамчун ҷиноят эътироф карда нашаванд.

Сонияи, танҳо бо қонуни ҷиноятӣ муҷозоти кирдор муайян карда мешавад («nullum poena sine lege» - бидуни зикри қонун ҷазо вуҷуд надорад). Ин муқаррарот ба муқаррароти дар боло зикршуда мувофиқ буда, аз ҷониби муҳақиқон низ эълон ва ҳифз гардида, аҳамияти муҳими сиёсию ҳуқуқӣ дорад. Эътирофнамоии ҷазо ба кирдори хавфноки содиршуда ин маънои таҳдиди воқеии истифодаи маҷбурӣ барои ҷинояти содиршударо дорад.

Қонунгузории ҷиноятии амалкунанда асос медиҳад, ки дар бораи ҷазо додани кирдор ҳамчун таҳдид, бо сабаби мавҷудияти институтҳои озод кардан аз ҷазои воқеӣ ва ҷавобгарӣ таваҷҷуҳ намуд (мавқуф гузоштани адои ҷазо нисбати занони ҳомила ва заноне, ки кӯдакони то синни ҳаштсола доранд - 78 КҶ ҶТ, вобаста ба бемори – м. 79-и КҶ ҶТ, дар натиҷаи ҳолатҳои фавқулода - м. 80 КҶ ҶТ, бо сабаби гузаштани мӯҳлати иҷрои ҳукми айбдоркунӣ – м. 81-и КҶ ҶТ, тибқи санадҳои авф – м. 82-и КҶ ҶТ ва бахшиши ҷазо – м. 83-и КҶ ҶТ) ва монанди инҳо.

Сеюмин, дигар чораҳои дорои хусусияти ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, инчунин асосҳо, шароит ва оқибатҳои татбиқи онҳо бояд танҳо дар қонуни ҷиноятӣ танзим карда шаванд. Бояд гуфт, ки дар қонунгузории ҷиноятии ватанӣ бори аввал дар бораи «дигар оқибатҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ»-и содир намудани ҷиноят, гуфта шудааст. Ба онҳо чораҳои маҷбурии таъсири тарбиявидошта (м. 86-и КҶ ҶТ), чораҳои маҷбурии дорои хусусияти тиббӣ (м. 96-и КҶ ҶТ) ва ғайра, ки ҷазо нестанд, дохил мешаванд.

Чорум, танҳо дар КҶ ҶТ бояд асосҳои татбиқи ҳам ҷазо ва ҳам дигар чораҳои дорои хусусияти ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ муқаррар карда шаванд [6, с.12-18; 7, с. 18].

Ба андешаи баъзе муаллифон “ҳатто дар давраи шӯравии рушди илм, олимон асоси ҷавобгарии ҷиноятиро ҳамчун зуҳуроти принсипи қонуният маънидод менамуданд, ки айни замон низ ин андеша аз ҷониби як қатор олимон ҷонибдорӣ мегардад” [8, с.224; 9, с. 172].

Бояд қайд намуд, ки мантиқан идомаи талаботи қ. 1 м. 4-и КҶ ҶТ, дар бораи он ки ҷинояткорӣ ва ҷазоэътирофнамои кирдор танҳо бо КҶ ҶТ муайян карда мешавад асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ тибқи муқаррароти моддаи 11 КҶ ҶТ маҳсуб мегардад.

Панҷум, қонуни ҷиноятӣ сарчашмаи ягонаи қонунгузории соҳаи мазкур ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, кирдор ҳамчун ҷиноят танҳо аз ҷониби мақомоти олии ҳокимияти давлатӣ ва дар асоси қонун ҷиноят эътироф шуда метавонад. Талаботи «ҷиноят ва ҷазо бе нишон додани он дар қонун вуҷуд дошта наметавонанд» (nullum crimen, nulla poena sine lege) дар КҶ ҶТ эътибори олии ҳуқуқӣ дорад.

Яке аз унсурҳои принсипи қонуният муқаррароте маҳсуб мегардад, ки бевосита дар қ. 1 м. 1-и КҶ ҶТ инъикос ёфтааст ва мувофиқи он "Қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳамин Кодекс иборат аст. Қонунҳои наве, ки ҷавобгарии ҷиноятиро пешбинӣ менамоянд, ба Кодекси ҷиноятӣ бояд дохил карда шаванд".

Шашум, ҷиноят ва ҷазо будани кирдор бо қонун муайян карда мешавад, ки дар вақти содир кардани ин кирдор амал мекард. Қонуни ҷиноятие, ки ҷиноят будани кирдорро муқаррар мекунад, ҷазоро зиёд мекунад ё вазъияти шахсро ба таври дигар бад мекунад, эътибори бозгашт надорад (қ. 3 м. 13 КҶ ҶТ).

Бояд қайд намуд, ки принсипи қонуният дар ҳуқуқи ҷиноятӣ боз як талаботи муҳим - «асоснокӣ»-и КҶ ҶТ-ро ба Конститутсияи ҶТ, принсипҳо ва меъёрҳои аз ҷониби умум эътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ (қ. 2 м.1 КҶ ҶТ) ба миён мегузорад.

Конститутсия он муқарраротиасосиро дар бар мегирад, ки қонуни ҷиноятӣ бояд ба онҳо қатъиян итоат кунад. Дар қ. 1 м. 10-и Конститутсияи ҶТ муқаррар шудааст, ки «Конститутсияи Тоҷикистон эътибори олии ҳуқуқӣ дорад ва меъёрҳои он мустақиман амал мекунанд. Қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқие, ки хилофи Конститутсияанд, эътибори ҳуқуқӣ надоранд.

Дар КҶ ҶТ боби 19 «Ҷиноятҳо ба муқобили ҳуқуқ ва озодиҳои конститутсионии инсон ва шаҳрванд» пурра ба ҳифзи ҳуқуқҳои дар Конститутсияи ҶТ эълоншуда оид ба дахлнопазирии манзил, махфияти мукотиба, ҳуқуқи овоздиҳӣ ва ҳуқуқ ба озодии виҷдон ва дин, нигаронида шудааст. Ҳуқуқи шаҳрвандон ба ҳимояи судӣ дар боби 32-и КҶ ҶТ оид ба ҷиноятҳо ба муқобили адолати судӣ танзим карда мешавад.

«Асосноки»-и КҶ ҶТ ба Конститутсияи ҶТ маънои тобеияти бечунучаро ва ҳамоҳангшудаи матни КҶ ҶТ ба муқаррароти Қонуни асосии кишвар, зарурати татбиқи соҳавии меъёрҳои конститутсионӣ дар КҶ ҶТ ва тағйироти минбаъдаи онро (чун қоида дар моддаҳои қисми махсус) ифода менамояд ва инчунин такроршавӣ ва ё такрористеҳсолии тахассусии муқарраротиприн сипиалии Конститутсияро (чун қоида, дар моддаҳои Қисми умумӣ), муайян менамояд.

«Тобеияти матни КҶ ба муқаррароти Қонуни асосии кишвар», чунон ки ба назар мерасад, дар навбати худ талаботи субконститутсионӣ будани КҶ ҶТ-ро ба миён мегузорад. Субконститутсионӣ талаб мекунад, ки дар ҳолати ихтилофи байни меъёрҳои Конститутсияи ҶТ ва КҶ ҶТ бояд муқаррароти Конститутсияи ҶТ амал кунад.

Таносуби меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ ва дохилӣ, аз ҷумла ҳуқуқи ҷиноятӣ, дар қ. 3 м. 10 Конститутсияи ҶТ аз соли 1994 ташаккул дода шудааст: принсипҳо ва меъёрҳои аз ҷониби умум эътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва шартномаҳои байналмилалии ҶТ қисми ҷудонашавандаи низоми ҳуқуқии ҶТ ба ҳисоб мераванд. Дар сурати рух додани ихтилофоти эҳтимолӣ ба ҳуқуқи байналмилалӣ афзалият дода мешавад. Дар қ. 2 м. 1 КҶ ҶТ гуфта мешавад: «Кодекси мазкур ба Конститутсияи ҶТ ва принсипҳо ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, ки аз ҷониби умум эътироф шудаанд, асос ёфтааст» [10, с. 28].

Қобили тазаккур аст, ки меъёрҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки кодификатсия нашудаанд, аз ҷиҳати хусусият, усули мустаҳкамшавӣ ва муносибати худ бо меъёрҳои Конститутсия ва КҶ ҶТ наметавонанд бевосита амал кунанд. Таъиноти асосии меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятии байналмилалӣ ин танзими муносибатҳо дар соҳаи ҳамкории давлатҳо дар мубориза бар зидди ҷинояткории байналмилалӣ, таъмини «ногузирии ҷавобгарӣ ва ҷазо барои ҷиноятхои байналмиллалӣ ва ҷиноятҳои хусусияти байналмиллалӣ дошта» мебошад [11, с.20] ва чунин ба назар мерасад, ки «муносибатҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятии дохилӣ танҳо тавассути қонунгузории миллӣ танзим карда мешаванд» [12, с. 8] асос меёбад.

Чӣ тавре ки В.В. Малтсев таъкид мекунад, меъёрҳои сершумор ва паҳншудаи ҳуқуқи байналмилалӣ, ки дар сарчашмаҳои аз

ҷиҳати мазмун ва ҷойгиршавӣ гуногун муқаррар шудаанд, бинобар интишор нагардидан ва дастраси умум нагардидани онҳо, наметавонанд таъсири мустақим дошта бошанд [13, с. 37] (Ин муқаррарот аз моҳияти қ. 3 м.10 Конститутсияи ҶТ бармеояд) .

Ин ҷанбаи масъалаи баррасишаванда ба масъалаҳои татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ дар қонунгузории ҷиноятии миллӣ таалуқ дорад. Ин пеш аз ҳама ба масъалаҳои аз тарафи қонунгузорӣ муайян кардани ҷиноятҳои дахлдори байналмилалӣ (аз ҷумла, ҷиноятҳои дорои хусусияти байналмилалӣ) мансуб мебошад.

Бо дарназардошти он ҳолате, ки қонунгузории ҷиноятӣ бо ҳуқуқи инсон зич алоқаманд аст ва инчунин бо сабаби мавҷуд набудани муҷозот дар меъёрҳои байналмилалӣ (ба истиснои меъёр дар бораи ҷавобгарӣ барои наслкушӣ), барои дохил кардани онҳо ба низоми ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ татбиқи онҳо талаб карда мешавад (яъне дохил кардан бо санади махсуси дохилӣ-давлатии меъёри дахлдори КҶ ҶТ). Маҳз ҳамин тавр фасли XII (боби 34) КҶ ҶТ «Ҷиноятҳо ба муқобили сулҳу амнияти инсоният» пайдо шуд. Баъзе меъёрҳо оид ба ҷиноятҳои дорои хусусияти байналмилалӣ аз ҷониби қонунгузор дар дигар фаслҳо, масалан, дар фасли IX оид ба ҷиноятҳои зидди бехатарии ҷамъиятӣ ва тартиботи ҷамъиятӣ ҷойгир карда шудаанд.

Бояд хотиррасон кард, ки дар оянда ин бахш барои пешгирии ҷиноятҳои фаромиллӣ, масалан, терроризми байналмилалӣ, ки дар замони ҳозира хеле воқеӣ гаштааст, васеъ карда мешавад. Дар як қатор меъёрҳои КҶ ҶТ - масалан, дар бораи амали қонуни ҷиноятӣ дар фазо, дар бораи татбиқи КҶ ҶТ аз рӯи қойдаи шаҳрвандӣ, истинод ба шартномаҳои байналмилалӣ вуҷуд дорад.

Тавре ки А.В. Наумов қайд мекунад қонуни ҷиноятӣ таърихан ба ҳуқуқи ҷиноятии континенталии Аврупоӣ, бо анъанаи ташаккули кофии абстрактии муқаррароти ҳуқуқӣ-ҷиноятии он, тамаркуз дорад [14, с. 21-22].

Қайд кардан ба маврид аст, ки ба ҳам наздик шудани қонунгузории ҷиноятии миллӣ ва байналмиллалӣ бо раванди объективии ҷаҳонишавии ва байналмиллалӣ гардидани ҷинояткорӣ алоқаманд аст. Ҷанбаи муҳими наздик шудани ҳуқуқи ҷиноятии низомҳои гуногуни ҳуқуқӣ ин бастани конвенсияҳои ҳуқуқӣ-байналмилалӣ оид ба мубориза бар зидди ҷиноятҳои алоҳида ба ҳисоб меравад. Ба ғайр аз зуҳуроти зикршудаи принсипи қонуният, ҷанбаҳои зерини он аҳамияти калон доранд:

1) вазъи ҳуқуқӣ-ҷиноятии шахсоне, ки ҷазои таъинкардаи судро адо мекунанд, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои онҳо, ки ба рушди муносибатҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ таъсир мерасонанд, танҳо бо қонуни ҷиноятӣ муайян карда мешаванд;

2) мақомоти ҳуқуқтатбиқкунӣ дар доираи салоҳияти худ ҳуқуқ доранд бо шарти махсуси асосноккунӣ қонуни ҷиноятиро мувофиқи матни он татбиқ кунанд;

3) тавзеҳоти мақомоти олии судии ҶТ набояд меъёрҳои нави ҳуқуқӣ-ҷиноятиро дар бар гиранд.

Ҳамин тавр, принсипи қонуният дар назар дорад, ки мубориза бар зидди ҷинояткорӣ, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидани шахси мушаххас, ки ҷиноят содир кардааст ва дар ҳолати зарурӣ нисбати ӯ ҷазои ҷиноятӣ татбиқ кардан, танҳо дар доираи қонун ва мувофиқи матни пурраи он имконпазир аст. «Қонуният маҳз аз он иборат аст, ки шахсони мансабдор талаботи қонунҳоро пурра риоя намуда, қонуншиканиро ошкор намуда, онҳоро пешгирӣ намуда, ҳуқуқҳои поймолшударо барқарор намуда, гунаҳкоронро ба ҷавобгарии муайяннамудаи қонун меашанд. Аз ин рӯ, қонуният бояд ҳатман бо мавҷудияти механизми самараноки ҳифзи амали қонунҳои давлат, аз ҷумла, ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои қонунии шаҳрвандон ва дигар субъектҳои ҳуқуқ, тавсиф карда шавад» [15, с. 526].

Қобили тазаккур аст, ки принсипи қонуният тамоми меъёрҳои ҳуқуқӣ-ҷиноятиро фаро гирифта метавонад. Дар баъзеи меъёрҳои мазкур дар бораи он мушаххастар гуфта шудааст. Ҳамин тавр, қонуни ҷиноятӣ мафҳуми ҷиноятро (м. 17-и КҶ ҶТ) ҳамчун кирдори гунаҳкоронаи барои ҷамъият хавфнок, ки Кодекси мазкур бо таҳдиди ҷазо манъ кардааст, муқаррар мекунад. Дар м. 22-и КҶ ҶТ гуфта мешавад, ки танҳо шахси воқеӣ, мукаллаф, ки ба синни муқаррарнамудаи Кодекси мазкур расидааст, ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад. Танҳо КҶ ҶТ

ниҳодҳо ва мафҳумҳои асосии қонуни ҷиноятӣ, таркиби мушаххаси ҷиноятро муайян мекунад. Дар ҳар як моддаи Қисми махсуси КҶ ҶТ аломатҳои ин намуди ҷиноят тавсиф мешаванд, ки барои мавҷудияти таркиби он зарур ва кофӣ мебошанд.

Бо дарназардошти хусусиятҳои дар боло зикршудаи аҳамияти ҳуқуқӣ-ҷиноятии принсипи қонуният бояд ба он диққат дода шавад, ки то чӣ андоза дигар муқаррароти меъёрии дар КҶ ҶТ мавҷудбуда ба ин принсип мувофиқат мекунанд.

1. Тавре ки қаблан ишора намудем, тибқи принсипи қонуният татбиқи қонуни ҷиноятӣ аз рӯи шабеҳият (аналогия) иҷозат дода намешавад. Аммо, масъалаи аз амалия гирифтани татбиқи шабеҳияти қонуни ҷиноятӣ пурра ҳал нашудааст. Ин хулоса бо якчанд ҳолатҳо тасдиқ мешавад. Аввалан, байни шабоҳат ва тафсири фарогир як монандии муайян вуҷуд дорад. Он чизеро, ки бархе аз коршиносон ба шабоҳат дахл мекунанд, баъзеи дигар тафсири густурда медонанд ва дигарон бошанд, онро на ба аввалин ва ё дигаре мансуб намедонанд [16, с. 254-255; 17, с. 15; 18, с. 131-133; 19, с. 81-82; 20, с. 163-167].

Сониян, нуктаи назаре вуҷуд дорад, ки танҳо шабоҳати ҷинояту ҷазо аз байн бурда шудааст ва шабоҳати меъёрҳои Қисми умумӣ, тамоман манъ карда нашудааст. Азбаски масъала дар бораи субъектҳои тафсири васеъ дар қонун инъикоси худро наёфтааст ва нуқтаи назари олимон оид ба худи ин мафҳум ва имкониятҳои татбиқи он аз якдигар тафовут дорад, пас воқеан тафсири васеъ, аслан, шабеҳи пинҳоншудаи қонуни ҷиноятӣ мебошад, ки бо он низ манъ карда шудааст. Чунин мисолҳоро мо на танҳо дар гузаштаи наздик, балки дар амалияи имрӯзаи ҳуқуқтатбиққунӣ низ мушоҳида карда метавонем.

2. Яке аз ҷанбаҳои принсипи баррасишаванда он муқаррароте мебошад, ки тибқи он ҷиноят будани кирдор бояд танҳо бо қонуни ҷиноятӣ муайян карда шавад.

Бояд қайд намуд, ки дар амалия ҳолатҳое маълум аст, ки масъалаи ҷиноятӣ будани кирдорҳои алоҳида дар ҳақиқат на бо қонуни ҷиноятӣ ва ё бо санадҳои меъёрие, ки умуман сифати қонунӣ надоранд, муайян карда мешаванд. Тарзи матолибӣ ва тавсифии ифодаи диспозитсияи баъзе моддаҳои қонуни ҷиноятӣ асос медиҳад тахмин кард, ки дар ин ҳолатҳо шартҳои ҷавобгарии ҷиноятӣ, аз ҷумла, дар меъёрҳои дигар соҳаҳои ҳуқуқ ва санадҳои қонунгузорӣ, муайян карда мешаванд. Чӣ тавре ки профессор В.Д. Филимонов пешниҳод мекунад, барои риояи талаботи принсипи қонуният дар ин мавридҳо «зарур аст, ки вайрон кардани меъёрҳои муайяни ҳуқуқӣ танҳо дар сурате ҳамчун амали ҷиноятӣ муайян карда шавад, ки тавсифи ин ҳуқуқвайронкуниҳо бо ишора ба меъёри ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ сафарбар карда шавад, ки амали ҷиноятиро аз ҷиноятҳои дигар маҳдуд мекунад [21, с. 81].

Масалан, вайрон кардани қоидаҳои ҳифзи меҳнат дар ҳолате ҳамчун ҷиноят ҳисоб карда мешавад, ки агар он аз беэҳтиётӣ ба саломатии инсон зарари вазнин ё миёна расонида, инчунин боиси марги ӯ гардида бошад (м. 118, м 119 КҶ ҶТ), фаъолияти ғайриқонунии соҳибкорӣ ва фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ ҷиноят ба он шарте ҳисобида мешаванд, ки онҳо ба шаҳрвандон, ташкилотҳо ё давлат зарари калон расонида бошанд ё бо ба даст овардани даромад ба миқдори калон алоқаманд бошанд (қ. 1 м. 259, қ.1. м. 263 КҶ ҶТ).

Дар баробари ин, муаллиф қайд мекунад, ки ин қоида дар қонуни ҷиноятӣ на ҳама вақт риоя карда мешавад ва ба сифати мисол қ. 1 м. 191-и КҶ ФР овардааст, ки ҷавобгариро барои муомилоти ғайриқонунии металлҳои қиматбаҳо, сангҳои қиматбаҳои табиӣ ё марворид муқаррар мекунад, ки дар он ба ягон меъёри ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ ишора нашудааст. “Чунин истифодаи диспозитсияҳои пӯшида ғайри қобили қабул аст, зеро он боиси вайрон шудани принсипи қонуният мегардад”. Аммо, ба андешаи В.С. Минская дар тамоми диспозитсияҳои бланкетии меъёрҳои қонуни ҷиноятӣ, принсипи қонуният, ки дар қонуни ҷиноятӣ муқаррар шудааст, татбиқ намешавад. «Вайрон кардани қоидаҳои (махсуси) номбурда ва санадҳои меъёрии зерқонунӣ, мазмуни кирдор (амал ё беамалии) гардида, хусусияти хавфи ҷамъиятиро пайдо мекунад. Охир, танҳо амали (беамалии) ба ҷамъият хавфнок боиси оқибатҳои ба ҷамъият хавфнок (расонидани зарари калон, расонидани зарар ба саломатии шаҳрвандон ва ғ.) шуда метавонад. Далели он ки диспозитсияи меъёр баъзан фарорасии оқибатҳои барои ҷамъият хавфнокро дар шакли

расонидани зарар ба объекти таҷовуз пешбинӣ мекунад, он истисно намекунад, ки худи амал (беамалӣ) бояд аз аввал бо чунин зарар мувофиқ бошад, то ки ба ҷамъият хавфнок гардад»[22, с. 179].

Ба андешаи мо, маълум аст, ки қонунгузор наметавонад аз диспозитсияҳои бланкетӣ даст кашад, мавҷудияти онҳо объективист, бинобар ин даст кашидан аз онҳо ғайри мақсад аст ва дар бораи зарурати такмили техникаи ҳуқуқии бунёди диспозитсияҳои бланкетӣ сухан рондан мумкин аст. Тарзи ҳалли мушкилот, ки аз ҷониби профессор В.Д. Филимонов пешниҳод шудааст – яъне нишон додан дар тавсифи вайронкунии меъёри ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ, ки амали ҷиноятиро аз дигар ҳуқуқвайронкуниҳо маҳдуд мекунад, бояд аз ҷониби қонунгузор ба назар гирифта шавад, то ки имкони вайрон кардани принсипи қонуният ҳади ақал кам карда шавад. Дар баробари ин, чунин хосиятҳои асосии ҷиноят ташкилкунандаи кирдор, аз қабили мақсад, оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок ва шаклҳои гунаҳкорӣ метавонанд ҳамчун меъёрҳои зикршудаи ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ баромад кунанд. Ҳамзамон, кирдорҳои аз беэҳтиётӣ танҳо дар сурати расондани зарари калон бояд ҳамчун ҷиноят эътироф карда шаванд [21, с. 85].

3. Муқаррароти дар қ. 2 м. 12-и КҶ ҶТ пешбинишуда низ, ба принсипи қонуният мувофиқ нест, ки тибқи он вақти содир кардани ҷиноят, новобаста аз вақти фарорасии оқибатҳо, вақти содир кардани амали (беамалии) барои ҷамъият хавфнок эътироф карда мешавад. Қонуни ҷиноятӣ содир намудани ҷиноятро ҳамчун асоси ҷавобгарии ҷиноятӣ эътироф кардааст, ки тамоми аломатҳои таркиби ҷиноятро дар вақти содир кардани кирдор дорад ва аз ҷониби КҶ ҶТ пешбинӣ кардааст (м. 11, қ.1, м 12 КҶ ҶТ). Таркиби ҷиноят вуҷуд надошта бошад, ҷиноят будани кирдор истисно карда мешавад. Бе оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок дар таркиби моддии ҷиноят тамоми аломатҳои таркиби ҷиноят вуҷуд надорад.

Муқаррароти қ. 2 м. 12-и КҶ ҶТ ба мафҳуми ҷиноят мувофиқат намекунад, зеро амали ҷиноятӣ ҳам амал (беамалӣ) ва ҳам оқибатҳои онҳоро дар бар мегирад. Он ба м. 33-и КҶ ҶТ дар бораи мафҳуми ҷинояти хотимаёфта, ки ҳамчун дорои тамоми аломатҳои ҷиноят муайян шудааст, мувофиқат намекунад. Ҷиноятҳои нотамом аз оқибатҳо маҳруманд. Мафҳуми амали (беамалии) барои ҷамъият хавфнок, чӣ тавре ки аз хусусиятҳои қасд ва беэҳтиётӣ дар м. 28 ва м. 29-и КҶ бармеояд, танҳо ба ҷиноятҳои қасдона дахл дорад. Амал ва беамалӣ дар ҷиноятҳои аз беэҳтиётӣ хосиятҳои хавфи ҷамъиятиро надоранд. Танҳо ҳангоми ба амал омадани оқибатҳои ба ҷамъият хавфнок, онҳо ҳамчун ҷиноят эътироф карда мешаванд.

Маълум мешавад, ки муқаррароти қ. 2 м. 12 КҶ ҶТ дар бораи вақти содир кардани ҷиноят, танҳо ба ҷиноятҳои қасдан содиршуда татбиқ карда мешавад. Аммо ин ҳам нодуруст аст, чунки шахс ҳатто бо содир кардани кирдори барои ҷамъият хавфнок метавонад ихтиёран аз онҳо даст кашад ва пас ҷиноят ҳисобида намешавад. Аз ин рӯ, дар адабиёти ҳуқуқӣ чунин ақида баён шудааст, ки беҳтараш «қ. 2 м. 12 хориҷ карда шавад». Чунин ба назар мерасад, ки ин тавсия беасос аст. Муқаррароти қ. 2 м. 12 КҶ ҶТ дар бораи вақти содир кардани ҷиноят аҳамияти бузурги ҳуқуқӣ-ҷиноятӣ дорад, масалан, барои фарқ кардани ҷиноятҳои нотамом ва хотимаёфта (б. 6 КҶ ҶТ), барои ҳисоб кардани мӯҳлати барои ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан (м. 75-и КҶ ҶТ) ва ғайра. Ба андешаи мо, муқаррароти қ. 2 м. 12-и КҶ ҶТ бояд ислоҳ карда шавад [8, с. 219].

Чунин ба назар мерасад, ки айни замон дурусттарин андеша, ки аз ҷониби С.Ф. Милюков пешниҳод гардидааст - ин азнавсозии мазмуни қ. 2 м. 12-и КҶ ҶТ ба ҳисоб меравад: «Вақти содир кардани ҷиноят лаҳзаи анҷоми воқеии он, аз ҷумла, фарорасии оқибатҳои пешбининамудаи аз ҷониби қонун мебошад», аммо ба он бояд равшанӣ андохта шавад.

Мо пешниҳод менамоем, ки қ. 2-и м. 12-и КҶ ҶТ дар таҳрири зайл ифода карда шавад:

**“2. Вақти содир намудани ҷиноят вақти воқеии анҷоми он, аз ҷумла, фаро расидани оқибатҳои барои ҷамъият хавфнок, ки Кодекси мазкур пешбинӣ намудааст, ба ҳисоб меравад.”**

Таҳрири зайли қ. 2 м. 12-и КҶ ҶТ ба дигар меъёрҳои дар боло зикргардидаи қонуни ҷиноятӣ комилан мувофиқ аст ва инчунин ба қоидаҳои техникаи ҳуқуқии ифодаи маводи меъёрӣ мувофиқат мекунад.

4. Ба риояи принсипи қонуният ва зиддиятҳо миёни меъёрҳои Қисмҳои умумӣ ва Махсуси КҶ ҶТ мусоидат намекунад.

Ба теъдоди онҳо тафсири гуногуни пушаймонии фаъол дар қ. 1 м. 72 КҶ ҶТ ва эзоъҳо ба моддаҳои мушаххас (м.м. 130, 179, 181 КҶ ҶТ ва ғайра) бояд дохил карда шаванд. Аён аст, ки пушаймонии фаъол дар Қисми махсус маҳдудтар муайян карда шудааст. Илова бар ин, дар қ. 1 м. 18-и КҶ ҶТ ибораи “шахс метавонад озод карда шавад” истифода мешавад. Дар Қисми махсус, дар эзоъҳо ба моддаҳои оид ба пушаймонии фаъол — масалан, дар сурати хиёнат ба давлат (дар эзоҳ ба м. 305 КҶ ҶТ), вожаҳои «озод карда мешавад» истифода шудаанд. Ҳангоми додани пора (эзоҳ ба м. 320 КҶ ҶТ) - низ “озод карда мешавад” истифода шудааст. Ин ихтилоф боиси баҳсҳо гардид: баъзеҳо сохтори пушаймонии фаъолро дар Қисми умумии КҶ ҶТ нодуруст ҳисоб карданд, дигарон дар Қисми махсуси КҶ ҶТ. Далелҳои якумин – принсипҳои қонуният ва баробарӣ судро вазифадор мекунанд, ки дар сурати мавҷуд будани шартҳои дар қонун пешбинишуда, аз ҷавобгарии ҷиноятӣ ва ҷазо озод намояд. Далелҳои асосии дуюмин - асосҳои озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ аз асосҳои ба ин гуна ҷиноят кашидан, комилан фарқ мекунанд.

Илова бар ин, ибораи дар қ. 1 м. 75-и КҶ ҶТ истифодашуда “метавонад озод карда шавад” нисбат ба қ. 2-и м. 75-и КҶ ҶТ ва дар эзоҳи Қисми махсус “озод мешавад”, дурусттар аст. Тавре ки маълум аст, ба ҷамъият хавфнокии шахсияти гунаҳкор хеле тағйирёбанда ва ҳамеша мушаххас аст. Тавассути қонунгузорӣ онро фақат қисман ба расмият даровардан мумкин аст. Танҳо зарур аст, ки рад кардани озодкунӣ ҳамеша аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва суд асоснок карда шавад.

Бояд тазаккур дод, ки дар меъёрҳо оид ба пушаймонии фаъол дар Қисми махсуси КҶ ба хатогиҳо дар шакли эътироф накардани он ҳамчун асос барои озод кардан аз ҷавобгарии ҷиноятӣ, роҳ дода мешавад, ба шарте ки амалҳои шахси пушаймоншуда, «таркиби ҷинояти дигарро дар бар гирифта набошад». Аввалан, чунин тафсирро қисми 2-и м. 72-и КҶ дар бар намегирад. Сониян, барои «ҷинояти дигар» шахс бояд дар асоси м. 11-и КҶ ҶТ мустақилона ба ҷавобгарӣ кашида шавад, масалан, барои нигоҳ доштани силоҳ ҳангоми омода кардани хиёнат ба давлат. Ва ин ба ҳеҷ ваҷҳ набояд ба далели пушаймонии фаъол барои хиёнат таъсир расонад.

Дар адабиёти ҳуқуқӣ мавҷудияти намудҳои алоҳидаи пушаймонии фаъол интиқод карда мешавад. Ҳамин тавр, меъёри пушаймонии фаъол дар эзоҳ ба м. 351-и КҶ ҳамчун беасос додани шаҳодати бардурӯғ ба ҳисоб меравад. Тибқи он, «шоҳид, ҷабрдида, коршинос, мутахассис ё тарҷумон дар сурате аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешаванд, ки агар онҳо дар рафти тафтиш, тафтиши пешакӣ ё мурофиаи судӣ ихтиёран то ҳукми суд ё ҳалномаи суд, дурӯғ будани нишондодҳои худро, хулоса ё дидаю дониста тарҷумаи нодуруст эълон карда бошанд. Аз ин ру, ин меъёр аз ҷиҳати криминологӣ асоснок ба назар намерасад. Онро низ истисно кардан лозим аст, зеро вай ба ғайр аз зарар расондан ба адолати судӣ, аслан садди роҳи амали м. 351 дар бораи ҷавобгарӣ барои дидаю дониста додани шаҳодати бардурӯғ, хулосаи коршинос ё тарҷумаи нодуруст, мегардад» [8, с. 247].

Дар натиҷа, тибқи қ. 1 м. 72-и КҶ ҶТ, шахсе, ки бори аввал ҷинояти начандон вазнин (дар таҳрири кӯҳна), балки инчунин вазнинии миёнаро содир кардааст, имкони аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карданро пайдо кардааст, бо мавҷудияти як қатор талаботи дигаре, ки қонун муқаррар кардааст, дар ҳоле ки ин шахс тибқи таҳрири нави м. 72-и КҶ ҶТ бояд аломати – “бо сабаби пушаймонии фаъоли он ба ҷамъият хатарнок буданаш қатъ гардид”, дошта бошад.

Ҳамин тариқ, қонунгузор тадриҷан на ҳамеша ба мутобиқсозии меъёрҳои Қисми махсуси КҶ ҶТ ба муқаррароти м. 75-и КҶ ҶТ мепардозад.

Дар маҷмуъ бояд қайд кард, ки пай дар пай ба амал баровардани принсипи конунияти ҳуқуқи ҷиноятӣ барои фаъолияти қонунгузорӣ дар соҳаи ҳуқуқи ҷиноятӣ, аҳамияти калон дорад. Азбаски танҳо қонуни ҷиноятӣ аломатҳои кирдори ҷиноятӣ ва тамоми оқибатҳои ҳуқуқии содир намудани кирдорро муайян карда метавонад, принсипи қонуният қонунгузорро вазифадор мекунад, ки на танҳо аломатҳои ҷиноятҳои дахлдорро то ҳадди имкон пурра ва дақиқ нишон диҳад, балки дар худи қонуни ҷиноятӣ масъалаҳоеро, ки

кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ бо онҳо дучор шуда метавонанд, ҳал кунад.

Татбиқи ин принсип дар соҳаи қонунгузорӣ, аз ҷумла, талаб мекунад, ки қонунгузор бояд сарҳади байни рафтори ҷиноятӣ ва ғайриҷиноятиро аниқ муайян намояд, то ки татбиқи қонунро дуруст ва якхела таъмин намояд. Риояи ин принсип, инчунин муқаррароти қонунгузории ягонагии амалияи таъини ҷазоро дар назар дорад. Ва ин ба тавзеҳоти таҳримҳо, ворид кардани муқаррароти нав дар КҶ ҶТ дар бораи асосҳои ҳатмии сабук ё зиёд кардани шиддати ҷазо ва ғайра, вобаста аст.

**Рӯйхати адабиёт:**


1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ). – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 137 с.
2. Паймони байналмилалӣ доир ба ҳуқуқҳои шаҳрвандӣ ва сиёсӣ. Бо қатъномаи 2200 А (XXI) Ассамблеяи Генералӣ 16 декабри соли 1966 қабул шудааст ва ҷиҳати имзо, тасвиб ва ҳамроҳ шудан боз аст. Мутобиқи моддаи 49 аз 23 марти соли 1976 эътибор пайдо кардааст. // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.mmk.tj (санаи муроҷиат: 26.02.2023).
3. Конвенция о защите прав человека и основных свобод / Рим, 4 ноября 1950 года. // [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: URL: http://hrlibrary.umn.edu/russian/euro /Rz17euroco.html (санаи муроҷиат: 26.02.2023).
4. Ныркова П.А. Уголовно-правовые принципы: Общая декларации и реализация в тексте Уголовного кодекса Российской Федерации // Пять лет действия УК РФ: итоги и перспективы. – М., 2003. – С. 124.
5. Шарипов Т.Ш., Сафарзода А.И., Камолов З.А., Холиқзода Ш.Л., Зокирзода З.Х., Зиёбоева М.Н. Ҳуқуқи ҷиноятӣ (Қисми умумӣ): Нашри 5-ум такмилдодашуда. – Душанбе, 2020. – 223 с.
6. Брайнин Я.М. Советское уголовное право. Общая часть. – М., 1955. – 458 с.
7. Курс советского уголовного права. Т. 1. – Л., 1968. – 514 с.
8. Кузнецова Н. Ф. Уголовный кодекс Российской Федерации (Общая часть) // Повое уголовное законодательство стран СНГ и Балтии. – М., 2002. – 450 с.
9. Минская В. С. Законность в сфере уголовно-правового регулирования // Законность в РФ / Под ред. Ю.Л. Тихомирова. – М.,1998. – 424 с.
10. Комментарий к УК РФ / Под. ред. Л.И. Бойко. – Ростов н/Д, 1996. – 670 с.
11. Пикуров П.И. Уголовное право в системе межотраслевых связей. – Волгоград, 1998. – 450 с.
12. Панов В.П. Международное уголовное право. – М., 1997. – 430 с.
13. Международное уголовное право / Под ред. В.П. Кудрявцева. – М., 1995. – 540 с.
14. Наумов А.В. Влияние норм и принципов международного права на сближение уголовного права различных систем. // Уголовное право в XXI веке. – М., 2002. – 451 с.
15. Общая теория права / Под ред. В.К. Бабаева. – Новгород, 1993. – 780 с.
16. Курс советского уголовного права. Т. 1. – М., 1970. 450 с.
17. Коржапский П.И. Очерки теории уголовного права. – Волгоград, 1992. – 420 с.
18. Наумов А.В. Применение уголовно-правовых норм. – Волгоград, 1973. – 380 с.
19. Яцеленко Б.В. Противоречия уголовно-правового регулирования. – М., 1996. – 365 с.
20. Лазарев В.В. Пробелы в праве и пути их устранения. – М., 1974. – 467 с.
21. Филимонов В.Д. Принципы уголовного права. – М., 2002. – 395 с.
22. Минская В.С. Законность в сфере уголовно-правового регулирования // Законность в РФ / Под ред. Ю.Л.Тихомирова. – М.,1998. 457 с.

**Аннотатсия**

**Баъзе масъалаҳо оид ба татбиқи принсипи қонуният дар матни қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Принсипҳои қонуни ҷиноятӣ ин асосҳои муҳиму заминавӣ ва роҳбарикунандаи соҳа маҳсуб мегарданд, ки маҳз дигар муносибатҳои ҷамъиятӣ дар ин соҳа дар асос ва риояи онҳо ба амал баровард мешавад. Аз ҷумлаи принсипи муҳиму асосӣ ва роҳбарикунанда дар қонуни ҷиноятӣ маҳз принсипи қонуният ба шумор меравад. Қонуният ҳамчун присипи умумиҳуқуқӣ ва махсуси ҳуқуқӣ баромад менамояд, ки дар қонуни ҷиноятӣ амалисозии дуруст ва ягонаву тибқи қонун пешбинигардидаи муносибатҳои ҳуқуқи ҷиноятиро ифода менамояд. Дар мақолаи мазкур, муаллиф маҳз масоили татбиқи принсипи қонуниятро дар матни қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти назарияҳои илмии олимнои ватаниву хориҷӣ ва таҳлили муқоисавӣ мавриди таҳлил қарор додааст. Ҳамчунин, тафовут ва алоқамандии унсурҳои принсипи мазкур бо дигар принсипҳои ҳуқуқӣ мавриди таҳқиқи илмӣ қарор дода шуда, муносибатҳо дар ин самт тавассути усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ низ мушаххас ва муайян гардидаанд.

**Аннотация**

**Некоторые вопросы реализации принципа законности в тексте уголовного закона Республики Таджикистан**

Принципы уголовного права считаются важными основополагающими и руководящими принципами отрасли, на основе которых осуществляются иные общественные отношения в этой сфере. Принцип законности является одним из важнейших и ведущих принципов уголовного права. Законность выступает как универсальное и специальное правовое начало, которое в уголовном праве представляет собой правильное и единообразное осуществление уголовно-правовых отношений, предусмотренных законом. В данной статье автор проанализировал вопросы реализации принципа законности в тексте уголовного закона Республики Таджикистан с учетом научных теорий отечественных и зарубежных ученых и сравнительного анализа. Также научному исследованию подверглись различия и связи элементов этого принципа с другими правовыми принципами, а отношения в этом направлении уточнены и определены с помощью сравнительно-правового метода.

**Annotation**

**Some issues of implementation of the principle of legality in the text of the criminal law of the Republic of Tajikistan**

The principles of criminal law are considered important fundamental and guiding principles of the industry, on the basis of which other public relations in this area are carried out. The principle of legality is one of the most important and leading principles of criminal law. Legality acts as a universal and special legal principle, which in criminal law is the correct and uniform implementation of criminal law relations provided for by law. In this article, the author analyzed the implementation of the principle of legality in the text of the criminal law of the Republic of Tajikistan, taking into account the scientific theories of domestic and foreign scientists and comparative analysis. Also, the differences and connections of the elements of this principle with other legal principles were subjected to scientific research, and relations in this direction were clarified and defined using the comparative legal method.

**ГУНОГУН** **РАЗНОЕ**



**УДК: 327.3**

**Асламов Бозоралӣ Сафаралиевич,**
*ходими калони илмии шуъбаи адъюнктураи Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон.*
*E-mail. aslamov.bozorali.64@mail.ru,*
*Тел.: (+992) 939-22-50-76.*



**Қосимов Файзалӣ Маҳмадович,**
*номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, сардори кафедраи ташкили идоракунии фаъолияти ҳифзи ҳуқуқи факултети № 1 Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон, полковники милитсия.*
*E-mail. fayzali-67@mail.ru,*
*Тел.: (992) 939-22-11-77.*

# ТАШАККУЛИ АФКОРИ ГЕОПОЛИТИКӢ ДАР ТОҶИКИСТОН ДАР РАВАНДИ ҶАҲОНИШАВӢ

***Калидвожаҳо:*** *геополитика; афкор; ҷаҳонишавӣ; манфиати миллӣ; ИҶШС; Тоҷикистон; консепсияи «дарҳои кушод»; кишварҳои Ғарб ва Шарқ; Стратегияи амнияти миллии ИМА; Россия; Чин.*

***Ключевые слова:*** *геополитика; мысль; глобализация; национальные интересы; СССР; Таджикистан; концепция «открытых дверей»; западные и восточные страны; Стратегия национальной безопасности США; Россия; Китай.*

***Keywords:*** *geopolitics; thought, globalization; national interests; USSR; Tajikistan; the concept of «open doors»; Western and Eastern countries; the National Security Strategy of the USA; Russia; China.*

Омӯзиши фанни геополитика дар замони Шӯравӣ танҳо дар доираи маҳдуд ба афсарони Ситоди генералии Вазорати мудофиаи ИҶШС (СССР) ва Академияҳои ҳарбӣ иҷозат дода мешуд. «Бо пайдо шудани давлати муқтадири ИҶШС ва ба ҳайати он даромадани минтақаи Осиёи Миёна ин минтақа дигар майдони муборизаҳои геополитикӣ набуд. Балки расман ҳамчун аъзои баробарҳуқуқи ин иттиҳод ба қисмати таркибии яке аз субъектҳо ё худ бозингари бозиҳои геополитикии ҷаҳонӣ мубаддал шуд, аммо дар амал миллатҳои ин минтақа то чӣ ҳад тавонистанд дар бозии мазкур шарик шаванд, масъалаи дигар аст ва баҳси он берун аз доираи мавзӯи ин мақола мебошад.

Вале далелҳо нишон медиҳанд, ки дар ин марҳилаи замонӣ миллатҳои ин минтақа муваффақ нашуданд, ки фарҳанги сиёсии худро ба он сатҳе расонанд, ки ҷавобгӯи талаботи замон бошад ва заминаи табдили онҳоро дар ин муборизаҳои геополитикӣ ба субъекти сиёсӣ ба вуҷуд оварад. Аз ин буд, ки кишварҳои ин минтақа дарҳол баъди шикасти Шӯравӣ боз ба объекти бозиҳои геополитикии кишварҳои абарқудрат табдил ёфтанд. Танҳо фарқият ин ҷо буд, ки нақши Британияи Кабир дар баробари Россия дигар камранг шуда буд ва ба ҷойи он ИМА ва Чин бозигарони асосӣ буданд. Баҳсҳо сари ин, ки чаро онҳо бозингар шуданду мо объекти бозии онҳо, на баръакс, дар доираҳои илмӣ зиёданд» - менависад, муҳаққиқ Меҳр Собириён [4].

Лекин мутаасифона ҳанӯз замони Шӯравӣ низ кӯшишҳои таъсири геополитикӣ ба ҷумҳуриҳои иттифоқӣ ба назар мерасид, ки онҳо пурра ошкор карда намешуданд. «Масъалаи ба таври яклухт мавҷуд будани

фазои баъди шӯравӣ ё дақиқ будани ин мафҳум бисёр бардошта мешавад, ба ҳамагон маълум аст. Аз давраи пошхӯрии ИҶШС, ки чоряк аср гузашт, мо мебинем, ки ин фазо хеле тағйир ёфтааст, - чунки давлатҳои соҳибхтиёр дар сарҳадҳои давраи шӯравӣ бояд қарор мегирифтанд, сухан дар бораи шартномаи Беловежск бисёр меравад. Мо имрӯз гуфта метавонем, ки принсипи Беловежск пурра амал мекунад? Вале бештар албатта, не». Мо мебинем, ки ин фазо хеле тағйир ёфтааст»-менависад Сергей Маркедонов [5].

Баъд аз пошхӯрии ИҶШС ва соҳибистиқлол гардидани давлатҳои аъзои он, аз ҷумла Тоҷикистон таълими фанни геополитика дар муассисаҳои олии ҷумҳурӣ ба нақшаи таълимии равияи фанҳои гуманитарӣ ворид карда шуд. Мафҳуми геополитика калимаи юнонӣ буда, аз ду реша гео – замин политика – корҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ таркиб ёфтааст. Геополитика ин консепсияи сиёсӣ, назария ва амалияи сиёсӣ ба шумор меравад, ки дар он омилҳои географӣ нақши муҳим доранд.

Омӯзиши ин илм имкон медиҳад, ки дар раванди муносибатҳои байналмилалӣ мавқеъ ва нуфузи геополитикии давлатҳо муайян карда шавад ва истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо назардошти манфиати миллӣ ҳифз карда шавад. Геополитика ба мафҳуми «манфиати миллӣ» вобастагии зич дорад. Мафҳуми «манфиати миллӣ» бори аввал соли 1935 аз ҷониби олимони америкоӣ Р. Нибур ва Ч. Бирду ба илм ворид гардид, вале классики он сиёсатшиноси америкоӣ Г. Моргентау (1904-1980) маҳсуб меёбад. Ӯ ба афкори файласуфони Ғарб Ф. Нитсше, Н. Макиавелли, Т. Гоббс шиносоӣ пайдо намуда, принсипи реализми сиёсии худро пешниҳод намудааст, ки ҷузъи ҷудонопазири онро муносибатҳои байналхалқӣ ва манфиатҳои миллӣ ташкил медиҳанд.

Манфиати миллӣ ин қобилияти дарк намудани талаботҳои ҳаётан муҳимми ҷомеа, давлат ва сарварони сиёсии он мебошад. Манфиати миллӣ дар натиҷаи густариш ёфтани муносибатҳои иқтисодӣ, сиёсӣ-ҳуқуқӣ, ҳарбӣ, молиявӣ ва илмӣ-техникӣ метавонад нуфузи геополитикии давлатро афзун гардонад. Дар раванди ҷаҳонишавӣ муносибатҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва иқтидори давлатҳои пешқадами ҷаҳон афзуда, мехоҳанд таъсири худро ба дигар давлатҳо расонида, мавқеи геополитикии худро мустаҳкам намоянд. Барои Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ хеле муҳим аст. Борҳо ба ин масъала Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дахл намуда, манфиатҳои давлат ва миллатро дар раванди муносибатҳои геополитикӣ муҳим арзёбӣ менамоянд.

Аз ҷумла, дар Паёмҳои ҳарсолаи Пешвои миллат ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва асарҳои гуногунмазмуни эҷоднамудаи вай ин масаъал инъикоси васеи худро ёфтааст. Гуфтан мумкин аст, ки геополитика илми гуногунҷабҳа буда, омилҳои табиӣ-географӣ, иқтисодӣ, нажодӣ-онтропологӣ, фарҳангӣ-динӣ, забонӣ, тамаддунӣ ва динамикаи муносибатҳои байналмилалӣ, савдои ҷаҳонӣ, ҳастии глобалии инсониятро меомӯзад. “Ҳар як соҳаи илм дар заминаи ғояҳо ё таълимоти муайян ташаккул меёбад.

Аз онҳо маншаъ мегирад ё худ дар оғози он нақши муайяне мебозанд. Геополитика низ дар доираи қоидаи мазкур ташаккул ёфтааст. Манбаъҳои мухталиф дар ташаккули геополитика ҳамчун соҳаи донишҳо 3 тарзи муносибати илмӣ назаррасанд: консепсияи мутамаддин (тамадун)-и раванди таърихӣ; тадқиқотҳои ҳарбию стратегӣ ва назарияҳои гуногуни детерминизми географӣ” [2, с. 557-558]. Дар рушд ва инкишофи афкори геополитикии Тоҷикистони соҳибистиқлол тадқиқотҳои фундаменталии илмии Эмомалӣ Раҳмон, Ятимов Саймумин Сатторович, Раҳимзода Рамазон Ҳамро, Сироҷиддин Муҳридин, Зоир Ҷурахон Маҷидзода, Зокиров Гулмаҳмад Нозимович, Муҳаммад Абдураҳмон Наврӯз, Кароматуло Олимов, Қосимшо Искандаров, Абдуфаттоҳ Шарифзода, Усмонзода Хайриддин Усмон, Шарифзода Файзалӣ Раҳмоналӣ, Ҳайдаров Рустам Ҷурабоевич, Майтдинова Гузел, Хидирзода Махфират Умар, Муҳаммадзода Парвиз Абдураҳмон, Шарипов Суҳроб Ибронович, Саидзода Зафар Шералӣ, Ҳакимов Раҷаб Муродович, Ҳусейнов Аҳмад Қурбонович, Мамадазимов Абдуғанӣ, Сафаров Сайфулло,

Розиён Шералӣ Шукруллозода, Сафарализода Хуҷамурод Қуддусӣ ва дигарон хеле калон аст.

Ҷаҳонишавӣ – раванди таъсиррасони омилҳои байналмилалӣ, аз қабили робитаҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, иттилоотӣ ба ҳаёти иҷтимоии ҳар як кишвари алоҳида маҳсуб меёбад. Тоҷикистон чун узви комилҳуқуқи ҷомеаи башарӣ ба раванди ҷаҳонишавӣ ворид гашта, дар шароити мураккаб ва пуртаззоди ҷаҳонӣ саъй ва кӯшиш баҳри дифои манфиатҳои миллӣ ва ҳифзи истиқлолияти хеш равона намудааст.

Дар ин самт мавқеъ ва кӯшишҳои Асосгузори сулҳ ва Ваҳдати миллӣ- Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон боиси таҳсин ба дастгирӣ мебошад, ки манофеи миллии Тоҷикистонро дар арсаи байналмилалӣ ҳимоя намуда, мақоми сиёсии Тоҷикистонро пайваста боло мебардорад. Яке аз омилҳои пурзӯри ҷаҳонишавӣ ин омили иқтисодӣ ба шумор меравад, ки тавассути ширкатҳои фаромарзӣ манофеи худро дар ин ё он кишвар ворид карда, онҳоро тадриҷан зери тасарруфи худ қарор медиҳанд.

Аввалин маротиба ғояи ҷаҳонишавӣ аз ҷониби асосгузори «Клуби Рим» А. Печчеи соли 1968 пешниҳод гаштааст. Ҷаҳонишавӣ – раванди сиёсии наздиккунандаи миллат ва халқҳо буда, байни онҳо тадриҷан сарҳадҳо шуста шуда, ба як системаи сиёсии ягона табдил меёбанд. Аз нимаи дуюми асри XX ва бахусус даҳсолаҳои охир майлонҳои ҷаҳонишавӣ рӯ ба афзоиш ёфта, ба ҷомеа таъсири амиқ гузошта истодаанд. Таърихи миллӣ ва минтақавӣ мазмун ва моҳияти иҷтимоии худро гум карда истодаанд. Дар тарҳҳои сиёсӣ паймон ва аҳдномаҳои гуногуни сиёсӣ, иҷтисодӣ ва ҳарбӣ аз қабили Созмони Паймони Атлантикаи Шимолӣ (НАТО), Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ (СААД), Созмони амният ва ҳамкории Аврупо (САҲА), Созмони Ҳамкории Шанхай (СҲШ), Иттиҳоди иқтисодии Авруосиё (ИИАО), Иттиҳоди давлатҳои мустақил (ИДМ), Созмони конфроси исломӣ (СКИ) ва ғайра мавҷуд мебошанд, ки ҳар яки онҳо ҳадафҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва қисман ҳарбии худро соҳиб мебошанд. Баъди азбайнравии собиқ Шартномаи ҳарбии Варшава (1 июли соли 1991), ки байни кишварҳои собиқи сотсиалистӣ баста шуда буд, Созмони Паймони Атлантикаи Шимолӣ (НАТО), дар шароити муосир бузургтарин паймони ҳарбӣ ба шумор меравад ва сол то сол нуфузи он дар миқёси ҷаҳон меафзояд. Имрӯз Созмони Паймони Атлантикаи Шимолӣ (НАТО)-ро дар нуқтаҳои гуногуни ҷаҳон дида мумкин аст.

То аз байн рафтани «ҷанги сард» дар солҳои 80-уми асри XX ҷаҳон ба ду қутб, ИҶШС ва ИМА тақсим шуда буд, дар ҷаҳони имрӯза бошад дар роҳи гузариш ба бисёрқутбӣ боқӣ мондааст, ки дар он ИМА мехоҳад афзалият дошта бошад. Дар эътилофи мубориза терроризми байналмиллалӣ ИМА-ро аксар кишварҳои Ғарб ва Шарқ дастгирӣ менамоянд, вале он ҷиҳат боиси нигаронӣ аст, ки имрӯз терроризм дар аксар кишварҳои дунё, ки зери назорати нерӯҳои ҳарбии ИМА қарор дорад, авҷ мегирад. Ба ақидаи таҳлилгари рус Овчинский В.С. усули муборизаро бар зидди исён ва терроризм мо имрӯзҳо бе таъсири ҷаҳонишавӣ, аз ҷумла буҳрони иқтисодӣ пешбинӣ карда наметавонем.

Мо медонем, ки пешбиниҳои иқтисодии ҷаҳонӣ доимо дар ин самт боиси ташвиш мебошанд ва терроризм маҳз аз ин нуқтаи назар бошиддат авҷ мегирад. Иттиҳоди иктишофии ИМА иборат аз 120 саҳифа маърӯзаи пешомадҳои сиёсиро барои ба вазифаи Президенти ИМА воридшавии Б. Обама 20-ноябри соли 2008 чоп намуда буд. Ин дурнамо «Майлонҳои глобалии соли 2025, ки ҷаҳонро тағйир хоҳанд дод» ном дошт. Дар мудати 20-соли оянда, мувофиқи ин маърӯза таҳдиди ҷанги ядрой, фалокатҳои экологӣ, инқирози ИМА ҳамчун абарқудрат рӯй хоҳад дод. Таъсир ба нуфузи молиявии ИМА дар ҷаҳон коста гашта, нерӯи иқтисодии Россия ва Хитой яку якбора афзун хоҳад шуд. Бинобар ин ба ИМА дар 20-сола лозим меояд, ки сиёсати берунии худро дар муқоисаи пастравии иқтисоди миллӣ муайян созад. Аз рӯи таҳлили ин маърӯза терроризмро то соли 2025 ғолиб омадан аз имкон берун аст.

«Сиёсати ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки амалисозии ҳамаи манфиатҳо аз ҷониби бозингарони сиёсати ҷаҳонӣ аз тирандозии «тӯби идеологӣ» дар самтҳои зарурӣ оғоз гардида, то расидан ба максади ниҳоӣ ва пурра аз байн бурдани тавҷҷуҳ нисбати ҳамон ҳадаф идома меёбад [10, с.19]. Дар фаъолияти

мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҷиноятҳои доираи иқтисодиётӣ, самти терроризм ва экстремизм боиси изтироб ва таваҷҷуҳи хос мебошанд. Дар маросими имзошавии Конвенсияи СММ бар зидди ҷиноятҳои муташаккил 12 – декабри соли 2000-ум дар шаҳри Палермои Италия [3]. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иброз намуд, ки «ҷиноятҳои муташаккили трансмиллӣ ба истиқлолияти миллӣ, бахусус давлатҳои ҷавони соҳибихтиёр рӯйрост таҳдид намуда, душмани демократия ва давлати ҳуқуқбунёд ба шумор мераванд».

Ҷинояткории трансмиллӣ ҳамчун мазмӯи ҷиноятҳои муташаккил, коррупсия, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, терроризм, экстремизм, қочоқи ярок, паҳн намудани маводҳои маҳрамона, одамрабоӣ ва амсоли инро дар бар гирифта, ба пешрафти на танҳо давлати алоҳида, балки кулли давлатҳои миллӣ таҳдид менамоянд. Дар ҳақиқат терроризм ватан, миллат, ва мазмуни муайяни динӣ надорад, вай маҷмӯи зиёди унсурҳои иҷтимоӣ – маънавӣ, аз қабили ғояҳои сиёсӣ, нофаҳмиҳои таълимоти динӣ, нажодпарастӣ, этносентризм, миллатчигӣ, панисломизм, ифротгароӣ ва ғайраро дар бар мегирад. Пас, мо инкор карда наметавонем, ки терроризм барои мақсадҳои ғаризаноки худ майлонҳои дини исломро ҳам истифода мебарад ва ин танҳо ба ифротгароии бо ном исломӣ тааллуқ надорад. «Роҳбарон ва ҳайати шахсии мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ бояд дар иҷрои вазифаву уҳдадориҳои хизматиашон доим ҳушёру зирак бошанд, барои таъмини волоияти қонун, тартиботи ҳуқуқӣ, ҳифзи субботу оромии ҷомеа бар зидди таҳдиду хатарҳои муосир–терроризм, экстремизм, муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир ва дигар ҷиноятҳои муташаккили фаромарзӣ қотеъона мубориза баранд» [9, с.50].

Пайдоиши давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Шӯравӣ барои миллати тоҷик, ки таҷрибаи бойи таърихи давлатдориро соҳиб аст ба эҳёи сунатҳои миллии давлатдорӣ такони бузург бахшид. “Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳибистиқлолии худро дар шароите эълон дошт, ки дар ҳама ҷабаҳои двлатдорӣ мушкилоти зиёде ҷой дошта, қисме аз онҳо аз замони сохти давлатдории шӯравӣ ба мерос монда буданд. Илова бар он аз солҳои аввали истиклолият ҷумҳурӣ ба ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ кашида шуд, ба тамоми ҷабаҳаҳои ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, маънавӣ, моддӣ ва ғайра зарари калон расонид”-менависад Раҳимзода Рамзон Ҳамро [7].

Аммо ҷанги таҳмилии шаҳрвандии солҳои навадуми асри гузашта (1992-1997), ки бо фитнаангезиву дасисабозии зархаридони хориҷӣ ва гумоштагонашон тарҳрезӣ гардида буд, ба ин раванд халали ҷиддӣ ворид намуд. Он як лоиҳаи геополитикии аз байн бурдани давлати миллӣ ва дунявии Тоҷикстон буд. Хушбахтона, бо талошҳои шабонарӯзии Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тоҷикон 27-июни соли 1997 ба ваҳдати миллӣ ва сулҳи саросарӣ расидаанд. Бесабаб Пешвои миллат дар Паём ба Маҷлиси Олӣ ҳанӯз 23-уми январи соли 2015 изҳори назар накарданд, ки «Масъалаи ҳифзи ин дастоварди бузург, яъне ҳимояи давлату давлатдории миллӣ ва таҳкими аркону пояҳои он хусусан дар шароити пуртазоду печидаи солҳои охир, яъне рӯз аз рӯз мураккаб шудани вазъи геосиёсии минтақа ва ҷаҳон, шиддат гирифтани рақобат ва бархӯрди манфиатҳои кишварҳои абарқудрат ва таҳти таъсири равандҳои ҷаҳонишавӣ осебпазир гардидани истиқлолияти давлатҳои миллӣ аҳамияти торафт ҷиддии ҳаётӣ пайдо мекунад». [8].

Дар раванди муносибатҳои геосиёсии ҷаҳон, махсусан Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеи ба худ муносибро дар минтақаи Осиёи Марказӣ ишғол намудааст. Бонуфузтарин аъзои ИДМ Федератсияи Россия Тоҷикистонро ҳамчун шарики асосии стратегӣ интихоб намуда, дар пойдории минтақаи Осиёи Марказӣ ва умуман амнияти ҷаҳонӣ тадбир ва чораҳои мушаххасро дар доираи созмонҳои ҷаҳонӣ ва минтақавӣ меандешад. Тадбирҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз ҷониби Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар масоили амниятӣ, обу иқлим ба кулли давлатҳо ва СММ пешниҳодгардида ҳамаҷониба дастгирӣ меёбанд. Беҳуда нест, ки масоили амниятӣ ва геополитикӣ таҳти назорати бевоситаи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор

додааст. Маҳз афкори бунёдии геополитикии муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар наздик намудани ҳамгироии ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ бо кишварҳои Шарқу Ғарб, тадбирҳои густариши дуҷониба ва бисёрҷонибаи Тоҷикистон нақши бориз дорад.

Фаъолияти Тоҷикистон дар доираи Иттиҳоди давлатҳои мустақил (ИДМ), Созмони аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ (СААД), Созмони ҳамкорӣ ва амнияти Аврупо (САҲА), Созмони Ҳамкории Шанхай (СҲШ), Созмони конфронси исломӣ (СКИ) барои нигоҳдории амнияти минтақавӣ барои Осиёи Марказӣ шоистаи таҳсин аст. Тоҷикистон тадриҷан аз гумбасти коммуникатсионӣ баромада, дар самти ҷануб ҳамкориро бо Чин, Эрон, Покистон дар доираи ҳамгироии иқтисодӣ идома дода истодааст. Таҳлилгарони масоили гэосиёсӣ ба хулосае омаданд, ки сарзамини Осиёи Марказӣ баъд ба даст овардани истиқлолияти давлатии ин кишварҳо дар маркази диққати давлатҳои Ғарб ва ИМА қарор гирифтааст. Маълум аст, ки Ӯзбекистон узви Созмони аҳдномаи амнияти дастҷамъӣ (СААД) набуда, Туркманистон худро ҳамчун давлати бетараф (нейтралӣ) эълон намудааст.

Бо дарназардошти ҳолати воқеии ҳамсарҳадии ин давлатҳо бо эълони Аморати исломии Афғонистон (15-августи соли 2021) ва тасарруфи ҳокимият аз ҷониби Толибон дар ин кишвар оянда дар минтақа тезу тунд боқӣ хоҳад монд. Хатарҳои мавҷуда ва зиёдшавии нуфузи ИМА-ро дар минтақа ба назари эътибор гирифта, дар назди Россия, Чин ва Тоҷикистон ҳалли бисёр масъалаҳои нави амнияти минтақавӣ ба миён меояд. Бинобар ин дар шароити мураккабшавии вазъи геосиёсӣ ба Россия лозим меояд, ки тарҳҳои иқтисодии Тоҷикистонро пурра ва ҳамаҷониба дастгирӣ намояд, аммо вазъи воқеӣ чунин тамоилро ба манфиатҳои миллии Тоҷикистон чандон созгор намебинад, ки ин солҳои охир боиси зиёд шудани таваҷҷуҳи давлатҳои дигари манфиатдор ба рушди иқтисодии Тоҷикистон гардидааст. ИМА чунин неру ва имкониятро доро мебошад, ки ба Россия роҳ надиҳад, ки ба масъалаи амниятии Осиёи Марказӣ мустақилона машғул гардад. Аммо дар асл аз нигоҳи геосиёсӣ вазъият дар шимоли Афғонистон ҳоло хеле ҳам ташвишовар аст, ҳукумати Толибонро то ҳол ҷомеаи башарӣ эътироф накардааст. Теъдоди гурӯҳҳои экстремистӣ ва террористӣ дар қаламрави Афғонистон, бахусус қисмати шимолӣ он афзудааст.

Муносибати Россия бо ақидаи таҳлилгарони америкоӣ ба кишварҳои Осиёи Марказӣ хеле мураккаб, зидиятнок ва пурпечу тоб мебошад. Россия кӯшиш дорад, ки давлатҳои ИДМ-ро ба интегратсияи Авруосиёӣ ҳамроҳ намуда, нуфузи иқтисодии Чинро то андозае суст намуда, дар минтақа рақобатпазир гардад. Аммо Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун як давлати соҳибихтиёр дар шароити мураккаб бо роҳҳои дипломатӣ таносуби қувваҳои геоиқтисодиро дар минтақа дар доираи СҲШ ҳамеша ба назари эътибор мегирад. Чин ҳамчун як шарики боэътимоди иқтисодӣ солҳои охир барои тадҷдиди инфрасохтори Тоҷикистон кӯшишҳои хеле зиёд намуда истодааст. Дар ҳамин асос раванди геосиёсии Тоҷикистон бисёрҷониба ба манофеи миллии Тоҷикистон ва кулли кишварҳои мададрасон равона гаштааст.

“Дар ҷаҳони имрӯза ҳар як давлат, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳудуди ҷудонашудае намебошад, ки ба системаҳои муайяни ҷуғрофӣ ва сиёсии алоқаҳои хоҷагии ҷаҳонӣ ворид мешавад. Тавассути ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз дар замонҳои қадим Роҳи бузурги абрешим мегузашт ки Шарқу Ғарбро бо ҳам мепайваст. Аҳамияти муҳим ва серҳракатиро ин алоқаҳо танҳо пас аз ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ ва мустақилият аз ҷониби кишварҳои минтақавии Осиёи Миёна ба худ касб карданд”- менависанд, Ҳакимов Р.М., Ҳусейнов А.Қ. [6, с.277]. Стратегияи «Роҳи бузурги абрешим», ки тарроҳи он ИМА ва Чин мебошанд мехоҳад, ки Тоҷикистон ва кишварҳои Осиёи Марказиро ба минтақаи рушдкардаи Осиёи Ҷанубӣ ҳамроҳ намоянд.

Дар ин масоил муовини директори барномаҳои омӯзишии Россия ва Евразия Манкофф тадқиқотҳои зиёд бурда, ӯ хоҳони он мебошад, ки пас аз хуруҷи нерӯҳои ҳавоии Россия аз хоки Сурия бо НАТО ҳамкориҳо идома ёбанд. Аммо воқеаҳои маълуми Украина ва сарҳади кишварҳои назди Балтика, васеъшавии босуръати НАТО ба Шарқ муносибати Кремл ва Вашингтонро солҳои охир хеле ҳам сард ва нигарон гардонида,

боиси қатъи ҳамкориҳои самти ҳарбӣ - сиёсӣ ва ҳатто хушунати байни онҳо гардидааст. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар чунин шароит дар оянда низ Россия ҳамчун кишвари калидӣ дар Осиёи Марказӣ боқӣ хоҳад монд ва дар ҳамбастагӣ бо Тоҷикистон босамартар бар зидди хатарҳои минтақавӣ мибаъд ҳам мубориза хоҳад бурд.

Дар худи ИМА ҳоло ҳам аниқ карда нашудааст, ки стратегияи глобалии Афғонистон барои оянда аз чӣ иборат аст. Яъне ба ғайр аз муборизаи зидди терроризм дар оянда боз кадом консепсияи сиёсӣ ва ҳарбӣ пешниҳод мегардад. Ҳеҷ кас бовар намекунад, ки муқовиматҳо ва хатари терроризм дар Афғонистон бо омадани Толибон (с.2021) бомуваффақият ба анҷом расанд. Ин ҳолат баръакс вазъиятро боз ҳам мураккабтар мегардонад. Албатта, дар ҳалли қазияи Афғонистон Тоҷикистон низ чун кишвари ҳаммарз бетараф нест. Тоҷикистон ҳамеша ҷонибдори ташкили як давлати фарогир дар Афғонистон аст. Равандҳои геосиёсии Осиёи Марказӣ дар даҳсолаҳои наздик низ зери таваҷҷуҳи махсуси манфиатҳои миллии ИМА, Россия ва Чин қарор хоҳанд гирифт, дар ин ҷабҳа ИМА андеша дорад, ки манфиатҳои милиии худро бидуни манфиатҳои Россия ба Чин амалӣ намояд.

Ин нуқтаҳо дар Стратегияи амнияти миллии ИМА аз 12-уми октябри соли 2022 ба таври васеъ дарҷ гардидааст.Дар Стратегияи амнияти миллии ИМА зери унвони «Вақтро беҳуда набояд сарф кард», аз 12-октябри соли 2022 дар бахши 4-ум, «Стратегияи минтақаҳо», нисбати давлатҳои Осиёи Марказӣ чунин омадааст: «Дар кишварҳои Авруосиё мо истиқлолият, соҳибихтиёрӣ ва тамомияти арзии давлатҳои Осиёи Марказиро дастгирӣ ва идома медиҳем. Мо ба инкишофи устувори демократии 5-кишвари ин минтақа мусоидат менамоем. Мо корро дар платформаи дипломатии 5+1 (Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон, Ӯзбекистон ва ИМА) барои мутобиқат бо тағйирёбии иқлим, амнияти минтақавии энергетикӣ ва озуқаворӣ, пурқувватгардонии ҳамбастагии дохилии минтақаро бо имконоти пайваст шудан ба бозори глобалӣ идома медиҳем» [1].

Шурӯъ аз соли 2015 ИМА тасмим гирифтааст, ки дар доираи қолаби (формат) - и 5+1 ҳамкориҳоро бо Осиёи Марказӣ густариш диҳад. Маблағгузори асосии он Агентии ИМА барои ҳамкориҳои байналмилалӣ USAID мебошад. Дар айни ҳол ИМА Осиёи Марказиро қисми сохтори бузурги геополитикӣ меномад, ки намунаи беҳтарини он платформаи дипломатии 5+1 (Қазоқистон, Қирғизистон, Тоҷикистон, Туркманистон, Ӯзбекистон ва ИМА) барои мутобиқат бо тағйирёбии иқлим, амнияти минтақавии энергетикӣ ва озуқаворӣ, пурқувватгардонии ҳамбастагии дохилии минтақа бо имконоти пайваст шудан ба бозори глобалӣ маҳсуб меёбад. ИМА ба 4 меъёри ҳамкорӣ дар минтақа аҳамият медиҳад:

Якум, амнияти минтақавӣ;

Дуюм, робитаҳои иқтисодӣ ва рушди он;

Сеюм, муҳити ишғолшуда (географӣ);

Чорум, ҳуқуқи инсон.

Ба ҳамаи ин бархӯрдҳои геосиёсӣ нигоҳ накарда бозингари асосии минтақаи Осиёи Марказӣ, ИМА, Чин ва Россия боқӣ мемонанд. Чин солҳои охир нисбати Тоҷикистон ва дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ аз ҳама зиёд таваҷҷуҳ дошта кумакрасон аст. Бархе аз таҳлилгарон ба он назаранд, ки ба вазъи гополитикии Осиёи Марказӣ Иттиҳоди Аврупо ва кишварҳои исломӣ низ таъсиррасон мебошанд.

Хулоса, Тоҷикистон аз 31-уми декабри соли 2002 Ҷумҳурии Тоҷикистон бо пешниҳоди Пешвои миллат консепсияи «Дарҳои кушод»-ро эълон намуда, ҷонибдори он аст, ки низоми муосири ташаккулёбандаи ҷаҳонӣ аз ҷангу низоъҳо, хушунату зӯроварӣ ва таассубу бадбинии миллӣ ва диниву фарҳангӣ комилан озод гардида, бар пояи шарикиву ҳамкории баробару судманди ҳамаи кишварҳо асос ёбад.

Ҳамин тариқ, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки раванди ҷаҳонишавӣ ва бархӯрдҳои геосиёсӣ ба мазмун, мундариҷа ва моҳияти ҷиноятҳои трансмиллӣ таъсири бевоситаи худро мерасонанд. Бинобар ин лозим аст, ки аз ин раванди глобалӣ дар оянда ҳамагон воқиф бошанд ва дар самти пешгирии ҷиноятҳои муташаккили трансмиллӣ тадбирҳои зарурӣ андешанд. Албатта, ин ба амну субот дар кишвар ва минтақа мусоидат намуда, боиси пешрафти минбаъдаи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва кишварҳои Осиёи Марказӣ мегардад.

**Рӯйхати адабиёт:**

1. National Security Strategy, October 12, 2022. – Washington (D.C., USA), 2022. – 48 p. [Захираи электронӣ]. - https: //www.whitehouse.gov/wp-content/uploads/2022/10/Biden-Harris-Administrations-National-Security-Strategy - 10.2022. pdf–С.39. Санаи муроҷиат 26.12.2022 (англ.).
2. Зокиров Г.Н.Сиёсатшиносӣ. Душанбе, Матбуот, 2003. -С. 557-558.
3. Конвенция Организации Объединенных Наций против транснациональной организованной преступности. Принята резолюцией 55/25 Генеральной Ассамблеи от 15 ноября 2000 года. [Электронный ресурс] https://www.un.org/ru. Дата обращения 28.03.2023.)
4. Меҳр Собириён. Геополитика ва манофеи геополитикӣ дар Осиёи Марказӣ [Захираи электронӣ]-https://ravshanfikr.tj.Санаи муроҷиат 28.03.2023].
5. Маркедонов С. Постсоветское пространство больше не существует? Российский совет по международным делам. [Электронный ресурс]- https://russiancouncil.ru/. Дата обращения 07.04.2023.
6. Ҳакимов Р.М., Ҳусейнов А.Қ. Геополитика. Душанбе, ДДОТ, 2017.-С. 277.
7. Раҳимзода Р.Ҳ. Ҳадафҳои стратегии миллӣ - Асоси амнияти иқтисодӣ. Душанбе, “ЭР-граф”, 2020.-С. 3.
8. Паёми Презденти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ ҳанӯз 23-уми январи соли 2015. [Захираи электронӣ]-http://www.president.tj.Санаи муроҷиат 28.03.2023.
9. Паёми Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 январи соли 2016. [Захираи электронӣ]-http://www.president.tj. Санаи муроҷиат 28.03.2023.
10. Ятимов С. Идеология ва манфиати миллӣ. Душанбе: ҶДММ “Ганҷ нашриёт”, 2015. -С. 19.

**Аннотатсия**

**Ташаккули афкори геополитикӣ дар Тоҷикистон дар раванди ҷаҳонишавӣ**

Дар мақола сухан дар бораи ташаккули афкори геополитикӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ рафта, пайдоиш ва инкишофи афкори геополитикӣ дар давраи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳлил ва баррасӣ гардидааст; дар асоси сиёсати хориҷии дарҳои кушодаи Ҷумҳурии Тоҷикистон таносуби қудратҳои геополитикӣ дар раванди ҷаҳонишавӣ инъикос ёфтааст.

**Аннотация**

**Формирование геополитической мысли в Таджикистане в процессе глобализации**

В статье проанализированы и рассмотрены вопросы формирования геополитической мысли в Республике Таджикистан в условиях глобализации, а также проанализированы возникновение и развитие геополитической мысли в период государственной независимости Республики Таджикистан и на основе внешней политики открытых дверей Республики Таджикистан. Раскрывается соотношение геополитических центров в глобальном процессе.

**Annotation**

**Formation of geopolitical thought in Tajikistan in the process of globalization**

The article analyzed and considered the issues of the formation of geopolitical thought in the Republic of Tajikistan in the context of globalization, as well as analyzed the emergence and development of geopolitical thought during the period of state independence of the Republic of Tajikistan and on the basis of the foreign policy of the open doors of the Republic of Tajikistan, the ratio of geopolitical capacities in the global process.



**Бухориева Сафаргул Мансуровна,**
*кандидат юридических наук, начальник отдела права и работы с кадрами Комитета по делам женщин и семьи при Правительстве Республики Таджикистан.*
*E-mail: bmsafargul@gmail.com*
*Тел.: (+992) 985-56-79-40.*

# РОЛЬ И ВКЛАД ЖЕНЩИН В СОВРЕМЕННЫХ ВООРУЖЕННЫХ СИЛАХ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

***Калидвожаҳо:*** *баробарҳуқуқӣ; зан; ҷомеа; қувваҳои мусаллаҳ; мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ; ҳуқуқ ва озодиҳо.*

***Ключевые слова:*** *равноправие; женщина, общество; вооруженные силы; правоохранительные органы; права и свободы.*

***Keywords:*** *equality; woman, society; armed forces; law enforcement agencies; rights and freedoms.*

В условиях глобальных социальных перемен и трансформации в общественной жизни, включая незатихающие вооруженные конфликты, возникновение новых горячих точек в различных уголках мира и всплеск экстремистских настроений, возникают серьезные угрозы для безопасности развивающихся стран, включая Республику Таджикистан (далее - РТ). Это обстоятельство требует активизации всех слоев общества и их активного участия во всех сферах общественной жизни.

Вместе с тем роль женщин вооруженных силах имеет долгую историю, поскольку женщины участвовали в вооруженных конфликтах на протяжении всей истории человечества, выполняя различные должности и функции наряду с мужчинами. Нет сомнения в том, что роль и вклад женщин в деятельности силовых структур до сих пор имеют особое значение и способствуют привлечению женщин к управлению в различных структурах государственной власти, включая силовые структуры.

С момента обретения независимости Республика Таджикистан провозгласила построение демократического и правового государства, в котором основной приоритет уделяется защите прав и свобод человека и гражданина. Эти положения получили конституционное закрепление в статьях 1, 5, 14 главы 2 и других статьях Конституции Республики Таджикистан [4]. В данной Конституции также запрещаются любые формы ограничения прав граждан (мужчин и женщин) на основе социального, расового, национального, языкового или религиозного признаков. Эти конституционные положения соответствуют общепризнанным принципам и нормам международного права, запрещающим прямую или косвенную дискриминацию людей по признаку пола.

Важное значение в осуществлении прав женщин и их вовлечении в правоохранительные и силовые структуры придается Президенту Республики Таджикистан, который фокусирует свое внимание на утверждении определенных мер по повышению роли женщин в обществе и формировании силовых структур в стране.

Наглядным примером служат указы Президента страны, которые оказывают существенное влияние на дальнейшее формирование гендерной политики и повышение роли женщин в обществе. Указом "О повышении роли женщин в обществе" от 1999 года, №5, был заложен фундамент для формирования государственно-правовой политики в области защиты прав женщин. Данный Указ способствовал принятию законов Республики Таджикистан: "О государственных гарантиях равноправия мужчин и женщин и равных возможностей их реализации", "О предупреждении насилия в семье" и "О равенстве и ликвидации всех форм дискриминации". Также была разработана Национальная стратегия активизации роли женщин в Республике Таджикистан на период

2021–2030 гг., а третий этап Государственной программы воспитания, подбора и расстановки руководящих кадров Республики Таджикистан на период 2023–2030 гг. и их План действий [7].

Все указанные меры способствовали заметному активизации участия женщин в управлении делами государства, включая силовые и правоохранительные структуры в Таджикистане. Об этом свидетельствуют статистические данные о поддерживающих мерах по достижению гендерного равенства в вооруженных силах Таджикистана. Например, доля женщин-сотрудников в Министерстве обороны РТ составляет 53%, в МВД РТ - более 1547 женщин, включая 86 женщин на руководящих должностях, в Генеральной прокуратуре Республики Таджикистан - 64 женщин, в Министерстве юстиции - 259 женщин, в Национальной гвардии РТ - 98 женщин, в Комитете по чрезвычайным ситуациям и гражданской обороне при Правительстве Республики Таджикистан - 270 женщин, в Таможенной службе при Правительстве РТ - 133 женщин, в Агентстве по контролю за наркотиками при Правительстве РТ - 31 женщин.

Следует отметить, что за период независимости 30 женщин из силовых структур были награждены государственными наградами, и 79 женщин получили служебные квартиры только в Министерстве юстиции. Эта тенденция наблюдается и в других правоохранительных органах. В настоящее время около 100 женщин, из которых 34 занимают руководящие должности, служат в военных подразделениях и правоохранительных органах, включая Национальную гвардию [5].

Как и в других странах Центральной Азии, в Таджикистане были предприняты усилия по интеграции женщин в вооруженные силы страны. Также, учитывая важность данной тематики, в плане действий по реализации стратегии противодействия экстремизму и терроризму в Республике Таджикистан на период 2022–2025 гг. предусмотрено расширение и увеличение числа женщин среди сотрудников правоохранительных органов на всех уровнях и должностях.

Несмотря на это, практика показывает, что некоторые различия между мужчиной и женщиной существуют, но они не являются основанием для того, чтобы отстранять женщин от деятельности в правоохранительных органах. Уровень образования, коммуникативность и логическое мышление не зависят от гендерной принадлежности, и сегодня женщины становятся более активными, целеустремленными, инициативными, решительными и независимыми. Фактически, деятельность правоохранительных органов будет наиболее продуктивной и эффективной, если мужчины и женщины будут работать вместе, обмениваться мнениями, идеями, компенсировать недостатки друг друга и использовать достоинства [6].

В условиях глобальных социальных изменений и трансформаций в общественной жизни, увеличение числа женщин в вооруженных силах является позитивным событием для Таджикистана и всего мира на пути к достижению гендерного равенства и разнообразия в этой области. Одной из проблем, с которыми сталкиваются женщины, служащие в органах правопорядка, являются гендерные стереотипы [1]. Согласно мнению специалистов, гендерные стереотипы в правоохранительных органах являются широко распространенной проблемой, которая серьезно мешает адекватному восприятию профессиональных качеств женщин-сотрудников [2].

Вопреки традиционным представлениям общества, женщины продемонстрировали значительные результаты в новых видах технологической войны и тактической разведки, доказав, что они такие же самоотверженные и храбрые, как и их мужские коллеги. Глубокие изменения, которые происходят сегодня в мировом и региональном сообществе, требуют всестороннего анализа и поиска конструктивных путей преодоления политических, экономических и социальных проблем стран Центральной Азии. Огромная творческая энергия, профессионализм и жизненный опыт женщин являются наиболее важными и до сих пор недостаточно использованными ресурсами общества.

Однако по-прежнему существуют проблемы и преграды, которые необходимо преодолеть для обеспечения равноправия женщин, их безопасности и возможностей в вооруженных силах. Несмотря на эти проблемы, женщины постепенно преодолевают барьеры в областях, где традиционно преобладают мужчины. Мы считаем, что необходимо размышлять о том, какие ограничения еще предстоит преодолеть женщинам в вооруженных силах и какие возможности открываются перед ними благодаря природе поддержки мира и гуманитарной миссии.

Существует теория факторов, влияющих на участие женщин в вооруженных силах, таких как распространенные проблемы, включая сексуальные домогательства, дискриминацию и недостаточное представительство женщин в силовых структурах. Необходимо включать женщин в программы, способствующие противодействию социальной стигматизации, а также осуществлять культурное и социальное конструирование гендера и семьи, вести общественный диалог о гендерных ценностях, связанных с равенством, учитывать экономические факторы в обществе и преодолевать гендерную сегрегацию на рабочих местах.

**Выводы и рекомендации**

1. Присутствие женщин в правоохранительных органах является позитивным событием для общества, стремящегося к достижению гендерного равенства и разнообразия. Женщины демонстрируют активность, целеустремленность, инициативу и независимость, что делает их ценными участниками в данной сфере.

2. Женщины проявляют заметные результаты в новых видах технологической войны и тактической разведке, что подтверждает их самоотверженность и храбрость, равные тем, которые проявляют их мужские коллеги.

3. Гендерные стереотипы остаются распространенной проблемой в системе правоохранительных органов, что мешает адекватному восприятию профессиональных качеств женщин-сотрудников. Необходимо активно преодолевать эти стереотипы и стремиться к равноправному признанию достоинств и способностей каждого члена правоохранительных органов, независимо от пола.

4. Включение женщин в программы, направленные на борьбу социальной стигматизации, а также активное культурное и социальное конструирование гендера и семьи, способствуют созданию равноправных и инклюзивных вооруженных сил.

5. Женщины являются ценным ресурсом для выполнения задач поддержки и обслуживания в вооруженных силах. Создание действительно равноправных и инклюзивных вооруженных сил требует устранения преград и проблем, а также уважения вклада всех их членов, независимо от пола.

В целом, развитие участия женщин в правоохранительных органах и вооруженных силах является важным шагом на пути к достижению гендерного равенства и обеспечению разнообразия. Это требует коллективных усилий общества, военных и международных организаций, чтобы преодолеть гендерные стереотипы и создать инклюзивную среду, где каждый человек имеет равные возможности и признается за свой вклад в миростроительство.

В связи с этим предлагается проводить опросы, касающиеся восприятия роли женщин в вооруженных силах, и предпринимать решительные шаги для демонстрации гендерного равенства и преодоления предубеждений относительно прав женщин на участие в боевых действиях. Кроме того, важно критически проанализировать, как женщины представлены в вооруженных силах и в международной политике и дискурсе, связанных с миростроительством. Коллективный сдвиг в отношении роли женщин в вооруженных силах должен затронуть не только общество в целом, военных и самих женщин, но и международные организации, которые играют главную роль в строительстве мира между народами.

Женщины являются ценным ресурсом для выполнения всех задач поддержки и обслуживания, которые не связаны непосредственно с боевыми функциями.

Только благодаря постоянным усилиям мы сможем создать действительно равноправные и инклюзивные вооруженные силы, которые ценят вклад всех своих членов, независимо от пола.

**Список литературы:**

1. Андрианов А.С. Условия, влияющие на развитие профессиональных качеств сотрудников органов внутренних дел Российской Федерации в процессе служебной деятельности. Государство и право в эпоху глобальных перемен: материалы международной научно-практической конференции. Барнаул: Барнаульский юридический институт МВД России, 2017.

2. О.А. Иванова, Н.Н. Суртаева, Н.Г. Миланова Проблемы женщин сотрудников правоохранительных органов ISSN 1991-5497. Мир науки, культуры, образования, № 77 (77) 2019, стр.71-73.

3. Речь в честь 25-й годовщины Национальной гвардии Президенти Тоҷикистон - President of Tajikistan - Президент Таджикистана www.president.tj/ru/node/23738 (санаи муроҷиат: 07.05.2023)

4. Конституции Республики Таджикистан, Душанбе, 6 ноябри соли 1994 // Махзани мутамаркази иттилоотӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Адлия». Шакли 7.0. [Захираи электронӣ]. Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj (санаи муроҷиат: 15.04.2023).

5. Сомонаи расмии Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон www.Comwom.tj (санаи муроҷиат: 07.06.2023)

6. Епифанова Татьяна Олеговна, Женщины - служащие правоохранительных органов: теория и практика http://www.allbest.ru/ (дата обращение: 20.04.2023).

**Аннотатсия**

**Нақш ва саҳми занон дар қувваҳои мусаллаҳи муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои нақши занон дар мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ ва қувваҳои мусаллаҳ дар асоси амалия ва тадқиқотҳо мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар заминаи баробарии гендерӣ аз ҷониби муаллиф манфиат ва мушкилиҳои занонро, ки дар ин соҳа кор кардан мехоҳанд, таҳлил намудааст. Дар мақола оид ба теъдоди занон дар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва қувваҳои мусаллаҳ ҳамчун рӯйдоди мусбӣ барои ноил шудан ба баробарии гендерӣ маҳсуб меёбад. Аммо дар баъзе мавридҳо стереотипҳои гендерӣ ба тасаввуротҳои муносиби сифатҳои касбии корманд-занон таъсири манфӣ мерасонад.

**Аннотация**

**Роль и вклад женщин в современных вооруженных силах Республики Таджикистан**

Данная статья рассматривает роль женщин в правоохранительных органах и вооруженных силах, основываясь на практике и исследованиях. В контексте гендерного равенства и разнообразия, автор анализирует преимущества и вызовы, с которыми сталкиваются женщины, стремящиеся работать в этих областях. Статья подчеркивает, что увеличение числа женщин в правоохранительных органах и вооруженных силах является позитивным событием на пути к достижению гендерного равенства и разнообразия. Однако гендерные стереотипы, существенно мешают адекватному восприятию профессиональных качеств женщин-сотрудников.

**Annotation**

**The role and contribution of women in the modern enforcement agencies of the Republic of Tajikistan**

This article examines the role of women in law enforcement and the military, based on practice and research. In the context of gender equality and diversity, the authors analyze the benefits and challenges faced by women seeking to work in these fields. The article emphasizes that the increase in the number of women in law enforcement and the armed forces is a positive development towards achieving gender equality and diversity. However, gender stereotypes significantly interfere with the adequate perception of the professional qualities of female employees.

## ТАЛАБОТ БАРОИ МУАЛЛИФОН

### 1. МАЪЛУМОТ ДАР БОРАИ МУАЛЛИФОН

– насаб, ном ва номи падари муаллиф / муаллифон (бо забони тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ);

– номи пурраи мақомот – вазифа, рутба, унвони илмӣ, агар хориҷӣ бошад – қайди давлат, шаҳр (бо се забон);

– почтаи электронии муаллиф / муаллифон (телефон барои тамоси муҳаррирон);

– акси муаллиф дар формати JPEG.

### 2. НОМИ МАҚОЛА

Бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ оварда мешавад.

### 3. КАЛИДВОЖАҲО

Бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ оварда мешаванд. Калидвожаҳо ё ибораҳо аз якдигар бо аломати нуқтавергул (;) ҷудо карда мешаванд.

### 4. АННОТАТСИЯ

Бо забонҳои тоҷикӣ, русӣ ва англисӣ оварда мешавад.

### 5. БАХШҲОИ МАВЗУӢ

Нишон додани рамзи «КУД» ё «КОА» (тибқи талаботи амалкунандаи тахассусии кормандони илмӣ).

### 6. ОРОИШИ МАТН

***Доираи саҳифа***: 3 см. аз чап, 1 см. аз рост, 2 см. аз боло ва 2 см. аз поён.

***Шрифт***: Times New Roman TJ 14 кгл; Times New Roman 14 кгл (барои матни русӣ).

***Фосила:*** 1,5.

***Сархат***: 1,25 см.

***Ориентатсия***: «книжная», бе гузоштани саҳифа, бе кӯчонидан аз сатр ба сатр, истиноди библиографӣ ба сарчашма дар дохили матн, бо ишораи рақамҳо дар дохили қавси кунҷӣ: «[1]». Агар саҳифа дошта бошад: «[1, с. 12]». Такрори истинод бо ишораи рақами истиноди қаблӣ ва рақами саҳифаи нав меояд.

***Барномаи таҳририӣ***: бастаи Microsoft Office - Word 2003 ё Word 2007.

***Номи мақола***: дар маркази сатр, бе сархат, бо ҳарфҳои калон.

***Матн***: баробаркунӣ – «по ширине».

***Ҳаҷми саҳифа***: на камтар аз 7 саҳифа (барои мақолаи илмӣ).

## ТРЕБОВАНИЯ ДЛЯ АВТОРОВ

### 1. СВЕДЕНИЯ ОБ АВТОРАХ

– фамилия, имя, отчество автора / авторов (на таджикском, русском и английском языках);

– полное название организации – должность, звание, ученая степень, если иностранец / иностранцы – указать страну, город (на трех языках);

– электронная почта автора / авторов (телефон для связи редакторов);

– фотография в формате JPEG.

### 2. НАЗВАНИЕ СТАТЬИ

Приводится на таджикском, русском и английском языках.

### 3. КЛЮЧЕВЫЕ СЛОВА

Приводятся на таджикском, русском и английском языках. Ключевые слова или словосочетания отделяются друг от друга знаком точка с запятой (;).

### 4. АННОТАЦИЯ

Приводится на таджикском, русском и английском языках.

### 5. ТЕМАТИЧЕСКИЕ РУБРИКИ

Указывается код УДК или ВАК (согласно действующей номенклатуре специальностей научных работников).

### 6. ОФОРМЛЕНИЕ ТЕКСТА

***Поля***: 3 см. слева, 1 см. справа, 2 см. сверху и 2 см. снизу.

***Шрифт***: Times New Roman 14 кгл; Times New Roman TJ 14 кгл (для таджикского текста).

***Интервал***: 1,5.

***Абзацный отступ***: 1,25 см.

***Ориентация***: книжная, без простановки страниц, без переносов, библиографическая ссылка на источник внутри текста, обозначается цифрами внутри квадратных скобок: «[1]». Если имеется страница: «[1, с. 12]». Повтор ссылки с указанием номера прежней ссылки и новой цифрой страницы.

***Редактор формул***: пакет Microsoft Office - Word 2003 или Word 2007.

***Название статьи***: по центру, без отступа, прописными буквами.

***Текст***: выравнивание «по ширине».

***Объем страниц***: не менее 7 страниц (для научной статьи).

## ШАКЛИ НАМУНАВИИ БАРАСМИЯТДАРОРИИ РӮЙХАТҲОИ БИБЛИОГРАФӢ

### 1. МАҚОЛА АЗ МАҶАЛЛАҲО ВА МАҶМӮАҲО:

1) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи заминсозӣ» аз 5 январи соли 2008, №356 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2008. – №1, қ. 2. – Мод. 21; 2016. – №1343; 2021. – №1760.

2) Одинаев Ш.Х. Танзими ҳуқуқӣ ва техникии заминсозӣ // Қонунгузорӣ. – 2020. – №2. – С. 50-55.

### 2. МОНОГРАФИЯҲО:

1) Саидзода И.Ҳ. Ҳуқуқи шаҳрванд ба муроҷиат ва амалишавии он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: монография. – Душанбе: Империал-Групп, 2016. – 200 с.

### 3. АВТОРЕФЕРАТҲО:

1) Соҳибов М.М. Проблемаҳои танзими ҳуқуқи граждании иҷораи қитъаи заминҳои таъиноти кишоварзӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон: автореф. дис. ... номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ. – Душанбе, 2018. – 33 с.

### 4. ДИССЕРТАТСИЯҲО

1) Фенухин В.И. Этнополитические конфликты в современной России: на примере Северо-Кавказского региона: дис. … канд. полит. наук. – М., 2002. – 213 с.

### 5. ШАРҲҲОИ ТАҲЛИЛӢ

1) Экономика и политика России и государств ближнего зарубежья: аналит. обзор, апр. 2007 / Рос. акад. наук, Ин-т мировой экономики и междунар. отношений. – М.: ИМЭМО, 2007. – 39 с.

### 6. МАВОДҲОИ КОНФЕРЕНСИЯҲО

1) Археология: история и перспективы: сб. ст. Первой межрегион. конф., Ярославль, 2003. – 350 с.

### 7. ҲУҶҶАТҲО АЗ ИНТЕРНЕТ

1) Смертина П. Исламский банкинг пришел в Россию [Манбаи электронӣ] // URL:http://www.banki.ru/news/bankpress/ (санаи муроҷиат: 12.09.2016).

2) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш» аз 5 марти соли 2007 [Манбаи электронӣ] // URL:http://mmk.tj /ru/legislation/*legislation*-base/2007/ (санаи муроҷиат: 12.10.2016).

## ПРИМЕРНЫЙ ФОРМАТ ОФОРМЛЕНИЯ БИБЛИОГРАФИЧЕСКИХ СПИСКОВ

### 1. СТАТЬИ ИЗ ЖУРНАЛОВ И СБОРНИКОВ:

1) Закон Республики Таджикистан «О землеустройстве» от 5 января 2008, №356 // Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан. – 2008. – №1, қ. 2. – Ст. 21; 2016. – №1343; 2021. – №1760.

2) Одинаев Ш.Х. Правовое и техническое регулирование землеустройства // Законодательство. – 2020. – №2. – С. 50-5.

### 2. МОНОГРАФИИ:

1) Саидзода И.Х. Право граждан на обращение и его реализация в Респубилике Таджикистан: монография. – Душанбе: Империал-Групп, 2016. – 200 с.

### 3. АВТОРЕФЕРАТЫ:

1) Сохибов М.М. Проблемы гражданско-правового регулирования аренды земельных участков сельскохозяйственного назначения по законодательству Республики Таджикистан: автореф. дис. ... канд. юрид. наук. – Душанбе, 2018. – 33 с.

### 4. ДИССЕРТАЦИИ

1) Фенухин В.И. Этнополитические конфликты в современной России: на примере Северо-Кавказского региона: дис. … канд. полит. наук. – М., 2002. – 251 с.

### 5. АНАЛИТИЧЕСКИЕ ОБЗОРЫ

1) Экономика и политика России и государств ближнего зарубежья: аналит. обзор, апр. 2007 / Рос. акад. наук, Ин-т мировой экономики и междунар. отношений. – М.: ИМЭМО, 2007. – 39 с.

### 6. МАТЕРИАЛЫ КОНФЕРЕНЦИЙ

1) Археология: история и перспективы: сб. ст. Первой межрегион. конф., Ярославль, 2003. – 350 с.

### 7. ИНТЕРНЕТ-ДОКУМЕНТЫ

1) Смертина П. Исламский банкинг пришел в Россию [Электронный ресурс] // URL:http://www.banki.ru/news/bankpress/ (дата обращения: 12.09.2016).

2) Закон Республики Таджикистан «О физической культуре и спорте» от 5 марта 2007 года [Электронный ресурс] // URL:http://mmk.tj/ru/legislation/legislation-base/2007/ (дата обращения: 12.10.2016).

Маҷаллаи «Қонунгузорӣ» бо мақсади мусоидат ба инкишофи илми ҳуқуқ, низоми давлатии иттилооти ҳуқуқӣ, фаҳмондадиҳии муқаррароти асосии қонунгузорӣ, интишори тафсири илмию амалии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, маводи ҳуқуқӣ ва иттилоотию таҳлилӣ дар як сол чор маротиба нашр мегардад.

Шумораи маҳдуди маҷалла ба фурӯш бароварда мешавад.

Роҳи дастрас намудани маҷалла обуна мебошад.

Обуна ба маҷаллаи «Қонунгузорӣ» тавассути шуъбаҳои Хадамоти алоқаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон сурат мегирад.

**Индекси обуна:** 77710.

**Нархи солонаи обуна:** - 200 сомонӣ.

**Реквизитҳои бонкӣ:**

**Ташкилоти дастраскунанда:** Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Бонк:** Сарраёсати Хазинадории марказии Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри Душанбе.

**Суратҳисоб:** 20204972712010100002.

**С/муросилотӣ:** 22402972000002.

**БИК:** 350101800.

**РМА:** 010082702.

**Суроға:** шаҳри Душанбе, кӯчаи академик А. Адҳамов, 13.

**Телефон:** 227-45-00; 227-45-53; 227-08-07.

**Суроғаи электронӣ:** info@mmk.tj.

В целях содействия развитию юридической науки и государственной информационно-правовой системы, разъяснения основных положений действующего законодательства, публикации комментариев нормативных правовых актов, правовых и информационно-аналитических материалов Журнал «Законодательство» издается четыре раза в год.

В продажу журнал поступает в ограниченном количестве.

Оптимальным условием ознакомления с его содержанием является подписка на него.

Подписка на журнал «Законодательство» осуществляется в отделениях Службы связи при Правительстве Республики Таджикистан.

**Подписной индекс:** 77710.

**Цена на годовую подписку:** - 200 сомони.

**Банковские реквизиты:**

**Получатель:** Национальный центр законодательства при Президенте Республики Таджикистан.

**Банк:** Главное управление центрального казначейства Министерства финансов Республики Таджикистан, город Душанбе.

**Расчетный счет:** 20204972712010100002.

**К/счет:** 22402972000002.

**МФО:** 350101800.

**ИНН:** 010082702.

**Адрес:** город Душанбе, улица академика А. Адхамова, 13.

**Телефоны:** 227-45-00; 227-45-53; 227-08-07.

**Электронный адрес:** info@mmk.tj.

**МУРАТТИБ**
***Тоирзода Малика Тоир***

Маҷалла дар Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, дар матбааи ЧДММ «Меҳроҷ Граф» бо тарзи рақамӣ ба табъ расидааст.
Коғази офсетии № 1. Андозаи 60х84 1/8. Ҳуруфи Times New Roman. Ҷузъи чопии шартӣ 10,0.
Адади нашр 200 нусха.

**Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

*734024. ш. Душанбе, кӯчаи академик А.Адҳамов, 13 телефон/факс 227-63-64*

**СОСТАВИТЕЛЬ**
***Тоирзода Малика Тоир***

Журнал подготовлен к печати в Национальном центре законодательства при Президенте Республики Таджикистан. Напечатан цифровым способом в типографии ООО «Меҳроҷ Граф».
Бумага офсетная №1. Формат 60х84 1/8. Шрифт Times New Roman. Условный печатный лист 10,0.
Тираж 200 экз.

**Национальный центр законодательства при Президенте Республики Таджикистан**

*734024. г. Душанбе, улица академика А.Адхамова, 13 телефон/факс 227-63-64*